ISSN 2074-1847

# *ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН*
## *2017. №3/7*
## *Қисми I*

---

# *ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА*
## *2017. №3/7*
## *Часть I*

---

# *BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY*
## *2017. No.3/7*
## *Part I*

***МАРКАЗИ***
***ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА***
**2017**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**Маҷаллаи илмӣ соли 1990 таъсис ёфтааст.**
**Научный журнал основан в 1990 году.**

**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

**Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор**
**Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор**
**Сафарализода Х.К.. - зам. гл. редактора, кандидат политических наук, доцент**

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии:**

**Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент**
**Мухаметов Г.Б. - доктор педагогических наук, профессор**
**Назаров Р. - доктор философских наук, доцент**
**Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент**
**Расулиён К. - доктор исторических наук, доцент**
**Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент**
**Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент**
**Шарипов Ф.Ф. – доктор педагогических наук, доцент**
**Ходжиматова Г.М. - доктор педагогических наук, и.о. профессора**

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.**
**Журнал печатается на таджикском и русском языках.**

**Журнал входит в Перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки РФ, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.**
**Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).**

**07.00.00. – Исторические науки и археология**
**09.00.00. – Философские науки**
**13.00.00 – Педагогические науки**

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017**
**Вестник Таджикского национального университета, 2017**

# ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ - ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

## УСТАНОВЛЕНИЕ РОДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ГАЗНЕВИДАМИ И СЕЛЬДЖУКИДАМИ

***Саидов А.***
**Институт истории, археологии и этнографии им.Ахмада Дониша АН РТ**

В XI в. между Газневидами и Сельджукидами шла борьба за расширение территорий, что осложняло взаимоотношения между этими государствами. Для смягчения политических ситуаций некоторые правители этих государств старались подписать между собой мирные соглашения и установить родственные связи. Правитель Сельджукидов-Тогрул-бек –был занят завоеванием в Западной части Ирана и не имел тесной связи с Газневидами, а в Восточной части Ирана действовала влиятельная личность Чагры-бек, который являлся правителем Хорасана и избрал своей столицей город Мерв. Он был верен Толрул-беку. После смерти Чагры-бека его место заняла другая влиятельная персона, его сын и наследник Алп Арслан. После смерти Толрул-бека в 455/1063 г. Алп Арслан стал великим правителем Сельджукидов, а в Газне, начиная с 451/1059-1060 г., начал править султан Ибрахим, и его правление длилось очень долго. Он был современником следующих Сельджукидских правителей: Толрул-бека, Алп Арслана, Малик-шаха и Баркиярука. Все вышеназванные Сельджукские правители считали султан Ибрахима могущественным правителем и уважали его.

В 451/1059-1060 г. султан Ибрахим стал заместителем Фаррухзода. Хотя все историки называют всех Газневидских правителей султанами, однако этот титул впервые встречается на монетах, чеканенных от имени Ибрахима. Султан Ибрахим начал свое правление с подписания мира между ним и военачальником Сельджукидов в Хорасане, братом Толрул-бека – Чагры-беком. Подписание этого мира поддержали жители обеих сторон [2, 225]. Джузджани пишет, что инициатива мира исходила со стороны Сельджукидов. Когда на престол Газневидов вступил султан Ибрахим, то Чагры-бек отправил к нему своих представителей с предложением о подписании мира [10, 239]. По сведениям Ибн ал-Асира, благоразумные личности обеих сторон, оценив ситуацию, пришли к выводу, что эти противостояния и стычки, кроме разорения имущества, потери воинов, разрушения и разграбления городов и гибели жителей, ни к чему хорошему не приводят, поэтому решили, что единственным путем выхода из этого положения является подписание мирного соглашения между противоборствующими сторонами. Таким образом, было подписано это мирное соглашение [11, Т.16, 358]. Согласно его пунктам, территория каждой стороны была определена и она не должна претендовать на территорию второй стороны. Для гаранта выполнения пунктов мирного соглашения высокопоставленные личности обеих сторон поставили в документе свои подписи [15, 137; 17, 48; 2, 35]. Решение о перемирии, принятое обеими сторонами, свидетельствует о том, что обе стороны устали от продолжительных и бесполезных войн и были сторонниками установления мирных соглашений. После достигнутого соглашения, Балх, который являлся яблоком раздора между противоборствующими сторонами, перешёл во владение Сельджукидов [5, 64].

После подписания мирного соглашения Ибрахим больше не опасался угроз западным частям своей территории и готовился к завоеванию Индии, о которой давно мечтали его предки, но это им не удавалось [15, 137].

В 451/1059 г. умер Давуд Чагры-бек. По сведениям Ибн ал-Асира, Чагры-бек 22 апреля 1037 г. завладел Мервом и исключил имя газневидского султана Мас’уда из торжественной молитвы (хутба), заменив его своим именем. В хутбе он был титулован «царем царей» (шаханшах) [18, 19]. После смерти Чагры-бека в 452/1060 г. Алп Арслан в восточной части территории Сельджукидов, т.е. в Хорасане, действовал под контролем заместителя его отца Толрул-бека. Алп Арслан в молодости приобрел от отца Толрул-бека большой опыт в области военного искусства. В последние годы правления отца управление Хорасаном практически было в его руках. В противоборствах с Газневидами он также добился некоторых успехов[13, 246].

В 455/1063 г. Алп Арслан взошел на трон, и его царство продолжалось десять лет. В течение всего этого времени его отношения с султаном Ибрахимом установились на основе взаимной выгоды и уважения. После своего восшествия на трон Алп Арслан для обновления и упрочения мирного соглашения, установленного ещё раньше его отцом Чагры-беком во время правления Толрул-бека, отправил своих представителей в Газну к султану Ибрахиму. С осуществлением этого важного вопроса Алп Арслан был спокоен за свои территории, расположенные на границах с Газневидами, и предпринял походы в Туркестан, Рум и другие места [10, 252]. Отношения между султаном Ибрахимом и Алп Арсланом в течение десяти лет правления последнего были установлены на основе взаимопонимания, взаимной выгоды и уважения друг к другу. Алп Арслан в 465/1072-1073 г. в Мавераннахре был убит [16, 25] и вместо него на трон взошёл его наследник Маликшах. Газневидский правитель, султан Ибрахим, был осведомлен о неспокойном положении в государстве Сельджукидов, и ему захотелось вернуть снова себе территории, которые были насильно захвачены ими. Он в

465/1072-1073 г., собрав большое войско, направил его в Саклканд на юг Балха, где правил дядя Маликшаха Осман, который носил прозвище амиру-л-умаро (т.е. эмир эмиров). Газневидские войска завоевали Саклканд и, взяв Османа в плен вместе с его богатствами, отправили его в Газну. Сельджукиды, узнав о случившемся, отправили туда одного из известнейших своих эмиров Кумуштегин Билкабака вместе с Ануштегином (дедом Хорезмшахских султанов). Они, прибыв в Сакланд, занимались грабежом [11, 53]. Сведения письменных источников свидетельствуют, что эти противостояния серьезнейшим образом отрицательно не влияли на взаимоотношения двух государств. [1, 203-206]. По сообщениям Садр ад-дина Хусайни, в 466/1073-1074 г. после того, как Маликшах нанес поражение Каварду, газневидский султан Ибрахим хотел женить своего сына Мас’уда на дочери Маликшаха Гавхармалика, известной под прозвищем Махди Ирак. С этой целью он отправил к нему сватов с дорогостоящими подарками. Маликшах принял это предложение [19, 58]. Установление родственных отношений в основном участились во времена правления газневида Ибрахима и сельджукида Алп Арслана, но, несмотря на это, в письменных источниках относительно этой темы имеется немного сведений. Хусайни в своем труде указывает на женитьбу сына Ибрахима на дочери Алп Арслана [19, 16]. Позже сын Ибрахима женился на дочери Маликшаха, известной по прозвищу Махди Ирак [2, 237]. В источниках также имеются сведения о супружестве дочери Газневидского султана Ибрахима с сыном Сельджукида Алп Арслана Арсланшахом в 456/1063-1064 г. Установление супружеских отношений между Газневидами и Сельджукидами во времена правления султанов Ибрахима и Маликшаха способствовало спокойствию и миру в южных и восточных частях Сельджукидской державы.

В 485/1092-1093 г. после смерти Маликшаха его младший сын Махмуд стал наследником престола, но вскоре престол занял его другой сын Баркиярук. В этот период в государстве Сельджукидов было неспокойно и борьба за наследство престола усилилась. Что касалось Ибрахима, то он не претендовал на территории Сельджукидов и преданно выполнял свои обязательства по упрочению подписанного мирного соглашения. Автор «Та’рихи силсилаи Салджуки» Бандори пишет, что султан Ибрахим, правитель Газны, подчинялся Баркияруку [4, 311]. Но на самом деле отношения султана Ибрахима с Баркияруком были установлены на основе взаимосвязи и взаимоуважения и по отношению к Маликшаху, а Баркиярук был более слабым и немощным, поэтому мы считаем, что сведения Бандори о Баркияруке по отношению к Ибрахиму являются ошибочными и не имеют под собой почвы. Вступление Газневидов на территории Сельджукидов произошло в 490/1096-1097 г., когда Мухаммед ибн Сулейман (внук Чагры-бека) против Баркиярука поднял восстание, то основную его военную силу составляли Газневидские солдаты. Султан Ибрахим снабдил Мухаммед ибн Сулеймана боевыми слонами и солдатами с условием, что в завоеванных территориях будет прочитана хутба на его имя. Но брат Баркиярука, который от имени Баркиярука правил Хорасаном, нанес ему поражение [11, Т. 17, 242]. Эти действия султана показывают, что он для ослабления мощи Сельджукидов вмешивался только в тех случаях, когда происходили стычки, связанные с наследством престола, а непосредственно против них не выступал. Ибрахим в 492/1098-1099 г. в конце своего правления для установления дружеских отношений отправил свое посольство во главе с опытным знатоком шариата, известным ученым Абулхасаном Табари, по прозвищу Алкиё, к Баркияруку. Последний принял его с почестями и уважением [12, 109]. О результатах и последствиях этого посольства в источниках подробных сведений не имеется. После султана Махмуда Газневида Ибрахим являлся вторым великим и известным правителем в этом государстве. Во всех письменных источниках его описывают как честную и доброжелательную личность и восхваляют его набожность. Он был первым Газневидским правителем, который после поражения в Данденакане среди Сельджукидов пользовался большим уважением и авторитетом [13, 400; 20, 85; 8, 75]. Это является свидетельством более высоких достоинств Ибрахима перед Сельджукидами. В свою очередь Ибрахим также был осведомлен о силе и могуществе Сельджукидов и считал их захватчиками своих владений, но, кроме перемирия с ними, других верных путей не видел. Он смотрел на существующее положение реально и ситуацию оценивал трезво. Он так же, как и Сельджукский правитель Фаррухзод, присвоил себе титул ал-Малику-л-’Азим (т.е. великий царь), что свидетельствует о культурном влиянии Сельджукидов при дворе Газневидов [8, 97]. Султан Ибрахим скончался в 492/1098-1099 г.

Правление султан Мас’уда третьего и султан Шерзода продолжалось около семнадцати лет. Несмотря на то, что они оба относительно долгое правили в Газне, в письменных источниках об их правлении подробностей не сообщается. Только в некоторых из них очень кратко упоминается имя Мас’уда третьего, а про правление Шерзода большинство источников даже не упоминает. Султан Мас’уд третий, сын султана Ибрахима Газневида, в 492/1098-1099 г. после смерти своего отца взошёл на трон. Его женой была сестра Сельджукидского султана Санджара, дочь Маликшаха, которая была известна в Газне под прозвищем Махди Ирак. Автор «Табакати Насири» Джузджани в одном месте указывает, что Мас’уд третий после своего вступления на царский престол все доходы своего государства, полученные от налогов, отдал Сельджукидам, и это он связывает с улучшением экономического положения страны, но не указывает причин, приведших к такому решению [10, 24]. По словам близких родственников Мас’уда и Санджара, правивших Хорасаном сперва от имени Баркиярука, а потом от имени Мухаммада Сельджукида, во времена правления Мас’уда третьего взаимоотношения между

двумя государствами были очень дружескими. В исторических источниках есть указание на одно политическое недоразумение между Газневидами и Сельджукидами, что могло бы привести к их столкновению, но этого не случилось. В 494/1100-1101 г. султан Санджар с помощью своего брата Мухаммада с Барикияруком отправился в западную часть страны и остановился в Багдаде. Один из Сельджукидских эмиров, по имени Кантгади (Кандгади), который раньше был рабом Татиша ибн Алп Арслана, подстрекал Кадархан Джабраила ибн Умара, командующего караханидских войск в Бухаре и Самарканде, чтобы он совершил поход в Хорасан. Кадархан Джабраил в Термезе от натиска войск Санджара потерпел поражение и вместе с Кантгади попал в плен. Кадархана Джабраила казнили по обвинению в предательстве Санджару. Что же касалось Кантгади, то он с большим трудом, сбежав, добрался до Газны и у Мас'уда третьего попросил убежища [11, Т. 17, 321-323]. Так как Кантгади был опытным военачальником, то он поступил на службу к Мас'уду третьему в качестве военного эмира и завоевал там авторитет.

Мас'уд третий намеревался совершить поход в Укан, жители которого выступили против него с восстанием. Когда он приблизился туда, то столкнулся с большими трудностями, так как жители Укана, построив оборонительные сооружения, укрылись в них. Газневидские войска не смогли нанести им поражение. По сообщению Ибн ал-Асира, только благодаря стараниям и мужеству Кантгади удалось победить врага. Он, собрав большое количество трофеев, все передал Мас'уду. Мас'уд хотел все это даровать ему, но тот отказался. Приближенные люди Мас'уда, заметив близкие отношения Кантгади с Мас'удом, ревновали его. Они рассказывали Мас'уду про него самые скверные сплетни, бранили и клеветали на него. Газневидские эмиры обвинили Кантгади в организации восстания против Мас'уда. Он, почувствовав неладное, покинул Газну и отправился в Герат, где и скончался [11, Т. 17, 322-324; 7, 105].

Решение Мас'уда третьего о предоставлении убежища представителю Сельджукидов Кантгади на дружественное взаимоотношение двух государств отрицательно не влияло, и до 508/1114-1115 г., т.е. до конца правления Мас'уда третьего, эти двухсторонние дружеские взаимоотношения были защищены. В этот период в Газневидскую империю входили Газна, Кабул, Буст, Касдар и Северная Индия, они также намеревались присоединить к своим территориям другие части Индии [8, 156]. Мас'уд третий после своего шестнадцатилетнего царствования в шаввале 508/1114-1115 г. скончался, и его сын Шерзод стал после него наместником. Его имя во многих письменных источниках того периода не упоминается. Но более поздние авторы, такие как Муставфии Казвини, Фариштa, Бадавани и Хондамир, упоминают его имя [7, 112], но, кроме одного-двух предложений, о нем ничего не сообщают. О его взаимоотношениях с Сельджукидами в них никаких сообщений не имеется. Только сообщают, что он правил один год и в 509/1115-1116 г. и был убит своим братом Арсланшахом [13, 400; 17, 49; 2, 38]. Шерзод при правлении своего отца правил Индией, но, к сожалению, мы не имеем ни одной монеты, чеканенной от его имени [7, 112]. В 509/1115-1116 г. Шерзод по инициативе своего брата Арсланшаха был низложен с престола. Тогда он, покинув Газну, бежал к берегам Каспийского моря к Аспхаванду Алааддавла Али ибн Шахриёру, одному из Бавандских царей и попросил у него убежища. Последний обеспечил ему безопасное положение и, снабдив необходимыми вещами, отправил в Мекку для совершения паломничества. После своего возвращения из Мекки для восстановления своей власти он два раза совершал поход на Газну [6, 107]. Эти его попытки не увенчались успехом, и в конце он попал в плен к Арсланшаху и им был казнен [7, 112]. В письменных источниках нет сведений об установлении связи Шерзода с Сельджукидами и об их содействии к возврату власти после его бегства из Газны. Но, возможно, он за такой помощью обращался к Санджару, который, исходя из дружеских отношений с Газневидами, не выполнил его просьбу.

Таким образом, вышеприведенные материалы показывают, что оба государства, оценив существующую политическую ситуацию, пришли к правильному выводу, что самым подходящим выходом из создавшейся ситуации является установление мира, поэтому они подписали между собой мирное соглашение. Для устранения вражды и укрепления дружбы ими было использовано установление родственных отношений путем политических бракосочетаний.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Али Махмуди Алами. Культурные взаимоотношения Газневидов и Сельджукидов / А. М. Алами // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. –Душанбе, 2011. -№ 5 (69).
2. Ал-Хафиз аз-Захаби. Ал-ибар фи хабар мин губар / Ал-Хафиз аз-Захаби; под ред. Фуада Сайида. –Кувейт: Ат-турас ал –араби, 1961. –Т.2.
3. Бадавани, Абдулкодир ибн Мулукшох. Мунтахабу-т-таворих / Б. А. ибн Мулукшох; под ред. Кибириддина Ахмада.–Калькутта, 1868. -Т.1.
4. Бандории Исфахани. Та'рихи силсилаи Салджуки / Б. Исфахани; пер. М.Х. Джалили. -Тегеран: Бунёди фарханги Эрон, 2536 шаханшахское летосчисление.
5. Бартольд В.В. Туркистонномa (Туркистон дар ахди хучуми мугул) / В.В. Бартольд; пер. Карима Кишаварза. –Тегеран: Огох, 1366. -Т.2.
6. Бахааддин Мухаммад ибн Исфандияр. Та'рихи Табаристон / Бахааддин Мухаммад ибн Исфандияр; под ред. Аббаса Икбала. Второе издание. –Тегеран: Интишарати падидаи ховар, 1366.
7. Босворт К.Э. Та'рихи Газневиён / К.Э. Босворт; перев. Хасана Ануша. –Тегеран: Нашриёти амири кабир, 1381. -Т. II.
8. Босворт К.Э. Та'рихи сиёси ва дудмонии Эрон / К.Э. Босворт –Кембридж. -Т. 5.

9. Давлатшохи Самарканди. Тазкирату-ш-шуаро / Д. Самарканди; под ред. Мухаммада Рамазани. Второе издание. –Тегеран: Интишороти падидаи ховар, 1366.
10. Джузджани Минходжиддин Сирадж. Табакати Насири / Д. М. Сирадж; под ред. Абдулхая Хабиби. –Тегеран: Дунёи китоб, 1363. -Т. 1.
11. Ибн ал-Асир, Изаддин Али. Та'рихи комили бузурги ислом ва Эрон / Ибн ал-Асир, Изаддин Али; перевод Али Хашимии Хаири. Второе издание. Тегеран: Муассисаи матбуатии илми, 1353-1368. -Т. 16-20.
12. Ибн Джавзи, Абулфарадж Абдуррахмон ибн Али. Ал-мунтазам фи та'рихи-л-мулук ва-л-умам / Ибн Джавзи, Абулфарадж Абдуррахмон ибн Али. –Хайдарабад: Доирату-л-маорифи Усмон, 1359. -Т. 9.
13. Казвини, Хамдаллах ибн Абу Бакр ибн Ахмад ибн Наср Муставфи. Та'рихи гузида / Казвини, Хамдаллах ибн Абу Бакр ибн Ахмад ибн Наср Муставфи; под ред. Абдулхусейна Навои. –Тегеран: Амири Кабир, 1339.
14. Лэмбтон А.К. Тадовум ва тахаввул дар та'рихи миёнаи Эрон / А.К. Лэмбтон; перевод Я'куба Ожанда. –Тегеран: Нашри най, 1372.
15. Мирхонд, Мирмухаммад ибн Сайид Бурхониддин Ховандшох. Та'рихи равзату-с-сафо / Мирхонд, Мирмухаммад ибн Сайид Бурхониддин Ховандшох. –Тегеран: Китобфурушихои марказии Хайём ва Парвизи, 1339. -Т.4.
16. Нишапури Захириддин. Салджукнома / Н. Захириддин. –Тегеран, 1954.
17. Фаришта, Мухаммадкасим ибн Гуломали Хиндушах Астарабади. Та'рихи Фаришта / Фаришта, Мухаммадкасим ибн Гуломали Хиндушах Астарабади. –(Индия) Лакнау (без указ. года изд.).
18. Ходжаниязов Т. Денежное обращение в государстве Великих Сельджукидов (по данным нумизматики) / Т. Ходжаниязов. - Ашхабад: Ылым, 1977.
19. Хусайни Садр ад-дин Али. Ахбар ад-даулат ас-сельджукиййа / Хусайни Садр ад-дин Али; изд. текста, перевод, введение, примечания и приложения З.М. Буниятова. – М., 1980.
20. Шабанкараи Мухаммад ибн Али. Маджма'у-л-ансоб / Шабанкараи Мухаммад ибн Али; под ред. Мирхошима Мухаддиса. –Тегеран: Амири кабир, 1363.

**БАРПО НАМУДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ХЕШУТАБОРӢ БАЙНИ ҒАЗНАВИҲО ВА САЛҶУҚИҲО**

Дар асри XI байни Ғазнавиҳо ва Салҷуқиҳо барои васеъ намудани ҳудудҳо мубориза мерафт ва ин равобити ду кишварро халалдор менамуд. Баъзе аз ҳокимони ин кишварҳо барои нармтар намудани вазъи сиёсӣ кӯшиш ба харҷ доданд, ки байни ҳамдигар муоҳидаи сулҳ имзо карда бо ин роҳ муносибатҳои хешутаборӣ барқарор намоянд, то ки ин барои бартараф намудани душманӣ ва мустаҳкам гаштани дӯстӣ мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** Ғазнавиҳо, Салҷуқиҳо, Хуросон, давлат, робитаи дутарафа, қарордод, муносибатҳои хешутаборӣ, равобит, мулк, идоракунӣ, султон, ҳудуд.

**УСТАНОВЛЕНИЕ РОДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ГАЗНЕВИДАМИ И СЕЛЬДЖУКИДАМИ**

В XI в. между Газневидами и Сельджукидами шла борьба за расширение территорий, что осложняло взаимоотношения между этими государствами. Для смягчения политических ситуаций некоторые правители этих государств старались подписать между собой мирные соглашения и установить родственные связи, которые способствовали бы устранению вражды и укреплению дружбы.

**Ключевые слова:** Газневиды, Сельджукиды, Хорасан, государство, взаимоотношения, соглашение, родственные связи, отношения, владения, управление, султан, территория.

**ESTABLISHMENT OF THE FAMILIAL RELATIONSHIP BETWEEN THE GHAZNAVIDS AND SELJUKS**

In the XI century there has been struggle for the expansion of territories between the Ghaznavids and Seljuks, which complicated relations between these states. To mitigate the political situations, some rulers of these states tried to sign peace agreements with each other and establish family ties, which would contribute to the elimination of enmity and strengthening of friendship.

**Key words:** Ghaznavids, Seljukids, Khorasan, the state, the relationship agreement, kinship, relationship, ownership, management, Sultan, territory.

**Сведения об авторе:** ***Саидов Абдукахор*** **-** Института истории, археологии и этнографии им.А. Дониша, АН РТ доктор исторических наук, главный научный сотрудник Отдела древней, средневековой и новой истории.
Телефон: **(+992) 919134184**.E-mail: **Saidov.45@mail.ru**

## ҶУНБИШИ ШУУБИЯ ВА ХУДШИНОСИИ ТОҶИКОН ДАР АСРҲОИ МИЁНА

***Сайфуллоҳи Муллоҷон, Шарифова Макнуна***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Комёбиҳои низомии арабҳо ва пирӯзии онҳо бар давлатҳои муқтадире чун Сосониён ва Византия сабаби пайдо шудани ақидае дар миёни онҳо шуд, ки арабҳо миллати шоиста, қавӣ ва бартар аз дигар халқу миллатҳо ҳастанд. Ин омил сабаб шуд, ки арабҳо такаббур варзанду халқҳои тобеъро таҳқир созанд. Ин равиши мубориза хусусан дар замони хилофати Уммавиён ба авҷи худ мерасад. Мардуми ғайриараби ҳудуди хилофат ҳамчун вокуниш ба чунин тавҳину таҳқир ба ҳаракате асос гузоштанд, ки ҳадафи он хотима додан ба чунин бартариҷӯиҳо буд. Муҳимтарин ҳаракат дар ин замина шуубия буд, ки аз солҳои 30-уми асри VIII оғоз гардида, садсолаҳо идома пайдо кард. Ин ҷунбиш тамоми ҷанбаҳои рӯзгорро фаро гирифта, дар ҳодисаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсири мустақими худро расонд. Ҳарчанд ин ҳаракат аз лиҳози нажодӣ гуногунтаркиб буд, вале

меҳвари асосии онро мардуми эронинажод, аз ҷумла тоҷикон ташкил медоданд. Намояндагони тамоми табақаҳои ҷомеаро дар сафи ин ҳаракат дидан мумкин буд.

Бо шикаст хӯрдани шӯришҳои мардумӣ, ки ҳадафи онҳо барҳам додани ҳукумати ситамгари Уммавиён буд, андешамандону мутафаккирони халқҳои зери ҳукумати араб ҷунбиши шуубияро роҳандозӣ карданд. Калимаи шууб ҷамъи шаъб аст, ки маънои гурӯҳ ё қавму миллатро дорад. Ин калима аз ояти 13 сураи “Ҳуҷурот”-и Қуръон гирифта шудааст. Дар ин оят чунин омадааст: «Эй мардумоне, ки имон овардед, Шуморо аз як зану мард офаридем, сипас Шуморо нажодҳову қабилаҳое қарор додем, то якдигарро бишносед, арҷмандтарини Шумо дар назди ман касест, ки парҳезгор бошад» [1, 515]. Чун дар асри ҳукмронии андешаи исломӣ мебоист ба асосҳои ин дин (Қуръон ва суннат) такя карда шавад, ин ояти қуръонӣ, ки он ҳамаи муъминонро новобаста аз нажод ба баробарӣ даъват мекард, ҳамчун далели баробархоҳон истифода мегашт. Ҳамин тавр, ҳар нафаре, ки дар муқобили бартариҷӯии арабҳо ба ин оят истинод мекард, ӯро шуубӣ меномиданд.

Дар бештари фарҳангҳо низ дар зимни калимаи шуубия ба чунин тавзеҳот дучор меоем. Муфассалтарин шарҳ дар бораи шуубия ба китоби «Фарҳанги форсӣ»-и доктор Муин марбут аст. Ӯ дар маънии ин вожа чунин фармудааст: «Шуубиён – гурӯҳе, ки тарафдори раҷҳон (бартарӣ)-и Аҷам бар Арабанд. Дар аҳди Бани Умайя сиёсати арабии маҳз ривоҷ ёфт. Машоғил (вазифа ва мансаб) ба араб ихтисос дошт ва нисбат ба ақвоми дигар таҳқиру иҳонат маъмул буд. Дар муқобили тарафдорони сиёсати Бани Умайя гурӯҳе ба тафзили Аҷам бар Араб бархостанд» [2, 904].

Нахустин касе, ки бо андешаи шуубия ошкоро суханронӣ карда, аз мавҷудияти ин ақида аз худ дарак дод, Исмоил ибни Ясори Насоӣ буд. Ӯ дар ҳузури халифаи Уммавиён Ҳишом (724-743) аз ифтихор ва гузаштаи пурифтихори халқҳои эронинажод ёдовар мешавад. Дар як шеъре, ки Насоӣ дар ҳузури Ҳишом хонд, ӯ насаби хешро кариму бузург хонда, аз ҷумла чунин гуфт: «Забоне дорам, ки монанди теғи заҳрогин аст ва бо ҳамин забон аз азамати миллати худ, ки дорои фазилати бисёр аст, дифоъ мекунам ва подшоҳоне, ки ҳама тоҷдору кишваркушо ҳастанд, бо забон ҳифз мекунам. Онҳо кариму сарвар ва сафедрӯ ва марзбону наҷибу чобуку меҳмоннавозанд. Оё касе дар азамату бузургӣ монанди Хусраву Шопур лашкаркашу забардаст аст? Онҳо ҳангоми ситез, агар ҳамла кунанд, чун шерони лашкаранд, ҳамон қавме, ки турку румро хор карданд. Ҳама бо аслиҳа ва зиреҳҳои ба ҳам пайваста монанди шерони дарранда ва хашмгин роҳ раванд. Он ҷост, ки агар пурсӣ бар ту хабар диҳанд, ки дорои аслу нажоде ҳастем, ки иззати тамоми нажодҳоро поймол кардаанд» [3, 248]. Дар шарҳи ҳоли ин донишманди мубориз навишта шудааст, ки халифа Ҳишом бо шунидани ин ашъор нороҳат шуда, дастур дод ӯро дар ҳавз партофтанд, ки қариб ғарқ мегашт.

Дар оғоз даъвати шуубия бисёр пинҳон буду пинҳонӣ ва боэҳтиёт пеш мерафт. Дар замони Уммавиён тарафдорони шуубия ҷуръати ошкоро изҳори назар кардан надоштанд, мегуфтанд, ки мо хоҳони баробарӣ ҳастем, ба ҳамин хотир ин ҳаракатро аҳли мусовоту баробарӣ меномиданд. Шуубия дар масири ҳаракати худ се марҳиларо паси сар кардааст. Дар марҳилаи аввал шуубиҳо бо такя бар ояти зикршудаи Қуръон ва ҳадисҳои Пайғамбар (с) ба таблиғи ақидаҳои худ, ки баробарии ҳама дар назди Худо буд, шурӯъ ба фаъолият карданд. Дар ин марҳила онҳо саъй мекарданд худро бо шариат ва дастуроти динӣ пойбанд нишон диҳанд ва ҳамчун мусулмон шинохта шаванд. Марҳилаи аввали даъвати шуубия, ки баробархоҳӣ буд ва бо далелҳо аз таълимоти исломӣ ҳамроҳ буд, тарафдорони зиёд пайдо кард.

Дар марҳилаи дувум шуубиҳо ба даъвоҳои арабҳо дар хусуси бартар будан ҷавоб доданӣ шуда, пояҳои бартариҷӯии арабҳоро беасос хонданд. Дар баёнияи шуубиҳо чунин суханон омадааст: «Ҳар миллате ягон навъе азамату бузургӣ аст, ки бад-он ифтихор мекунад. Масалан, румиҳо ба салтанати азиму бисёрии шаҳрҳову ободиҳои худ менозанд; ҳиндиҳо ба ҳикмату фалсафа ва тиб ва фузунии мардуму зиёдии дарахту ҷангалу мева сарафрозанд; чиниҳо дорои санъати нақшу нигор ва ҳунар ҳастанд; аммо араб ба ҳеҷ чиз мумтоз нест. Саҳрои беобу алаф ва зиндагонии талху бадавӣ ва бадбахтона доранд. Аз тарси нодорӣ ва тангдастӣ фарзандони худро мекуштанд. Агар ба ногоҳ ба касе эҳсон кунанду бахшандагӣ, дунёро пур аз фахр мекунанд ва ҳама ҷоро аз назму наср пур мекунанд» [4, 213].

Дар марҳилаи савуми фаъолияти худ шуубиҳо ба таҳқиру паст задани арабҳо шурӯъ карданд. Донишмандони шуубӣ дар охири замони Уммавиён ва тамомои давраи Аббосиён ба сабаби авҷ гирифтани нафрати мардум нисбат ба ҳукуматҳои арабӣ қудрати бештар ва ҷасорат ёфта, ошкоро нафрати худро ба араҳо иброз медоштанд. Башор ибни Бурди Тахористонӣ дар шеъре ба хуросонӣ буданаш ифтихор дорад. «Гурӯҳе маро носазо

гуфтанд. Ҳама аҳмақанд. Ҳамоқати онҳо ҳамеша бошад. Гуноҳе надорам, ки сазовори носазо бошам, вале онҳо аз ин хашмгинанд, ки шарафи ман офоқро фаро гирифта ва шуҳратам аз Хуросон аст. Хонадони ман баланду сарафрозанд ва ман, ки барге аз он асли арҷмандам, ба воситаи саъйю кӯшиши худ сарафрозӣ ёфтаам» [5, 39]. Дар ин шеър ӯ ба арабҳое, ки фақат барои араб будан аз имтиёзҳои зиёд баҳраманд мешуданд, эрод мегирад. Вазъияти мавлоӣ дар замони хилофати Аббосиён беҳтар аз замони Уммавиён шуд. Онҳо дар замони Ҳорунаррашид (786-809) ва Маъмун (813-833) қудрат ёфтанд, ба паст задану таҳқири араб шурӯъ карданд ва ин ном ба ҳар ду даста татбиқ гардид. Бешубҳа, яке аз сабабҳои асосии норозигии донишмандон ва мавриди писханд қарор гирифтани арабҳо ва мавзӯи навиштаҳои шуубиён шудани онҳо, ин дар сатҳи паст қарор доштани арабҳо аз лиҳози ҷаҳонбинӣ ва маданият буд.

Муаллифи асари «Тиҷораб-ул-умам» чанд қисса меоварад, ки ҳикоятгари сатҳи андеша ва ҷаҳонбинии арабҳо мебошад. Аз ҷумла araberо ном мебарад, ки як порai ёқут пайдо мекунад, вале онро намешинохт. Нафаре, ки ёқутро мешинохт, онро ба нархи ҳазор дирам аз ӯ мехарад. Шахси савум ӯро аз ин кор огоҳ мекушад, ӯ афсус мехӯрад, ки агар ёқутро мешинохт, онро бо нархи болотар мефурӯхт. Ҳамин муаллиф овардааст, ки ҷамоате аз арабҳо халтаи кофур пайдо карданд ва гумон карданд, ки намак аст. Каме аз он бардошта, ба дег рехтанд, ки таъми он талх шуд. Чун хостанд, ки он кофурро дур андозанд, як нафар бохабар шуд ва бо додани як порчаи карбос онро аз эшон харид [6, 139]. Арабҳо дар миёни мардуми шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр маҳбубият надоштанд. Дар Систон арабҳоро «аҳриман» мегуфтанд. Мардуми Истаравшан ба ягон шарт розӣ нашуданд, ки арабҳо ба даруни шаҳрҳои онҳо дохил шаванд. Ин намунаи муносибати мардуми маҳаллӣ бо истилогарони араб буд, ки дар зери таъсири таблиғот ва фаъолияти шуубиён шакл гирифта буд. Дар баъзе минтақаҳо ба муаззинон таҷовуз мекарданд ва ё баъзе табақаҳои ҷомеа ошкоро дар назди арабҳои шаробнӯшӣ мекарданд, ки тамоми ин нишонаҳои эътирози густурдаи аҳолии маҳаллӣ нисбат ба фотеҳони араб мебошад [7, 95].

Бояд қайд намуд, ки донишмандону шахсиятҳои маъруфи ин аср дар ягон ташкилот ва ё ҳизбе яҷоя амал намекарданд, балки дар шаҳрҳои гуногун, вале дар фазои ягонаи мубориза бар муқобили фарҳанги арабгароии халифаҳо фаъолияти босамар мекарданд. Ҳасан ибн Ҳонии Ҳакамӣ, ки бо номи Абӯнувос машҳур аст, аз чеҳраҳои маъруфи шуубия ба шумор меравад. Тарзи муборизаи ӯ бо дигар намояндагони шуубия фарқ мекард. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Абӯнувос бо шаробнӯшии ошкоро ва зиёд, ки пас аз ислом манъ гардид, эътирози худро нисбат ба тартиботи халифаҳо нишон медод. Дар яке аз шеърҳояш менависад, ки «Агар гӯянд бода ҳаром аст, бигӯ ҳаром аст, вале лаззат дар ҳаром мебошад». Дар шеъри дигар мегӯяд: «Аз нӯшидани шароб дар ниҳон сероб намешавам, магар ин ки ошкоро бинӯшам». Дигар самти фаъолияти Абӯнувос ин буд, ки бо хонадони Бармакиён, ки шуубиҳоро дастгирӣ мекарданд, робитаи наздик дошт. Дар шеъри дигаре аз мақому азамати Сосониён ёдовар мешавад, ки яке аз равишҳои фаъолияти шуубиҳо мебошад.

Аммо шуубиён медонистанд, ки дар роҳи муборизаи сиёсӣ ва фарҳангии худ наметавон танҳо ба ифтихору фахрфурӯшии холӣ такя кард. Дар баробари зӯргӯӣ ва бартариҷӯии арабҳои ғолиб мебоист кори зиёд дар заминаи фарҳанг кард. Яке аз корҳое, ки беш аз ҳама таъсиргузор буд ва метавонист барои ҳамватанон ифтихор офаринад, тарҷумаи осори тоисломӣ бо забони арабӣ буд. Ин иқдоми муҳим дарвоқеъ самарабахш буд ва ҳатто машҳуртарин кори шуубиён шумурда мешавад. Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳақӣ яке дигар аз шоирони маъруфи хилофат ва аз маддоҳони хонадони Бармакиён буд. Нахустин бор ӯ “Калила ва Димна”-ро аз паҳлавӣ ба назми арабӣ тарҷума кард. Ӯ инчунин китобҳои «Сираи Ардашер», «Сираи Анӯшервон», «Синдбод» ва ғайраро навишт [4, 237]. Абон ашъори бисёр навишт, ки дар бештари онҳо ватанхоҳӣ, ифтихор ба гузашта ва муаррифии таъриху фарҳанги Эрони бостон ба мушоҳида мерасад.

Тавре маълум аст, нисбат ба ҳудуди Эрон ҳаракати зиддиараб дар ҳудуди Мовароуннаҳр шадидтар ва тӯлонитар буд. Ин баёнгари он аст, ки нафрату адовати мардуми Мовароуннаҳр нисбат ба арабҳо бештар будааст. Намунаи он шахсияти яке аз чеҳраҳои муборизу пурталоши шуубӣ Исҳоқ ибни Ҳассони Хураймии Суғдӣ мебошад. Абӯяъқуб Исҳоқ ибни Ҳассон ибни Қусии Хурраймии Суғдӣ дар замони хилофати Ҳорунаррашид ва Маъмун мезист. Дар осори ӯ ифтихор ба насаби суғдӣ ва тамаддуни тоисломӣ зиёд дида мешавад. Дар як шеър чунин менависад: «Ман марде аз бузургони Суғдам ва рагу пӯстам аз нажоди форсӣ аст». Дар шеъри дигараш Хураймии Суғдӣ менависад: «Оё Суғд айбе дорад, ки арабҳо аз рӯйи нодониву камақлӣ маро сарзаниш мекунанд? Болотарин мояи ифтихор диндориву хирадмандист на чизи дигар. Мардум дар

зиндагонӣ бо якдигар баробаранд ва пас аз марг низ гӯре бар гӯре фазилат надорад. Ман аз ин ки қабилаҳои араб маро аз худ намедонанд, боке надорам. Агар иззату азамати куҳанро ба василаи иззату азамати ҷадид нигоҳ надорӣ, азамати дерин ба кори ту нахоҳад омад». Дар ашъори дигар Суғдӣ менависад: «Пеш аз ислом ҳукмрони дунё будам ва ҳамагӣ фармони моро гардан мениҳоданд ва мутеу пойбанди мо шуданд. Мо шумо арабҳоро азоб медодем ва ҳар гуна ки мехостем бар Шумо фармонравоӣ доштем. Аммо чун оини ислом падидор шуд ва дилҳо барои пазируфтани он дин омода гардид, мо пайрави Пайғамбари Худо шудем ва гурӯҳе фаровон бад-ӯ гаравидем ва чандон мардони мо бисёр шуданд, ки гӯӣ осмон ба ҷойи борон марди мусулмон борид» [4, 246]. Хураймии Суғдӣ дар замони қудрати Бармакиён нуфузи фаровон дошт ва назди вазирону амирони бармакӣ эҳтироми бисёр дошт ва борҳо аз намояндагони хонадони Бармакиён ҳадяву ҷоизаҳо дарёфт мекард.

Машҳуртарин намояндаи ҷунбиши шуубия, ки осори зиёде аз ӯ боқӣ мондааст, Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ мебошад. Ӯ аз вилояти Форс буд. Ӯ аз мавол̣ӣ ва дар хонадони Оли Аҳтам парвариш ёфта буд. Падараш зардуштӣ буд ва муддате дабири волии Ироқ аз тарафи Марвони II буд. Сипас ба хидмати ҳокими Басра дар аҳди Аббосиён даромад. Дар ҳамин давра исломро қабул мекунад. Ибни Муқаффаъ байни солҳои 760-763 бо амри халифа Мансур ба қатл расид. Сабаби куштани Ибни Муқаффаъ он буд, ки вақте Абдуллоҳ ибни Алӣ бар зидди халифа Мансур шӯриш карда, шикаст хӯрд ва ба Басра омад. Бо миёнаравии бародарону хешу табор барои оштӣ додани ӯ бо халифа амоннома ба имзо расид. Ин вазифаро ба Ибни Муқаффаъ супурданд. Ӯ тамоми нукоти амонномаро риоят кард, то Мансур натавонад онро вайрон кунад ва Абдуллоҳ ибни Алиро, ки амаки халифа буд, ба қатл расонад. Ин кори Ибни Муқаффаъро Мансур натавонист фаромӯш кунад ва кинаи ӯро дар дил нигоҳ дошт. Вақте Суфиён ибни Язид ибни Муҳаллаб ҳокими Басра шуд, бо ишораи халифа Мансур Ибни Муқаффаъро бо гуноҳи кофир будан ва доштани ақидаи зиндиқӣ бо бераҳмии зиёд ба қатл расониданд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки дасту пойи Ибни Муқаффаъро бурида, ҷисми вайро дар танӯри сӯзон андохтанд.

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар асараш «Таърихи Эрон баъд аз ислом» навиштааст, ки Ибни Муқаффаъ санавиятро таъйид карда, аз нуру зулмат сухан ронда, ҳатто як ҷо оёти фиристодагони Худоро ба сеҳру ҷоду монанд кардааст [8, 249]. Бешак аз миёни шуубиён касе ба монанди Ибни Муқаффаъ маҳбубияти зиёд касб накардааст. Ин вобаста ба хизмати зиёди ӯ дар ҷодаи тарҷума ва нашри китоб мебошад. Дастгоҳи хилофат барои нобуд кардани чеҳраҳои маъруфи шуубия онҳоро ба бединӣ ё эътиқод ба ягон мазҳаби оппозитсионӣ (қарматия, исмоилия ва ғ.) гунаҳкор карда, аз байн мебурданд. Аз ҷумла, Ибни Муқаффаъро ба зиндиқӣ будан гунаҳкор карданд. Муаллифи китоби маъруфи «ал-Феҳрист» менависад, ки ашъори Ибни Муқаффаъ дар ниҳояти фасоҳату балоғат таълиф гардидааст [9, 259]. Ин донишманди шаҳир чандин китоби паҳлавиро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Аз ҷумлаи ин китобҳо «Оиннома», «Худойнома», «Саргузашти Маздак», «Тоҷ», «Дар сирати Анӯшервон», «Калила ва Димна» мебошанд. Ӯ инчунин «Номаи Ҳирбад ба Ардашери Бобакон»-ро барои шоҳзодаи Табаристон тарҷума кард. Тавре медонем, «Худойномак» асосе гардид, ки бар пояи маълумоти он дар оянда китоби «Шоҳнома» таълиф гардид. Аҳмад Амини Мисрӣ сабабҳои пайвастани Ибни Муқаффаъ ба шуубияро чунин шарҳ медиҳад: «Ибни Муқаффаъ озору таҳқири маволиро мушоҳида карда, шарики дарду ранҷу тирабахтии мардуми худ буд. Дар он мавқеъ ӯ ҳанӯз мусулмон набуд. Хашму адовати ӯ нисбат ба арабҳо сахту беандоза буд. Ӯ бузургтарину беҳтарин шахс буд, ки дар адаби араб таъсири муҳим дошт. Ахлоқи ӯ иборат аз шарафу наҷобат ва шаҳомату гузашт ва караму бузургворӣ буд» [5, 234].

Ҳарчанд баъзе аз намояндагони шуубия бо бераҳмӣ кушта шуданд, вале рӯҳияи эътироз ва мубориза бар муқобили бартариҷӯиҳои арабҳо ва зулму ситами онҳо бештар мегардид. Дар асри IX ин раванд ба авҷи худ расид [10, 238]. Ягонагии қаламрави хилофат ва иртиботи наздик дар миёни шаҳру вилоятҳои он имкон медод, ки олимон аз навиштаҳо ва андешаҳои якдигар огоҳӣ ёбанд. Аз ҷумла, ақидаҳои шуубӣ дар Ироқ, Бағдод, Эрон, Хуросон, Мовароуннаҳр, Миср ва ҳатто Испания тарафдор пайдо мекунад.

Дар асри IX зиддияти арабҳо ва халқҳои дигар чунон авҷ мегирад, ки навиштани китобҳо дар мазаммати якдигар хеле авҷ мегирад. Баъзе намояндагони ҳаракати шуубия мехостанд бо ин роҳ нафрату адовати хешро баён кунанд. Намояндагони ҳаракати шуубия, ҳамон тавр ки бо такя бар дастурҳои дини ислом, ки баробарҳуқуқии халқҳоро талқин мекард, фаъолияти худро шурӯъ карданд, минбаъд дар ҳавзаи динӣ ҳам дахолат

карда, баъзе корҳоро анҷом доданд. Пешвоёни ҳаракати шуубия ҳадису ривояти зиёд сохта, миёни аҳолӣ паҳн кардан гирифтанд, ки дар фазилати маволӣ, хусусан форсизабонон бошад. Дар яке аз ҳадисҳое, ки дар шаъни форсҳост, гуфта мешавад: "Ба форсҳо носазо нагӯед, ҳар кӣ ба онҳо дашном диҳад, аз ӯ интиқом гирифта мешавад, чи зуд чи дер". Дар бораи Салмони Форсӣ ва Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит ривоятҳое сохта шуданд. Шуубиён дар баробари тарафдорон рақибону душманон низ доштанд, ки бо онҳо мубориза мебурданд. Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслим ибни Қутайбаи Дайнварӣ маъруф ба Ибни Қутайба, Ҷоҳизи Басрӣ ва шоири маъруфи араб Мутанаббӣ бо андешаҳои шуубиён муқобил буданд. Ҷоруллоҳи Замахшарӣ низ бо вуҷуди он ки як тоҷики хоразмӣ буд, вобаста ба эътиқоди динӣ шефтаи забону фарҳанги арабӣ-исломӣ буд ва шуубияро зери тозиёнаи танқид қарор медод.

Бо вуҷуди ин ки баъзе намояндагони илму фарҳанги тоҷик ба сафи душманони шуубия пайвастанд, боз ҳам таъсири шуубия дар ташаккули шуури ҷамъиятии он замон хеле бузург буд. Ин ҳаракат дар асрҳои минбаъда ривоҷи бештар ёфта, то замони Ғазнавиёну Салҷуқиён, ки таассуби мазҳабӣ боло гирифт, идома пайдо кард. Фирдавсӣ яке аз намояндагони ҳамин ҳаракат буда, «Шоҳнома»-и безаволи ӯ намунаи баландтарини ифтихору сарафрозии миллӣ ва ситезаҷӯӣ бо арабгароист. Агар дар маҷмӯъ, самтҳои таъсиргузории ҷунбиши шуубия дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хилофатро натиҷагирӣ кунем, мебинем ки он дар ҳамаи ҷанбаҳо асар доштааст:

1. Нахустин таъсири ин ҳаракатро дар ҷунбишҳои зиддиарабӣ ва зиддихилофат, аз ҷумла ҷунбишҳои Абӯмуслими Хуросонӣ, Сумбод, Муқаннаъ, Бобак, Мозёр ва ғайра мебинем, ки дар ҳамаи онҳо рӯҳияи зиддиарабӣ хеле боло буд.

2. Дигар натиҷаи таъсири фаъолияти шуубияро метавон дар умури иҷтимоӣ ва он ҳам ташаккули наҳзатҳои динӣ-мафкуравии беҳофридия, сафедҷомагон, ровандия ва хуррамия, ки дар ҳамаи онҳо унсури ғайриарабӣ фаъол буд, дид.

3. Дар бахши ҳаёти сиёсӣ ба кудрат расидани сулолаҳои эронинажоди Бармакиён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Бувайҳиён ва ғайра низ, натиҷаи фаъолияти шуубиён мебошад.

4. Барои пайдо шудани адабиёти миллии мардуми ғайриараб, аз ҷумла адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ нақши ҷунбиши шуубия хеле бузург аст, ки бузургтарин таҷассуми онро дар симои Абулқосими Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ метавон мушоҳида кард.

Ҳамин тавр, ҷунбиши шуубия вокуниши фаъолу созандаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар муқобили сиёсатҳои нажодпарастонаи ҳокимони араб дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии тамоми қаламрави хилофат буда, нақши босазое дар шуури ҷамъиятии тоҷикон гузоштааст.

### АДАБИЁТ


1. Қуръони Карим. Тарҷума ба форсӣ; тарҷумон Б. Хуррамшоҳӣ. Теҳрон, 1383.
2. Фарҳанги форсии Муин. -Теҳрон, 1370. –Ҷ. 5.
3. Ровандӣ М. Таърихи иҷтимоии Эрон / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. –Ҷ. 5.
4. Ҳусайналии Мумтаҳан. Наҳзати шуубия ҷунбиши миллии эрониён дар баробари хилофати Уммавӣ ва Аббосӣ / Ҳ. Мумтаҳан. -Теҳрон, 1370.
5. Аҳмад Амин. Заҳйил ислом / А. Амин. -Қоҳира, 1965. –Ҷ. 1.
6. Абӯалӣ ибни Мисковейҳи Розӣ. Тиҷораб-ул-умам / Абӯалӣ ибни Мисковейҳи Розӣ; тарҷумаи Абулқосими Поянда. -Теҳрон, 1378.
7. Ровандӣ М. Таърихи иҷтимоии Эрон / М. Ровандӣ. - Теҳрон, 1354. –Ҷ. 2.
8. Зарринкӯб А. Таърихи Эрон баъд аз ислом / А. Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир, 1378.
9. Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ. Ал-Феҳрист / Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ; тарҷумаи Ризо Таҷаддуд. -Теҳрон: Асотир, 1381.
10. Браун Э. Таърихи адабии Эрон / Э. Броун. Теҳрон, 1372. –Ҷ. 1.


### ҶУНБИШИ ШУУБИЯ ВА ХУДШИНОСИИ ТОҶИКОН ДАР АСРҲОИ МИЁНА


Давлатдории тоҷикон дар асрҳои миёна ҳосили талошу пайкори фарзандони номбардори он маҳсуб мешавад, ки яке аз марҳилаҳои муҳимми он бо ҷунбиши шуубия алоқаманд аст. Ин ҳаракат дар ҷавоб ба бартариҷӯии арабҳо сар зада, се марҳиларо паси сар кардааст. Дар марҳилаи нахуст шуубиён бо шиори баробарии ҳамаи халқҳо баромад мекарданд. Дар марҳилаи дувуми худ намояндагони шуубия бартар будани арабҳоро рад намуданд. Марҳилаи савуми ҳаракати шуубия бо таҳқири арабҳо ва бартар донистани халқҳои мутамаддин, аз ҷумла аҷдодони тоҷик ҳамроҳ буд. Намояндагони мактаби шуубӣ бештар ба таъриху фарҳанг ва собиқаи давлатдории мардуми эронинажод такя карда, аз ин давраҳо бо некӣ ва ғурур ёдовар мешуданд.



**Калидвожаҳо**: тоҷик, араб, ислом, Уммавиён, шуубия, Хуросон, Мовароуннаҳр, Эрон, халифа, шеър.


### ДВИЖЕНИЕ ШУУБИЗМ И САМОСОЗНАНИЕ ТАДЖИКОВ В СРЕДНИЕ ВЕКА


Предметом нашего изучения являются национально-освободительные движения таджиков в эпоху средневековья против угнетателей и роль шуубитское движение в пробуждение и самосознание наших предков.

Правление таджикских династий в IX-X вв. в первую очередь объязан усилиям и сражениям знаменитых сыновей этого народа. Одним из важных этапов правления связан с движением шуубия. Этот движение родившись как ответное противостояние против арабов, пережило три этапа. На первом этапе шуубизм выступал за равноправие всех народов, во втором этапе против превосходства арабов. На третьем же этапе, представители шуубизма призирая арабов выступали за превосходство цивилизованных народов, в том числе таджиков над арабами. Представители шуубитской школы примещественно упираясь на таджикскую (иранскую) культуру и гордо вспоминали его прошлое.
**Ключевые слова**: таджик, араб, ислам, Уммавиды, шуубия, Хорасан, Мавераннахр, Иран, халиф, поэзия.

**THE MOTION OF SHUUBISM AND THE SELF-CONSCIOUSNESS OF TAJIKS IN THE MIDDLE AGES**

The subject of our study is the national liberation movements of the Tajiks in the Middle Ages against the oppressors and the role of the Shu'bi movement in the awakening and self-awareness of our ancestors. The rule of the Tajik dynasties in the 9th-10th centuries. first of all, is committed to the efforts and battles of the famous sons of this people. One of the important stages of government is connected with the movement of shoubi. This movement was born as a counterattack against the Arabs, survived three stages. At the first stage, Shoubizm advocated the equality of all peoples, in the second stage against the superiority of the Arabs. At the third stage, representatives of Shubism, while looking to the Arabs, advocated the superiority of civilized nations, including Tajiks over Arabs. The representatives of the Shuubi school, having tentatively supported the Tajik (Iranian) culture and proudly recalled its past.
**Key words:** Tajik, Arab, Islam, Umavid, Shoubiya, Khorasan, Maverannahr, Iran, Caliph, poetry.

**Сведения об авторах:** ***Сайфуллохи Муллоджон*** **–** Таджикский национальный университтет, доктор исторических наук, доцент кафедры древней и средневековой истории исторического факультета. E-mail: **saifullo7272@mail.ru**
***Шарифова Макнуна*** **–** помощник ректора Таджикского педагогического университета в городе Рашт

# СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ САМАНИДСКОГО ГОСУДАРСТВА И РАЗВИТИЕ НАУКИ И КУЛЬТУРЫ В САМАНИДСКОМ ГОСУДАРСТВЕ

***А.Р. Нуриён, С.Дж. Юсуфи***
**Таджикский национальный университет,**
**Академия медицинских наук Республики Таджикистан**

Во главе государства стояли Саманиды, носившие титул эмиров [23, 78-90]. Центральный государственный аппарат фактически имел двойное управление: даргох (царский двор) и диваны (военные и гражданские ведомства). В условиях феодальной политической организации это деление было во многом относительным. Часто влиятельные должностные лица даргоха вмешивались в дела тех или иных диванов. При даргохе большая политическая власть находилась в руках сохиб (эмир)-и хараса, являвшегося исполнителем царских приговоров. В его распоряжении имелся большой штат чубдоров (ликторов). При дворе были стольники, кравчие, конюшие и прочие служители. Всем хозяйством даргоха ведал вакил – важное и влиятельное должностное лицо.

В устройстве центральных диванов Саманиды воспользовались опытом государственного управления Сасанидов в Иране и Хорасане, воспринятом и оформившемся в стройную систему в Аббасидском халифате. Саманиды эту систему в некоторой степени упростили, усовершенствовали и приблизили к реалиям общества [18, 51-55].

Всех диванов насчитывалось 10. По данным Мухаммада Наршахи, для них вокруг бухарской площади Регистан при Насре II были возведены 10 крупных зданий. Названия диванов приведены тем же Наршахи. Главным из них был диван вазира, или ходжаи бузурга. Он возглавлял все центральное управление государством, ему подчинялись все остальные диваны. Этот диван контролировал все административные, политические и хозяйственные учреждения. Вазир ведал также всеми военными силами государства. При Саманидах на должность вазира обычно назначались представители трех аристократических родов – Джайхони, Балъами и Утби.Финансовые дела государства вел диван муставфи, во главе которого стоял хазинадор. Он имел штат особых счетоводов, занятых подсчетами доходов и расходов государственной казны. Дипломатическими сношениями и важными государственными бумагами ведал диван амид ал-мулк, называемый также диван ал-расаил (посланий) или инша. Здесь составлялись официальные документы, через него проходили важные государственные бумаги и дипломатическая почта.

Обеспечением царской гвардии и вообще всеми военными делами занимался диван сохиб аш-шуратъа. Сохиб аш-шурат имел своего помощника, так называемого, ариза, который с помощью своей специальной канцелярии (дивани арз) ведал войсковой казной, четыре раза в год производил выплату жалованья воинам, следил за состоянием дисциплины в войске, его снаряжением и продовольственным снабжением [3, 54]. Доставкой государственной почты и одновременно тайной слежкой за местными правителями и чиновниками занимался диван сохиб ал-барид. Этот диван повсюду имел своих местных почтовых чиновников со штатом гонцов и большим количеством почтовых лошадей. Местные чиновники этого ведомства, в отличие от других, подчинялись только центру [1, 67]. За рынками, весами и ценами на рынках, за соблюдением норм выпускаемой ремесленниками продукции, а впоследствии и за общественной нравственностью населения (посещение мечети, употребление вина и т.п.) надзирал диван мухтасиба. Мухтасиб и его помощники имелись во всех городах. Чиновники

этого дивана оказывали существенное влияние на жизнь городов. Контроль за доходами и особенно расходами казны и за другими государственными делами осуществлял диван мушрифов (наблюдателей). Были еще диваны кази (судьи) во главе с главным казием, диван аз-зия, т.е. государевых земель, и диван вакфа, т.е. дарственных земель и других имуществ мусульманских учреждений. Областные и городские органы диванов были тесно связаны с местным управлением. Они подчинялись своему соответствующему центральному ведомству и местным правителям. Исключение, как уже говорилось выше, составляли органы почтового ведомства, которые подчинялись только центру.

На местах, в областях или рустаках (районах), управление осуществляли хокимы (правители), по старой традиции называемые также кадхудо. Хокимы назначались саманидскими эмирами обычно по рекомендации вазира и других влиятельных вельмож из среды наиболее крупных феодалов и военачальников. Часто на эти должности наследственно утверждались представители старых местных владетельных династий, управлявшие теми или иными областями и районами в течение многих десятилетий. Все области Саманидского государства, расположенные к югу и западу от Амударьи, т.е. Хорасанская провинция, занимали несколько особое положение. Они подчинялись своему наместнику с резиденцией в городе Нишапуре, носившему титул сипахсолора. Сипахсолор Хорасана непосредственно подчинялся эмиру и вазиру [9, 82-84].

Города управлялись специальными должностными лицами, называемыми раисами, которых хокимы назначали из среды местной городской знати, чаще всего, из представителей мусульманского духовенства. Большим влиянием в делах центрального и местного управления пользовалось мусульманское духовенство, придерживавшееся, главным образом, ханифитского толка ислама. Главою всего духовенства был устод (учитель, наставник), впоследствии называвшийся шейх-ул-ислом (глава ислама). Второй по значению должностью высшего духовенства был хатиб, который имел право произнесения хутбы (проповеди) в соборных мечетях во время пятничной молитвы.

Гардезӣ расми аморатдорӣ ва сиёсатдории Амри Лайси Сафforро бисёр сутуда ва намунае аз онро чунин баён мекунад: «Пас Амр ибни Лайс шуғли аморати Хуросонро ҳарчи некутар ва тамомтар забт кард ва сиёсате ба расм биниҳод чунонки ҳеҷ кас бар он гуна нагирифта буд. Ва чунин гӯянд, ки Амр ибни Лайсро чаҳор хазина буд: яке хазинаи силоҳ ва се хазинаи мол, ки ҳамеша бо вай будӣ: яке хазинаи моли садақот ва газидаҳо (молия ва хироҷ) ва он чи бад-он монанд ва хуруҷи он андар ваҷҳи бистагонӣ (маоши бист дирҳамии лашкар) сипоҳ будӣ. Ду дигар: хазинаи моли хос, ки аз баҳри ғалла ва зиёъ ҷамъ шудӣ ва ҳарчи он андар ваҷҳи нафақот ва матбаҳ ва монанди он будӣ. Ва се дигар: хазинаи мол, ки дахли он аз аҳдос ва масодирҳои ҳашм, ки ба душманон майл кардандӣ, ҷамъ шудӣ. Ва харҷи он андар ваҷҳи султаҳои ҳашм ва мунҳиён (мухбири авзоъ) ва расулон ва он чи бад-он монанд, сарф шудӣ.

Ва Амр ибни Лайс андар кори ҳашм ва лашкар сахт кушо буд ва ҳар се моҳ эшонро сила фармудӣ ва бағоят ҳушёр буд. Ва чун мусодира кардӣ, ба вақт кардӣ ва узр ниҳодӣ, то моле аз марде биситадӣ… Ва расми Амр чунон будӣ, ки чун сари сол бигзаштӣ, ӯро ду табл буд. Якеро Муборак гуфтандӣ ва дигариро Маймун. Фармудӣ, то ҳар ду таблро бизанандӣ, то ҳама ҳашм хабар ёфтандӣ, ки рӯзи сила аст. Пас Саҳл ибни Ҳамдони Ориз бинишастӣ ва бадраи дирам пеши хеш фурӯ рехтӣ ва шогирди Ориз дафтар пеш гирифтӣ. Ва нахустин номи Амр ибни Лайс баромадӣ, пас Амр ибни Лайс аз миён берун омадӣ ва Ориз ӯро бинигаристӣ ва ҳилаву аспи ӯро ва силоҳи ӯро ҳама сара кардӣ ва ҳама олати ӯро неку нигоҳ кардӣ ва бистудӣ ва писандидӣ. Пас сесад дирам бисухтӣ (вазн кардан) ва андар киса кардӣ ва ба ду додӣ. Амр бистадӣ ва андар соқи муза ниҳодӣ ва гуфтӣ: «Алҳамдулиллоҳ, ки Эзид таоло маро тоати амиралмуъминин арзонӣ дошт ва мустаҳиқи айёдӣ (неъматҳо) ӯ гардонид» ва бозгаштӣ. Пас бар ҷой баланд шудӣ ва нишастӣ ва сӯйи Ориз нигоҳ ҳамекардӣ, то ҳама лашкарро ҳар якеро тафаҳҳус ҳамчунин кардӣ ва асбу зин ва афрозу олати савору пиёда ҳама неку нигаристӣ ва силаи ҳар як бидодӣ ба андозаи он кас.

Ва ҳамеша манҳиён (ҷосусон) доштӣ бар ҳар солоре ва сарҳанге ва меҳтаре, то аз аҳволи ҳама воқиф будӣ ва Амр бас ҳушёр ва гурбуз (зирак) ва равшанраъй буд» [5]. Ҷойи дигар Гардезӣ ишора ба маълумотдории Амри Лайс нисбати қудрати мухолифонаш ба хубӣ баёнот додааст, чунончи баъди гирифтани аҳди Мовароуннаҳрро аз халифаи Бағдод аз забони Амри Лайс чунин менависад: «Пас аҳди Мовароуннаҳр пеши ӯ биниҳод. Амр гуфт: «Инро чӣ хоҳам кард, ки ин вилоят аз дасти Исмоил берун натавон кард магар ба сад ҳазор шамшери кашида». Ҷаъфар гуфт: «Ин ту хостӣ, акнун ту беҳтар донӣ!» Амр он аҳд бигирифт ва бӯса дод ва бар сар ниҳод ва пеши хеш биниҳод» [5]. Низ ишораи аҷиби дигари Гардезӣ аз забони лашкариёни Систон назди Амри Лайс баъди шикаст дар ҷанги муқаддимавӣ аз Исмоили Сомонӣ мебошад, ки менависад: «Ва лашкари Систон сӯйи Амр боз омаданд ба ҳазимат ва ба Нишопур омаданд. Чун Амр эшонро бидид, зачр гашт ва бисёр тангдилӣ кард. Гуфтанд: «Эй Амир! Аз ин некутар моидаи (хӯрок) бузург пухтаанд, ва мо ҳануз як коса хурдем. Ҳарки мард аст гӯ бишав боқӣ бихӯр!» Амр хомӯш гашт» [5]. Гардезӣ рӯзи шикаст ва асирии Амри Лайсро дар рӯзи сешанбе, нимаи рабеулаввали соли 287ҳ медонад [5], бар хилофи Наршахӣ, ки онро дар санаи рӯзи чоршанбе, даҳуми ҷимодулаввали соли 288ҳ [4] ва «Таърихи Систон», ки дар рӯзи сешанбе як шаб монда аз рабеулохири соли 287ҳ [6] ва Табарӣ мегӯяд, ки хабари асирии Амри Лайс рӯзи чоршанбе, бисту панҷуми ҷимодулаввали соли 287 ҳ расид [7].

**4. «Таърихи Систон».** Муаллифаш номаълум аст. Дар қидмати ин китоб устод Баҳор чунин мегӯяд: «Муаллиф (-и Таърихи Систон) аз муаррихоне нақли қавл мекунад, ки ҳама аз қудамо мебошанд. Аз ҷумла Абӯлмуайяди Балхӣ -соҳиби «Шоҳнома»-и мансур ва китоби «Гаршоспнома» ва «Аҷоиб-улбарри ва-л-баҳр» ва китобе ба ҳамин ном аз Бишри Муқассим ва Ҳилол Юсуфи Авқӣ соҳиби китоби «Фазоили Систон» ва Фирдавсӣ ва китобе ба номи «Бахтиёрнома» ва «Ахбори Систон» ва китобе ба номи Булдон ва манофеи он ва аз муаррихон Алӣ ибни Муҳаммади Табарӣ соҳиби китоби Анбиё ва Абдуллоҳ ибни-ул-Муқаффаъ соҳиби китоби «Сайр-ул-мулук» ва Абулфараҷ Қуддома ибни Ҷаъфари Бағдодӣ соҳиби китоби «Хароҷ» ва китоби «Бандиҳиш» аз кутуби муътабари суннатии зардуштиён ва Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ муосири Маъмун, ном мебарад [6], ки ҳатто аз таълифоти баъзе аз онон ҷуз мухтасаре дар даст нест, дар иваз аз Масъудӣ, Балъамӣ, Абӯалии Мискавайҳ, Байҳақӣ, Гардезӣ, Утбӣ, Саломӣ ва Истахрӣ, ки дар қарни чаҳорум мезистаанд, номе дар миён нест ва ин худ далеле бар қидмати китоб аст» [6].

Ин китоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ бузургтарин ва арзишмандтарин китоб оиди таърихи Саффориён ба шумор меравад. «Аз тамоми таърихҳое, ки то ба имрӯз расидаанд, танҳо дар «Таърихи Систон» аз Саффориён ба некӣ ёд карда шуда ва ҳам муфассалтар аз ҳама маълумот оварда шудааст. Аз равиши таърихнигории муаллиф бо суҳулат дарёфтан мумкин аст, ки ӯ худ аз ҷумлаи бошандагони Систон аст, зеро роҷеъ ба ин сарзамин, ҳукмронони маҳаллии он, намояндагони илму фарҳанги он ва умуман бошандагонаш бо меҳру муҳаббати фаровон ҳарф мезанад...Ҳамин ватандӯстии ӯст, ки мавқеи Саффориёнро дар арсаи оламӣ он рӯз ба дурустӣ муаррифӣ кардааст ва аз мавҷудияти онҳо дар таърих ифтихор мекунад. Агарчи роҷеъ ба Саффориён дар дигар таворих ҳам хабар додаанд, вале зуҳури эшон ва ҳукмронии ибтидоиашон дар худи Систон ва ҷунбишҳои айёрони он минтақаро, ки муҷиби падид омадани давлати Саффория буд, танҳо аз «Таърихи Систон» ба пурагӣ дарёфтан мумкин аст» [8]. Дар ин китоб оиди таърихи Саффориён бисёр маълумотҳои ҷолиб омадааст.

**5. «Таҷориб-ул-умам» [9].** Муаллифи китоб Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яъқуб, маъруф ба Ибни Мискавайҳ (ё Мускӯя) буда, ҳамчун муаррихи барҷаста шинохта шудааст. Равиши таърихнигории ӯ аз муаррихони замонаш фарқ мекунад. Ӯ на танҳо аз воқеоти таърихӣ ҳарф мезанад, балки дар бораи онҳо муҳокима меронад, ки чунин тарзи таърих навиштан дар асрҳои миёна кам ба мушоҳида мерасад, аз ин лиҳоз низ асари мазкур арзиши баланди илмӣ дорад.

Таърихи Саффориён низ аз назари Ибни Мискавейҳ дур намондааст. Ӯ дар ин китоб баъзе маълумотҳои нодирро оиди ин мавзӯъ баён кардааст. Аз ҷумла, аз лашкарҷамъкунии Исмоили Сомонӣ дар муқобили Амри Лайс, ки аксаран аз деҳқонони бумӣ иборат буданд, чунин ёд мекунад: «Чун Исмоил аз бозгардонидани ӯ (Амр) навмед шуд, ба гирдоварии сипоҳ аз бумиёну деҳқонон пардохта, аз рӯдхона ба сӯйи каронаи бохтарӣ бигзашт» [9]. Ибни Мискавейҳ сабаби марги Амри Лайсро батафсил баён карда, аз робитаи Амр бо Муктафӣ батафсил баёнот додааст. Ӯ Менависад: «Чун Муктафӣ ба Бағдод омад, аз Қосим ибни Убайдуллоҳ пурсид: Оё Амр зинда аст? Гуфт: Оре! Ӯ хушнуд шуда гуфт: Мехоҳам ба ӯ некӣ кунам. Зеро ки Амр гузориши корҳоро пинҳонӣ барои Муктафӣ мефиристод ва ройзанӣ менамуд. Ва Муктафӣ мехост ба ӯ подошт диҳад, вале Қосим аз ин кор нохурсанд буд ва касро фиристод Амрро куштанд» [9].

**6. «Таърихи Байҳақӣ» [10].** Муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» Хоҷа Абӯлфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ (995-1077м) буда, ин китоб аз арзиши баланди илмӣ бархурдор аст. Ҳамчунин, ин китоб яке аз намунаҳои беҳтарини насри форсӣ ба шумор меравад ва китоби мазкур дар миёни кутуби маъмула яке аз аввалин асарҳоест, ки дар он калимаи «тоҷик» ба маънии номи мардум мусаббат аст. Байҳақӣ дар таърихи худ аз Саффориён ҷое чанд зикри гаронбаҳо кардааст. Ӯ дар насиҳати мулуки Ғазнавӣ сухан гуфта, барои ибрат чанде сифатҳои Яъқуб ва Амри Лайсро ба ёд овардааст. Дар мисоли воқеаи марги Муҳаммад ибни Амри Лайсро, ки Байҳақӣ батафсил оварда, дар он аз сабру шикебоии ӯ сухан гуфта, онро зери мавзӯи алоҳида бономи «Саргузашти Амр писари Лайс амири Саффорӣ ба Хуросон дар шикебои варзидан ба ҳангоми хабари марги писараш», ба тафсил баён кардааст. Чунончӣ омада: «*...Рӯзи ҳаштум Шабгир— меҳтари муҳаммизон даррасид, бе нома, ки писар гузашта шуда буд ва дабир наёраст хабари марг набиштан, ӯро бифиристод, то магар ба ҷой орад ҳоли афтодаро. Чун пеши Амр омад, замин бӯса дод ва нома надошт, Амр гуфт: «Кӯдак фармон ёфт?» Заими муҷаммизон гуфт: «Худовандро солҳои бисёр бақо бод». Амр гуфт: «Алҳамдулиллоҳ, сипос Худойро азза ва ҷалла, ки ҳар чӣ хост, кард ва ҳар чӣ хоҳад кунад. Бирав, ин ҳадис пӯшида дор». Ва худ бархост ва ба гармоба рафт ва мӯяш боз карданд ва бимолиданд ва баромад ва биёсуду бихуфт. Пас аз намоз вакилро бифармуд, то бихонданд ва биёмаду мисол дод, ки бирав, меҳмонии бузург бисоз ва се ҳазор барра ва он чӣ бо он равад ва шаробу олати он ва мутрибон рост кун фардоро. Вакил бозгашт ва ҳама бисохтанд. Ҳоҷибро гуфт: Фардо бори омм хоҳад буд, огоҳ кун лашкарро ва раоёро аз шарифу вазеъ.*

*Дигар рӯз пагоҳ бар тахт нишаст ва бор доданд. Ва хонҳои бисёр ниҳода буданд, пас аз бор даст бад-он карданд. Ва шароб оварданд ва мутрибон бар кор шуданд. Чун фориғ хостанд шуд, Амри Лайс рӯй ба хавоссу авлиё ва ҳашам кард ва гуфт: «Бидонед, ки марг ҳаққ аст ва мо ҳафт шабонрӯз ба дарди фарзанд — Муҳаммад машғул будем, бо мо на хобу*

*на хӯр ва на қарор буд, ки набояд, ки бимирад. Ҳукми Худои азза ва ҷалла чунон буд, ки вафот ёфт. Ва агар боз фурӯхтандӣ, ба ҳар чи азизтар боз харидеме, аммо ин роҳ бар одамӣ баста аст. Чун гузашта шуд ва муқаррар аст, ки мурда бознаёяд, ҷазау гиристан девонагӣ бошад ва кори занон. Ба хонаҳо бозравед ва бар одат мебошед ва шод мезиед, ки подшоҳонро сӯг доштан муҳол бошад». Ҳозирон дуо карданд ва бозгаштанд» [10].*

Аз навиштаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муаррихони номбаршуда дар асарҳояшон асосан вазъяити сиёсии давлатдории Сaффориёнро ба таври муфассал баён намудаанд. Аз ҷумла, ҷангҳои Яъқуб ибни Лайс бо халифаи Бағдод ва ҷангҳои Амр ибни Лайси Сaффорӣ бо амири давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ, асир гардидани Амр ба дасти Исмоил ва ба хилофат таслим намудани ӯ аз ҷониби Исмоил аз мавзӯъҳои муҳиме мебошанд, ки дар сарчашмаҳои номбаршуда дарҷ гаштаанд. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаҳое, ки ин ҷо дар бораашон маълумот додаем, қисмате аз сарчашмаҳое мебошанд, ки дар бораи давлати Сaффориён маълумот додаанд ва асарҳои дигаре низ ҳастанд, ки дар мақолаҳои дигар дар бораи онҳо маълумот хоҳем дод.

## АДАБИЁТ


1. Абӯҷаъфари Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ат-Табарӣ. Таърих-ур-русул ва-л-мулук (Таърихи пайғамбарону шоҳон) / Абӯҷаъфари Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ат-Табарӣ. –Теҳрон, 1375.
2. Амиршоҳӣ Н. Давлатдории Тоҷикон дар асрҳои 9-14 / Н. Амиршоҳӣ. Душанбе, 1999. -С.1008.
3. Ибни Ҷарир. Таърихи Табарӣ / Ибни Ҷарир. –Теҳрон, 1375. -Ҷ 15. - С.6450, 6451.
4. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ан-Наршахӣ. Таърихи Бухоро (Таърихи Наршахӣ) / Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ан-Наршахӣ. - Душанбе –1979. -С.121, 78.
5. Абӯсаид Абулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ. Зайн-ул-ахбор (Таърихи Гардезӣ) / Абӯсаид Абӯлҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ. – Теҳрон, 1363. -С.733, 310-311, 311, 313-315, 317, 318,
6. Маликушшуаро Баҳор. Таърихи Сиистон / Маликушуаро Баҳор. – Теҳрон, 1383. -С.266, 224, 22.
7. Ибни Ҷарир. Таърихи Табарӣ / Ибни Ҷарир. –Теҳрон, 1375. - Ҷ 15. -С.6701.
8. Амиршоҳӣ Н. Давлатдории Тоҷикон дар асрҳои 9-14 / Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе, 1999. -С.59.
9. Ибни Мискавейҳ. Таҷориб-ул-умам / Ибни Мискавейҳ. – Теҳрон, 1376. -Ҷ.5. -С.632, 8-9, 19-20.
10. Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ / Абӯлфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. –Теҳрон, 1381. -С. 1263, 698.


## ТАҲЛИЛИ МАНОБЕИ ТАЪРИХӢ РОҶЕЪ БА ТАЪРИХИ ДАВЛАТИ САФФОРИЁН


Аз муҳтавои мақола бармеояд, ки муаррихони номбаршуда дар асарҳояшон асосан вазъяити сиёсии давлатдории Сaффориёнро ба таври муфассал баён намудаанд. Аз ҷумла, ҷангҳои Яъқуб ибни Лайс бо халифаи Бағдод ва ҷангҳои Амр ибни Лайси Сaффорӣ бо амири давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ, асир гардидани Амр ба дасти Исмоил ва ба хилофат таслим намудани ӯ аз ҷониби Исмоил аз мавзӯъҳои муҳиме мебошанд, ки дар сарчашмаҳои номбаршуда дарҷ гаштаанд. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаҳое, ки ин ҷо дар бораашон маълумот додаем, қисмате аз сарчашмаҳое мебошанд, ки дар бораи давлати Сaффориён маълумот додаанд ва асарҳои дигаре низ ҳастанд, ки дар мақолаҳои дигар дар бораи онҳо маълумот хоҳем дод.



**Калидвожаҳо:** манобеи таърихӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, давлати Сaффориён, вазъяити сиёсии давлатдории Сaффориён, таърихи давлати Сaффориён.


## АНАЛИЗ ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКОВ ОТНОСИТЕЛЬНО ИСТОРИИ ГОСУДАРСТВА САФФАРИДОВ


Как видно из содержания статьи, перечисленные в статье историки в своих произведениях в основном подробно описивали политическое положение Государства Саффаридов. В том числе сражения Якуба ибн Лайса с халифом Багдада и сражения Амр ибн Лайса Саффари с эмиром Саманидского государства Исмаилом Самани, попадание в плен Амира к Исмаилу Самани, эмиру Саманидского государства, и его проигрыш халифату являются важными темами, которые затрагиваются в перечисленных источниках. Нужно разъяснить, что исторические первоисточники, о которых была дана информация в данной статье, ки являются только частью тех источников, в которых приведена информация о Государства Саффаридов, также существуют другие произведения, о которых мы расскажем в последующих статьях.



**Ключевые слова::** исторические источники, исторические первоисточники, Государство Саффаридов, политическое положение Государства Саффаридов, история Государства Саффаридов.


## ANALYSIS OF HISTORICAL SOURCES REGARDING HISTORY OF SAFRARID STATE


As can be seen from the content of the article, the historians listed in the article in their works mainly described in detail the political situation of the State of the Saffarids. Including the battles of Yakub ibn Lice with the caliph of Baghdad and the battle of Amr ibn Lice Saffari with the emir of the Samanid state Ismail Samani, Amir's capture of Ismail Samani, the emir of the Samanid state, and his loss to the caliphate are important topics that are mentioned in the sources mentioned. It should be clarified that the historical sources, which were given information in this article, are only a part of those sources in which information is given about the State of the Saffarids, and there are other works that we will discuss in subsequent articles.



**Keywords:** historical sources, historical sources, the State of the Saffarids, the political situation of the State of the Saffarids, the history of the State of the Saffarids.



**Сведения об авторе:** ***Шарипов Азалшох Бахромович*** - Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ, аспирант. Телефон: **+992-918-86-95-15**

# ВНЕШНЯЯ ТОРГОВЛЯ ВОСТОЧНОЙ БУХАРЫ (ЦЕНТРАЛЬНЫЙ И ЮЖНЫЙ ТАДЖИКИСТАН) В ОСВЕЩЕНИИ ДОРЕВОЛЮЦИОННЫХ АВТОРОВ В КОНЦЕ Х1Х - НАЧАЛЕ ХХ ВВ.

*Парвиз Мирзои Саидзода*
**Таджикский национальный университет**

Торговые отношения между среднеазиатскими ханствами, с одной стороны, и с соседними странами, в том числе с Россией, Ираном, Китаем, Индией и Афганистаном, с другой, существовали и до завоевания края Россией. Однако завоевание Средней Азии Россией, имевшее своим результатом проникновение товарно-денежных отношений в экономику Северного, Центрального и Южного Таджикистана, дальнейшее развитие производительных сил, усовершенствование приемов и методов земледелия и садоводства, улучшение производства кустарных промыслов и появление промышленных предприятий капиталистического типа и образование товарного земледелия вызвало развитие и расширение торговых отношений, как внутри страны, так и с соседними странами. Исследование проблемы торговых взаимоотношений между странами и регионами имеет важное научное значение.

Необходимо отметить, что данная статья не исчерпывает всего материала, который содержит в себе русская периодическая печать (журналы и газеты) по истории Центрального и Южного Таджикистана. Русские дореволюционные исследователи не посвятили вопросам торговли специальных работ, но на страницах их работ имеются многочисленные сведения, в той или иной мере отражающие состояние торговли в бекствах Центрального и Южного Таджикистана и ее место в жизни эмирата.

Таким образом, стало ясно, что русская периодическая печать дает немало интересных материалов по данному вопросу, ценность которых, по мере детального рассмотрения отдельных статей, станет еще более убедительной. В процессе работы автором обнаружены и тщательно изучены многочисленные документы, материалы периодической печати – исследования дореволюционных русских ученых, воспоминания, путевые записи и заметки, отчеты послов и купцов. На основе существующих нарративных исторических трудов, старинных рукописных книг, географических агиографических, автобиографических произведений и трудов историков советского периода, посвященных Туркестанскому краю, Центральному и Южному Таджикистану, вообще и феодальным владениям, в частности, а также событиям в Бухарском и Кокандском ханствах, вызванных экспансией русского царизма в Среднюю Азию, можно сделать вывод, что в развитии товарно-денежных отношений и торговли большая роль принадлежала Северным районам Таджикистана, особенно Ходженту и Истаравшану (Ура-Тюбе). Этому способствовало географическое расположение г. Ходжента, через который проходили караванные пути из Бухарского ханства и Коканда и где взимались пошлины за привезенные товары.

Таким образом, Ходжент и его вилайат пересекал торговый путь среднеазиатского значения, соединявший Ферганскую долину с Ура-тюбинским бекством, областями, расположенными к югу от Гиссарского хребта, Зеравшанской долиной и Ташкентом [5. с.45].

Политическое, административное, экономическое устройство (Центрального и Южного Таджикистана) всесторонне исследовано в работах Б. Гафурова [1, 476], Б.И. Искандарова [4, 622], О.Р. Маджлисова [8, 331], Н. И. Кислякова [6,240], М. Рахимова [11, 218], а также в ряде статей и кандидатской диссертации А. Латыпова [7, 87-130]. Главными причинами слабого развития торговли в горных районах Центрального и Южного Таджикистана являлись географическая изолированность, разрозненность деревень, отсутствие хороших путей сообщения между отдельными районами, слабое развитие товарно-денежных отношений.

Исследуя торговые взаимоотношения Бухарского эмирата Центрального и Южного Таджикистана, его завоевание Россией, часть советских историков-востоковедов пыталась показать отсталость края в вопросах международной торговли. Большинство исследователей до октябрьского (1917 г.) и советского периодов в своих трудах представляли Центральный и Южный Таджикистан (Под названием Восточная Бухара) изолированным от внешнего мира, где господствовали лишь патриархально-феодальные отношения.

Действительно, районы Центрального и Южного Таджикистана были самой отсталой в экономическом и культурном отношении частью Средней Азии. Население Центрального и Южного Таджикистана не прошло стадию капиталистического развития[5, 45]. В работах ученых (академика Б.Г. Гафурова[1, 476.], О.В. Сухарева[12], А.М. Мухтарова, М.Б. Бабаханова, Н.Б. Хотамова, А.Р. Маджлисова[8, 331], Б.И. Искандарова[4, 662], Ш. Юсупова на основе достоверных источников, подробно и убедительно анализированы отдельные стороны торговых взаимоотношений края. Следует отметить, что история развития торговых взаимоотношений Бухарского эмирата, районов и городов Центрального и Южного Таджикистана со странами Азии, Европы в историографии Средней Азии, в том числе и Таджикистана, в должной мере еще не освещалась.

И по сей день мы весьма мало знаем о проблемах торговых взаимоотношений между странами и регионами конца Х1Х – начала ХХ в. Сведения русских дореволюционных

исследователей убедительно показывают значительное усиление торговли в городах Центрального и Южного Таджикистана. Особенно заметно усилился темп роста торговых отношений в конце Х1Х и начале ХХ века.

Бухарский эмират считался Восточным феодальным государством, и на его территории господствовали средневековые феодальные общественные отношения. Втягивание Бухарского эмирата в сферу влияния России, создание экономических основ для развития капиталистических отношений, положили начало ослаблению и ломке натурального хозяйства, развитию товарно-денежных отношений, усилению торговых связей между городами края, увеличению ввоза русских промышленных товаров на территорию Центрального и Южного Таджикистана (под названием Восточная Бухара).

На территории Центрального и Южного Таджикистана имелось несколько средневековых феодальных городов – Душанбе, Гиссар, Каратаг, Денау, Куляб, Балжуан, Сараи Камар, Курган-Тюбе, Кабадиан, Калаи Хумб превращались в довольно известные торговые пункты.

Не меньший интерес представляют материалы, касающиеся торговых путей. Описание торговых путей, с одной стороны, дает определенное представление со тех трудностях, которые несомненно, отрицательно сказывались на развитии торговли, с другой – свидетельствует о том, что, несмотря на всякие трудности, почти все районы Северного и Центрального, Южного Таджикистана поддерживали постоянные торговые связи между собой. В материалах периодической печати (журналов и газет), путевых записей и заметок, отчетов путешественников и купцов имеется много интересных сведений не только о торговле населения Центрального и Южного Таджикистана, но и о различных путях, горных перевалах, по которым проходила торговля связь. Периодическая печать дает немало фактических материалов о том, что Бухарский эмират, в состав которого входила большая часть территории Центрального и Южного Таджикистана совершенно не заботился о разработке путей сообщения между различными областями, поэтому все дороги, пересекающие эмират, относились к разряду естественных путей. Внутри края существовала очень слабая связь между различными населенными пунктами. Поэтому население испытывало острую нужду в предметах первой необходимости. Существовали торговые отношения и, по мере возможности, торговля получала определенное развитие. Многие районы и города Центрального и Южного Таджикистана имели свои постоянные базары, куда приезжали купцы из разных мест для покупки и продажи товаров.

В зависимости от способа передвижения, все дороги Центрального и Южного Таджикистана были пригодны только для вьючного движения. По этим причинам большого грузового движения между различными поселениями не существовало, а для перевозки небольших грузов из селения в ближайшие города жители употребляли вьючных животных (ослов, лошадей и верблюдов), которые проходили по любой дороге. Характеристику торгового пути Центрального и Южного Таджикистана дает русский дореволюционный автор А. Галкин. Согласно его мнению, все пути, пересекающие Гиссарский и Алайский кряжи и служащие для сообщения между Восточной и Западной частями Бухарского эмирата, а также между Центральным и Южным Таджикистаном и другими районами, он относит к разряду вьючных путей.

Через Гиссарский и Алайский кряжи пролегало еще несколько вьючных путей через высокие и трудные перевалы, которые во многих местах были опасны для движения[2, 419].

В равнинах, расположенных к северу и северо-западу от Гиссарского края, пути сообщения между отдельными пунктами и перевозка торговых грузов производилась отчасти на арбах, а отчасти вьючным способом. По сведениям А. Галкина, наиболее известные из этих путей проходили через юго-западные отроги Гиссарского кряжа, а именно между: городам Гузар, с одной стороны, и городами Келифом и Ширабадом, с другой[2, 419]. По этим путям происходило почти все передвижение торговых грузов и стад между Восточной и Западной Бухарой. Более подробная характеристика торгового пути, проходившего почти через всю территорию Таджикистана, дается в статье Н. Февралова[13, 422].

По его сведениям, конно-вьючный путь начинался от устья Ванга и следовал правым берегам Пянджа до устья р. Зыгары, далее отходил через перевал Вальваляк в долину … и от устья Нилу вновь следовал Пянджем до устья Обиола, вновь оставлял Пяндж и следовал к кишлаку Чубеку. От Чубека до устья Вахша придерживался берега Пянджа и лишь при переходе Кизил-су, переправы через Кизил-су в Сарой, движение направлено наперерез гряде Каратау через перевал Санг-туда. К линии Пянджа от Чубека (район Хамадани) до Вахша вело множество путей. Переправы Какуль и Айры там служили для движения из Рустака в Курган-Тюбе и из Кундуза (Афганистан) в Куляб переправы Мазори кист и Сарай служили и Хазрати Имамом, а для связи Кундуза с Курган-Тюбе служила переправа Каракуль-теппа. Но самой верной из всех переправ через Аму-Дарью была переправа Кабадианская, которая лежала на протяжении пути из Ташкургана (Афганистан) в Кабадиан. Переправа Патта-Касира и Айритом лежала на транзитном пути из Ташкургана и Мазори Шарифа (Афганистан) в долину Сурхана и через Ширабад в Бухару.

Следует отметить, что, по сведениям Н. Февралова, все эти пограничные переправы по линии Пянджа, начиная с Богоракской после бегства Исхак-хана были закрыты афганцами для пресечения бегства Узбекского населения левого берега Пянджа, и по всей пограничной линии

были расположены афганские посты. О различных путях, по которым каратегинцы вели торговую связь с другими районами и долиной Зеравшан и Ферганой, дает сведения Васильев. Согласно его сведениям, торговые пути проходили по следующим направлениям:

1.По долине р. Сор-Бух шел путь на Пакшивский перевал и далее, к кишлаку Пакшива на Зеравшан; 2. По долине р. Оби-Кабуд шел путь на перевал Ярхичь и далее, к кишлаку Сох (в Фергане); 3. По ущельям истоков р. Оби-Занку шли пути: вьючные на перевалы Тарак (по Тандык-су), Бок-Бош и Кара казык (по Лойсу), а для переходов на перевал Тюльба (по Тюльбе-су). С перевалов Тарак, Тюльба и Кара Казык шли пути в Фергану, Коканд и Маргелан; 4. По долине р. Дувана шел пешеходный путь на перевал Дувана, затем по ущелью и р. Бок-Бошь, через перевал Бок-Бошь, к селению Кара-Казык. Таким образом, материалы русской периодической печати и других дореволюционных авторов в конце Х1Х-начале ХХ вв. позволяют сделать заключение, что меньшее развитие получила торговля в южных и центральных районах Таджикистана, особенно в горных районах, где она в основном имела натуральный обменовый характер и процесс проникновения товарно-денежных отношений шел медленнее по сравнению с северными районами Таджикистана. Вышеприведенные факты убедительно свидетельствуют об определяющей роли Центрального и Южного Таджикистана в торговом отношении. Меньше всего проникновение и развитие товарно-денежных отношений происходило в горных районах, особенно на Каратегине и Дарвазе, где географическая изолированность оказала заметное влияние на развитие торговли в этих районах[9, 98].

По сообщению русского дореволюционного исследователя Г.А. Арандаренко, каратегинцы не имели никакого представления о мерах длины, не было лавок, караван-сараев, денежных знаков, преобладало натуральное хозяйство, натуральный обмен. Местные жители взаимно одалживались продуктами или ссудою, или же обменивали продукт на продукт, скот на домашние изделия.

Тем не менее, отмечает Г.А. Арандаренко, и в Каратегинском бекстве развивалась торговля. Внутренняя торговля велась на базарах в г. Гарме. Жители торговали на базарах баранами, рогатым скотом, пшеницей, ячменем и другими местными продуктами. Летом туда приезжали истаравшанские (Ура-тюбинские) Гиссарские, Кашгарские купцы (Китая), торговавшие железом, ситцем, адрасом, канаусом, табаком, платками, щетками, гребнями, зеркалами, мылом. Большинство из этих товаров сбывалось на обмен на скот, шкуры медведей, барсов, на лисью, кунью пушнины, рысей, выдры, причем привозные товары ценились довольно высоко.

Русская периодическая печать дает немало интересных материалов о бедности бекств Каратегина и Дарваза собственными продуктами и отсутствие базаров ставило их в экономическую зависимость от богатых соседей, прежде всего от ближайших Бадахшана, Кашгара и Коканда. не говоря уже о мануфактурных товарах, каратегинцы и дарвазцы не всегда были обеспечены даже хлебом и в неурожайные годы получали его из Бадахшана (Афганистан), Куляба, Гиссара. Единицей меры зерна служили «топы» (тюбетейка), из которой образовывались и другие, более крупные.

Как сообщал капитан Лилиенталь, главным предметом внешней торговли для бекства Центрального и Южного Таджикистана были сельскохозяйственные продукты и скот, лошадьми из Гиссара снабжаются даже рынки в Истаравшане (Ура-Тюбе) и отчасти в Самарканде. Почти все дореволюционные авторы отмечают, что Душанбе в конце Х1Х – начале ХХ вв. являлся довольно значительным городом с богатых базаром[11,218].

В конце Х1Х – начале ХХ вв. Душанбе в торговом отношении стал выделятся среди других городов[7, 87-130].

Таким образом, город Душанбе в конце Х1Х – начале ХХ вв. не является крупным политическим и административным центром, тем не менее он получил ведущее место в торговом отношении среди городов Гиссарского края. Каратаг был одним из довольно благоустроенных городов Центрального и Южного Таджикистана. Главная часть города – базар-был расположен на левом берегу реки. Гиссар, Душанбе, Каратаг являлись, по сути, самыми главными пунктами сосредоточения ремесла и торговли по всему Центральному и Южному Таджикистану. Ткачество являлось наиболее массовым видом производства во всех городах Центрального и Южного Таджикистана.

Следует отметить, что из всех городов Центрального и Южного Таджикистана в этой отрасли наиболее широкую известность получили Душанбе, Гиссар и Каратаг. В этих городах изготовленная шелковая алача была известна за пределами Центрального и Южного Таджикистана. Согласно сведениям русского дореволюционного автора Н. Маева, Алачой славится Гиссар»[10,15]. Исследователь Г.Е. Грум-Гржимайло отмечает, что «алача-самая плотная из всех шелковых тканей, которыми Бухарский эмират снабжал весь Восток…»[5, 45] В городе Каратаге и других городах Гиссара изготовлялись грубые хлопчатобумажные ткани, шерстяные кошмы и куржумы. В Гиссаре вырабатывалось сукно нескольких сортов. Оно ткалось из бараньей шерсти, но несколько грубоватым. Более прочные сорта этого сукна изготовлялись из верблюжьей шерсти. Кустарями в различных местах изготовлялись кошма, паласы, джували, подпруги и др.

Некоторая часть товаров продается на деньги правителю (ша) и служащим при нем, большое количество сбывается в обмен на скот, рогатый и мелкий на шкуры медведей, сугуров

(сурков), барса, на пушнину лисью, кунью, рыси, выдры [12]. Определенную роль в жизни населения Восточной Бухары (Центральный и Южный Таджикистан) играло также скотоводство. Его развитию благоприятствовали природные условия страны, а также интерес торговли. В Восточной Бухаре нередко можно было наблюдать скотоводов, владевших 5-7-10 тысячами голов скота. По подсчетам Снесарева, общее количество скота в одном только Каратегине к началу XX в. составляло 150 тысяч овец (коз), 15 тысяч лошадей и 60 -80 тысяч голов крупного рогатого скота, из которых 1/3 составляли дойные коровы.

В Кулябском бекстве насчитывалось приблизительно 250 тысяч баранов и коз, 60 тысяч голов рогатого скота, лошадей (включая кобылиц) – 30 тысяч, ослов – 25 тысяч, верблюдов 200.

В Бальджуанском бекстве было 30 тысяч баранов и приблизительно вдвое больше, чем в Кулябском бекстве, других домашних животных. Наиболее богатыми скотоводческими районами Восточной Бухары были Гиссарское и Кулябское бекства. По имеющимся данным, к началу XX в. в Восточной Бухаре количество скота определялось следующими цифрами: мясного скота, баранов, коз, овец и коров – 858158 голов; рабочего скота – верблюдов, лошадей, быков и ишаков – 83774 голов [10, 15].

В Ховалингском амлакдарстве Кулябского бекства некий Ибрагим-бай, кроме крупного рогатого скота, одних коз и баранов имел более 4 тыс. Такие богатые скотоводы имелись также и в бекствах высокогорных районов Восточной Бухары. Так, мулле, ишану из кишлака Сангова Оби –Гармского амлакдарства, имевшему более 3 тысяч баранов, передавались пастбища в Дашти- Тупчане, а узбекским скотоводам из Явана сдавались в аренду участки в Оби Гарме.

В Кулябском бекстве, в Кизил-мазарском амлакдарстве, в кишлаке Лавака некий Лой-бай имел свыше 4 тысяч баранов, а рогатого скота, помимо рабочих быков, имел более 1000 голов.

По Каратегинскому бекству, в долине бассейна р. Хингоу, наиболее крупными скотоводами считались Ишан-Султан, Канаат-бай из кишлака Сафеддорон, Мулла-Касым-бай и другие, а в амлакдарстве Джиргаталь-киргизы Кара-Сарт-бай, Ходжа-Тафан-бай и другие. Кара-Сарт-бай имел 2 тысячи голов мелкого рогатого скота, 100 лошадей, свыше 40 верблюдов, более 60 кутасов (яков).

Вышеприведенные данные свидетельствуют о том, что торговые отношения, все же существовали между населенными пунктами, городами Центрального и Южного Таджикистана. Кроме того, города имели свои постоянные базары.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Гафуров Б. История таджикского народа в кратком изложении / Б.Гафуров. – М., 1949. – 476 с.
2. Галкин А. Краткий очерк Бухарского ханства / А.Галкин. Военный сборник, 1895. Т. 225, №10. – С. 419.
3. Грум-Гржимайло Г.Е. Очерки при Памирских стран / Г.Е. Грум-Гржимайло // Изв. РГО. – Т.2. – 1879. – С. 191.
4. Искандаров Б. Восточная Бухара и Памир во второй половине Х1Х в./ Б.Искандаров. – Душанбе: Андалеб Р., 2015. – 662 с;
5. Кушматов А. Таджикское крестьянство в конце Х1Х и начале XX века/ А.Кушматов. – Душанбе: Ирфон, 1998. - С. 45.
6. Кисляков Н.А. Очерки по истории Каратегина/ Н.А.Кисляков. К истории Таджикистана. – Сталинабад: Ленинград: Таджикгосиздат, 1941. – 240 с.
7. Латипов Н. К вопросу о социальных отношениях в Дарвазском бекстве накануне установления Советской власти / Н.Латипов // Уч. зап. Кулябского гос.пед.инст-та, 1957. – Вып.3. – С. 87-130.
8. Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в Х1Х-начале XX века/ А.Маджлисов. – Душанбе-Алма Ата, 1967. – 331 с.
9. Нечаев А.В. По горной Бухаре (путевые очерки)/ А.В.Нечаев. Спб., 1914. – С. 98.
10. Нарзикулов И.К. Краткие сведения о дореволюционной кустарной промышленности Таджикистана/ И.К.Нарзикулов. – Сталинабад, 1957. – С.15.
11. Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р. Хингоу в дореволюционный период/ М.Р.Рахимов. – Сталинабад, 1957. – 218 с.
12. Сухарева О. Позднефеодальный город Бухара/О.Сухарева. – Ташкент, 1962; Она же: Бухара Х1Х -начала XX вв. – М., 1966;
13. Февралова Н. Правобережная полоса Пянджа и Аму-Дарьи от Калаи Ванч до Керки/ Н.Февралова //Военный сборник, 1895. Т. 225, №10. – С. 422.


## САВДОИ ХОРИҶИИ БУХОРОИ ШАРҚӢ (ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ) ДАР ГУЗОРИШИ МУАЛЛИФОНИ ДАВРАИ ТОИНҚИЛОБИИ ОХИРИ АСРИ Х1Х ВА ОҒОЗИ АСРИ ХХ


Дар мақола дар асоси маълумотҳои мавҷуда дар асарҳои пажӯҳишгарони руси давраи тоинқилобӣ ошкор карда шудааст, ки пешравиҳои назаррас дар рушди савдо дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Шимолӣ) дар охирҳои солҳои 70- уми асри Х1Х баъд аз мустаҳкамгардии протекторати Россия аз болои Бухоро ва бартарафсозии парокандагии иқтисодӣ ва сиёсии кишвар ба вуқӯъ омаданд. Воридоти Аморати Бухоро ба доираи умумии истеҳсолотти капиталистӣ ба воридшавии тезутунди муносибатҳои капиталистӣ ба Аморати Бухоро овард.



**Калидвожаҳо**: Аморати Бухоро аморат, Тоҷикистони Шимолӣ, савдои хориҷӣ, вилоят, сохтори маъмурӣ, пажӯҳишгарони руси давраи тоинқилобӣ, хоҷагидории табиӣ.


## ВНЕШНЯЯ ТОРГОВЛЯ ВОСТОЧНОЙ БУХАРЫ (ЦЕНТРАЛЬНЫЙ И ЮЖНЫЙ ТАДЖИКИСТАН) В ОСВЕЩЕНИИ ДОРЕВОЛЮЦИОННЫХ АВТОРОВ В КОНЦЕ Х1Х НАЧАЛЕ ХХ. ВВ.


В статье на основе имеющихся сведений в трудах дореволюционных исследователей раскрывается, что заметные сдвиги в развитии торговли в Восточной Бухаре (Центральный и Южный Таджикистан) начали происходить в конце 70-х годов Х1Х века, после утверждения протектората России над Бухарой и ликвидации экономической и политической раздробленности края. Втягивание Бухарского эмирата в общую сферу капиталистического производства привело к интенсивному проникновению капиталистических отношений и в Бухарский эмират.

**Ключевые слова**: Бухарский эмират, Северный Таджикистан, внешняя торговля, вилайет, административное устройство, русских дореволюционных исследователей, натуральное хозяйство.

**INTERNAL TRADE OF WESTERN BUKHARA (CENTRAL AND SOUTHERN TAJIKISTAN) IN HIGHLIGHTING PRE-REVOLUTIONARY AUTHORS IN THE END XIX BEGINNING XX CENTURIES**

In this article on the base having information in works pre-revolutionary researchers' that are shows flourishing in development of the trade in Bukhara (Central and Southern Tajikistan) have occur in the end 70[th] of the XX century, after confirming protectorate of Russia over Bukhara and liquidation economic and political of the edge. The involvement of the Bukhara Emirate in the general sphere of capital production led to an intensive penetration of capitalist relation in the Bukhara Emirate.

**Key words:** Bukhara Emirate, Northern Tajikistan, internal trade, edge, administrative apparatus, Russian pre revolution researchers', natural facilities.

**Сведения об авторе:** ***Парвиз Мирзои Саидзода*** _ аспирант кафедры древней средневековой истории и археологии Таджикского национального университета. Телефон: **+(992) 985736993**.

# АСП ДАР АСОТИР, МАТНҲОИ ХАТТӢ ВА ОСОРИ БОСТОНШИНОСӢ

***Асрориён Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳаким Умар Хайём дар «Наврӯзнома» дар сифати асп менависад: «...Аз сурати чаҳорпоён ҳиҷ сурат накутар аз асп нест. Чи вай шоҳи ҳама чаҳорпоёни чаранда аст»[27,53]. Ин навишта аз мушоҳида, дониш ва анъанаи кухани мардумӣ берун омадааст. Шоҳони Каёнӣ аз Кайлухросп, Кайгуштосп ва тӯронӣ Арҷоспу Ҷомосп ва падари Зардушт Пурушаспу дорандаи даҳ ҳазор асп-Беварасп (Заҳҳок) дар номҳои худ пайвастагие бо асп доштанд. Ин ҳама беҳуда нест. Сифатҳо ва ҳамсафари содиқ ба одам будан аспро муҷиби парастиш гардонд. «Парвариши асп ва гирифтани насли таковарҳои хушзоту бидави ҷангӣ яке аз амалҳои писандидаи ниёгони тоҷик будааст. Асп то ҷое дар миёни ин мардум қадру қимат дошт, ки дар «Авесто» номҳои фариштаи кулли чорпоён - Гушурун, фариштаи асп - Давонасп зикр шуда, мавриди парастишу ниёиш қарор мегиранд» [24,57].

Ба қавли Аҳмади Тӯсӣ «...асп ҷонвари шариф аст ва таркиби неку дорад ва қуввати тамом дорад» [26,522] ва яқин ки дар пешрафти рӯзгор, ташаккули ҷомеа нақши муҳим бозида, сабаби кашфиёту дастовардҳои инсонҳост. Бо ром шудани асп саҳифаи тозае дар ҷаҳонкушоӣ афзуд. Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» менависад, ки: «Аспҳои бохтарӣ, урдуи лашкари савораро падид овард, боиси такмили сипоҳони ҷангӣ гардид, усулҳои ҷанг ва санъати лашкаркаширо тавсеа бахшид, дар илми лашкаркашӣ стратегияи ҳамлаи barқворро афзуда, дар санъати ҷанг саҳифаи нав кушоданд»[24,56].

Ҳанӯз дар аҳди бостон асп дар суруду мусиқӣ тараннум ва ба китоби муқаддас роҳ ёфт ва мавриди ситоиш қарор гирифт. Дар готҳои Авасто пораеро бо унвони «Мозару аспон» муайян намудаанд, ки «оҳанги саворон» маънидод мешавад [17,28]. Ба исботи дурустии он аснод мавҷуд аст. Дар мухре, ки дар Эрмитажи давлати Русия маҳфуз аст, В.Б. Ҳеннинг вожаеро дар шакли «асбаропат» дарёфт. Қисми аввал, ба андешаи ӯ аз форсии миёна «асбар», яъне «савор» мебошад. Қисмати дуюм аз «пат»-и форсии куҳан ба маънои «соҳиб» аст. Саранҷом, ин унвон буда, сардори саворон маънидод мешавад [10,250]. Пайдоиши вожаи асп дар худ асроре ниҳон дорад, ки ба сифатҳои табиияш дар иртибот аст. Вақту замонро низ ниёгони мо ба ҳаракати асп дар муқоиса мегирифтанд.

Агар амиқтар бингарем, дар адабиёти қадим асп аз решаи «Ас», ба маънии даванда ё тезтак мебошад. «Аспаборӣ» дар форсии бостон ба маънии нишаста бар асп буда, вожаҳои «асвор», «асворон» ва «савор» аз он берун омадааст [11,103].

Бино ба андешаи А.Низомӣ тавсифи асп дар асрҳои баъдина ба мусиқӣ зеботар роҳ ёфтааст. Ӯ аз қавли Ибни Хурдодбеҳ яқин мекунад, ки яке аз таронаҳои замон «Асброс» унвон доштааст, ки маънои «Роҳи асб» (яъне асп ва рос-роҳ)-ро медиҳад. Шояд ин ҷо ишора ба зарбу равиши асп бошад, натиҷа мегирад олим [17,28]. Он чи гуфтем заминаи таърихӣ дорад ва ҳамзамон дар алоқамандӣ бо асп устураи ориёӣ маълумоти зарурӣ медиҳад. Қисмате аз паҳлавонони устуравӣ ва қаҳрамонҳои воқеӣ ба василаи аспон ба мақсадҳои худ ноил шуданд. «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ, «Фарасномаи»-и Бедил, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Аҷоибот-ул-маҳлуқот» Аҳмади Тӯсӣ дар баробари такя ба асотир ва «Достони Асп»-и Давлат Сафар воқеияти куллро баррасӣ менамоянд. Дар муддати давронҳо беш аз 90 фарасънома таълиф шуда, ки аз арзишманд будани асп пеши инсон аст [16,6].

Бавижа «Шоҳнома»-и Фирдавсиро метавон аз манбаи муҳим дар шинохти мақоми асп, ҳамчун ёри содиқи одам донист. Дар баробари шоҳоне, ки зикраш рафт, номи Сиёвуш

низ ба асп иртибот дорад, ки аз Сяворшана баромада, «аспи сиёҳ» маънидод шудааст. Ва пажӯҳишгарон муътақиданд, ки Шабдиз аспи дӯстдоштаи Хусрави Парвиз тағйирхурдаи ҳамон Сиёвуш аст [14,406]. Аз ҳамин будааст, ки Шабдиз низ ба мусиқӣ роҳ ёфт. Борбад дар лаҳни «Шабдиз» аз чобукӣ, дав, шиҳа ва пойкӯбии аспи дӯстдоштаи Хусрави Парвиз ҳикоят мекунад. Ситоиши Рахш дар «Шоҳнома» аз қаҳрамонони достон кам нест. Дар бахши «Ҷанги Рахш бо шере» аз хусуси ҷоннисории аспи Рустам сухан меравад. Ҳангоме шер хост нахуст ба Рахш ҳамла кунад, «Чу оташ биҷӯшид Рахш он замон» ва:

*Ду даст андароварду зад бар сараш,*
*Ҳамон тездандон ба пушт-андараш.*

*Ҳаме зад-ш бар хок то пора кард,*
*Дадеро бад-он чора бечора кард [27,69].*

Замоне ки Рустам дар хоб буд, Рахш бо аждаҳо разм овард ва барои наҷоти Рустам талош намуд:

*Ҳаме куфт бар хок рӯинасум,*
*Чу тундар хурӯшиду афшонд дум [27,74].*

Рахш дар нисбати Таҳамтан садоқат меафзуд, ки аз аждаҳо ба ӯ осебе нарасад:

*Дилаш з-он шигифтӣ ба ду ним буд,*
*К-аз Рустаму аждаҳо бим буд [27,76].*

*Хурӯшиду ҷӯшиду барканд хок,*
*Зи наълаш замин шуд ҳама чок-чок [27,76].*

Эпоси мардумии «Гӯрғулӣ»низ дар ҳамин мартаба аст ва аз вафодорӣ ва садоқати асп ҳикоят мекунад. Аз даврони гузашта то имрӯз Рахши Рустам, Шабранги Сиёвуш, Гулгуни Ширин, Шабдизи Хусрав, Ашқари Баҳроми Гӯр дар адабиёт барҷоанд. Агар ба «Фарасномa»-и Бедил бингарем хоҳем дарёфт, ки Рахш дар адабиёт намуна аст, чунонки инсонро мартаба бувад:

*Ба ҷое, ки ин Рахш бошад равон,*
*Адам зиндагиро нагирад нишон.*
*Ба ҳар гом сад дашт тай карданаш,*
*Зи ҳар шиҳа сад кӯҳ ҳай карданаш [25,3].*

Ва Низомӣ, ҳангоме ки аз шикори дилдодагон Хусраву Ширин қисса мекунад, ишора ба аспони эшон Шабдизу Гулгун низ дорад:

*Маҳу хуршед дил дар сайд бастанд,*
*Ба Шабдизу ба Гулгун барнишастанд [25,3].*

Давлат Сафар дар пайравӣ ба бузургони адабиёт дар сифати асп, бавижа чашмони ӯ тасвири зебоеро корбаст мекунад:

*Ҳама зеби олам ба чашмони ӯст*
*Ки шомаш ҳамеша чу субҳи накуст [25,20].*

Дар эпоси «Гӯрғулӣ» баъзе сифатҳои инсон: тезҳуш, тезфаҳм, зирак, ҳушёр ба аспон нисбат дода мешавад. Дар ҷое ҳилагар низ омада, ки маънои маккорӣ медиҳад, вале фитнагар нест, чорасоз аст ва ҳушёр. Барои раҳидан аз балову офатҳо зиракӣ дорад. Дар мавриди Ашқар (қири)-и Аваз аст:

*Ҳиллагарай қири Авазшо,*
*Гоҳ ба сар мерава, гоҳе ба нуло [2,44].*

Яъне мавриди зарурӣ гаваккашон аст.Пояҳои асотирӣ дар адабиёти таърихӣ заминаи пайдоиши боварҳо ва тасаввуроти ҷолиб гардидаанд. Чунончи, ба Сулаймон алайҳиссалом арз кардаанд, ки «дар фалон саҳро аспони баҳрианд». Ӯ ҷинниёнро гуфт: «Ин аспонро бигиред! Натавонистанд гирифтан. Пас чашмае буд аз он об хӯрдандӣ, пури хамр карданд. Эшон бихӯрданд, маст шуданд, ҷинниён бар он нишастанд ва пеши Сулаймон алайҳиссалом оварданд.

Ва гӯянд, ки аспон шарт карданд бо Сулаймон алайҳиссалом, ки занон бар мо нанишинанд. Ба ин шарт аз дарё баромаданд. Чун занҳо бар асп барнишастанд, болҳо пинҳон карданд» [25, 522-523]. Ва яқин аст, ки устураи аспони болдор дар адабиёти мо ва «пегас» дар Ғарб аз ҳамин давронҳост. Ин заминае гардид, ки бештари аз эҷод ва офаридаҳо ва тасаввурот барои як минтақаи паҳновар умумӣ бошанд. Тасвири ҳайвонот дар ёдгориҳо, ки олимон «Сабки вуҳуш» унвонаш додаанд, бо тасвироти муваффақ боқӣ монд. Қисматеро, ки ба даврони хеле куҳан тааллуқ доранд, ба аспҳо нисбат медиҳанд, ки аз боварҳои сакоӣ заҳидаанд. Воқеан, сакоиҳои ҳавзаи Сирдарё дар парастиши асп дилбастагии хосса доштанд. Ба андешаи муҳаққиқон дар асотири ориёӣ парастиш ва таранну ми асп-ҳамчун рамзи хуршед мавқеи устувор дорад, ки ба ҳамин ақвом дар робита мебошад. Ин анъана то замони мо низ расидааст [14,403].

Аз нуктаҳои баррасишуда бармеояд, ки ба чанд омил асп шоистаи парастиш шуд. Бино ба таҳқиқи Аҳмади Тӯсӣ «Асп хосияти тезбинӣ дорад, дар шаб чизҳо бинад…Аз ҳайвонот раънои асп кунаду одамию хурусу товус. Дандонҳои ҳамаи ҷонварон дар пирӣ сиёҳ шавад, аз они асп сапедтар гардад…, асп табъи латиф дорад. Ва асп бо модару хоҳар ҷимоъ накунад… ва асп шиновӣ (шиноварӣ) некӯ донад…» [26,523]. Ҳамзамон воситаи боркашонӣ, саворӣ ва асбоби ҷангӣ будани асп мавқеи онро дар ҷомеаи қадим ва асрҳои миёна устувор гардонд. Бахусус дар кишваркушоӣ нақши асп барои мардуми размовари сакоию бохтарӣ муҳим буд. Бино ба таълифоти И.В.Пянков, таърихнигори антиқӣ Ктесий аз ҳунари аспсаворӣ ва тирандозии ҷанговарони бохтарӣ ва ҳангоми дави асп аз пайкон ва камон тир андохтанашон ҳикоят мекунад [9,64]. Ин маълумот беасос нест. Аз рӯйи тадқиқоти олимони фаронсавӣ, дар ҳазораи lV қабл аз милод дар даштҳои ҷанубу шарқии баҳри Хазар мадракҳо аз истифодаи густурдаи асп гувоҳӣ медиҳанд. Аз навиштаҳои Ф.Гончар, ки осори муҳим-«Аз нақши асп дар аҳди бостон» вомондааст, ин нуктаро метавон пайдо кард. Ба ақидаи Р.Гиршман пайдоиши аспҳои хушзоту тездав ба сарзаминҳои ҷанубу шарқии Хазар иртибот доранд. Аз ҳамин аст, ки зоти текин (ахалтекин, ҳамон хатлонӣ-Ҷ.А) аз ҷумлаи беҳтарин аспони хушзот ба шумор мераванд [9,64]. Бино ба андешаи тақвиятбахши олимон, аз давроне, ки ориёиҳо либосро эҷод карданд, истифодаи аспро ба роҳ андохтанд. Ин ба ҳазораи lV-lll то милод рост меояд, ки Ҳушанги асотирӣ салтанат дошт [14,403]. Чуноне ки мебинем, парастиши асп як рукни анъана ва маданияти аҷдодӣ боқӣ монд. Бостоншинос В.М. Массон андешаҳои дигаронро тақвият бахшида, муътақид аст, ки парастиши асп дар ҳазораи lll-ll то милод роиҷ будааст.

Намунаи дигаре, ки аз қадимияти ориёиҳо дар парвариши асп санад аст, гардунаи ҷангӣ мебошад, ки дар муқовимат бар душманон фишанги асосӣ будааст. Бино ба навиштаи муҳаққиқони фаронсавӣ, олмонӣ ва шӯравӣ оғози қисматшавии аҳолии бузурги ҳиндуориёӣ ба ҳазораи IV то м. рост омада, дар ҳазораи II то м. анҷом ёфтааст. Аз ин пас ақвоми ориёӣ дар рушди тамаддуни башарӣ саҳм гирифта, ба андешаи Р.Гиршман гардунаи ҷангиро бо асп ба Шарқи Наздик, Байнаннаҳрайн ва Миср бурдаанд [9,65].

Хеле ғалатист, ки сангтасвири гардунаи ҷангӣ, дар баландии 3800 м аз сатҳи баҳр, аз водии Оқҷулгаи Бадахшон соли 1972, аз тарафи геолог В.П.Булиний пайдо гардид. Ин сангтасвирҳо дар Осиёи Марказӣ ҳамсон надоранд. Аз рӯйи фарзияи В.А.Ранов манзара аз саҳнаи ғолибони ҷанг ҳикоят мекунад ва муҷассамагари мазмуни асотирист. Пайдоиши ин тасвиротро В.А.Ранов ба миёнаҳои ҳазораи II ва ибтидои ҳазораи I мутааллиқ медонад, ки бо унвонҳои асри биринҷи муттараққӣ ва пасин шинохта шудаанд [23,33].

Гардуна бо аспон дар боварҳо ва ҷаҳонбинии ақвоми ҳиндуориёӣ аҳамияти бузург дошт. Дар «Авесто» ва «Ригведа» омадани сифату ситоиши онҳо бесабаб нест. Митро дар «Авесто» Худои фурӯғ ва рӯшноист. Он ҷо омада, ки ба нахустин бор ӯ дар фойтуни заррини чорaспа аз осмон, аз болои кӯҳи Харои сарзаминҳои ориёӣ…фуруд омад. Умари Хайём тасдиқ мекунад: «Ва гӯянд он фаришта, ки гардунаи офтоб кашад, ба сурати асп аст, Алвас ном» [28,53]. Нигораи арзишманди заррин, ки аз Тахти Сангин пайдо гардид, намунаи олии ҳунар мебошад. Болои гардунаи заррин ду савора рост истодаанд, яке ба пеш, дигаре ба паҳлуи чап ва пушт менигаранд. Кулоҳ ва либосҳояшон аз ҳунари заргарон далел аст. Чор аспи бо ароба баста дар ҳолати омодабош қарор доранд. Тамоми аъзои аспон, саворагон, гардунаи дучарха ва ғ. аён мебошанд, ки аз ҳунари волои заркӯбони бохтарӣ гувоҳӣ медиҳанд. Ҳатто, ёлҳо бо нозукию нафосат бо хатҳои хосса ишора шудаанд [3, 39].

Намунаи дигаре, ки аз Тахти Сангин пайдо шуд, қубба бо тасвири гиппокомпес мебошад, ки дар устухони фил кандакорӣ шудааст. Лавҳ тасвири тахайюлии зан аст бо думи мормоҳӣ, нимаспу болдор. Бо дасти чап бели завракрониро ба тариқи амудӣ бардошта, бо дасти рост маводи лунда (себ, санг, садаф)-ро афкандаанист. Мӯйҳои пурпечутоби кушодааш мавҷ мезананд. Чеҳра бо бинии рости дароз, пешонии фарох, ҳалқаи абрувон ва лабони пурханда зебо ва дилбаранд. Болдор тасвир шудани зан бори асотири мекашад ва нимасп (кентавр) дар олами устурашиносӣ маъруф аст [3, 22-23].

Дар баробари осори Тахти Сангин дар навоҳии Кӯлоб тасвирҳое ба даст омаданд, ки бо асп дар иртиботанд. Тасвири олами вуҳуш на танҳо аз мушоҳида, донишу тасаввурот ва боварҳо маълумот медиҳанд, бар он афзун, аз салиқаи ҳунарии ҳайкалтарошии бохтарӣ нишонаи зарурианд. Дар бунёди ҳайкалҳои ҳайвонот сабки зебое мушоҳида мешавад, ки аз гил ва маснуоти дигар сохта шудаанд. Аз тарафи бостоншиносон дар нимаи дуюми асри XX аз Холчаён ҳайкалчаи савора ва қисмате аз асп пайдо шуда буд, вале он чи аз мақому мартабаи асп далолат кунад, маводи зарурӣ надошт. Ёдгории Саксанохур, ки солҳои 1966-1967 ва солҳои 1973-1976 аз тарафи Б.А.Литвинский ва Х.Муҳитдинов таҳқиқ шуд, ба бисёр саволҳо посухи мушаххас дод. Дар ин ҷо ҳайкалчаҳои зиёди сафолӣ ва қолибҳо пайдо карда шуд, ки нишона аз корхонаи косибон

буд. Ҳайкалчаи Саксанохурро «Аспсавор» унвон доданд. Савора кулоҳи нӯгтез дорад, либос, бинии барҷаста ва чашмонаш чуқур тасвир шуда, даҳонаш нимво мебошад. Дастонаш дар бадан, балки дар шикамаш часпидаанд. Гӯё рикобро дар даст дорад. Пойҳо пеш баромада, бо пойҳои асп қаринанд. Асп бо гардани дароз, каллаи хурд, ки таносуб бо гӯшҳои хурди рост дорад, муҷассам шудааст. Ёлҳои мавҷдор ва рост рӯшан намоёнанд.

Аз осори ғайримуқаррарӣ сагаки тиллоӣ буд, ки унвони шартии «Сагаки камарбанд бо манзараи шикори гуроз»-ро гирифт. Манзара хеле ҳунармандона аз тилло (андозаи 5,3.х 5,4 см) сохта шудааст аз маҳорати олии заргарону заркӯбон далел мебошад. Гӯё ҳама манзара дар як доираи хосса ғунҷонда шудааст, ки чоркунҷа буда, бо раҳҳо оро ёфта, хеле ғалатӣ ва ҷолиб менамоянд. Асп бо ёлҳои қайчихурдаи кӯтоҳ ба ду пойи пасаш хам аст. Дар рӯйи гардан ва даҳон нишонаи лаҷом рӯшан менамояд. Дасти рости савора то гӯш боло бардошта шудааст ва найзаро дар ҳоли партоб додан аст. Дасти чап аз оринҷ қат шудааст то камарбанд, ки саҳнаи зебоеро намояндагӣ мекунад.

Тасвири савора ва асп ба чанд нуктаи мантиқӣ роҳ мекушояд, ки осори Тахти Сангин ба оламиён муаррифӣ кард. Симои мардон дар ин ёдгорӣ ҷиддӣ ва босалобат тасвир шудаанд. Дар тафаккури он овон мардон дар ҳама ҳолат сарбозу разманда, заҳматпеша ва шикорчӣ муҷассам буданд. Ва ҳатто пас аз марг бо василаҳои пайкор ва бо камону тир дафн мешуданд. Дар осори Тахти Сангин муҷассамаи мард бо қиёфаи ҷиддӣ, ки дар тан қабо (хитони юнонӣ) дорад, ҳунармандона тасвир ёфтааст. Дар манзараи саҳнаи шикор ду мард болои аспони дар дав, ҳангоми шикор нақш ёфтаанд. Аспон хеле табиӣ тасвир шудаанд. Андом ва сару либоси саворагон ба хубӣ менамояд. Онҳо пироҳани кӯтоҳдомани шикории остиндор ба бар кардаанд. Гиребонашон чок (V-шакл) дорад. Маълум аст, ки пироҳан махсус барои шикор омода шудааст. Гиребони ҳамвор бо нақшҳо оро ёфтаанд.

Осори хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ ба чанд нуктаи меҳварӣ далеланд. Нахуст бунёдгарони империяи ҷаҳонӣ-ориёҳо аз ромкунандагони асп (ҳазораи IV) ба шумор рафта, дар бунёди ҷомеаи инсонӣ саҳми беназир доранд. Аспро дар кори ҳарбӣ истифода карда, ба бунёди лашкари савора муваффақ шуданд. Зеро ба қавли Тамара Ройс «Бохтариҳо аз нажоди боистеъдоду ҷангҷӯ ва хушманд буданд» (3,36). Вагарна наметавонистанд сарзаминро бо марзҳои паҳноварзери назорат дошта бошанд. Онҳо аз ибтидо медонистанд, ки «Шамшер посбони мулк асту нигаҳбони миллат. То вай набувад ҳиҷ мулк рост намеистад, чи ҳадҳои сиёсат бо вай тавон нигоҳ дошт» [28,43]. Дар миёне Ашкониён размандагони чобук доштанд. Асоси лашкари онҳоро танҳо саворагон ташкил медоданд. Дар ин бора Юстин менависад: «Ҳама ҳолат онҳо (портиҳо) савораанд: дар набардҳо, меҳмонӣ, адои корҳои шахсӣ, хидмати давлатӣ; савора саёҳат мебароянд, дар суҳбат бо якдигар ва ҳангоми тиҷорату машварат рӯйи аспанд» [18,96 ;7,56].

Асп дар боркашонӣ ва василаи нақлиёт ва кори почта ва тиҷорат истифода мешуд ва то даврони кашфиётҳои бузург мақоми худро нигоҳ дошт. Дар боварҳои мардум асп мартаба ва ҷойгоҳи хосса дорад. Дар мурчал ба аспон ва онҳое, ки дар ин сол зода шудаанд, хулқу хислати накуро пешгӯӣ мекунанд. Дар моҳрӯз ё тақвими мардумӣ ва кайҳоншиносӣ мақоми асп муайян аст. Аз рӯйи навиштаҳои А.П.Шишов «Роҳи каҳкашон»-ро мардуми кӯҳманзар «Изи асп ё изи гов» («пайи сумби асп») ном ниҳодаанд. Тибқи боварҳои мардум,-менависад А.П Шишов, -дар қисмати гирдаи он, дар наздикиҳои марказ асп, дар натиҷаи даву този зиёд афтида хобидааст, аммо гов ин роҳро беофат тай намудааст» [30,347]. «Имрӯз ҳам мардуми тоҷик қадру қимати аспро медонад…ва барои чобуктару зеботар намудани зоти асп кӯшида, дар тимсоли аспҳои бохтарӣ, тахорӣ ва хатлонӣ як достони ибратангези аспи миллии хешро офарид» [24,64].

Ин овон бозиҳои мардумӣ ва анъанаву маросимҳоро бе асп наметавон пазируфт. Дар миён бузкашӣ, аспдавонӣ ва пойгаҳо ҷойи хосса доранд, ки ҷашнҳои миллӣ ва давлатиро зебу шукӯҳ мебахшанд. Бузкашӣ (бозкашӣ) ба аспдавонӣ ва маросим ба аспу саворагон дар пайвандии куҳананд. Бузкашӣ архетип, инъикоси шикор ва ҳам бурди ғанимат аст [2,157], ки моро ба анъанаҳои хеле куҳан мепайвандад.

**АДАБИЁТ**


1. Асрориён Ҷ. Ин заминро арҷ аз арш аст / Ҷ.Асрориён // Маҷмӯаи мақолаҳо ва муколамаҳо. -Душанбе, 2009.-190 с.
2. Асрориён Ҷ. Гӯрғулӣ. Гузориш ва нигориш / Ҷ .Асрориён, Гӯрғулӣ.-Душанбе, 2010.-186 с.
3. Асрориён Ҷ., Азизов М. Тахти Сангин / Ҷ.Асрориён, М.Азизов. -Душанбе, Ирфон, 2012. -70 с.
4. Асрориён Ҷ . Овои таърих / Ҷ.Асрориён // Тоҷикистон.-2014. -№11-12.-С.24-25.
5. Асрориён Ҷ. Сиккаҳо ва ҷузъиёти падидаҳои таърихӣ / Ҷ.Асрориён // Паёми ДМТ.- №3/5.-2015.-С. 41-45.
6. Асрориён Ҷ. Архитектурный комплекс Мир Саида Али Хамадони / Ҷ.Асрориён //Паёми ДМТ.-3/8-2015.-С.3-6.
7. Асрориён Ҷ. Марз ва марзбонӣ// Асрориён Ҷ., Асрориён А. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи тоҷик,2017.-124 с.

8. Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур /Составители А.Раджабов, Р.Мукимов П.Джамшедов,Х Назаров.-Душанбе,2006.-738 с.
9. Гиршман Р. Иран и миграция индоариев и иранцев / Р.Гиршман. В кн.: Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур. -С.63-69.
10. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғафуров. -Душанбе, «Ирфон»,1998.-416 с.
11. Донишномаи Маздаясно. -Теҳрон,1386.
12. Кузьмина Е.Е. Конь в религии и искусствеСаков и Скифов / Е.Е. Кузьмина // Скифы и Сарматы .-М.-Л.,1977.
13. Кузьмина Е.Е. Третий этап миграции пастушеских племен / Е.Е.Кузьмина. В кн.: Арийская цивилизация В контексте евроазиатских культур . -С.46-42.
14. Мирбобоев А., Файзуллоев М. Культ животных в мифологии арийских племен бассейна реки Сирдаря / А.Мирбобоев, М.Файзуллоев. В кн.: Арийская цивилизация в контексте евроазиатских куль-тур.-С.399-422.
15. Муродиён Ҳ. Шаҳпари инсон / Ҳ.Муродиён, Х.Қурбонзода. -Душанбе, Матбуот, 2003.
16. Муродиён Х. Конь в пространстве персидско-таджикской литературы / Х. Муродиён. -Душанбе: Ирфон, 2013. -482с.
17. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. -Душанбе, «Адабиёти бачагона»,2014. -384 с.
18. Пигулевская Н. Города Ирана в раннем средневековье / Н. Пигулевская. - М.-Л, «Издателство А Н СССР»,1956.-354 с.
19. Пичикиян И.Р.Раскопки на Тахти Сангин / И.Р.Пичикиян. Археологические открытия, 1985.-М., Наука, 1987.
20. Пичикиян И.Р. Резултаты раскопок на Тахти Сангин в 1983 г / И.Р. Пичикиян //АРТ.—Вып. 23.-Душанбе, «Дониш»,1991.
21. Пичикиян И.Р. Раскопки Тахти Кубадского отряда ЮТАЭ / И.Р. Пичикиян. (Фасад Храма Окса) //АРТ.-Вып. 25.-Душанбе, «Дониш»,1994.
22. Пьянков И.В. Бактрия в античной традиции / И.В. Пьянков //Общие данные о стране: Название и территория.-Душанбе, «Дониш»,1982.-64 с.
23. Ранов В.А. Колесницы ариев по данным петроглифов Ак-джилги (Восточный Памир) / В.А. Ранов. В кн.: Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур.- С.132-134.
24. Раҳмон Э.Тоҷикон дар оинаи таърих / Э.Раҳмон. Аз Ориён то Сомониён. -К.1.- Лондон.
25. Сафар Д. Достони Асп (Манзума) / Д.Сафар. -Душанбе, Адиб, 2017-144с.
26. Тусӣ, Муҳаммад ибни Махмуд ибни Аҳмад. Аҷоибнома.- Душанбе, «Эр-граф», 2016. -604 с.
27. А.Фирдавси. Шоҳнома / А.Фирдавси. - Ҷ ll.-Душанбе, Адиб, 2007.
28. Хайём У.Наврӯзнома / У.Хайём. -Душанбе, «Адиб», 2012.-90 с.
29. Шипман К. Мабнои таърихии Портиён / К.Шипман. -Фарзон,1390.
30. Шишов А.П.Тоҷикон / А.П. Шишов. -Душанбе, «Андалеб -Р»,2015.-464 с.
31. Якубов Ю.Первое арийское государство / Ю.Якубов В кн.: Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур. -С.102-131.

## АСП ДАР АСОТИР, МАТНҲОИ ХАТТӢ ВА ОСОРИ БОСТОНШИНОСӢ

Асп ҳамчун ҷузъиёти ҷомеаи инсонӣ дар рушду нумӯи давлатдорӣ ва бунёди иҷтимоиёт нақши муҳим дорад. Аз даврони ром шудани асп (ҳазораи IV то милод) бо садоқати комил, василаи боркашонӣ, ширкати фаъол дар ҷаҳонгирӣ ва пайдоиши лашкари савора ҳамсафари инсон буд. Дар ҷомеаи ориёӣ мақоми хосса пайдо карда, дар номҳои шоҳон мавкеъ гирифт ва ҳамчун рамзи хуршед боиси парастиш гардид. Асп сабаби ба вуҷуд омадани лашкари савора, гардунаи ҷангӣ ва ҷаҳонкушоӣ буд.

**Калидвожаҳо:** асотир, «Авесто», асп, «Мозару аспон», асбаропат, асбар, ас, аспони болдор, пегас, дучархаҳои ҷангӣ, гиппокампес, нигораҳои таърихӣ.

## КОНЬ В МИФОЛОГИИ, ПИСЬМЕННЫХ И АРХЕОЛОГИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ

В развитии человеческой цивилизации приручение лошади было очень важным и значимым. Этого благородного животного, которого Омар Хайям считает «краше и милее и… царем травовоядных четвероногих», почитали с древнейших времен и воспевали в различных вариантах национального творчества, от мифологических сказаний до замечательных авторских произведений. Самый древний письменый источник, священная книга «Авеста» упоминает о лошади. В нём отражен образ коня, как верного помощника человека в бытвах и мирной жизни. Почитание и прославление коня как символа солнца имело устойчивое место в мифологии и его считали выразителем великолопия – фарня каянидов.

**Ключевые слова:** миф, «Авеста», лошадь, конь, «Мозару аспон», асбаропат, асбар, ас, крылатые лошади, пегас, боевые колесницы, гиппокампес, исторические памятники.

## A HORSE IN MYTHOLOGY, WRITTEN AND ARCHAEOLOGICAL SOURCES

In the development of human civilization, the taming of the horse proved to be very important and significant. This noble animal, the great Omar Khayyam considered "more beautiful and lovelier and ... the king of herbivorous quadrupeds". Horse Pachi-tali from ancient times and sang in the most diverse versions of national creativity, from mythological tales to remarkable author's works. The oldest written source, the sacred book of "Avesta" mentions a horse. It depicts the image of a horse as a faithful assistant of man in battles and peaceful life. Honoring and glorifying the horse as a symbol of the sun had a stable place in mythology and it was considered a spokesman for magnificence.

**Keywords:** Myth, "Avesta", Horse, Horse, winged horses, Pegasus, battle chariots, hippocamps, historical monuments.

**Сведения об авторе:** ***Асрориён Джонибек*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры древней, средневековой истории и археологииисторического факултета. Телефон: **900-900-437.**

# СОХТОРИ ТАДҚИҚОТИ МАНБАЪҲО: ШАРОИТҲО ВА МУҲИТИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ МАНБАЪҲО

***Иброҳимов М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар дарёфт кардани самтҳо ва талаботҳои омӯзишии манбаъҳои таърихӣ ба тадқиқотчи зарур аст, ки, пеш аз ҳама, таркиб ва сохтори манбаъҳои таърихиро муайян кунад. Яъне, дар назди тадқиқотчӣ иҷрои вазифаҳои зерини заруру ҳатмӣ пеш меояд. Барои тадқиқотчӣ муайян кардани шароитҳои пайдошавии манбаъ, шароитҳои эҷоди манбаъҳо, муаллифи манбаъ, муаллифи матн, сабабҳои коркарди матн (асар) дар шароити ҷомеаи иҷтимоӣ ва дар доираи фарҳангӣ шарҳу тафсир ва таҳлили илмии манбаъ, талаботи синтези манбаъшиносӣ ва таснифи матн шарт мебошад. Дар раванди омӯзиш, таҳлил ва тадқиқи манбаъҳо, пеш аз ҳама, ба ҳамон фазои душвор ва пуртазоди фарҳангию иҷтимоӣ, ки донишҳои гуманитариро ба вуҷуд овардаанд, диққати махсус дода мешавад.

Маҳз бо назардошти ин, оғози раванди муҳақиқ тадқиқотчи аз омӯзиши сохтори ташкилоти иҷтимоӣ ва механизмҳои фаъолияти онҳо оғоз мeёбад. Вале дар ин раванд хусусияти фарққунандаи муносибат ё нуқтаи назари тадқиқотчӣ ба хориқаи фарҳангӣ нисбати давр, ба омӯзиши манбаи таҳлил ва баррасии манбаъ, ки он қисми таркибии сохтори ташкилоти иҷтимоӣ аст, бо дигар манбаъҳо алоқамандӣ доранд ва, дар навбати худ, дар онҳо муносибати мутақобила ҷой дорад. Гарчанде муаллифи ҳуҷҷат-асари таърихӣ маълуму мушаххас бошад ҳам, он дар хориқаи тамаддуни замони худ таъсир мерасонид, зеро зуҳуроти интерсубъективӣ (фосиладор) мушоҳида карда мешавад. Муҳаққиқ асрҳо маҳфуз буда, эҷоди мудирияти давру замонро қабул намуда, таркибии сохтори иҷтимоӣ ва ҷузъӣ дониста мешавад, ин сохтор бо дигар ҷузъи сохторҳои ҷомеа муносибати мутақобила дорад, он дар аксар мавридҳо раванди тағйирёбандаро касб менамояд. Зеро муҳити фарҳангӣ ва муносибати он бо дигар унсурҳои сохтори иҷтимоӣ мунтазам ва доимӣ дар ҳаракат аст» [1]. Ин таҳқиқот ҳадафи тасдиқ намудани муносибати тадқиқотчиро нисбат ба манбаи таърихӣ хамчун асари бавуҷудоварандаи шароите, ки дар он манзури ташкилоти иҷтимоиро ҳифз менамоянд, ҳадафҳои дар пеш гузоштаи ҷомеа ва имконоте, ки он барои татбиқи ҳадафҳои худ нигаронида шудааст, фароҳам меовардааст.

Моҳияти аслӣ барои шарҳу тафсири асарҳои таърихӣ, ҳолатҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ мебошад: шаклҳои ташкилотҳои иҷтимоӣ, шаклу воситаҳои муносиботе, ки инсонҳоро ба ҳамдигар наздик месозанд. Дар мисоли муносибатҳои ҳуқуқӣ, маданӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ гуфтан мумкин аст, ки манбаъ ё сарчашмаи таърихӣ хориқаи фарҳанги замону давр аст: он дар шароити мушаххас падид омадааст (ва бе ягон василаи муайян шарҳу тафсир намеёбад). Алоқамандии шароитҳои объективии ҷамъиятӣ ва хоҳиши ихтиёри муаллиф манбаи таърихиро дар вазъҳои гуногун ба таври мухталиф ба вуҷуд меоранд. Вақте ки мо мегӯем, манбаи таърихӣ маҳсули шуури инсон замон аст, пеш аз ҳама, онро дар назар дорем, ки асар ё манбаи таърихӣ ҳадафнок ва оқилона офарида шудааст. Аммо, дар навбати худ, он дар асоси амри воқеии таърихӣ падид омада, мутобиқ ба шароитҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, фарҳангӣ, техникие, ки онро муайян кардаанд, амалӣ мегардад. Ҳадафи аслии ин марҳилаи таҳқиқ тасдиқ намудаи нуқтаи назар ё муносибат ба манбаи омӯхташаванда ҳамчун намунаи ҳақиқӣ ва объекти сохтории он мебошад. Муҳаққиқ донишҳои илмӣ ва аллакай маълумшударо оиди ҳақиқати таърихӣ ҷамъбаст намуда, дар назди худ савол мегузорад, ки чӣ тавр дар ин ҳақиқати реалии хориқаи баррасишавандаи маданӣ метавонад пайдо кунад? Ин гуна муносибатро метавон бо мавқеи ҷойгиршавии иқдоми ҳадафманди муҳаққиқ, ки дар харитаи сайёҳии тадқиқоти ӯ муайян шудааст, муқоиса кард. Шояд муҳаққиқ ба ин васила, яъне бевосита дар макони тадқиқ ҳақиқати реалии таърихии омӯхташавандаро васеътару мушаххастар ба даст оварда метавонад. Воқеан, аломатҳои умумии таҳқиқ ҳанӯз дар марҳилаи аввали тадқиқот маълум карда мешаванд.

Манбаи таърихӣ ҳамчун маҳсули моддии мақсадноки фаъолияти инсон ва чун хориқаи таърихӣ ба шароитҳои муайяни ҳаётӣ, масъалаҳо ва мақсадҳои мушаххас нигаронида шудааст. Аз ин нуқтаи назар дарки он ки ҳақиқати иҷтимоии таърихии бавуҷудомада дар худ чиро таҷассум мекунад, муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳар як манбаи таърихие, ки сухан дар бораи он меравад, дар мисоли манбаъҳои хаттӣ, шайъӣ ва даҳонӣ наметавонанд дар он вазъи умумимадании падидомада ва амалигардида шарҳу тафсир шаванд. Зеро маълумоти даҳонӣ ё хаттии манбаъҳои таърихӣ дар ҷомеаҳои гузаштаву имрӯза моҳиятҳои тамоман гуногунро ифода менамоянд. Дар ин маврид таърихнигор ва муҳаққиқи аврупоӣ Леви-Строс навишта буд: «Мо ба таърихи гузаштаи худ на ба воситаи анъанаҳои даҳонии инъикоскунанда, робитаи зинда бо одамон, аз қабили ноқилони осору, қиссагӯён, коҳинон, қасидасароёни мардумӣ, балки дар асоси китобҳо ва меросҳои хаттии фаровони таърихӣ, ки муҳаққиқон бо мушкилоти зиёд аз онҳо истинод оварда, шахсияти муаллифони онҳоро муайян карданд, бархурдор мешавем» [2]. Муносибати шаклҳои гуногуни манбаъҳои таърихӣ ва нақши онҳо дар арсаи маълумотдиҳии асрҳо масъалаи муҳимми тадқиқотро ташкил медиҳад. «Чизе ки ба ҳамзамонони мо дахл дорад он аст, ки-навишта буд Леви-Строс,-мо тавассути дороиҳои бузурге бо гузаштагон алоқа барқарор

менамоем ва ин дороиҳо миёнаравҳои гуногуни мо, яъне ҳуҷҷатҳову меросҳои хаттӣ ё ҳуҷҷатҳои дастгоҳҳои маъмурие мебошанд, ки бисёрҷониба алоқаҳои моро бо онҳо васеъ менамоянд ва дар як вақт хусусияти ғайримустақим ба вуҷуд меоранд» [2].

Омӯзиши илми манбаъшиносии имрӯза таҳлили силсилаи ҳолатҳои ба ҳамдигар алоқамандро, робитаи шахсӣ ва матни хаттиро бо роҳҳои гуногуни таъсири байниҳамдигарӣ онҳоро инъикос менамояд. Танҳо омӯзиши силсилавӣ бо вазъ, умуман ҳолатҳои фарҳангӣ, маданӣ, суръати паҳншавии маълумот барои омӯзиши дақиқи манбаъҳои таърихӣ, кушодани воқеияту моҳият ва шарҳу тафсири онҳо шароити мусоид фароҳам оварда метавонад. Ин ҳолат дар давраҳои гуногун пайдоиши хат, давраи ташаккули хат, пайдоиши дастгоҳҳои чопӣ ва падид омадани компютер ба таври мухталиф рушду нумӯъ дорад.

Дар ин росто, боз як ҷиҳати муҳимми масоили ин соҳа - паҳншавии маълумоти расмии ба манъи гуногуни сензуравӣ ва ҳамзамон маълумоти ғайрисензуравӣ дучоромадаро баррасӣ намудан лозим аст. Зеро роҳҳои ба амал баровардани чунин маълумот дар ҷомеа мухталифанд. Масалан, эҷоди Садриддин Айнӣ ё шеърҳои Александр Пушкин, ки дар замони зиндагиашон ба табъ расидаанд ва навиштаҳои умуман чопнашудаи онҳо моҳиятан манбаъҳои гуногуни адабӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин васила, Александр Пушкин дар навиштаҳояш «Нома ба сензура» аз ҷумла таъкид менамояд, ки манъ намудани сензура наметавонад ба паҳншавии адабиёти барои ҷомеа зарурӣ халал ворид созад.

Шароити таърихӣ манбаъшиносиро дар ҷанбаҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор додааст. Зеро тадқиқоти аз ҳама муҳимтари ояндадор таҳаввули намудҳои муайяни манбаъҳои таърихӣ дониста мешавад. Бе донистани шароитҳои таърихӣ масоили нановарӣ, ягонагӣ ё баръакс масоили типологии (типикунонии) маҷмӯи манбаъҳои омӯхташавандаро ҳал намудан имконнопазир аст.

**Масоили муайян кардани муаллифи манбаъ.** Дар ҳошияи ин андешаи муаррихи варзида М.Фуко чунин аст: «Дар фарҳангу тамаддуни ба ҷомеаи мо баъзе услубҳои ақлӣ, дар сурате, ки баъзеи муаллифон аз ҳуқуқи муаллифӣ маҳрум карда мешаванд, қисмате нақши «муаллиф»-ро бозида метавонанд. Номаи хусусӣ метавонад имзо дошта бошад, вале он муаллифи ҳуҷҷат нест; дар ҳуҷҷатҳои шартномагузорӣ низ имзои кафолатдиҳанда гузошта мешавад, вале он муаллиф шуда наметавонад. Матни номаълуме, ки дар деворҳои кӯчаҳо навиштаву хонда мешавад, тартибдиҳанда ё ҳаккокикунандаи худро дошта метавонад, вале он муаллифи асосӣ надорад. Ҳамин минвол, вазифаи «муаллиф» барои тариқи мавҷудият хос буда, муомилот ва амалкард комилан усулҳои ақлонии дохили ин ё он ҷомеа дониста мешаванд» [3].

Манбаъшинос дар раванди тадқиқоти худ бояд фазои сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ-маърифатӣ, ҳолатҳои пайдоиш ва муаллифи асарро омӯзад. Ин шакли таҳқиқ метавонад тамоман фарқкунанда ва дорои хусусиятҳои ба худ хос бошад. Усули манбаъшиносӣ ҳеҷ як ҷавобро пешакӣ ҳал намекунад. Он танҳо ба ҳамон масъалаи таҳқиқ ишора менамояд, ки хеле муфассал таҳия мешавад ва дар навбати худ, имконоти нави шарҳу тафсири матн ва ҳамчунин ба даст овардани маълумотро оиди манбаъ ва замони сохта шудани он (падид омадани онро) фароҳам месозад.

Мушкилоти муносибатҳои ҷомеа ва муаллифи асар комилан равшану возеҳ аст, баробар бо тағйирёбии муҳтаво ва алоқамандӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилоти иҷтимоӣ ба назар мерасад. Масалан, дар ин бора М.Фуко чунин менигорад: «Вазифаи муаллиф бо сохтори ҳуқуқии қонуну қоидаҳоест, ки тамоюли ақлиро фарогир шуда, онро муқаррар ва муайян месозад. Барои унсурҳои ақлии дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва барои шаклҳои тамаддун ирсоли хабарҳо шаклҳои чандхеларо ҳосил карда, бо тариқҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд. Аз ин лиҳоз, вазифа ва уҳдадории муаллиф худ ба худ доираи зеҳнию ақлонии эҷодкорро муайян намесозад, вале силсилаи амалиётҳои махсус ва мураккабро ба иҷро расонида метавонад; он на фақат ба таври одӣ баъзе фардиятҳои воқеиро фарогир намешавад, балки ҳамвора дар як вақт нафарони зиёдеро дар бар гирифта, бисёр мавқеъҳо ва субъектҳои фарогири фардиятҳои синфии гуногунро ишғол менамояд» [3].

Дар бораи муаллифи асар чизеро надониста, аз шарҳи ҳоли ӯ бархурдор нашуда, фазои фаъолияти ӯро нафаҳмида, дараҷаи фарҳангу дониши вайро сарфаҳм нарафта, шуғли аслии ӯро дарк насохта, муносибаташро бо ҷомеаи иҷтимоӣ-мадании муайяни замонаш пай набурда, манбаи эҷоднамудаи ӯро ба пуррагӣ ва возеҳ шарҳу тафсир кардан хеле душвор аст. Доираи шахсияти офарандаи асар, дараҷаи мукаммалию возеҳии асар, мақсади эҷод намудани он дар якҷоягӣ маҷмӯи маълумоти иҷтимоиеро, ки асар дар бар гирифтааст, муайян менамояд. Дар ин бора муаррих ва манбаъшинос М.Бахтин чунин менигорад: «Дидан ва дарк намудани муаллифи асар ин маънии дидан ва дарк намудани ҷаҳонбинӣ ва шуури дигар, яъне дарк намудани субъекти дигарро дорад». Бо назардошти ин, ҳангоми омӯхтани муаллиф, маҳз ошкор намудани нишонаҳои шахсият, ки метавонанд дар омӯзиши ҳамаҷонибаи асар кумак намоянд, зарур шуморида мешавад ва ин омил мавқеи аслии таҳлил ва таҳқиқи манбаъро дар доираи илми манбаъшиносӣ возеҳ мегардонад. «Муаллифро бояд, пеш аз ҳама, аз доираи ҳодисаву воқеоти асар ҷустуҷӯ кард,- мегӯяд Бахтин, - зеро ӯ иштирокчии бевосита ва роҳбаладии хонандаи асар ба ҳисоб меравад» [3]. Муносибати муаллиф ва дақиқияту боварибахшии далелҳои асарро ба таври

возеҳ таҳлил намуда, Ш.Сенобос ин масъаларо ба воситаи ду шакл саволномаи иҷтимоӣ то андозае ҳаллу фасл сохта буд. Саволҳои пурсишномаи аввали муҳаққиқ ҳолатҳои ҷойдоштаеро, ки метавонанд муаллифро ба шаҳодату далелҳои норӯшан талқин созанд, дар бар мегирифтанд. Муаллиф ҳаракат мекунад, ки аввал манфиати амалии худро таъмин созад, зеро, муаллиф (дар ҳолатҳои ғайриҳуқуқӣ амал намудааст) ғаразҳои гурӯҳӣ, миллӣ, ҳизбӣ, динӣ, оилавиро, ба кор бурдааст ва ҳамчунин афзалиятҳои фалсафӣ, динӣ ва сиёсиро дар асар ҷой додааст; ӯро ба шуҳратпарастии гуруҳӣ ва шахсӣ талқин намуданд; мехост ба одамон маъқул бошад. Пурсишҳои саволномаи дигар ҳолатҳоеро муайян менамуданд, ки ба дақиқияти мушоҳидаҳои муаллиф бовар намудан шарт нест.

Манбаъшиносони давраи нав ва махсусан манбаъшиносони замони муосир ба муқобили тарҳи наве, ки дақиқияти сарчашмаро бевосита бо шахсияти муаллиф алоқаманд меҳисобад, баромад мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ нафари онҳо ошкоро имконоти ин вобастагиро рад карда натавонистанд. Дар ин масъала олими манбаъшиноси замони муосир М.Бахтин чунин андеша дошт: «Дарк намудани муаллиф дар олами таърихии асри вай, ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеаи иҷтимоӣ ва вазъи синфии он, ба муаллифи асари бадеӣ мувофиқу мутобиқ аст» [4].

Як зумра олимон ба мураккабии корбурду истифодаи ин гуна меъёрҳоро нисбат ба манбаъҳои муаллифони дастаҷамъӣ (ё умуман беном) диққати махсус додаанд. Дар раванди омӯзиши шахсияти муаллиф, мақсад ва ҳадафҳои ӯ самтҳои мазмуни асар омузиш ва муайян кардани ҳолатҳои психологии муаллиф низ аҳамияти ҳалкунандаи илмӣ доранд. Зеро дар шарҳу тафсири воқеа ҳолатҳои равонии муаллиф моҳияти калон дошта, барои дарки мақсад эҷоди дастаҷамъӣ, вобаста ба қабули яке аз усулҳои типикунонӣ нақши муҳим бозида метавонад [4].

**Шароити эҷоди манбаъҳо.** Ҳалли масоили ҷойдоштаи корҳои тадқиқотӣ аз ошкорсозии он шароиту ҳолатҳое вобастагӣ дорад, ки метавонад ба пуррагӣ ва дақиқияти маълумоту далелҳо дар раванди муҳокима барои баҳодиҳӣ, аз ҷумла ба муаллиф ва асари он таъсиргузор бошад. Дар як ё якчанд шароитҳои таърихӣ як ё якчанд одамон метавонанд асар эҷод намоянд ва табиатан ин асарҳо ҳам аз ҷиҳати мазмуну мухтаво, ҳам аз лиҳози пуррагии маълумот маҳфуз буда ва ҳам аз лиҳози дараҷаи дақиқият аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, аз шароити ҷойдоштаи муаллиф вобастагӣ дорад. Баъзан муаллиф маълумоти заруриро дар ихтиёри худ надорад ё ба маълумотномаҳои тахминӣ ва ё ба хотираи худ такя мекунад. Ҳамчунин, баъзан муаллиф дидаю дониста маълумоти нопурра ё ноаниқи сатҳи иҷтимоиро ба кор мебарад, зеро ӯ дар вазъияте қарор дорад, ки он шароитҳо амалро ба вай тақозо мекунад. Дар китобҳои маъмулии позитивистӣ ба омӯзиши ин гуна ҳолатҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Вазъияти талқинкунандаи зарурати амалҳои тез ва қатъӣ табиатан ба тариқи навишти гузориш ва сохтори ҳуҷҷатҳо таъсир расонида, қисман аз хусусияти тарғиботӣ, публитсистӣ, ҳарбӣ-фаврӣ ва дигар ҳуҷҷатгузориҳо вобастагӣ дорад. Дар чунин шароит ҳолатҳое, ки хотираҳову ёддоштномаҳо навишта шуда, ба вазъу воқеоти гузашта баҳо медиҳанд, ба пуррагӣ ва дақиқияти мазмуну мухтавои асар таъсир мерасонанд. Муҳаққиқон ҳамчунин хусусияти тартиб додани ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ, ҳисоботӣ, коргузорӣ ва ин амсолро қайд намудаанд. Аз ин лиҳоз, барои тасдиқи меъёри умумии дақиқият ва пуррагии маълумоти иҷтимоӣ, зарурати бодиққат омӯхтани ҳолати сохтани манбаъ пеш меояд.

**Матни асар ва корбурди он дар замони муосир.** Омӯзиши матн, иншои асар ва таҷдиди он дорои ҳадафҳое мебошад, ки муаллиф аз лиҳози танқидӣ ба воқеоти он баҳо медиҳад. Муаллиф онро бошуурона ва мақсаднок амалӣ менамояд.

Таҳлили матншиносӣ ба омӯзиши самтҳои матни тадқиқшаванда бо шаклҳои моддие, ки аз тарафи муаллиф офарида шудаанд, нигаронида мешавад. Дар доираи илмҳои филологӣ фанни адабиётшиносӣ мавҷуд аст, ки ба омӯзиши асарҳои хаттӣ, асарҳои адабӣ, эҷодиёти мардумӣ (фолклор) ва матншиносӣ сару кор дорад. Дар илми адабиётшиносӣ пажӯҳишгари матни бадеӣ ба таҳлил ва муқоисаи намунаҳои хаттии матн, омӯзиши он,ислоҳот ва тағйироте, ки муаллиф ба он дохил мекунад, аҳамияти ҷиддӣ медиҳад [5]. Ҳарчанд зери мафҳуми манбаи таърихӣ маҳсули фаъолияти мақсадноки инсон, яъне тибқи қоидаҳои асосии методологӣ – таъсири омилҳои бегона фаҳмида мешавад, вале маълум аст, ки омӯзиши матнҳои муаллифӣ яке аз марҳилаҳои муҳимми таҳлили манбаъшиноси ба ҳисоб меравад.

Ошкор намудан муҳим аст, ки оё соядасти муаллиф дар нусхаҳои дастнависи асар ҷой дорад ва он чи манзалате ба дарки муносибати мусаввадаҳо ва нусхаҳои охир, ҳамчунин матнҳои ибтидоӣ ва минбаъда расонидаанд. Дар ин бобат А.Мирзоев чунин андеша дорад: «Дар раванди кори эҷодӣ мушоҳидаҳои мухталифи муаллиф, ки нуктаҳои гуногуни коркарди эҷодиро инъикос менамоянд, канор гузошта мешаванд» [6]. Аз ин лиҳоз, А.М.Мухторов ақида пешниҳод менамояд, ки: «Матн ин маълумот ва далели аввалия (воқеият), ҳамзамон нуқтаи ибтидоии ҳама фанҳои гуманитарӣ ба ҳисоб меравад» [4].

Таърихи дастнависҳо, нусхаҳои минбаъда ва таҳрири онҳо дар раванди таҳлили манбаъшиносӣ ба назар гирифта намешаванд. Мавҷудияти нусхаҳои гуногун ва таҳрирҳои минбаъда аз он шаҳодат медиҳанд, ки хонандаи замонҳои дигар, нисбат ба

асар чи гуна муносибат доштааст ва матни манбаъро дар муҳити маънавию фарҳангии худ чӣ тавр истифодаву корбурд намудааст.

Мафҳуми «матн» ҳамчунин дорои моҳияти дигари нисбатан васеътаре мебошад. Дар фаҳмиши фанҳои гуманитарии замони муосир семиотика (аломат, нишона, осор) ба хусусияти дигари аломатҳои асар ва сохтори нишонаҳои он метавонад таъсири нишонрасе расонад. Дар семиотикаи (нишонаи) ҷомеаи инсонӣ аз нуқтаи назари механизми табодули маълумоти амалкунанда, дар маркази диққат робитаҳои иҷтимоӣ таҷассум меёбанд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки «семиотика (нишона) сохтори ҳама шаклҳои силсилаи аломатҳоро омӯхта, муносибатҳои гуногуни иерархии байни онҳо, шабака ва корбурд, ҳамчунин хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳоро дар доираи ҳамаи сохторҳо муайян месозад» [7]. Ҳарчанд ҳама гуна объект метавонад ҳамчун нишонаи қабул ва ба ин монанд зуҳур ёбад, аммо муносибати семиотикӣ таҳқиқи доираҳои интерсубъективии алоқа, яъне муносибати муаллиф, иттилооти додашуда ва шахсияти қабулнамудаи онро (хонандагон, тафсиркунандагон, шореҳонро) ба назар гирад.

Фазои муносибати мутақобиларо ба назар гирифта, муҳаққиқ мафҳуми манбаъ ва шинохти онро ба таври васеъ маънидод мекунад. Масалан, дар доираи илми адабиётшиносӣ тақвияти муҳаққиқ дар матни асар имконияти шарҳу тафсири нав ва ассосиатсиянокии алоқаҳоеро, ки дар раванди инкишофи матн падид меоянд, ба вуҷуд меорад. Ин ҷо сухан дар бораи «тассуроти матни маданӣ» ва «роҳҳои мавҷудияти шинохти матн» меравад. Асосгузорони методологияи «таркибсозии матн» дар ибтидо аз нуқтаи назари лингвистии матн берун омада, онро ҳамчун хориқаи алоҳидаи забонӣ ва лингвистикӣ шарҳу тафсир намудаанд. Аммо дар давраҳои баъдина, дарки масъала оиди муносибати матн ва асар, аломат ва объект, инчунин мафҳуми мундариҷаи матн васеъ ва аз лиҳози методологӣ номуайян гардид. Масалан, доираи фаҳмиши худро дар бораи матн эзоҳ дода, яке аз асосгузорони усули таркибсозӣ Р.Барт тасдиқ намудан мехоҳад, ки: «Барои ман матн маҳдудият надорад. Ин комилан куллӣ аст». «Бе матн ҳеҷ манбаъ маъние дошта наметавонад» ва ин гуфта нишонаи он аст, ки матн ҳамту, санади одии гуфтор нест» [8].

Ҳамин тариқ, дар асоси таснифоти тафсирии семиологӣ хориқаи «матн» хеле васеъ фаҳмида мешавад. Барои истифодаи нисбатан бамавриди муносибати семиологӣ дар мувофиқати он бо усули хоссаи манбаъшиносӣ, аз лиҳози методологӣ мухтасар намудани як қатор омилҳои мафҳуми «матн» зарур шуморида мешавад.

Семиология ба аломати хориқаи муомилоти инсонӣ нигаронида мешавад. Вале он дар назди худ ҳадафи тафриқаи шакли шифоҳии маълумоти унвониро нисбат ба шакли бақайдгирифташудаи он (пеш аз ҳама шакли хаттӣ ё дигар) намегузорад. Илова бар ин, барои манбаъшиносӣ ин тафриқа аҳамияти муҳим дошта метавонад. Усули манбаъшиносӣ, тавре ки аллакай гуфта шуд, маҳз ба шаклҳои моддӣ-бақайдгирӣ муносибат дошта метавонад. Бинобар он мафҳуми матн дар доираи илми манбаъшиносӣ мазмуну муҳтавои мутобиқро доро мебошад. «Дар ин росто, нома як навъ ҳудуди аҳамиятнок ба ҳисоб меравад, ки тавассути бақайдгирии хаттии ҷамъи аломатҳо мустақилияти семантикиро ба вуҷуд меоварад ва он новобаста аз нақлкунанда, сомеъ (гӯшдиҳанда) ва ниҳоят шароити мушаххаси ба табъ расидан инкишоф ёфта метавонад» [9]. Аз шаклҳои моддӣ-бақайдгирӣ (дар мисоли асарҳои санъат) дақиқияти қайдҳои хаттӣ дар навбати аввал ҷой мегирад. Нисбат ба маълумоти даҳонӣ ба матнҳои хаттӣ авлавияти зарурӣ дода, қайд намудани муайянии мантиқии он зарур шуморида мешавад. Вобаста ба ин омили муҳим, манбаъшинос Ж.Деррид чунин менигорад: «Ба туфайли осори хаттӣ маълумоти даҳонӣ низ мустақилияти семантикии сегонаро касб менамояд. Яъне, дар муносибат бо раванди гуфтору дақиқияти гӯянда, қабули гуфтор аз тарафи шунавандагони аввалин ва ҳолатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва фарҳангии ба вуҷуд омадани гуфтори даҳонӣ. Ба ин маънӣ, нома ё мактуб берун аз ҷойгоҳи муколамаи рӯ ба рӯ қарор дошта, барои табдилёбии гуфтори даҳонӣ бо матни хаттӣ нақши муҳим бозида метавонад» [9]. Вобаста ба ин гуфтаҳо саволе ба миён меояд, ки оё матнро на танҳо матни хаттӣ, балки изофатар аз он шуморидан мумкин аст? Аз нуқтаи назари нисбатан тангтар ин тавр шуморидан аслан раво мебошад: Яъне «чунин ба назар мерасад, ки ифодаи мустақими матнҳо гӯё доираи шарҳу тафсири манбаъҳои хаттӣ ва адабиро танг сохта ба нақлҳову гуфтори даҳонӣ халал ворид месозад. Вале аслан ин тавр нест ва мо метавонем аз лиҳози фарохии гуфтори даҳонӣ чезеро гум намоем ҳам, аз ҷиҳати маҳсулнокии он фоида ба даст оварем» [10].

Агар аз нуқтаи назари манбаъшиносӣ нигарем, маълум мегардад, ки дар зери мафҳуми матн на танҳо матни хаттӣ, балки рамзҳои дигари хаттӣ низ, аз қабили тасвирҳо, ҷадвалҳо, тарҳҳо, шаклҳои сохторӣ ва ғайраҳо фаҳмида мешавад. Дар баъзе маврид ҳатто тасдиқи Ж.Деррид низ асоси боэътимод дошта метавонад, ки ҷумлаи маънидор ва баъзан ҳатто як калима низ матн ҳисобида мешавад. Аммо чӣ тарз рамзкушоӣ кардани ин гуна матнҳо, яъне на танҳо андешаи фардият, ки чунин маълумотро қабул менамояд, балки пеш аз ҳама рамзкушоии маълумот, ки (барои манбаъшиносӣ ин омил муҳим ба ҳисоб меравад) эҷодкори асар онро хоста тасдиқ менамояд, хеле зарур ва муҳим ҳисобида мешавад. Бо ин назардошт, ба хулоса омадан мумкин аст, ки шарҳу тафсири матн, ки берун аз асар пешниҳод мегардад, имконнопазир аст. Зеро як ва якчанд матн дар асарҳои

гуногун маълумоти мухталифро ифода менамоянд. Маҳз, усули манбаъшиносӣ мазмуни аслии матнро муайян месозад.

**Корбурди асар дар доираи фарҳангу тамаддун.** Донистан зарур аст, ки асар низ, дар навбати худ, қисматҳои худро дорад: он метавонад дар ҷараёни солҳову қарнҳои тӯлонӣ бо дасти дигаре рӯйнавис шавад (мисли ҳазорон матнҳое, ки дар раванди таърихи дарози адабиёти классикии форсу тоҷик борҳо рӯйнавис шуда, аз даст ба даст гузаштаанд), ба забонҳои дигар тарҷума гардад ва ҳамчунин метавонад чандин маротиба бо иловаю изофаҳои муҳаррирону таҳиягарони матнҳо нашр шавад. Омӯзиши чунин масоили муҳим барои фаҳми бештари асар кумаки зиёд расонида метавонад.

Ҳар як нашри нави манбаъ дорои аҳамият мебошад. «Асари бадеӣ, - навиштааст Отахонов, - ба инсон ким-чизеро мефаҳмонад ва он на танҳо ҳамчун манбаъ ва ҳуҷҷати таърихӣ, ки ба таърихшинос маълумот медиҳад хизмат мегузорад, балки зиёда аз он ба ҳар як хонанда мунтазам мурочиат карда, гузаштаро бо имрӯза пайванд менамояд. Маҳз ҳамин омил вазифа мегузорад, ки мазмуни гуфтаҳои асар фаҳмида шавад ва барои худу дигарон низ равшан бошад» [10].

Истифодаи асар дар дигар муҳити иҷтимоӣ ва доираи муҳити дигар, он норӯшаниҳои маълумоти иҷтимоиеро, ки ошкор намудааст, онҳо дар ибтидо душвор буда, истифодаашон барои муаллифи асар мушкил будааст, возеҳу равшан карда метавонистааст. Муҳтавои ин манбаъ бо он воқеияти иҷтимоие, ки асар мавриди дархост шуд аз нав рӯйбардоркунӣ, нашри минбаъда ё нигориши нав қарор мегирад, бо фаҳмишу маънии нав ва мазмуни андак дигаргуншуда муносибат менамояд. Вобаста ба ин хусусияти идроки матни асар манбаъшинос Р.Барт изҳор медорад: «Матни асар наметавонад беҳаракат бихобад масалан, дар рафҳои китобмонӣ, балки аз рӯйи табиати худ он бояд дар ҷараёни ҳаракат бошад, дар мисоли ҷараёни ҳаракати асарҳо…» [8].

**Шарҳу тафсири манбаъ.** Шарҳу тафсири манбаъро бо мақсади барқарор намудани (то ҳадди имкон бо назардошти фосилаҳои фазои маърифат ва ғайра, ки муаллифи асарро аз муҳаққиқ ҷудо менамоянд) он маъниҳои аз тарафи муаллиф нигошташуда ба амал меоваранд. Таълимоти умумӣ оиди шарҳу тафсири таърихии манбаъҳо дар шаклҳои нисбатан силсиланок ва мантиқӣ аз тарафи олимон ба таври нисбатан возеҳ баён шудааст. Масалан, муаллифи тадқиқоти машҳур оид ба методологияи пажӯҳиши таърих Э. Бернгейм иншои ин нуктаро бо масоили «сохти таърихӣ» алоқаманд намудааст. Ба таври дигар гӯем, Бернгейм шарҳу тафсири далелҳои таърихиро аз тарафи муаррихон дар назар дошт. Зеро он чи ки фаҳмида мешавад, дар тадқиқоти таърихӣ мавқеи аввалиндараҷа дорад, вале моҳиятан вазифаи дигари таҳқиқро ба вуҷуд меоварад ва аз ин лиҳоз бо усулҳои дигар ҳал карда мешавад. Олимон Ш.В. Ланглуа ва Ш. Сенобос дар бораи таҳлили манбаъ сухан ронда, байни вазифаҳои дохилии нақди таърихии манбаъ ва вазифаҳои шарҳу тафсири онҳо, сарҳади мантиқӣ нагузоштаанд. Дар ин бора истилоҳи норӯшани «нақди шарҳу тафсир», ки муҳаққиқони мазкур дар асари худ «Муқаддима ба омӯзиши таърих» истифода намудаанд, шаҳодат дода метавонад.

Дар муқобили ин гуфтаҳо, Лаппо-Данилевский моҳияти ҷиддии шарҳу тафсири манбаъро таъкид менамояд. «Танҳо эътироф намудани аҳамияти мустақилонаи ин вазифа, - навиштааст ӯ, - муаррихро ба дарёфти андешаҳои комилу рӯшан талқин менамояд. Зеро таърихнигор ба ин васила ҳаракат мекунад, ки маҳз моҳияти ҳамон манбаъеро, ки муаллиф ба он додааст, пайдо месозад ва ин омил, дар навбати худ, имкон медиҳад, ки муҳаққиқ ба ҷаҳонбинию нишондоди алоҳидаи муаллифи мазкур, хоҳ он ҳақиқӣ бошад, хоҳ дурӯғин, ворид шавад» [5]. Барои ҳалли масъалаи шарҳу тафсири манбаъ, пеш аз ҳама, усули тафсири равонӣ (ба қоидаҳои воқеии устувори парадигмаи мазкур – эътирофи шавқу ғайрати бегона) пешниҳод карда мешавад ва минбаъд қонуни шарҳу тафсири равонии тимсол ё нишонаи шартии шайъӣ мавриди амалкард қарор мегирад. Усули техникии шарҳу тафсир имкони мулоҳиза рондани муҳтаво ва таъйиноти асари мазкурро бо он равишҳои махсуси техникӣ, ки муаллиф истифода намудааст, фароҳам меоварад. Усули типикунонӣ бошад, муносибати манбаъро бо шакли мувофиқи маданият (фарҳанг) пешниҳод месозад ва ниҳоят, усули фардикунонии шарҳу тафсир барои кушодани хусусиятҳои фардияти алоҳидаи эҷодии муаллифи он имкони мусоид ба амал меорад. Дар қатори мисолҳои таҳлили мушаххаси ҳолатҳои тадқиқотӣ муҳаққиқ нишон медиҳад, ки чӣ тавр қабул намудани усулҳои типикунонӣ ва фардикунонӣ, ҳамзамон таъсири мутақобилаи онҳо ба шарҳу тафсири умумии манбаъ боис мегардад.

Аз нуқтаи назари анъанавии позитивистии шинохти манбаъ дар навбати аввал масъалаи герменевтикаро ҳамчун усули асосӣ ва ҳатто ягонаи услуби корбурд бо манбаъ, асар ва матн маънидод месозад. Герменевтикаи муосири фалсафӣ дуртар аз ҳудуди тафсири анъанавии матн ҷойгир шуда, ба масоили нисбатан умумии забон ва моҳият диққат медиҳад. «Худи корбурд оиди шарҳу тафсири матн матлабҳои чуқуреро фарогир шуда, дур будан, фосила ва муносибати дури хонандаи асарро аз матни ба ӯ бегона, барои гузоштани вай дар як ҳад бо муаллиф ва ҳамин тариқ, дохил кардани маънии матн ба дарки имрӯзае, ки хонанда онро фаро мегирад, мавриди омӯзиш қарор медиҳад» [11].

Ҳамин минвол, аз «барқарорсозии моҳияти ибтидоии асар» герменевтика дар фаҳмиши фалсафии он муҳаққиқро ба хулосаи «мутафаккиронаи ғайримустақими баёни ҳаёти муосир» водор месозад [12]. Дар ин сурат муносибати мутақобилаи касбӣ-амалӣ ва назариявии воридшавӣ ба асар, ҳамзамон ба қисматҳо ҷудо нашудани он қайд карда

мешавад. Аз тафсири маънie, ки муаллиф дар асари худ ҷой додааст, ӯ ба хулосае меояд, ки берун аз ҳудуд шарҳу тафсир намудани мафҳуми манбаъ ҳамчун падидаи маданӣ дониста мешавад.

Аслан чунин ба назар мерасад, ки танҳо як объекти як манбаъ тадқиқ мешавад, вале бояд донист, ки он барои ҳалли ду масъалаи тадқиқотӣ равона мегардад. Дар марҳилаи шарҳу тафсири матн муҳаққиқ ба ҷараёни фаҳму дарки муаллифи асар ворид мегардад: ҳаракат мекунад вазъиятеро, ки муаллиф дар он қарор доштааст, дурусттар дарк кунад, маънии асар ва роҳҳои интихобнамудаи муаллифро барои татбиқи ин маънӣ рӯшантар аз худ намояд. Ба таври дигар гӯем, муҳаққиқ ба ҳайси гӯшдиҳанда ва ё шореҳи мароқдошта амал менамояд. Маҳз дар доираи ҳамин мавҷҳои муассир ҳамдардӣ ва ҳусни таваҷҷуҳ доштан метавонад тавассути тарҷума ба матни хориҷӣ табдил ёбад. «... Тарҷумаи матнҳо бо забонҳои хориҷӣ, тақлиди шоирона ба онҳо, ва бо овози баланд ва дуруст хондани матни асар вазифаи ҳамон замони шарҳи маънои ҳамон матнро дар бар мегирад, ки тафсири филологӣ низ онро фаро гирифта буд» [12]. Аммо, баъдан мавқеъ ва нуқтаи назари муҳаққиқ тағйир меёбад. Гуфтан ҷоиз аст, ки дараҷаи дохил шудан ва нуқтаи равонии муаллиф аз хусусиятҳои мухталифи асар вобастагӣ дорад. Дар баъзе мавридҳо ин омил бисёр муҳим арзёбӣ мешавад, ки моҳиятан аҳамияти ҳалкунанда дорад. Масалан, дар ин бора муҳаққиқ А.И.Марру ҳатто ақида дорад, ки пажӯҳишгари матнҳои асримиёнагӣ бояд чунон қудрате дошта бошад, ки дар давоми якчанд муддат ба нақшу симои шайх ё роҳиби асримиёнагӣ ворид шуда тавонад [13]. Таърихшинос дар доираи нуқтаи назари мазкур олиме мебошад, ки ҳамдардӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи муаллифро бо худ тақсим менамояд. Ҳанӯз дар замони худ ба услуби омӯзиши манбаъҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, таърихшинос В.О.Ключевский гуфта буд, ки барои як қатор манбаъҳо раванди мазкур комилан бефоида аст [14]. Ин мавқеъ дар таърихнигорони муосир низ дида мешавад.

**Таҳлили мазмуни манбаъ.** Муҳаққиқ аз шарҳу тафсири манбаъ ба таҳлили мазмуни он мегузарад. Дар ин росто, назари илмӣ дӯхтан ба манбаъ ва кофтукови шаҳодати таърихии он, аз нуқтаи назари пажӯҳишгари муосир барои муҳаққиқ аҳамияти зиёд дорад. «... Байни муаррихон ва адабиётшиносоне, ки барои дарёфти зебоӣ ва ҳақиқат кӯшиши матнро таҳриф кардан доранд, табиатан шиддату муқовимат ҷой дорад, - дигаршавии мавқеи муҳаққиқро ифода намудааст Х.Г.Гадамер. – Таърихшинос бо нишон гирифтани чизҳои дигар, ки дар худи матн гуфтаву навишта нашудааст, метавонад ба тарафи тамоман дигар, ки маънии ақлонии матн ба он равона карда мешавад, майл намояд» [12]. Моҳиятан ҳам муаррих ва ҳам адабиётшинос, манбаъшинос шуда метавонанд. Ибтидо, онҳо манбаъро ҳамчун қисми воқеияти гузашта ва сониян, ҳамчун қисми он воқеияте, ки худ дар он ҳузур доранд, баррасӣ ва таҳлил менамоянд. Онҳо манбаъро баҳогузорӣ намуда, ба он нуктаҳое диққат медиҳанд, ки дар маълумоти бадастомада хулоса карда мешаванд. Сохтори иншо ё баёноти тадқиқшаванда тағйир меёбад, дигаргун мешавад ва он ба равандҳои пурра кушодани ҳама бойигариҳои маълумоти иҷтимоӣ, ки манбаъ онҳоро дода метавонад ва дар алоқамандӣ бо далелҳои илмии муосир қарор дорад, ҳукмрон мегардад. «Муаррих ҳаракат менамояд, ки бо мақсади ба даст овардани маълумоте, ки манбаъҳо дода наметавонанд, ба матнҳои хосса дида дӯзад» [12].

Муҳаққиқ маълумоти иҷтимоии манбаъро ба пуррагӣ кушода, масъалаи дақиқияти онро ҳал мекунад. Ӯ далелу санадҳои ҷойдоштаро ба манфиати тафсири ҳақиқати реалии далелҳо оварда, мавқеи илмии худро асоснок менамояд. Агар марҳилаи шарҳу тафсири манбаъ сохтани симои аз лиҳози психологӣ боварибахши муаллифи манбаъро дар назар дошта бошад, дар қатори дараҷаҳои мантиқӣ истифодаи раванди идроку маърифати ин гуна дараҷаҳо, ҳамчун ақидаи солим, фаросат, ҳусни таваҷҷуҳ, ҳамдардӣ зарур шуморида мешавад ва ҳамзамон ҳангоми таҳлили мазмун афзалияти муҳокимаи мантиқӣ ва исботҳо, муқоисаи далелҳо, таҳлили муносибати байниҳамдигарӣ низ рӯшан мегардад. Дар ин радиф гуфтаҳои муҳаққиқи шинохта Н.И.Кареевро далел овардан бамаврид аст: «Донише, ки аз раванди андешаҳои илмӣ ба вуҷуд омада, талаботи мантиқиро мақбул намешуморад, дониши илмӣ ва умуман дониш ба ҳисоб намеравад» [15]. Далелҳои бадастовардае, ки ба дониши шахсии муҳаққиқ мувофиқат мекунанд, ба қавли Гадамер, «дар умумият таҷрибаи мо нисбати олам дониста мешаванд».

Усули умумигуманитарии манбаъшиносӣ дар ҳалли масоили душвори маҷмӯи маълумоти гуманитарӣ кумак мерасонад. Ҳолати маҷмӯи маълумоти гуманитарӣ хусусияти кӯшиши ёфтани роҳҳои нав ба синтези таърихӣ ва азнавсозии умумияти фарҳанги ин соҳаро дорад. Илми манбаъшиносӣ дар замони муосир маҳз ҳамчун усули яклухти фазои хоссаи донишҳои гуманитарӣ, яъне муносибати объекту субъект ва таъсири мутақобилаи онҳо ба илмҳои гуманитарӣ ташаккул меёбад. Дар ин манзар масоили объективияти донишҳои гуманитарӣ ва имконоти тадқиқи олами ҳастии инсон нисбатан печ дар печ ҳувайдо мешавад. Идома додани муносиботи мутақобилаи байни объекту субъекти донишҳои гуманитарӣ танҳо дар сурате имконпазир мешавад, ки бошуурона фарқи равандҳои маърифатӣ, асос вазифа ва мақсади тадқиқотро маънидод мекунад.

Услубшиносони муосир оиди маърифати муколамавӣ дар доираи фарҳангу тамаддун ҳарф мезананд. Вале, барои он ки ин муколама (байни имрӯза ва гузаштаи инсоният – аз нигоҳи таърихшинос, байни фарҳангҳои давраҳои гуногун – аз нигоҳи фарҳангшинос, муколамаи ду субъект – аз нигоҳи антрополог ё муҳаққиқи асарҳои санъат) маънидор

зуҳур ёбад, маълумоти нав ба даст меоварада, гузаронидани тафриқаи методологии ҳар як овоз дар алоҳидагӣ зарур аст.

**Синтези манбаъшиносӣ.** Дар раванди таҳлили манбаъшиносӣ муҳаққиқ имконоти маълумотгирӣ аз манбаъро ба даст оварда, он маълумотеро шарҳу тафсир месозад, ки бо хости худи ӯ аз мухтавои манбаъ ба даст омада, мустақим ё бевосита дар бораи муаллифи он ва оиди марҳилаи инкишофи иҷтимоӣ, ки дар он манбаъ эҷод шудааст, ба ин шакли шайъӣ тасдиқ ёфтааст, шаҳодат медиҳад. Ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ такя намуда, манбаъшинос тадқиқи худро ҷамъбаст менамояд ва вобаста ба он синтези шинохти манбаъро ба амал меорад. Синтези тадқиқоти илмӣ марҳилаи ҷамъбастии омӯзиши асар аст, ки ба сифати манбаъи таърихӣ маънидод мегардад. Дар ин марҳила имконоти хулосаи натиҷаҳои таҳлили самтҳои алоҳидаи асар, маҷмӯи алоҳидаи маълумоти иҷтимоӣ, ки ҳангоми тадқиқи сохтор ва мухтавои он ба даст омадааст, пайдо мешавад. Асари тадқиқшаванда на танҳо дар бораи маълумоти бевосита ва таҷрибавӣ, ҳамчун объекти воқеии мавҷудият, балки зиёда аз он ҳамчун падидаи фарҳангии замони худ, падидаи ҷомеаи алоҳидаи фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва мардумӣ баҳо дода мешавад. Моҳияти методологияи манбаъшиносиро ошкор сохта, яке аз намояндагони шинохтаи ин соҳа С.Н.Валк ба намунаҳои доираи омӯзиши санадҳои ҳуқуқии фавқулода муҳим ишора менамояд. «Муҳаққиқ, - навиштааст Валк, - бо мақсади баҳо додани санадҳои ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи таърихӣ дар ҳаёти мардумон ва маҳсули фарҳанги онҳо рӯйи кор меояд» [16].

Дар назди худ чунин ҳадафи тадқиқотро гузошта, ошкор намудани амалкарди санади ҳуқуқии фавқулода муҳимро дар ҷомеа, тартиб додани чунин санад ва гузаронидани манбаъ аз «ҷараёни санҷиши манбаъшиносӣ», инчунин марҳила ба марҳила наздик шудан ба давраи синтези манбаъ зарур мебошад. «Илм метавонад ба ин муроҷиат нисбати омӯзиши падидаи масоили ҷойдошта танҳо бо як роҳ ҷавоб гӯяд, ки он тарҳи илмии ин падида дар навбати худ, санади алоҳидаи муҳим арзёбӣ мегардад. Роҳ ба сӯйи чунин тарҳсозии санад тавассути таҳлил ба синтези минбаъда пайдо мешавад» [16].

Бозгашт ба яклухтии асар, ҳамчун ба падидаи фарҳангӣ, барои методологияи манбаъшиносӣ хусусияти муҳим дорад. Аз нуқтаи назари А.С.Лаппо-Данилевский хусусияти яклухт доир ба омӯзиши «санадҳои ҳуқуқии муҳим», А.А.Шахматова дар воқеаномаҳои Руси қадим, В.О.Ключевский дар зисту зиндагонии русҳои қадим ҳамчун манбаи таърихӣ ба таври возеҳу рӯшан дарҷ гардидаанд, - оиди зарурати муроҷиат ба яклухтии асар ҳамчун падидаи фарҳангӣ фикрашро баён намуда буд Л.П.Карсавин [17].

Усулҳои шинохти манбаъ, яъне таҳлил ва синтези манбаъшиносӣ ҳадафи азнавсозии асарро ҳамчун падидаи таърихӣ баррасӣ месозад, ки аз ин нуқтаи назар натиҷаи чунин тадқиқ кифоя ҳисобида мешавад. Синтези манбаъшиносӣ диққати муҳаққиқро барои азнавсозии яклухтии асар, ҳамчун падидаи фарҳангӣ мутамарказ менамояд, барои ташаккули тадқиқоти васеътари фарҳангшиносӣ, ки падидаҳои омӯзиши муносиби фарҳангии замон ва халқҳои дигарро (аз рӯйи аломатҳои дигари сохтори манбаъ, амалкард, ҳадафи офариниши асар ва ғ...) ҷалб кардааст шароит фароҳам меоварад. Дар натиҷаи тадқиқоти қиёсӣ имконоти синтези нисбатан баландтар – таҷдиди падидаҳои таърихи умумиинсонӣ, хориқашиносии тамаддунро фароҳам месозад.

Баҳодиҳии собитшуда ба моҳияти манбаъ барои тавсияҳои амалӣ оиди имконоти истифодаи илмию амалии он асос шуда метавонад. Ин омил метавонад ба ҳайси тавсия оиди ҷамъ намудани манбаъҳои мувофиқ, мумайизии экспертиза, арзиши манбаъҳо вобаста ба истифодабарии онҳо дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва амалҳои дигар хизмат намояд.

Тавсияҳои амалии манбаъшинос дар ҳамон ҳолат нисбатан боварибахш мегарданд, ки ҳар як марҳилаи таҳлили манбаъшиносӣ на танҳо дақиқу возеҳ гузаронида мешавад, балки аз лиҳози мантиқӣ асоснок буда, равшан таҷассум ёфта бошад.

Тадқиқи манбаъшиносӣ пайдарҳамии мантиқию муайяни баёнро инъикос месозад. Тарҳи намунавии баёни натиҷаҳои тадқиқи манбаъшиносӣ чунин сурат мегирад:

Муқаддима: Дар муқаддима мавзӯи тадқиқ асос ёфта, услубҳои таърихнигории он (дараҷаи омӯзиши мавзӯи мазкур дар доираи адабиёти илмӣ) тавсиф меёбанд ва ҳамчунин вазифаҳои таҳқиқ муайян мегарданд.

Боби якум, ки ба Тавсифоти манбаъ нигаронида мешавад, марҳилаи аввали таҳлили манбаъшиносӣ, яъне омӯзиши масоили пайдоиш ва муаллифияти манбаъҳоро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ дар ин боб метавонад ба шароитҳои таърихии пайдоиши манбаъ, оиди муаллифи манбаъ, таърихи матн, таърихи интишору паҳншавии манбаъ ва амсоли ин маълумот пешниҳод намояд. Дар алоқамандӣ ба тавсифоти муаллиф ва ҳолати эҷод намудани манбаъ масоили шарҳу тафсири манбаъ (бо назардошти хусусиятҳои эҷодӣ ва андешаҳои ҷойдоштаи муаллифи манбаъ) низ дар ин боб мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Боби дуюми тадқиқот, ки асосан ба масоили «Таҳлили мазмуну мухтавои манбаъ» бахшида мешавад, маълумоти пурраи манбаъ ва дақиқияту боварибахшии онро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медиҳад. Ҳамчунин, дар ин боб маълумоти дақиқи бадастомада мураттабу тасниф карда шуда, баъдан аз лиҳози илмӣ таҳлил меёбад. Дар хулосаи тадқиқот асосан ҷамъбасти баҳодиҳии моҳияти манбаи тадқиқшаванда ва тавсияҳои амалии муҳаққиқ дарҷ мегарданд.

Албатта, сохтори мазкури таҳқиқ аз ҳар ҷониб расмӣ, анъанавӣ, ҷамъбастӣ ва намунавӣ мебошад. Вале, вобаста аз он ки баъзе самтҳои манбаъ барои омӯзиш нисбатан душвортару печ дар печ дониста мешавад, дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳлили манбаъшиносӣ бо назардошти талаботи мавзӯи тадқиқ тағйирот ворид гардиданаш мумкин аст. Масалан, агар дар раванди таҳлили манбаъшиносӣ аз мазмуну муҳтавои манбаъ маълумоти нисбатан арзишмандтаре барои омӯзиши тарафҳои муайяни равандҳои таърихӣ ошкор карда шавад, муҳаққиқ ин гуна масоилро маҳз дар боби дуюм мавриди омӯзишу тадқиқ фаро мегирад. Ҳамзамон, дар раванди тадқиқ метавонад таърихи матни манбаъ (намунаҳои қаблӣ ва ниҳоии он, таҳриру ислоҳоти матн, мазмун ва самтҳои тағйироти матн ҳангоми коркарди дубораи манбаъ ва амсоли ин) ё таърихи интишори он (тарҷума ва нашри манбаъ бо забонҳои дигар ва муҳиммияти он) аз тарафи муҳаққиқ такмил дода шавад. Бо вуҷуди ин омилҳо сохтори асосии тадқиқоти манбаъшиносӣ бе тағйироти аслӣ нигоҳ дошта мешавад.

**Таснифоти манбаъҳои таърихӣ.** Ибтидо, қайд намудан бамаврид аст, ки қабл аз шинохти манбаъ ду вазифаи муҳиму асосӣ пеш меояд: яке эвристикӣ ва дигаре таҳлилӣ. Вазифаи эвристикӣ шинохт ё муайян намудани бисёрмаъноии манбаъҳои таърихӣ, таснифоти онҳо ва омӯзиши маҷмӯи дониста мешавад, ки ба ҷараёнҳои таърихӣ, ҳам дар умумият ва ҳам дар алоҳидагӣ барои давраҳои ҷудогонаи таърихии кишварҳо ё минтақаҳои таҳлилии манбаъҳои таърихиеро дар бар мегирад, ки аз онҳо маълумоти дақиқ ва нисбатан пурра ба даст омада, аз ин нуқтаи назар, усулҳои баҳо додан ба манбаъҳо низ муайян карда мешавад. Маълум аст, ки таълимот дар бораи манбаъҳои ҳадафманди тадқиқотӣ метавонад ва бояд ба кулли маҷмӯи донишҳои муосир оиди инсон ва ҷомеа такя дошта бошад. Дар навбати худ манбаъшиносӣ ҳамчун илм барои омӯзиши манбаъҳои таърихӣ (ё худ асарҳои аз тарафи инсонҳо офаридашуда, ки ҳадафмандона барои ба даст овардани маълумот оиди инсонҳои давру замонҳои гуногун истифода мешавад) ҳамчунин қисмати зарурии ҳар як илм дар бораи инсон ва ҷомеа татбиқ мегардад. Назардошти илмии мазкур фароҳӣ ва бисёрмаъноии робитаҳои байнифаннию байнисоҳавии манбаъшиносиро муайян месозад.


**АДАБИЁТ**

1. Якобсон Р. Язык и бессознательность / Р. Якобсон. -М., 1996. –С. 118.
2. Леви-Строс К. Первобытное мышление / К. Леви-Строс. -М., 1986. –С.825, 826.
3. Фуко М. Воля к истине / М. Фуко. -М., 1996. –С. 22, 30, 32.
4. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества / М.М. Бахтин. -М., 1986. –С. 306, 191, 308.
5. Лаппо-Данилевский А.С. Нигоришоти илмӣ / А.С. Лаппо-Данилевский. - М., 2002. –С. 183.
6. Белчиков Н.Ф. Литературное источниковедение / Н.Ф. Белчиков. -М., 1983. –С.183.
7. Якобсон Р. Взгляд на развитие семиотики / Р. Якобсон. -М., 1996. –С.160.
8. Барт Р. От произведения к тексту / Р. Барт. -М., 1994. –С. 415.
9. Мусоҳиба бо Ж. Деррид / Мировое древо. -1992. -№1. –С. 74, 75.
10. Рикёр П. Герменевтика. Этика. Политика / П. Рикёр. - М., 1995. –С.8, 86,
11. Лаппо-Данилевский А.С. Ҳамон асар. Нашри 2. –С. 514.
12. Рикёр П. Конфликт интерпретаций / П. Рикёр. -С.4.
13. Гадамер Х.Г. Истина ин метод. Основы философской герменавтики / Х.Г. Гадамер. - М., 1988. –С. 220, 367.
14. Marrou H.I. Da la connaisancc historigue / H.I. Marrou. - Париж, 1972.
15. Ключевский В.О. Курс лекций по источниковедению (Силсилаи лексияҳо оид ба манбаъшиносӣ) /Асарҳо дар 8 ҷилд, ҷилди 6, М.,1959.–С. 5.
16. Гадамер Х.Г. Истина и метод (Ҳақиқат ва услуб) / В.О. Ключевский. -С. 397-398, 399-400.
17. Кареев Н.И. Теория исторического знания / Н.И. Кареев. –Спб., 1913. –С. 35.
18. Валк С.Н. Очерк русской дипломатики частных актов / С.Н. Валк, А.С. Лаппо-Данилевский //Маҷаллаи таърихии русӣ. -1922, -№ 8. -С. 258, 255.
19. Карсавин Л.П. Философия истории / Л.П.Карсавин. -Спб., 1993. –С. 292.


**СОХТОРИ ТАДҚИҚОТИ МАНБАЪҲО: ШАРОИТҲО ВА МУҲИТИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШИ МАНБАЪҲО**


Дар мақола ба масъалаҳои сохтори таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ, шартҳо ва муҳити таърихии пайдоиши онҳо, бамиёноӣ, матни асар, ва амаликунии онҳо дар ҷомеа, таҳлили мазмуни сарчашмаҳо, сарчашмашиносӣ синтези сарчашмаҳо, инчунин масъалаҳои муҳимми илми сарчашмашиносӣ равшанӣ андохта шудааст.



**Калидвожаҳо**; илм, сарчашма, таҳлил, сохтор, синтез, усулҳо, омӯзиши сарчашмаҳо.


**СТРУКТУРА ИССЛЕДОВАНИЯ ИСТОЧНИКОВ: УСЛОВИЯ И ИСТОРИЧЕСКАЯ СРЕДА ИХ ВОЗНИКНОВЕНИЯ**


Бартольд В.В. приводит рассказ Джувейни о том, что Джелал ад-дин уговаривал своего отца не принимать такого малодушного решения ( т.е. идти в Иран и собрать там войско) или по крайней мере оставить войско ему, Джелал ад-дину, в противном случае народ будет иметь право упрекать династию за то, что она только взимает подати с населения, но не исполняет вытекающей отсюда обязанности защищать страну от внешних врагов. Незадолго до прибытия отрядов Чжебе и Субудая Хорезмшах покинул берега Амударьи, оставив только наблюдательный отряд у Пенджаба. По Джувейни, весть о переправе монголов застала султана уже в Нишапуре, куда он прибыл 12 сафара 617/ 18 апреля 1220 года. По Джузджани, переправа совершалась только в месяце мае. Крайне сомнителен рассказ Джувейни, по которому султан пробыл в Нишапуре почти целый месяц (с 18 апреля по 12 мая) и в это время предавался веселью, забыв об угрожающей ему опасности. Несеви, по словам ученого, имевший случай говорить с лицом, сопровождавшим султана, говорит, что султан из страха перед монголами не остался в Нишапуре и одного дня. Бегство султана из Нишапура показывает, что он ожидал переправы монголов через Амударью. Он едва ли делал продолжительные остановки в городах Хорасана. В Бистаме султан передал одному из векилей двора, эмиру Тадж ад-дину Омару Бистами два ящика с драгоценными камнями и велел отправить их в Ардахан (крепость находилась на расстоянии трех дней пути от Рея), спасти сокровища султану не удалось потому, что крепость впоследствии была вынуждена сдаться монголам и ящики были отправлены Чингиз-хану. Хорезмшах бежал через Рей в Казвин, где находился его сын Рукнад-дини Гуршанчи с войском в 30 000 человек [6, 487].

Теперь султан мог бы уничтожить разрозненные отряды Чжебе и Субудая, но этой возможностью он не воспользовался. Султан в это время отправил свою жену, мать Гияс ад-дина Пир-шаха и других женщин в крепость Карун, где начальствовал Тоджад-дин Туган, а сам призвал себе в качестве советника луристанского атабека Носрет ад-дина Хазараспа. Тот указал ему на одну горную цепь между Луристаном и Фарсом, за которой была расположена плодородная местность. Здесь можно было набрать до 100 000 пехотинцев из луров и жителей Фарса, и с их помощью отразить монголов. Султан не одобрил и этого плана, и решил, что Несрет-ад-дин преследует свои личные цели, именно хочет отомстить своему врагу атабеку Фарса Мухаммед остался в Ираке. При приближении монголов он с сыновьями ушел в крепость Карун, но остался там только на один день, взял с собой несколько лошадей и проводников и отправился по дороге в Багдад. Обманув, преследовавших его, монголов он прибыл в крепость Сер-Чахан, где пробыл семь дней и оттуда пробрался до берега Каспийского моря. Чжебе и Субудай, кроме того, должны были преследовать Хорезмшаха. Поэтому, по Ибн ал Асиру, «на пути своем не сделали никаких остановок ни для грабежа, ни для убийства, а только усугубили свое движение по преследованию его, не давая ему отдыха». С другой стороны, как отмечал В.В. Бартольд, по Джувейни, монголы оставили наместника в Балхе, разрушили город Заву, и в начале месяца июня подошли к Нишапуру. Отряды Чжебе и Субудая были слишком

малочисленны, чтобы оставлять своих начальников в таких больших городах, как Балх, так как оставить начальника без гарнизона, конечно, не имело смысла [6, 491].

По сведениям Ибн ал-Асира, султан покинул Хамадан до прибытия врагов; по Джувейни, султан встретил монголов по дороге из Казвина в Карун, но не был узнан ими; монголы пустили в его отряд несколько стрел и ранили султана, который тем не менее, благополучно достиг крепости. Монголы осадили крепость уже после отъезда султана, узнав, что его в крепости нет, они тотчас прекратили осаду, захватили по дороге некоторых из проводников султана и направились по его следам. Султан неожиданно изменил свой путь и прибыл в крепость Сер-Чахан. Монголы потеряли его след, убили проводников и вернулись назад. По Несеви, султан (Мухаммед) в Равнине Даулатобод, в окрестностях Хамадана, с двадцатитысячным войском был окружен монголами и с трудом спасся, монголы перебили большую часть его спутников. Итак, здесь, на крайнем западе владений султана произошла единственная битва между ним и монголами. Остров, где укрылся султан был расположен близ приморского города Абескуна (близ Гургана). Сколько времени провел султан на острове неизвестно, по рассказу его спутников, с которыми впоследствии беседовал Несеви, он уже при приезде на остров страдал воспалением легких в такой степени, что не было надежды на его выздоровление. В последние дни своей жизни он щедро наградил почетными должностями и земельными наделами лиц, оказавших ему услуги. Конечно, эти награды в то время не имели реального значения, все эти грамоты впоследствии были утверждены Джелаль ад-дином [6, 492]. В.В. Бартольд считал, что Джалал ад-дин и его братья Узлагшах и Акшах вплоть до бегства на остров Каспийского моря, будучи неотлучными от своего отца, султана Ала ад-дина Мухаммеда, были проникнуты страхом перед монголами. Кроме того, он сослался на сообщение Джувейни о том, что Ала ад-дин Мухаммед из Нишапура отправил Джалал ад-дина для охраны Балха, но тот вернулся к отцу, так как получил известие о переправе монголов [6, 500].

В.В. Бартольд скептически отнёсся к сообщению Ан-Насави о битве при Кандагаре, ссылаясь на отсутствие сведений об этом успехе Джалал ад-дина в других источниках, в том числе в сочетаниях Джувайни и Рашид ад-дина. «Если какой нибудь монгольский отряд уже в то время проник так далеко, то этот отряд мог быть только крайне незначительным» - писал В.В. Бартольд [6, 505]. Он полагал, что сообщение о битве в Кандахаре не могло быть вымыслом Ан-Насави, и нам представляется, что это сражение действительно происходило. И в Кандахаре потерпела поражение одна из авангардных группировок монгольских войск. В.В. Бартольд основывался на сообщениях Джувайни и положении в Merве, Нишапуре, Герате накануне вторжения Тулуя (сына Чингиз-хана), и охарактеризовал ее как анархию и безвластие. Власть очутилась в руках отдельных честолюбцев и авантюристов, некоторые из которых мечтали о царском престоле. О прес-толе мечтал в Мерве бывший гражданский правитель города (хаким и везир) Муджир ал-Мулк Шераф ад-Дин Музаффар. Воспользовавшись безвластием в Хоросане, Тулуй смог в течение трех месяцев покорить три больших города этой страны: Мерв, Нишапур и Герат. По Джувейни и его последователю Рашид ад-дину, Мерв и его жители без сопротивления сдались монголам 25 февраля 1221 года [6, 514].

Следует отметить, что ученый ограничил всю историю взятия известнейших городов Хоросана: Нишапуром и Гератом. Он весьма скупо отмечал еще более тяжёлую участь Нишапура, взятого монголами в субботу 10 апреля 1221 года. В.В. Бартольд указал на перебитых жителей, за исключением 400 ремесленников, на разрушенный город до основания и вспахивания его месторасположения. По словам В.В. Бартольда, менее всего пострадал Герат. В нем были перебиты только воины Хорезмшаха числом 12000, во главе города были поставлены монгольский и мусульманский начальники. В.В. Бартольд резюмирует, что в Мавераннахре и Хорезме монгольское владычество установилось уже при Чингиз-хане, остальные земли Хорезмшаха позднее пришлось покорять еще раз. Сам Мухаммед (Хорезмшах- С.Ш.), почти нигде не выступил навстречу вражескому войску. Известия о его бегстве и смерти должны быть, вероятно, исправлены и дополнены в том смысле, что преследователи потеряли его след. Иначе их отряды, конечно, нашли бы дорогу к острову на Каспийском море, находившемуся недалеко от побережья [9, 625].

Еще при жизни Чингиз-хана, Джелаль ад-дин вернулся в Иран. Некоторое время спустя в 1228 году монголы одержали над ним победу недалеко от Исфахана, но понесли большие потери. Отряды Джелал ад-дина преследовали их до Амударьи, но никаких попыток поколебать власть монголов в Хорезме и Мавераннахре сделано не было. Монгольские завоевания, по всем известиям, были связаны со страшным избиением населения [10, 132]. Чингиз-хан умер в августе 1227 г., 72 лет от роду, оставив своим преемникам не только обширную империю, завоеванную оружием, но и руководящие начала ее устройства. Исследуя вопрос престолонаследия, Бартольд отмечает, что, согласно сведениям Джувейни об орде и владениях второго сына Чингиз-хана – Чагатая, орда последнего находились «в местности Канаш по соседству с Ал-Маликом». Его владения простирались «от границ области уйгуров до Самарканда и Бухары». Он пишет, что Орда Чагатая и его ближайших потомков упоминается у Джувейни также под турецким названием, то есть «Большой дом». О месте погребения Чагатая и его потомков нет никаких сведений [10, 145].

По мнению В.В. Бартольда, несмотря на подчинение Чагатая земель до Самарканда и Бухары, Мавераннахром управлял Махмуд Ялавач, живший в Ходженте и назначенный не Чагатаем, а Угедеем, такое положение оставалось еще в 1238-1239 гг. во время народного, преимущественно крестьянского восстания против монголов в Бухаре. Чагатай, не посоветовавшись с братом, низложил Махмуда и назначил вместо него другого наместника. Когда Махмуд пожаловался Угедею, Чагатай в ответ на запрос послал брату извинительное письмо. Угедей утвердил распоряжение Чагатая и пожаловал ему Мавераннахр во владение (инджу–доход, удов-летворяющий потребности двора и войска монгольского царевича). Одной из причин смут в монгольской империи было отсутствие закона о престолонаследии. После смерти каждого хана подвергался долгому обсуж-дению вопрос о его преемнике, требовалось признание его всеми членами ханского рода и торжественное возведение его на престол при их участии, для чего созывался курултай [10,146].

Следует отметить, что таньмачи (монгольские воеводы), по монгольскому сказанию были поставлены как в Китае, так и в за завоеванных областях Передней Азии. Иногда таньмачи поручалась и военная власть, рассердившись на своего сына, он сказал: «Пусть он отправится на отдаленные границы в качестве таньмачи берет крепкие города и переносит тяжкие труды». В непосредственной зависимости от каана находились также правители более обширных областей, не только Хорасана, находившегося в исключительном положении, но и Мавераннахра, где от имени каана управлял Махмуд Ялавач, живший в Ходженте. Чагатай самовольно отозвал Махмуда, на упреки каана он ответил извинением. Он принял извинение и отдал Мавераннахра Чагатаю в качестве инджу. Уже этот пример показывает, как мало действенна была мера относительно таньмачи и вообще наместников непосредственно подчиненных каану. При отсутствии единоличного управления, государством мусульманским оседлым насе-лением в начале царствования Угедей управлял от имени великого хана. После того как Мавераннахр был уступлен Чагатаю и Махмуд должен был удалится к Угедею. При Махмуде Ялаваче в 1238 г. в оправившейся от погрома 1220 г. в Бухаре произошло крестьянское восстание под руко-водством Махмуда Тараби, направленное как против монголов, так и против местной аристократии. После усмирения восстания заступничество Махмуда Ялавача спасло город от угрожающей ему расправы [11, 138-139].

Несмотря на обширность империи, орды трех старших сыновей Чингиз-хана первоначально находились очень близко одна от другой. Уже это одно показывает, что уделы в то время не были, как впоследствии, полу-независимыми государствами. Земли, отведенные членам ханского рода, должны были служить для них только источником дохода и оставались подчиненными власти главы империи. При покорении культурных областей доходы с них не отдавались в собственность (инджу) одному царевичу, но распределялись между всеми. Таким же источником дохода считались ремесленники в покоренных городах. Их отдавали в распоряжение ца-ревичам, которые по своему усмотрению поселяли их в том или другом городе и поручали им известные работы. Вмешиваться в дело сбора податей царевичам было запрещено, для этого как вообще управления оседлым населением, назначались особые наместники от главы империи. Такой порядок, однако, не мог быть поддержан на долгое время. Авторитет наместников великого хана в странах, отдельных от центра империи, не мог выдержать борьбу с авторитетом местных царевичей, в распоряжении которых находилась военная сила. Постепенно в руки последних перешла вся власть и империя распалась на несколько самостоятельных государств.

В.В. Бартольд подчеркивает, что «создание Саманидами в известной мере централизованного государства почти на целое столетие избавило население Центральной Азии и Хорасана от чужеземного ига и охраняло эти территории от нашествий иноземных захватчиков» [12, 31]. Таким образом, анализ и обощение проблемы вклада В.В. Бартольда в освещении общественно-политической жизни таджикского народа в XIII-XV вв. привели автора к выводу о том, что, **во-первых,** предметом специальных исследований В.В. Бартольда, стал один из наиболее важных периодов в истории таджикского народа - эпоха монгольского владычества; **во-вторых**, на основе многочисленных источников В.В. Бартольд показал истребление мирного населения, разрушения городов и крепостей; **в –третьих,** осветил и обратную сторону процесса монгольского нашествия в Центральную Азию, а именно противодействие, противостояние, сопротивление, борьбу народных масс Мавераннахра, в том числе, и таджикского народа; **в-четвертых** выявил особенности внутренней политики и последствия монгольского владычества.

Резюмируя взгляды В.В. Бартольда о социально-экономическом положении таджикского народа в период монгольского владычества, автор приходит к следующим выводам:

- самыми крупными событиями в истории XIII-XIV вв. народов Центральной Азии, в том числе таджиков, было монгольские завоевание. Оно привело к тяжелым последствиям в социальном и экономическом положении народов региона;
- в социально-экономическом строе Мавераннахра произошли глубокие изменения;
- завоевание моголов вызвало огромный экономический упадок в Средней Азии, стало одной из главных причин общего экономического отставания края;

- завоевание монголов и установление их владычества в XIII –XIV вв. привело к усилению развития феодальной земельной собственности и сложению наиболее тяжелых форм феодальной зависимости крестьянства в Среднеазиатском регионе;

- монгольское нашествие сопровождалось разрушением городов и страшными опустошениями, что привело к ухудшению экономического благосостояния населения, так и изменению состава этнографического коренного населения;

- соседство кочевников, в руках которых была сосредоточена вся военная сила, отразилось на благосостояние культурных земель, особенно на городской жизни, гораздо сильней, чем опустошения, произведенные во время монгольского нашествия.

- классический труд великого русского и советского историка-востоковеда В.В. Бартольда «Туркестан в эпоху монгольского нашествия», бесспорно является ценнейшим вкладом в историографии восточного средневековья.

Оценивая значение борьбы таджикского народа под предводительством Тимурмалика, академик В.В. Бартольд пришел к выводу о том, что великий полководец фактически сорвал планы Чингиз-хана по наращиванию монгольской войны, направленной на сокрушение державы Хорезмшахов; организовал героическое сопротивление Ходжента, что задержало на некоторое время темпы монгольского завоевания в сторону Хорезма, Хорасана и Западного Ирана; как талантливый полководец, продемонстрировал военную доблесть и организаторские способности и смог сокрушить агрессора.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия / В.В. Бартольд //Соч. -Т.1. -М., 1963.
2. Бартольд В.В. Введение. Источники. Монгольское нашествие / В.В. Бартольд // Соч. -М., 1963. -Т.1.
3. Петрушевский И. Предисловие / И. Петрушевский // Соч. -Т.1. -М., 1963.
4. Шарипов Р.Я. Освещение истории таджикского народа монгольского периода (1219-1380) в советской историографии: дисс. на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Р.Я. Шарипов. -Душанбе, 1998.
5. Бартольд В.В. Статьи из «Энциклопедии ислама». Чингиз-хан / В.В. Бартольд //Соч. -Т.5. -М., 1964.
6. Бартольд В.В. Чингизхан и монголы / В.В. Бартольд // Соч. -Т.1. -М., 1963.
7. Бартольд В.В. История Туркестана / В.В. Бартольд // Соч. -Т.2. -Ч.1.
8. Давлатов М. Центральная Азия накануне и в период монгольского нашествия (1201-1223 гг.): дисс. на соиск. уч. степ. доктор ист. наук / М. Давлатов. -Душанбе, 2010.
9. Бартольд В.В. Чингиз-хан / В.В. Бартольд //Соч. -Т.5. -М., 1968.
10. Бартольд В.В. Двенадцать лекций по истории турецких народов Средней Азии / В.В. Бартольд //Соч. -Т.5. -М., 1968.
11. Наджмиддинов Т. Вклад В.В. Бартольда в изучение истории Чага-таидов / Т. Наджмиддинов //«Накши В.В. Бартольд дар омӯзиши таърихи халки точик» (Мачмӯаи маърӯзахои Конфронси байналмилали бахшида ба 140-солагии академик В.В. Бартольд). -Душанбе, 2010.
12. Шарофуддинов С.С. Исследования В.В. Бартольда, посвященные истории таджикского государства Саманидов / С.С. Шарофуддинов // Вестник таджикского национального университета. –Душанбе, 2015. -№3-8(182).


## ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ ТОҶИКОН ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ МУҒУЛҲО ДАР МЕРОСИ ИЛМИИ АКАДЕМИК В.В. БАРТОЛД


Дар мақола саҳми В.В. Бартолд дар такмил додани таърихи асри-миёнагии ватанӣ дар асрҳои XIII-XV инъикос мегардад. Хизмати арзандаи В.В. Бартолд дар он зоҳир мегардад, ки вай дар асарҳои худ «Очерки таърихи Ҳафтрӯд», «Шӯриши халқӣ дар Самарқанд дар соли 1365», «Таърихи Туркистон», «Доир ба масъалаи феодализм дар Эрон», «Туркистон дар дав-раи истилои муғулҳо» ва ғайра ҳаматарафа таърихи Осиёи Марказиро дар давраи ҳуҷуми муғулҳо тасвир намудааст.



**Калидвожаҳо:** В.В. Бартолд, муғулҳо, Самарқанд, Осиёи Марказӣ, саҳми, истилогарон, Чингизхон, Бухоро.


## ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИИ ТАДЖИКОВ ПЕРИОДА МОНГОЛЬСКОГО ВЛАДЫЧЕСТВА В НАУЧНОМ НАСЛЕДИИ АКАДЕМИКА В.В. БАРТОЛЬДА


В статье освещается вклад В.В. Бартольда в разработку отечественной средневековой истории в XIII-XIV вв. Заслуга В.В. Бартольда в том, что в своих работах «Очерк истории Семиречья», «Народное движение в Самарканде 1365 г.», «История Туркестана», «К вопросу о феодализме в Иране», «Туркестан в эпоху монгольского нашествия» и других ученый всесторонне осветил историю Центральной Азии в период монгольского нашествия.



**Ключевые слова:** В.В. Бартольд, монголы, Самарканд, Центральная Азия, вклад, захватчики, Чингизхан, Бухара.


## REFLECTION OF THE HISTORY OF THE TAJIKS DURING MONGOLIAN PERIOD IN THE SCIENTIFIC HERITAGE OF ACADEMICIAN V.V. BARTOLD


In this article highlight about contribution of scientific on researching medieval history in XIII-XIV centuries. The main feats of academician V.V. in that on his works «Essays of history of Haftrud», «peoples movement in Samarkand in 1365», «the history of Turkistan», « Turkistan in era of the Mongols invader» and so on.



**Key words:** V.V.Bartold, mongols, Samarkand, Central Asia, contribution, invader, Chengiz- Khan, Bukhara.



**Сведения об авторе:** ***Шарофуддинов С.С.***- Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры историографии и архивоведения. Телефон: **(+992) 989-15-27-67**

# БАЪЗЕ НАМУДҲОИ ЗАМИНДОРӢ ВА АНДОЗУ ПАРДОХТҲО ДАР АМОРАТИ БУХОРО

*Бобоев С.С.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Давраи ҳукмронии сулолаи Манғитиён аз нимаи дуюми асри XIX (аз соли 1753) сар карда, то ибтидои асри XX (то соли 1920) давом кардааст. Дар аморати Бухоро андози асосӣ хироҷ ҳисоб мешуд. Бинобар ин, пеш аз он ки ба таҳлили андозҳои ин давринаи аморати Бухоро гузарем, зарур аст, ки шаклҳои заминдории ин давраро дида бароем. Дар ин давра асосан шаклҳои зерини заминдорӣ вуҷуд дошт: заминҳои давлатӣ, (яъне мулки султонӣ) заминҳои мулкӣ, заминҳои вақф ва шакли заминдории "танхо".

**Заминҳои давлатӣ.** Дар аморати Бухоро замини амлокӣ, замини султонӣ ё мамлоки султонӣ, замини подшоҳӣ ва ё мамлоки подшоҳӣ номида мешуданд, ки яке аз паҳншудатарин шаклҳои заминдорӣ ҳисобида мешуданд [6, 32]. Гарчанде соҳиби замин амир ҳисоб мешуд, деҳқонон ҳамчун иҷорагирон, дар замин кор мекарданд ва ҳиссаи муайяне аз меҳнати худ мегирифтанд. Яке аз сарчашмаҳои афзоиши ҳиссаи заминҳои давлатӣ аз он иборат буд, ки феодалон - заминдорони калон аз 2/3 ҳиссаи замини худро ба давлат бахшида, боқимондаи 1/3 ҳиссаи худро аз тамоми намудҳои андоз озод менамуданд [14, 13].

**Заминҳои мулкӣ.** Чи тавре ки А.А. Семёнов менависад, ҳамаи заминҳои мулкӣ ба се намуд: мулки ҳуррӣ, мулки хироҷӣ ва мулки ушрӣ ҷудо мешуданд [5, 24]. Мулки ҳуррӣ ё мулки ҳурри холис аз супоридани андоз озод буд ва ин мулкҳо, асосан, ба феодалони калон тааллуқ доштанд. Мулки хироҷ дар ихтиёри деҳқонон буд. Ҳатто деҳқонон ҳуқуқи фурӯхтан ё туҳфа кардани замини худро доштанд. Андоз аз ин гуна заминҳо дар ҳудуди 1/3 то 1/5 ҳиссаи ҳосилро ташкил медод. Дар охири асри XIX ин андоз 40% ҳосил ва аз он бештарро низ дарбор мегирифт. Аз заминҳои мулки ушр андози даҳяк, яъне 1/10 ҳиссаи ҳосил гирифта мешуд [14 , 16].

**Заминҳои вақфӣ,** шакли махсуси заминдорӣ буд, ки ба тариқи васият ё садақа ба фоидаи ташкилотҳои динӣ: масҷидҳо, мазорҳо ва мадрасаҳо дода шуда буд. Тавре Кисляков Н.А. [12, 98], Давидович Е.А. [11, 33], Чехович О.Д. [10, 263], маълумот медиҳанд, аз вақф ҳам хироҷ гирифта мешуд.

**Шакли заминдории «танхо».** Ин шакли заминдорӣ дар ибтидои асрҳои миёна «иқта» ва дар замони Темуриён «суюрғал» номида мешуд. Аз ибтидои асри XVI сар карда аз Шайбониён то Манғитиён пурра он заминҳое, ки ба ивази хизматашон ба шахсони мансабдор дода мешуд, «танхо» меномиданд. Дар давраи амир Музаффар (1860-1885), вақте ки Бухорои Шарқӣ, яъне ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, ба ҳайати аморати Бухоро ҳамроҳ мегарданд, дар ноҳияҳои кӯҳӣ низ «танхо» паҳн мегардад.

«Танхо» асосан аз ҳисоби заминҳои амлокӣ дода мешуд. Дар сурати аз вазифа рафтан ё вафоти шахси амалдор, яъне танходор «танхо» аз тарафи амир баргардонида гирифта мешуд, ё ки фарзанди танходор мувофиқи вазифааш ба як қисми он соҳиб мешуд.

Дар Бухорои Шарқӣ шаклҳои заминдорӣ нисбатан фарқ мекард. Мувофиқи маълумоти мардумшинос Раҳимов М.Р. заминҳои давлатӣ дар инҳо замини шоҳӣ ё замини мирӣ номида мешуд, ки он дар ихтиёри ҳокими маҳаллӣ - бек, мир ё амлокдор буд. Бинобар ин, андозҳо ба фоидаи ҳокими маҳаллӣ ва қисман амлокдор рӯёнида мешуд. Миқдори заминҳои вақфӣ ночиз буд ва онро «замини мазорӣ» меномиданд.

**Заминҳои мулкӣ** вобаста ба шакли соҳибияташон мулки падарӣ, бобогӣ ё мулки меросӣ номида мешуданд. Агар мулк аз андоз озод набошад, деҳқононе, ки дар он кор мекарданд, ба мир ба миқдори 1/10 ҳиссаи ҳосил андози ушр месупориданд [7, 90].

«Танхо» дар Бухорои Шарқӣ ба ивази додани туҳфаҳои қиматбаҳо ба ҳокимони вилоятҳо гирифта мешуд. Дар системаи идоракунии аморат пас аз амир қушбегии боло меистод, ки дар ихтиёри он ҳокимияти судӣ, ҳарбӣ ва молиявӣ фаъолият мебурд. Корҳои молиявиро қушбегии поён, ки онро закотчии калон ҳам меномиданд, ба пеш бурда, ҷамъоварии андозро аз тамоми вилоятҳои Бухоро таъмин менамуд. Шахси ҷавобгар барои ҷамъоварии андози замин ҳокимони вилоятҳо - бекҳо ҳисоб мешуданд. Онҳо аз тамоми амлокдорони вилоятҳо андозро ҷамъоварӣ намуда, як қисмашро барои аппарати идоракунии худ ва қисми зиёдтарашро ба амир мефиристоданд.

Андози асосии замин – хироҷ, асосан, аз ҳисоби ҳосили ғундошташуда ба маҳсулот пардохта мешуд. Дар асри XIX фақат як қисми заминҳои атрофи шаҳрҳои калон пардохти хироҷро дар шакли пул ба сомон мерасониданду халос. Миқдори хироҷро ҳангоми пухта расидани ҳосил амлокдор бо одамони худ ба саҳро баромада, муайян мекард, яъне ҳосилро бо «чашмони худ» медид. Ҳаҷми хироҷ дар замони Манғитиён дар Бухорои Шарқӣ ва баъзе ҳудудҳои имрӯзаи Тоҷикистон гуногун буд. Масалан Соболев Л.Н. [3, 274] ва А.П. Хорошхин [4, 125] **ҳ**аҷми хироҷро дар водии Зарафшон аз 1/3 то 1/10 ҳиссаи ҳосил нишон додаанд.

Аз рӯйи маълумоти Б.И. Искандаров [13, 58] **ҳ**аҷми хироҷ дар Помир аз 1/5 то 1/8 қисми ҳосил ва аз рӯйи маълумоти К.А. Кисляков [12, 103] дар Қаротегину Дарвоз андози замин 1/10 қисми ҳосилро ташкил медодааст. Андози замин дар аморати Бухоро бо

мафҳумҳои дигар, ба монанди «мол» ва «молият» вомехӯрад. Дар рӯйхати пайгирҳо - андозғундорандагон аввал ҳамчун сарлавҳаҳои асосӣ «хироҷ» ва пас аз он мафҳумҳои «боғмолӣ», «харбузамолӣ», «чорбоғмолӣ», «молияти алаф» ва ғайра вомехӯрад. Инчунин, ба сифати андози замин мафҳуми «муштбар» дар бойгонии девонхонаи қушбегӣ вомехӯрад [15, в. 59, 301, 148].

Ҷамъоварии хироҷ то ибтидои асри XX дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистони ҳозира дар шакли натура амалӣ мегардид. Чунки аҳолии маҳаллӣ муқобили дар шакли пулӣ ҷамъоварии он баромад мекарданд. Зеро кашондани маҳсулот ба бозорҳо ва барзиёд талаб кардани андозпулӣ аз тарафи андозғундорон норозогии онҳоро ба вуҷуд меовард.

Дар баробари хироҷ боз якчанд намудҳои андозу маҷбуриятҳо ба фоидаи амалдорони маҳаллӣ ва андозғундорандагон ситонида мешуд (ба монанди кафсан. доруғагӣ, мушрифона, соғударға, котибона, муҳрона, сомонпулӣ ва ғайра). Кафсан дар шакли натура ба фоидаи ҷамъоварандаи асосии андози замин-амлокдор ситонида мешуд. Ҳаҷми кафсан аниқ муайян нашуда буд. Чи тавре ки А.Л. Кун менависад: «Ҳангоми ҷамъоварии андоз аз ҳосил пешакӣ дар зарфи махсус (соғу) маҳсулотро аввал барои амлокдор, пас барои амин оқсақол, нонвой мегирифтанд, ки кафсан номида мешуд» [2]. Аксар вақт кафсан ҳамчун илова бар хироҷ ба хазина супорида мешуд.Доруғагӣ ё кафсани доруға, пардохте буд, ки ба фоидаи доруға рӯёнида мешуд. Чи хеле ки Иванов П.П. маълумот медиҳад, мафҳуми доруға на танхо ба андозғундор дахл дорад, балки ҳокими ноҳияи начандон калонро мефаҳмонад [6, 37]. Ин андоз дар асоси розигии дутарафаи заминдор ва доруға гирифта мешуд. Ин андоз низ ҳаҷму миқдори муайян надошт ва дар асоси розигии дутарафаи заминдор ва доруға гирифта мешуд.

**Мушрифона -** низ як намуди андози замин ҳисоб мешуд, ки дар Дарвоз ва баъзе ноҳияҳои Бухорои Ғарбӣ буда, ба монанди кафсан ҳам ба фоидаи андозғундор-мушриф ва ҳам ба фоидаи хазинаи ҳокими маҳаллӣ рӯёнида мешуд.

**Соғубардорӣ -** намуди пардохт дар шакли маҳсулот (асосан ғалладона) буд, ки асосан барои хӯроквории амлокдор ҷамъоварӣ карда мешуд. Соғу номи зарфи махсусе буд, ки бо он пардохтро ҷамъоварӣ менамуданд. Лекин дар бораи миқдор ва ҳаҷми соғубардорӣ ҳатто дар бойгонии девонхонаи қушбегӣ ҳам ягон маълумоте нест. Танҳо дар ҳуҷҷатҳое, ки ба таърихи 1300 солшумории ҳиҷрӣ (1882-1883 мелодӣ) мансуб аст, дар бораи бекор кардани ин намуди пардохт маълумот дода мешаваду халос [17].

**Котибона** – намуди пардохте буд, ки ба манфиати котибони амлокдорон ва андозғундорон рӯёнида мешуд. Баъзан он ба андозе, ки амлокдор аз андозсупорандагон мерӯёнд, ҳамроҳ карда шуда, аз он ҳиссаашро худи амлокдор ба котиб мебахшид.

**Танобона** – ё ки танобпулӣ аз боғҳо, ангурзорҳо, полизҳо ё заминҳое, ки юнучқа корида шуда буданд, гирифта мешуд.

**Муҳрона** – ин пардохтро доруға аз ҳисоби муҳрмонии хирман, ки пас аз ҷамъоварии ҳосил то замони пардохтани андоз бо мақсади аз тарафи деҳқонон кашонда набурдани ҳосил гузошта мешуд, мерӯёниданд. Муҳри гузошташуда аз лой ё чӯб буд.

Андози муҳрона инчунин аз тарафи қозӣ, раис ё баъзан рӯҳониён, ки ҳуҷҷатҳои гуногуни юридикӣ тартиб медоданд, ҷамъоварӣ карда мешуд.

**Сурукона, хасуна-пулӣ.**Андози **сурукона** асосан аз ҳисоби чорводорон, соҳибони чорво барои истифода аз чарогоҳ ё кӯчонидани рама аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигар рӯёнида мешуд. Суруконаро асосан бочгир ва баъзан вақт амлокдор ҷамъоварӣ менамуд.

Аз ҳуҷҷатҳои бойгонии девонхонаи қушбегӣ маълум мешавад, ки дар аввали тобистон, вақте ки гӯсфандонро ба чарогоҳи тобистона мебурданд, хасунапулӣ аз чорводорон рӯёнида мешуд [16 в. 19]. Дар ин бора Н.Латипов низ менависад, ки хасунапулӣ дар ҷануби Дарвоз ин пардохт барои чарогоҳ буд [8, 27].

**Танобона,** ё ки танобпулӣ аз боғҳо, ангурзорҳо, полизҳо, заминҳое, ки юнучқа корида шуда буданд, гирифта мешуд. Чи тавре ки Гребенкин менависад, аз ҳар таноб боғ аз 2 то 5 сӯм, аз юнучқазори кухна 1 сӯму 20 тин, аз юнучқазори нав 60 тин аз ҳосили сабзӣ 1/5 қисми онро мегирифтанд [1, 22]. Аз ҳуҷҷатҳои бойгонии девонхонаи қушбегӣ маълум мешавад, ки дар Душанбе аз ҳар таноби боғ 20 танга ва аз юнучқазор 6 танга андози танобро мегирифтанд [3, в.76.] Инчунин, дар он ҳуҷҷатҳо ҳисоботҳо дар доираи ҷамъоварии алафпулӣ, боғ ва чорбоғпулӣ, сабзимолӣ, майдамолӣ [5, 53] вомехӯранд, ки инҳо ҳамон танобона буда, вобаста ба намудҳои маҳсулот аз ҷиҳати ном фарқ мекунанд.

**Қӯшпулӣ,** асосан, аз ҷуфти барзаговҳое, ки дар шудгори замин иштирок мекарданд, гирифта мешуд. Аз рӯйи маълумотҳои А.А.Семёнов [5, 53] ин намуди андоз аз тарафи амир Насруллоҳ (1826-1860) ҷорӣ карда шуда, буд. Қӯшпулӣ аввал дар водии Зарафшон ҷорӣ карда шуда баъдтар дар дигар ноҳияҳои аморат ҷорӣ ва паҳн гардид. Ҳаҷми он низ вобаста ба ҳосилнокии замин гуногун буд.Дар ноҳияҳои атрофи Бухоро андозҳои ускунапулӣ - андоз аз дарахтони меванок; чиғирпулӣ - андоз аз чиғир барои обёрии заминҳо; лабакипулӣ - барои обёрии заминҳое, ки аз каналҳои калон дуртар буданд; ҷӯйчапулӣ-андоз аз барои истифода аз ҷӯйҳои начандон калон гирифта мешуданд, ки дар дигар қисмҳои аморат қариб ки дида намешуданд.

**Миробона** – андозе буд, ки ба фоидаи мироби маҳаллӣ рӯёнида мешуд. Ин андоз дар маҳалҳо ба таври гуногун ё ба воситаи пул ё маҳсулот гирифта мешуд.

**Аминона** - андозе, ки дар бозорҳо аз фурӯхтани молҳои истеъмолӣ ё ҳайвонот гирифта мешуд. Ин андоз аз тарафи амир Музаффар (1860-1885) дар давраи ҳуҷуми Россияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна бо мақсади таъминсозии хароҷотҳои ҷангӣ ҷорӣ карда шуда буд, ки дар он вақт 1,5% аз арзиши мол гирифта мешуд [5, 53]. Баъдтар он ба андози доимӣ табдил ёфт. Аз маълумотҳои бойгонии давлатӣ маълум мешавад, ки аз фурӯши чорво ба тариқи зерин аминона гирифта мешуд: аз 1 шутур – 2 танга, аз асп – 1 танга, аз хар – 0,40 танга. Аз ҳар як сари чорвои шохдор 40 пул то 1 танга [18, в 3-5]. Аминонаро ба ҷуз аз фурӯши пахта, қароқӯл, пашм, чорво инчунин аз фурӯши ғалла ва дигар маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ба миқдори 1% арзиши он мегирифтанд.

**Даллолӣ ё даллолпулӣ** - андозе буд, ки даллол- шахси миёнарав асосан дар бозори чорво аз ҳисоби фурӯшанда ва харидор бо розигии дутарафаи онҳо меситонд. Баъзе молҳо, масалан пӯсти қароқулӣ, бе иштироки даллолон хариду фурӯш карда намешуд.

Даллолпулиро аксар вақт аз ҳисоби аминона ҳам мегирифтанд.

**Тарозуҳаққӣ** - пардохт ба фоидаи тарозукашон, ки аз ҳисоби баркашидани маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ рӯёнида мешуд.

**Таги ҷой** – пардохт барои бозорҳо. Дар баъзе маҳалҳо он ба номи «тахти ҷой» низ машҳур буд. Аз рӯйи маълумотҳои А.А.Семёнов «пули тахти ҷой» пардохт барои ҷое, ки дар бозор чорво ё моли барои фурӯш баровардашуда ишғол мекард, гирифта мешуд. Масалан, аз барои ҷойи гӯсфанд 2 пулӣ гирифта мешуд [5, 53].

**Сувпулӣ ё кемапулӣ** - пардохт барои гузаронидани борҳо аз дарё. Ин намуди пардохт аз он шахсоне, ки ба гузаронидани борҳо аз дарё машғул буданд, гирифта мешуд.

**Заҳкашпулӣ** – андозе буд, ки ба ғайр аз деҳқонон барои кандани заҳкаш-ҷӯйи чуқури махсус барои хушкондани заминҳои заҳдор канда мешуд, гирифта мешуд.

**Мактабпулӣ** - пардохт барои таълим. Меъёри муайяни мактабпулӣ мавҷуд набуд ва аз рӯйи имконияти худ волидайн ба таълимдиҳандагон музде мепардохтанд.

**Обҷувозпулӣ** - андоз барои обе, ки ҳангоми кашидани равған дар обҷувоз истифода мешуд.

**Осиёпулӣ** - андоз барои осиёи обӣ. Ин андоз ҳам аз аҳолӣ ва ҳам аз осиёбон гирифта мешуд.

Дар қатори ин андозҳо андозҳои иловагие мавҷуд буданд, ки дар маҳалҳои алоҳида, хусусан дар Бухорои Шарқӣ амал мекарданд. Аз рӯйи маълумотҳои Н.Р.Раҳимов дар Дарвоз къиръға закот, ё ки чорвои къиръға ба миқдори як гӯсфанд аз деҳқононе, ки дар сари роҳи салтанатгоҳи бек мезистанд, гирифта мешуд. Инчунин, андози чорвои утоҳӣ- ба миқдори ду гӯсфанд ва як сабад нон аз ҳар деҳа ҳар сол; маскаи қонюрға- равғани ширӣ аз ҳар деҳқоне, ки аз салтанатгоҳи бек дуртар мезист, гирифта мешуд [7, 124-128].

**Ҷузя** - андози сарикасӣ, ки аз замони ҳукмронии арабҳо инҷониб вуҷуд дошт. Дар Аморати Бухоро ҷузя асосан аз ғайримусулмонон аз яҳудиён ва ҳиндуён, ки дар ҳудуди аморат мезистанд, гирифта мешуд. Аз рӯйи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар аморат қариб панҷ ҳазор нафар яҳудиён зиндагӣ мекарданд, ки дар давоми сол 51 600 танга андоз месупурданд [19, в. 401].

Ба ғайр аз андозҳои асосии дар боло номбурда андозҳои зерин дар ин давра вуҷуд доштанд, ки на дар ҳама қисмҳои аморат амал мекарданд:

**Чӯбпулӣ** - андоз аз аҳолӣ аз ҳисоби дарахтони буридашуда вобаста аз 2/3 арзиши дарахт.

**Ходапулӣ** - андоз аз деҳқонон ба миқдори 40 танга барои кандани ҷӯйбори нав.

**Қудуқпулӣ** - андоз барои истифодаи он чоҳ, ки бештар аз чӯпонҳо барои истифодаи оби чоҳ барои рама дар ҷойҳои беоб гирифта мешуд.

**Тариқона** - пардохт барои хизматҳои қоғазӣ ҳангоми тақсимоти молу мулки меросӣ.

**Навхонапулӣ** - пардохти махсусе буд, ки аз шахсони хонаи навбунёдкарда гирифта мешуд.

**Никоҳона** - пардохт барои ҳуҷҷатгузории шартномаи никоҳ гирифта мешуд. Ин намуди пардохт дар Бухорои Марказӣ дар шакли пул ва дар Бухорои Шарқӣ асосан дар шакли озуқа гирифта мешуд.

Тавре Петров И.И. маълумот медиҳад, «ҳаҷми пардохт барои духтарон аз 10-12 танга ва барои занҳои бева, ки аз нав акди никоҳ мебананд (Б.С.) 5 танга, дар шакли натура бошад, 1 карбос (матои маҳаллӣ барои 1 ҷуфт либоси таг) иборат буд» [9, 141]. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои девонхонаи қушбегӣ маълумоте оварда шудааст, ки қозии Ховалинг мулло мир Абдулғанӣ ҳангоми сабти ҳуҷҷатҳои талоқ аз 20 то 30 танга гирифта будааст. Амир Сайид Олимхон никоҳонаро бо указн махсус қонунӣ гардонида барои духтарон 10 танга ва барои беваҳо 5 танга муқаррар намуд.

**Хизматона** - пардохте буд, ки ба мансабдорони амир-мирохур маҳрамон барои хизматашон дар ҳаллу фасли даъвои деҳқонон аз тарафи онҳо пардохта мешуд. Ба ғайр аз ин, вобаста ба дурию наздикии ҷойи даъвогарон пардохте бо номи фарсахпулӣ, яъне роҳпулӣ мавҷуд буд, ки он низ аз тарафи шахсе, ки кор ба фоидаи он ҳал мегардад, пардохта мешуд. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои девонхонаи қушбегии амири Бухоро оварда шудааст, ки деҳқонони тумани Муъминободи вилояти Кӯлоб барои тафтиши даъвояшон ба Хазратқул мирохур маҳрам 600 танга хизматона дода будаанд [17, в. 44].

Аз тарафи амир Олимхон (1911-1920) ҳаҷми хизматона чунин муқаррар карда шуда буд: 10 танга барои амалдорон-махрамон, 5 танга барои ясавулон, 7 танга барои шогирдпешагони унвондор, 4 танга барои шогирдпешагони беунвон [16, в. 27].

Яке аз андозҳои асосие, ки то ин замон қариб дар ҳамаи давраҳо вуҷуд дошт (аз замони арабҳо сар карда), закот ҳисоб мешуд. Тоҷирон закотро ба микдори 2,5% арзиши моли фурӯхташаванда ё аз ҳисоби молҳое, ки ба аморат дохил мешуданд, ё ки аз ҳисоби молҳое, ки аз як бекигарӣ ба дигараш мебурданд, мепардохтанд. Дар Бухорои Шарқӣ хангоми фурӯхтани чизу чора, молҳои гуногун ва ҳатто аз замин закот пардохта мешуд.

Мувофиқи қонунгузории мусулмонӣ ҳаҷми закот мувофиқи саршумори чорво ва микдори молу маҳсулот чунин муайян шуда буд: аз шутур 1/25 сар, аз гов 1/30 сар, аз асп ва гӯсфанд 1/40 сар, аз нукра 1/40 дирҳам (24/119 грамм), аз тилло 1/20 мисқол (2,5/85 грамм), аз хазина ва конҳо 1/5 қисм, аз майдонҳои кишт 1/3 қисм, аз меваҳо 1/10 қисм закот гирифта мешуд.Мувофиқи маҳлумоти ҳуҷҷатҳои фонди девонхонаи қушбегӣ дар замони Манғитиён закот дар аввал аз ҳисоби саршумори чорво дар шакли маҳсулот ва баъдтар аз рӯйи арзиши бозории чорво дар шакли пулӣ рӯёнида мешуд [14, 36].

Дар аморати Бухоро ба ғайр аз пардохтҳо ва андозҳои дар боло номбаркардашуда чунин пардохте ба номи “розиёна” мавҷуд буд, ки гӯё бо аҳолӣ алоқамандие надошт. Чи тавре ки аз номи он маълум мешавад, ин тухфаи ихтиёрии (дар шакли пулӣ) шахси мансабдори поёнӣ ба мансабдори болоӣ буд. Дар асл бошад, он ба дӯши мардуми заҳматкаш буд. Розиёна дар ибтидо ихтиёран пардохта мешуд. Баъдтар он шакли маҷбуриро гирифт, ки аз аҳолӣ рӯёнида мешуд.

Ба ғайр аз ҳамаи он андозу пардохтҳое, ки дар аморати Бухоро мавҷуд буданд, шакли дигари истисмори аҳолӣ бо номи «ҳашар» мавҷуд буд. Дар асл агар он шакли меҳнати ихтиёронаи дастҷамъонаи ба ҳамдигар ёрирасониро дошта бошад, дар ин давра моҳиятан тағйир ёфта, ба меҳнати маҷбурӣ ва дар сурати рад кардани он ба маҷбуран пардохтани арзиши ҳамон намуди меҳнат водор карда мешуд.

**АДАБИЁТ**


1. Гребенкин А. Шаиграбская долина / А. Гребенкин //Известия РГО. -Москва, 1872. -Т.IV.
2. Кун А.Л. Бухарские порядки / А.Л. Кун // Туркестанские ведомости. -1873 . -№ 32.
3. Соболев Л.И. Географические и статические сведения о Зеравшанском округе / Л.И. Соболев // ЗИРГО. -Спб., 1874. -Т. IV.
4. Хорошхин А.П. Сборник статей, касающихся до Туркестанского края / А.П. Хорошхин. - Спб., 1876.
5. Семёнов А.А. Очерки поземельно-податного и налогового устройства Бухарского ханства / А.А. Семёнов. - Ташкент, 1929.
6. Иванов П. Хозяйство джуйбарских шейхов. К истории феодального землевладения в Средней Азии в XVI-XVII вв./ П.Иванов. - М.-Л., 1954.
7. Рахимов М.Р. Земледелие таджиков бассейна р. Хингоу в дореволюционный период / М.Р. Рахимов //Труды АН Таджикской ССР. -Душанбе, 1957. -Т. XI.
8. Латыпов Н. К вопросу о социальных отношениях в Дарвазском бегстве установления Советской власти / Н. Латыпов // Учёные записки Кулябского госпединститута. -1957. -Вып 3.
9. Петров Н.И. Бухарский мухтасиб в начале XX в./ Н.И. Петров //Проблемы востоковедения. - 1959. -№ 1. -С.141.
10. Чехович О.Д. Новая коллекция документов по истории Узбекистана / О.Д. Чехович // Исторические записки. -М., 1961. -Вып. 36.
11. Давидович Е.А. Материалы для характеристики экономики и социальных отношений в Средней Азии XVI в. / Е.А. Давидович // Известия ООН Тадж. ССР. -1961. -Вып 1 (24).
12. Кисляков Н.А. Патриархальные и феодальные отношения оседлого сельского населения Бухарского ханства в кон ие XIX – начале XX века / Н.А. Кисляков. – М.-Л., 1962.
13. Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир во II пол. XIX в. / Б.И. Искандаров. -Душанбе,1963. -Ч.II.
14. Хакимова К.З. Крестьянство Бухарского эмирата в конце XIX начале XX в. / К.З. Хакимова. -Ташкент: Фан, 1991.
15. Бурхониддин Марғиноний. Ҳидоя / Б. Марғиноний. -Тошкент: Адолат, 2000.
16. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. (БМД ҶӮз.) -Фонди И-126. –рӯйхати 1. -дафтари 743. -варақаҳои 59, 301, 148.
17. БМД ҶӮз. -Фонди И-126. –рӯйхати 1. –дафтари 1001. -варақаи 19.
18. БМД ҶӮз. -Фонди И-126. -рӯйхати 1. –дафтари 1267. -варақаи 76.
19. БМД ҶӮз. -Фонди И-1. -рӯйхати 34. -дафтари 791. -варақаи 3-5.
20. БМД ҶӮ. -Фонди И-3. -рӯйхати 1. -дафтари 74. -варақаи 401.


**БАЪЗЕ НАМУДҲОИ ЗАМИНДОРӢ ВА АНДОЗУ ПАРДОХТҲО ДАР АМОРАТИ БУХОРО**


Дар мақолаи зерин перомуни намудҳои заминдорӣ, ба монанди заминҳои давлатӣ, заминҳои мулкӣ, заминҳои вақфӣ (заминҳое, ки ба ташкилотҳои динӣ - масҷиду мадрасаҳо ва ғ. тааллуқ доштанд), шакли заминдории «танхо» (дар замони ҳукмронии сулолаи Шайбониён ва Манғитиён заминҳоеро, ки ба ивази хизматашон ба шахсони мансабдор дода мешуд, ҳамин тавр меномиданд) ва 25 намуди андозу пардохтҳое, ки дар замони ҳукмронии сулолаи Манғитиён дар аморати Бухоро мавҷуд буд, маълумот дода шудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси манобеъ ва сарчашмаҳо намудҳои заминдорӣ ва андозу пардохтҳои аморати Бухоро ва Бухорои Шарқиро аз нимаи II асри XVII то ибтидои асри XX муайян намояд.



**Калидвожаҳо:** намудҳои заминдорӣ, андозҳо, пардохтҳо, аморати Бухоро, андози асосии замин, андозҳои иловагӣ ҳаҷми хироҷ, андозғундорандагон.


**НЕКОТОРЫЕ ВИДЫ ЗЕМЛЕВЛАДЕНИЯ, НАЛОГИ И ПЛАТЕЖИ В БУХАРСКОМ ЭМИРАТЕ**


В настоящей статье автором изложена информация о видах землевладения, таких как государственные земли, имущественные земли, вакфские земли (земли, принадлежащие религиозным организациям – мечетям и медресе), форма землевладения «танхо»(во времена правления династий Шайбонидов и Мангиитов так назывались земли, которые выделялись должностным лицам за их заслуги), а также 25 видов налогов и платежей,

действующих в период правления династии Мангиитов в Бухарском эмирате. Автором предпринята попытка выявить и определить на основании источников виды землевладения, а также налогов и платежей в Бухарском эмирате и Восточной Бухаре, начиная со второй половины 17 века до начала 20 века
**Ключевые слова:** виды землевладения, налоги, платежи, Бухарский эмират, основной налог на землю, дополнительные налоги, размер налога, налоговики.

**SOME KINDS OF LAND OWNERSHIP, TAXES AND PAYMENTS IN THE BUKHARA EMIRATE**

In this article, the author presents information on types of land tenure, such as state lands, property lands, waqf lands (lands belonging to religious organizations - mosques and madrassas), the form of land ownership as "tankho"( during the reign of the Shaibonid and Mangit dynasties, the lands given to officials for their services were called in this way), as well as 25 types of taxes and payments in force during the reign the Mangiti dynasty in the Bukhara emirate. On the basis of sources, the author made an attempt to identify and determine the types of land tenure, as well as taxes and payments in the Bukhara Emirate and Eastern Bukhara, from the second half of the 17th century to the beginning of the 20th century.
**Key words:** land tenure, taxes, payments, Bukhara emirate, land tax, additional taxes, tax.

**Сведение об авторе:** ***Бобоев С.С.*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции,. кандидат филологических наук, доцент кафедры экономической теории.Телефон **(+992) 92 781 39 00,** E-mail **sirој1964@mail.ru**

# АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТЕАТРҲОИ ХАЛҚИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Шарифов Ш.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Театри халқӣ - як навъ театри оммавиест, ки дар байни халқ маъмул буда, шаклҳои фаъолияташ бо эҷодиёти даҳанакии халқ алоқаи зич дорад. Дар замонҳои қадим рақсу бозӣ, суруд, расму оин ва дигар унсурҳои амалиёти драмавӣ барои пайдоиш ва инкишофи намудҳои гуногуни театри халқӣ замина гузоштаанд. Масалан, дар Юнони қадим дар асрҳои 6-5 то мелод аз идҳои маросимии зироаткорӣ (иди деҳқонон ба шарафи худо Дионис) жанрҳои фоҷиа ва мазҳака ба вуҷуд омадаанд. Бо мурури замон аз байни иҷрокунандагони намоишҳои гуногуни театри халқӣ санъаткороне пайдо шуданд, ки онҳоро дар Юнони қадим «мим», дар Россия «скоморох», дар Аврупои Ғарбӣ «жонглёр», «шпилман», дар Осиёи Миёна «шуъбадабоз», «масхарабоз» ва ғайра меномиданд[1].

Дар намоишномаҳои театри халқӣ актёрон якчанд нақш иҷро мекарданд, яъне қиёфаашонро ба воситаи рангкунии рухсор (грим), сиёҳии дег, орд, пашми буз ва ғайра тағйир медоданд. Намоишномаҳои театри халқӣ бештар дар хонаҳои васеъ ва дар ҳавои кушод пешкаши тамошобинон карда мешуданд. Азбаски намоишҳо дар байни издиҳом, дар шароити пурмағал ҷараён мегирифтанд ва ҳангоми ҳунарнамоӣ актёрон баланд гап мезаданд, бо имову ишора кӯшиш мекарданд, ки характери офаридаашонро ҳарчи боварибахш ифода намоянд.

Дар баромадҳояшон актёрҳои халқӣ бештар рақсу суруд, пантомима [2] (аз калимаи юнонӣ – тақлид, тамошои хурди театрӣ, ки маъно бо ҳаракати бадан ва имову ишора ифода мегардад), акробатика (санъати дорбозӣ), санъати сирк (чашмбандӣ, тақлиди овози ҳайвону парандаҳо) ва лӯхтакҳоро истифода мебурданд. Бо мурури замон актёрони халқӣ ба ду соҳаи алоҳида ҳунарварони сирк ва зочабозон (театри лӯхтак) ҷудо шуданд. Эҷодиёти актёрҳои халқӣ асосан ба зисту зиндагонӣ, маишат ва орзуву омоли мардуми меҳнаткаш зич алоқаманд буд. Ҳунармандон дар баромадҳои худ образҳоеро меофариданд, ки дар онҳо муборизаи халқ бар зидди золимон, норозигии онҳо нисбат ба рӯҳониён ва ҳама гуна ҷаҳолат ва ҳодисаҳои зиндагӣ тасвир карда мешуд. Бо вуҷуди ин гуна мухолифатҳо намоишномаҳои театри халқӣ аз мадди назари табақаи ҳукмрон дур намонда буд. Ҳокимон санъаткорони халқиро ба дарбори худ даъват карда, ҳунари онҳоро ҳамчун воситаи дилхушӣ истифода мебурданд.

Драматурги бузурги рус А. Н. Островский дар даврони худ навишта буд, ки «Театри халқӣ ин аломати бавоярасии миллат аст, ба монанди академияҳо, донишгоҳҳо ва осорхонаҳо. Доштани театри халқӣ ва ба он ифтихор кардан орзуи ҳар як халқу қабила мебошад»[3]. Бояд қайд намуд, ки ташаккулёбии анъанаҳои театри халқӣ дар эҷодиёти драматургҳои бузург ва актёрҳои мумтоз барои пайдоиши театри касбӣ роҳ кушодааст.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ беҳтарин коллективҳои дастаҳои ҳаваскоронро «Театри халқӣ» меномиданд. Ин унвон ба дастаҳои ҳаваскорони пуртаҷрибае дода мешуд, ки онҳо дастаҳои худфаъолияти дорои ҳайати эҷодии устувор буда, барои дар саҳна офаридани спектаклҳо шароиту имкониятҳои хуб доштанд.

Нахустин театрҳои халқӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 50-уми асри XX таъсис ёфтаанд. Театри халқии тоҷик таърихи бою рангин дорад. Таърихи театри халқиро бо роҳи шиносоӣ бо жанрҳо ва дигар элементҳои эҷодиёти халқӣ омӯхтан мумкин аст. Театри халқӣ дар қатори дигар жанрҳо дар худ шаклҳои ғоявӣ, рӯҳия, майл ва вазъияти халқро тасвир менамояд. Барои ҳамин ҳамаи жанрҳо ва намудҳои театри халқӣ, алалхусус намоишҳои театрикунонидашуда, дунёи маънавии мардумро ошкор менамоянд.

Ҳунармандони театри халқӣ бештар ба масъалаҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ рӯй меоварданд. Омӯзиш ва азхудкунии эҷодиёти анъанаҳои санъати халқӣ санъати миллии муосирро ташаккул ва ғанӣ мегардонад [4]. Бо вуҷуди вусъатёбии санъати мусиқию рақсӣ то ғалабаи Инқилоби Октябр театри замонавӣ вуҷуд надошт. Аммо дар аксари намоишномаҳои мардумӣ элемент ва ҳаракатҳои театрӣ дида мешуданд. Дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ҳофизони халқӣ, навозандаҳо, гурӯғлихонҳо, раққосон, чашмбандон, найрангбозон, дорбозҳо, ширинкорон ва масхарабозон фаъолият мекарданд. Дар байни мардум масхарабозон шухрат доштанд. Онҳо намоишҳои мазҳакавӣ ва саҳначаҳои хурди ҳаҷвиро бо маҳорати баланд иҷро мекарданд. Намоишҳои театрикунонидаи мардумии ширинкорон ва масхарабозон яке аз падидаҳои шавқовар дар таърихи санъати театрии пешазинқилобии тоҷик ба ҳисоб меравtotal. Замони ба вуҷуд омадани «театр»-ҳои масхарабозонро муайян кардан душвор аст. Аммо аз рӯйи адабиётҳои мавҷуда маълум мегардад, ки масхарабозон дар қаламрави Тоҷикистон дар асри XIX ва аввали асри XX бисёр машҳур буданд ва дар байни мардум обрӯю эътибори зиёд доштанд. Масхарабозон барандаҳои асосии санъати театрии халқи тоҷик мебошанд.

Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ғайр аз калимаи «масхарабоз» бештар калимаҳои «машлот» ё «машлотбозӣ» истифода мешуданд. Калимаҳои «масхарабоз» ё «машлотбоз» маъноҳои шӯх, хандон, ширинкор, базлагӯ, аскиягӯ, аскиябозро ифода мекунанд. Аввалин театри касбии тоҷик ин театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ мебошад, ки соли 1929 дар заминаи дастаи ҳаваскорони шаҳри Душанбе ба вуҷуд омада буд. Театри касбии тоҷик дар замони шӯравӣ ташаккул ёфта бошад ҳам, дар намоишномаҳои он бисёр унсурҳо ва ҳаракатҳои театри мардумӣ ҷой дошт. Қариб ҳамаи театрҳои касбии тоҷик дар заминаи маҳфилҳои ҳаваскорони бадеӣ таъсис ёфтаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин театри халқӣ соли 1957 дар ноҳияи Рашт таъсис ёфтааст. Аввалин маҳфилҳои ҳаваскорони бадеӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои 30-юми асри XX таъсис ёфтанд. Маҳфилҳои худфаъолиятии бадеӣ дар марказҳои ноҳияҳо бо ёрии омӯзгорон, коркунони ташкилотҳо ва ҳаваскорони халқӣ, алалхусус масхарабозон ташкил ёфта буданд. Репертуар (маҷмӯи намоишномаҳои ба саҳна гузошта мешудагӣ) – и[5] маҳфилҳо аз сурудҳои халқӣ, рақсҳои халқӣ, баромади асбобҳои миллӣ ташкил ёфта буд. Инчунин, ба репертуари ин дастаҳо саҳначаҳои хурди хусусияти ташвиқотидошта дохил мешуданд.

Маҳфили худфаъолияти бадеии собиқ ноҳияи Даштиҷум (ҳозира ноҳияи Шамсиддин Шоҳин) аввалин маҳфил дар минтақаи Кӯлоб буд ва он бо ташаббуси Ҳошим Қосимов таъсис ёфта буд. Маҳфил бо роҳбарии Ҳошим Қосимов солҳои 1933-1934 асари хурди мусиқавии бо номи «Духтари Буйдоқ» -ро рӯйи саҳна бароварданд. Мавзӯи асар воқеае, ки соли 1918 дар Даштиҷум гузашта буд, ташкил медод. Матни асар аз тарафи Ҳ. Қосимов тайёр карда шуда, ба гуфти Ҳ. Қосимов иҷрокунандагон – аъзоёни маҳфил - милитсионерҳо буданд, ки нақшҳои ба зимма доштаашонро бо як маҳорати баланд иҷро намуданд. Грим[5] (аз калимаи итолиёвии қадим – санъати тағйири зоҳирии рӯй, яъне рангкунии рухсор барои бозӣ дар саҳна), либосҳо мутобиқи образҳо интихоб шуда буданд. Нақши Маҳтобро Сабоҳат Қудратова бо як маҳорати баланд иҷро карда буд. Ӯ аввалин зане буд, ки дар ноҳияи Даштиҷум рӯйи саҳна баромада буд.

Аз тарафи ҳаваскорони маҳфил соли 1938 асари дигар бо номи «Зулм» ба намоиш гузошта шуда буд. Матни асар аз тарафи аъзои маҳфил Қаҳҳор Ғафуров навишта шуда буд[4].Ҳамин тавр солҳои 50-60-уми асри XX дар заминаи вусъатёбии фаъолияти маҳфилҳои ҳаваскорон, театрҳои халқӣ ба миён омаданд.

Айни ҳол дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон як филармонияи халқӣ ва ду театри халқӣ фаъолият карда истодаанд[6]. Дар ноҳияи Ҳамадонӣ яке аз нахустин маҳфилҳои ҳаваскорони санъат соли 1953 дар колхози ба номи Киров ташкил ёфта буд. Ин маҳфилро овозхони босалиқа, донандаи сурудҳои халқӣ Бобохалил Одинаев роҳбарӣ мекард.

Солҳои 1956-57 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ хоҷагиҳои ноҳияи Даштиҷум ба ноҳияи навбунёди Ҳамадонӣ муҳоҷир карда мешаванд. Дар қатори муҳоҷирон оилаи Ҳошимовҳо низ буд. Вақте ки ҳофизи хушадо, донандаи шеъру сурудҳои халқӣ ва классикӣ Ҳошим Қосимов ва писарони ӯ Одинаву Абдулхайр ба ноҳия кӯчида омаданд, дар кори маданияту санъат дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид гаштанд.

Таҳсил дар омӯзишгоҳ ва сахтгирии устодони касбӣ аз қабили Семён Муравин, Ёқуб Сабзанов ва дигарон барои сайқал додани маҳорати навозандагӣ ва сарояндагии ӯ нақши муҳим бозид[7]. Одина Ҳошим солҳои 1958-59 баъди хатми омӯзишгоҳи мазкур ҳамчун мутахассиси ҷавон ба ноҳия ба кор омад. Ӯ бо тавсияи маъмурияти колхози ба номи Ленин роҳбари маҳфили ҳаваскорони санъат таъйин мешавад. Ӯ бо ҳамроҳии падараш Ҳошими Қосим, амаки Бобохалил, бародараш Абдулхайр, навозандагону сароядагони хушсалиқа Дӯстӣ Орзуев, Гулчеҳра Содиқова ва дигарон маҳфили бадеии хеле пурқуввате таъсис намуд. Маҳфил аз рӯйи барномаҳои махсус амал мекард. Аъзоёни он дар байни меҳнаткашони колхозу совхозҳо консертҳо нишон медоданд. Нуфузи ин маҳфил рӯз то рӯз зиёд шуда, онҳо дар азназаргузаронии ҳаваскорони санъати ноҳия ҷойи аввалро ишғол мекунанд.

Соли 1961 дар шаҳри Душанбе азназаргузарони ҷумҳуриявии театрҳои халқӣ ва хонаҳои маданияти ноҳияҳо барпо шуд. Дар ин азназаргузаронӣ ҷойи якум насиби

ҳунарпешагони хонаи маданияти ноҳияи Ҳамадонӣ гардид. Мувофиқи қарори мушовараи Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон ба Хонаи маданияти ноҳияи Ҳамадонӣ унвони Театри халқӣ дода мешавад ва Ҳошим Қосимов сазовори унвони баланди «Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ» мегардад[8]. Аввалин роҳбари бадеии театр Одина Ҳошимов буд. Намоишномаҳои нахустини театр «Арвоҳ»-и Самад Ғанӣ, «Шартҳои никоҳ»-и А. Убайдуллоев, «Маро бубахш»-и С. Сафаров, «Риштаи дӯстӣ»-и А. Рабиев ба ҳисоб мераванд. Баъдан асарҳои калонҳаҷми «Дил-дили Зайнаб»-и Ш. Қиёмов, «Кӯпрук»-и Ф. Ниёзӣ, «Ҳайдари якрав»-и С. Сафар, «Оилаи аскар»-и Ҷ. Қуддус, «Қарзи виҷдон»-и С. Сафар, «Тақдир»-и М. Салим, «Хезед суд меояд»-и М. Отабоев рӯйи саҳна оварда шуданд.

Дар театр дастаҳои драмавӣ, мусиқӣ ва ҳаҷвӣ амал мекарданд. Ҳофизони халқии республика Б. Одинаев, Ҳ. Қосимов, О. Ҳошимов, Ф. Ҳасанов, санъаткорон А. Раҳимов, Р. Қурбонов, Ҷ. Восиев, О. Мухтарамова, Қ. Сангова, С. Хушбахтова, К. Носирова, Х. Кабиров. К. Шарифов ва дигарон дар ин театр кор кардаанд.

Давраи нашъунамои театри халқии ноҳияи Ҳамадонӣ солҳои 70-уми асри XX–ро дар бар мегирад. Дар аввали солҳои 70-ум аллакай Театри халқии ноҳия шуҳрати сазоворе пайдо карда, ҳайати эҷодӣ ва иштирокчиёни он хеле зиёд гардид. Масалан, дар азназаргузаронии ҷумҳуриявии дастаҳои ҳаваскорони санъат «Бӯстон-1», ки соли 1974 баргузор гардида буд, зиёда аз 130 нафар сокинони ноҳия, ки намояндагони касбу корҳои гуногун буданд, ширкат варзиданд. Муваффақияти дар ин озмун бадастовардаи сокинони ноҳия шуҳрату овозаи санъаткоронро хеле баланд бардошт. Ҳайати эҷодии театр иштирокчии Фестивал – конкурсҳои ҷумҳуриявии «Бӯстон-1» (1973-1974), «Бӯстон-2» (1982 - 83), «Бӯстон-3» (1987 - 88) ва Даҳаи рӯзҳои фарҳанги ҶШС Тоҷикистон дар ҶШС Ӯзбекистон (1982) мебошад. Ҳунармандони театри халқӣ ба давлатҳои Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Назди Балтика, Ӯзбекистон, Арабистон, Сурия, Миср, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Лаос, Таиланд, Хитой сафарҳои ҳунарӣ кардаанд. Соли 1985 ҳайати эҷодии театр бо Ифтихорномаи Президиуми Совети Олии ҶСС Тоҷикистон мукофотонида шудааст[9].

Бо ташаббуси Мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо қарори ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 8/2 аз 13.08.2008 ба театри халқии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои дастовардҳои арзандаи ҳунарӣ унвони Филармонияи халқӣ дода шуд[10]. Филармония ҳайати эҷодиест, ки дар заминаи дастаи ҳаваскорон бо ҳайати ҳунарии сароядагону раққосон бо мақсади инкишофи минбаъдаи санъати мусиқӣ таъсис дода мешавад. Филармония – (аз калимаи юнонӣ phileo – дӯст медорам ва hormonia - таносуб) созмони давлатии консертӣ, ки мақсади асосии он таблиғи асарҳои бадеии мусиқист[9]. Фаъолияти Филармонияи халқии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун намунаи нигоҳи нав ба рушди соҳаи санъати миллӣ дар ҷумҳурӣ ягона мебошад. Хушбахтона ин тарзи хизматрасонии иҷтимоии фарҳангӣ имрӯз нишонаҳои аввалини самараи дилхоҳи худро додаст. Сафарҳои ҳунарии Филармонияи халқии ба номи Одина Ҳошим ба шаҳру ноҳияҳои вилояту ҷумҳурӣ собиткунандаи фикрҳо гардидаанд. Айни ҳол дар Филармонияи халқии ноҳия 26-воҳиди корӣ амал мекунад. Мардуми сарбаланду фарҳангдӯсти ноҳияи Ҳамадонӣ аз он ифтихор мекунанд, ки Филармонияи халқии ноҳия номи яке фидоиёни роҳи санъат Одина Ҳошимро дорад.

Театри халқии ноҳияи Муъминобод соли 1974 баъди азназаргузаронии дастаи ҳаваскорони санъат дар конкурси телевизионии ҷумҳуриявии «Бӯстон - 1» бо қарори ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон дар назди хонаи фарҳанги ноҳияи Муъминобод таъсис ёфтааст. Дар таъсиси театр аввалин ҳунармандони он Ҷ. Сабзаев, Ю. Холов, И. Кордчаев, Н. Акрамов ва М. Кабутова саҳми бузург гузоштаанд. Нахустин режиссёри театр Ҷ. Сабзаев буд. Фаъолияти театри халқии ноҳия соли 1974 аз спектакли «Бародарон»-и М. Бахтӣ оғоз ёфтааст.

Дар театр дастаҳои драмавӣ, ҳофизон, раққосон ва дастаи фолклорӣ-этнографӣ амал мекунанд. Театри халқӣ дар тӯли фаъолияташ намоишномаҳои зиёдеро аз қабили «Иморикаш» - и Ҷ. Қудус, «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ, «Қурбонии охирин»-и А. Ҳамдам, «Бозгашт»-и Ф. Ниёзӣ, «Карбод»-и Л. Шералӣ, «Нолаи дарахтон»-и А. Сафар, «Қарзи виҷдон»-и С. Сафар ва ғайраро рӯйи саҳна овардааст. Ҳайати эҷодии театр бо барномаҳои рангин ба шаҳри Москва (1986 – 1987) сафари ҳунарӣ кардааст, ки дар ин сафари ҳунарӣ 9 нафар аз санъаткорони театр бо нишони сарисинагии барандаи фестивал - конкурси эҷодиёти халқ дар шаҳри Москва қадр шудаанд[9].

Барои ғолибият дар озмуни вилоятии театрҳои халқӣ таҳти унвони «Ҷомеа алайҳи нашъамандӣ» театри халқии ноҳияи Муъминобод аз тарафи Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар таърихи 7.01.2013 сол бо дипломи дараҷаи якум мукофотонида шуд [11].

Айни ҳол дар театри халқии ноҳия мувофиқи рӯйхати воҳидҳои кории корбаст 7-нафар корманд фаъолият доранд, ки бо такядорӣ ба фарҳанги боғановату оламгири миллат дар ҷодаи бунёди давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ қадамҳои устувор мегузоранд ва дар чорабиниҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, фарҳангу маданияти мардумро бо баргузории намоишномаҳо муаррифӣ менамоянд [12].

Театри халқии ноҳияи Фархор соли 1980 дар заминаи дастаи ҳаваскорони назди Хонаи маданияти ноҳия таъсис ёфтааст. Дар таъсиси театр ҳиссаи аввалин ҳофизону

сарояндагон, аз қабили Р. Алиев, Курбонхӯҷа ва Олимхӯҷа Назаровҳо калон аст. Аввалин роҳбари бадеии театр мудири бахши маданияти ноҳия Ғайрат Сафар буд. Солҳои 70-ум ба театр як зумра санъаткорони ҷавони умедбахш - М. Шайдуллоев. М. Набиева, Ш. Убайдуллоева, О. Тухтаева, А. Муродов, Т. Авсақолов ва дигарон ба кор омаданд, ки дар рушду камоли театр кумаки зиёде карданд. Дар театр дастаҳои драмавӣ, мусиқӣ ва ҳаҷвӣ амал мекунанд. Аввалин намоишномаи драмавии театр песаи «Эшони ҳуштак» буд, ки онро ҳаваскор Т. Авсақолов ба саҳна гузоштааст. Саҳначаи «Эшони Ҳуштак» дар азназаргузаронии ҷумҳуриявии театрҳои халқӣ ҷойи аввалро ишғол кардааст [13].

Минбаъд бо кӯшиши таҳиягарон Ё. Қарахонов ва М. Ҳабибов як қатор намоишномаҳо - «Микроб»-и Ф. Муҳаммадиев (1979), «Ҳаммом»-и М. Миров (1985), «Ҳазрати Раҷаб»-и Ҷ. Кудусов (1987), «Аҷинаҳо»-и А. Ҳамдам (1988) манзури тамошобинон гардонида шуданд.

Дар байни ҳунарпешагони театр ҳаваскорони зиёде буданд, ки дар таҳия ва иҷрои суруду саҳначаҳои ҳаҷвӣ маҳорату истеъдоди баланд доштанд. Саҳначаҳои ҳаҷвии «Қалин» ва «Бе дарди сар нишаста»-и А. Ҳамдам, «Эй занам»-и Н. Нурматов, «Ҳасрати рonanда»-и Мирзо Файзалӣ, «Интихоби арӯс» ва «Медонӣ ё не?»-и М. Ҳайдаршо, «Маҷлис»-и Н. Бақозода, ки аз тарафи ҳунармандони театри халқӣ рӯйи саҳна омаданд, дар байни тамошобинон шуҳрати беандоза пайдо намуданд. Ҳайати эҷодии театр дар Фестивал-конкурсҳои ҷумҳуриявии «Бӯстон-1», «Бӯстон-2». «Бӯстон-3» ва соли 1977 дар конкурси ҷумҳуриявии «Армуғони ҷавонӣ», дар Рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Самарқанд (1978), дар ҷашни 1000-умин солгарди Абӯалӣ ибни Сино дар шаҳри Москва (1980), дар назди вакилони Анҷумани 26-уми ҲКИШ дар шаҳри Москва (1981), дар ҷашни 70-солагии инқилоби Октябри Кабир дар шаҳри Москва (1987) иштирок намуданд [9]. Репертуари театри халқии ноҳия пур аз унсурҳои театрӣ, аз қабили; рақсу суруд, лапару, бадеҳаҳои халқӣ, хониши бадеию саҳначаҳои гуногун иборат мебошад, ки ҳар яки онҳо тамошобинонро ба ваҷд меоранд. Соли 2014 баъди сафари навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдат – Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фаъолият минбаъдаи театри мардумӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои нави амфитеатр сохта, ба истифодаи ҳунармандон дода шуд [14].

Дар баробари муваффақиятҳо ва пешравиҳо дар фаъолияти филармония ва театрҳои мардумии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон як қатор камбудиҳои ҷиддӣ низ ҷой доранд, ки боиси таассуф мебошанд ва Раёсати фарҳанги вилояти Хатлонро мебояд, ки аз пайи ислоҳи ин камбудиҳо шавад.

## АДАБИЁТ


1. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1987. Ҷ. VII. -С. 331-332, 293.
2. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 1989. Ҷ. II, -С. 526, 362.
3. Островский А.Н. О театре. Записки, речи и письма / А.Н.Островский. Л. —М., 1941 -С. 108.
4. Низам Нурджанов. Таджикский народный театр по материалам Кулябской области / Низам Нурджанов. – Москва, 1956.
5. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.– Душанбе. 1988. Ҷ. I. -С. 362.
6. Ҳисоботи бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. 2015.
7. Икромов Искандар. Одинаи Ҳошим / Икромов Искандар. – Душанбе, 2001.
8. «Ноҳияи Москва: 50 сол. – Душанбе. «Афсона» 1999. -С. 47-48.
9. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.– Душанбе, 2004. Ҷ. III. -С. 202- 203, 277, 203, 204.
10. Ҳисоботи бахши фарҳанги ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. -2012.
11. Ҳисобот оид ба фаъолияти театри халқии ноҳияи Муъминобод. -2013.
12. Ҳисоботи бахши фарҳанги ноҳияи Муъминобод. -2015.
13. Энсиклопедияи Фархор. – Душанбе: Ирфон, 2011. -С. 369.
14. Ҳисоботи бахши фарҳанги ноҳияи Фархор. -2014.


## АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТЕАТРҲОИ ХАЛҚИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


Дар мақолаи зерин ҷараёни инкишофёбии театрҳои халқии минтақавӣ марҳила ба марҳила дарҷ гардидааст. Дар он бо мисолҳои мушаххас оиди фаъолияти театрҳои ҷудогона дар микёси минтақа маълумотҳо оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** театри халқӣ, маҳфили ҳаваскорон, санъати дорбозӣ, масхарабоз, лӯхтакбозӣ, филармонияи халқӣ, озмунҳои ҷумҳуриявӣ.


## ИЗ ИСТОРИИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ НАРОДНОГО ТЕАТРА КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


В данной статье поэтапно освещается динамика развития народных театров по специфике региона. В нем на конкретных примерах отражена деятельность отдельных театров в районном масштабе. Также приведены конкретные примеры по районам региона и рекомендации, с целью улучшения работы в данной области.



**Ключевые слова:** народный театр, кружок самодеятельности, искусство канатоходца, клоун, играть в куклы, народная филармония, республиканские конкурсы


## FROM THE HISTORY OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE PEOPLE'S THEATER OF THE KULYAB REGION OF THE KHATLON REGION


In this article, the dynamics of the development of people's theaters on the specifics of the region is gradually covered. In it specific examples reflect the activities of individual theaters on a district scale. Also given are specific examples for the regions of the region and significant recommendations, with the aim of improving the work of this area.

**Keywords:** folk theater, self-activity circle, art of a rope walker, clown, play dolls, national philharmonic society, republican competitions

**Сведения об авторе:** ***Шарифов Ш.Дж.*** – Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава, аспирант. Телефон: **918-30-90-04**

# МЕРОСИ ТАЪРИХӢ ВА МАДАНИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Файзов М.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамаи халқҳои дунё дар ганҷинаи маданияти ҷаҳонӣ аз худ меросе боқӣ гузоштаанд, ки оламиён онҳоро пазируфтаанд. Тамоми маданиятҳои халқҳои рӯйи замин дар умумият тамаддуни ҷаҳониро ташкил медиҳад. Офаридаҳои арзишманди тамаддуни куҳанбунёди миллати тоҷик толорҳои осорхонаҳои бузурги Британияи Кабир ва дигар кишварҳои дунёро зебу зиннат додаанд. Дар Ғарби Аврупо ва дигар қитъаҳои олам ҷойгир шудани сарватҳои маданияти тоҷикон, далели аз мақоми ҷаҳонӣ бархурдор будани арзишҳои фарҳангии гузаштагони мо мебошад. Санаи 28-уми майи 2009 дар ҳаёти фарҳангии халки тоҷик чун рӯзи таърихӣ сабт гардид. Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббуси Ҳукумати Тоҷикистон дар семинари ЮНЕСКО оиди ба феҳрист-рӯйхати мероси таърихии Роҳи Бузурги Абрешим аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани ёдгориҳои таърихию маданӣ - Ҳулбук ( ноҳияи Восеъ), Тахти Сангин (н. Қубодиён), Аҷинатеппа (н. Вахш), Саразм (Зарафшон), Бунҷикат (Панҷакент), Қалъаи Ҳисор (ш. Ҳисор) ва қалъаи Ямчун (ВАБК) қарор қабул мекунад. Инчунин, ҷиҳати корҳои таъмиру таҷдиди ин ёдгориҳои таъриху маданият ЮНЕСКО аз хазинаи молиявии худ барои мероси мадании Роҳи Бузурги Абрешим дар ҳаҷми 100 млн доллар маблағ ҷудо мекунад.

Ҳанӯз дар рӯзҳои 7-12 октябри соли 1990 дар шаҳри Душанбе семинари байналмилалии ЮНЕСКО дар мавзӯи «Пайвандҳои таърихию фарҳангӣ ва муносибатҳои маънавӣ байни Ғарбу Шарқ дар Роҳи Бузурги Абрешим» баргузор гардида буд. Дар доираи ин чорабинӣ намоишгоҳҳои археологӣ, этнографӣ ва рассомӣ ташкил карда мешаванд. Ҳамчунин, сайру тамошо ва зиёрати ёдгориҳои таъриху маданият: қасри Ҳулбук, мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дар минтақаи Кӯлоб ва дигар ҷойҳои таърихию муқаддас ба амал омадаанд. Бояд тазаккур дод, ки ташкилоти асосии байналмилалӣ ва байниҳукуматие, ки дар ҳалли масоили васеи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмии байналмилалӣ, аз он ҷумла ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодабарии мероси фарҳангии халқҳои ҷаҳон фаъолият мекунад, ин ташкилоти машҳури ЮНЕСКО-и Созмони Милали Муттаҳид аст.

Дар ин мақола мақсад гузоштаем, ки дар атрофи се ёдгории таърихиву фархангии вилояти Хатлон 1) димнаи Ҳулбук; Тахти Сангин ва Аҷинатеппа маълумот диҳем, ки бо қарори ЮНЕСКО ба номгӯйи мероси таърихии Роҳи Бузурги Абрешим дохил карда шудаанд, Қабл аз ҳама, перомуни ёдгории машҳури таърихию маданӣ ва меъмории Хатлони асримиёнагӣ Ҳулбук иттилоот медиҳем. Бояд зикр намуд, ки аз соли 2003 бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҳулбук ёдгории ҷашнии 2700-солагии Кӯлоб эълон гардида, ба таҳқиқу омӯзиши он муаррихон ва бостоншиносон зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Юсуфшоҳ Яъқубов вобаста шудаанд. Дар асрҳои IX ва XI маркази Хатлонзамин, пойтахти давлати Хатлон шаҳри Ҳулбук буд. Масоҳати шаҳр 280 – 300 га-ро ташкил медод. Майдони марказии Ҳулбук –қаср, арки шоҳони Хатлон 70га- ро дар бар мегирифт. Қаср аз маҷмааи зиёда аз 100 биноҳои таъйиноти мухталиф - истиқоматӣ, маишӣ, хоҷагидорӣ, ҳарбӣ, анборхо, табобатгоҳҳо, ибодатгоҳҳо ва ғайраҳо иборат буд. Қаср ва дохили он бо нақшу нигор ва кандакориҳо зебу зиннат ёфта буданд. Ёдгориҳои шаҳри Ҳулбук 7 км дуртар аз маркази н. Восеъ дарёфт шудаанд. Ҳулбук - қасри шоҳони Хатлонзамин дар асрҳои IX ва XI намунаи барҷастаи воқеии таърихи санъати баланди меъморӣ, тасвирӣ, гаҷкорӣ, кӯлолгарӣ, ҳунармандии мардуми бунёдкори Хатлон буда, чун муъҷизаи маданияти ин диёри Ватанамон саҳму мақоми бузурги мардуми Хатлонро дар таъриху тамаддуни халқи тоҷик ва минтақаи Осиёи Марказӣ нишон медиҳад. Аз рӯйи сарчашмаҳои хаттии асрҳои IX ва XIl Ҳулбук шаҳри обод ва зебои Хатлонзамин будааст ва шоҳони Хатлонӣ дар Ҳулбук макон доштаанд. Вожаи Ҳулбук аз номи растании пудина - Ҳулбу гирифта шудааст. Номи Ҳулбук дар шакли Ҳулбиса аз ҷониби географи Юнони қадим Птолемей зикр шудааст. Аммо Ҳулбуки замони Юнону Бохтар дар ҷойи дигар аст ва харобаҳои он ёфт нашудааст.

Дар замоне, ки (асрҳои IX – XI) Ҳулбук пойтахти давлати Хатлон буд, сарзамини Хатлон хеле пешрафта будааст.

Фикри олими шӯравӣ А. М. Беленитский ва ковишҳои археологии бостоншиносони тоҷикистонӣ Б.А. Литвинский, Е.А. Давидович дар харобаҳои Хишттеппаи деҳаи Қурбоншаҳид ва пайдо шудани боқимондаи номи Ҳулбук дар доманатеппаи деҳаи Қурбоншаҳид ба олимон имконият дод,ки ҷойи Ҳулбуки бостониро дар ин ҷо муайян созанд. Бостоншиноси тоҷик Э. Ғуломова дар солҳои 60-90 асри гузашта қасри шоҳони Хатлон –Ҳулбукро ҳафриёт намуда, маводҳои арзишманди таърихӣ ба даст меорад. Ҳафриёти Э. Ғуломова муайян намуд, ки шаҳри Ҳулбук яке аз шаҳрҳои калону ободи замони худ буда, аз арк қасри шоҳӣ, Шаҳристон, работ-ҷойи зисти ҳунармандону косибон, дуконҳои тиҷорат, корвонсаройҳо ва қабристон иборат буд. Шаҳри Ҳулбук бори аввал соли 1038 аз тарафи Қарохониён ва бори охир аз ҷониби Салҷуқиён соли 1064 хароб карда мешавад.

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ва имзои Президенти Тоҷикистон-Э.Раҳмон Ҳулбук мамнуъгоҳи таърихию фарҳангӣ эълон шудааст. Ҳулбук ягона қасри боқимондаи замони Сомониён дар Осиёи Миёна мебошад ва он зери назорати Ҳукумату Президенти Тоҷикистон қарор дорад.Ёдгории таърихии дигаре, ки ба номгӯйи мероси таърихии Роҳи Бузурги Абрешим дохил карда шуд, ин кашфиёти Аҷинатеппа мебошад. Аҷинатеппа - ин дайри буддоии асрҳои VII-VIII дар шаҳраки Киров, 12 км дуртар аз шаҳри Қӯрғонтеппа, дар н.Вахши вилояти Хатлон воқеъ мебошад. Ин ёдгорӣ дар масоҳати 50-100 м калонтарин дайр дар Осиёи Марказӣ аст, ки пурра ҳафриёт шудааст. Дар вақти гузаронидани ковишҳои археологӣ зиёда аз 500 асарҳои санъати буддоӣ (мусаввараҳо ва тасвирҳои деворӣ, ҳайкалчаҳо), ва аз қисмати ҷанубу шарқии долони дайр ҳайкали азими 14-метраи Буддо дарёфт шудаанд. Санъати тасвирӣ ва муҷассамасозии Аҷинатеппа ба санъати Гандхараи Покистон ва гуптҳои Ҳиндустон шабоҳат дорад. Дар онҳо хусусиятҳои санъати маҳаллии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд.

Аҷинатеппа - боқимондаи ёдгории меъмории дини буддоӣ мебошад, ки мувофиқи таҳқиқи бостоншиносон ин бутхона дар нимаи дуюми асри VII ва ибтидои асри VIII фаъолият доштааст. Аҷинатеппаро соли 1959 бостоншинос Т. И. Зеймал ҳафриёт кард. Аслан, номи асосии ин ёдгорӣ Аҷинатеппа нест ва ин ном солҳои 40 –и асри XX ба он дода шуд. Тибқи ривояти мардуми маҳал солҳои 40 асри XX дар натиҷаи як қисми теппа фурӯ рафтан сӯрохии калоне ба вуҷуд меояд ва нафаре аз маҳаллиён вориди сӯрохӣ шуда, бути якпаҳлу хобрафтаеро мебинад ва тарсон берун омада, дидаашро ба мардум нақл мекунад. Минбаъд сокинони ин маҳал онро макони ҷинҳо (махлуқи бадшаклу бадрафтори афсонавӣ) пиндошта, Аҷинатеппа ном ниҳоданд. Аз соли 1961 экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистони Ҷанубӣ (бо роҳбарии Б.А. Литвинский ва Т. И. Зеймал) мунтазам ҳафриёт доир намуда, соли 1973 таҳқиқи он комилан ба итмом расонида шуд. Аҷинатеппа бинои росткунҷашакл, шакли вусъаташ 100х50м, баландиаш 6м аст. Муҷассамаҳоро аз гил сохта, рангу бор кардаанд. Тасвирҳои Аҷинатеппа дар асоси анъанаҳои наққошии ҳамон замони Осиёи Миёна офарида шудаанд. Нақши иблис, роҳиб ва одамони одӣ низ дар он ҷо мавҷуданд. Дар вақти ҳафриёти Аҷинатеппа бисёр бозёфти шайъӣ –сафол, маснуоти шишагӣ, филизӣ ва сиккаҳо (тангаҳо) пайдо гаштаанд. Хусусан сиккаҳо ҷолиби диққатанд. Аҷинатеппа, яъне дайри буддоӣ, тақрибан 100 сол фаъол буд ва тахмин дар солҳои 40-и асри VII дар рафти истилои арабҳо хароб хабар мегардад. Ҳафриёти Аҷинатеппа аҳамияти зиёди илмӣ дорад. Маъбад дар роҳи корвонгузар аз Балх ба сӯйи шаҳрҳои Шумон (Ҳисор), Вашгирд, Ғурқан (Ғарм), Чин, Ҳулбук (Хатлон), Фархор, Бадахшону Ҳиндустон, яъне дар Роҳи Бузурги Абрешим қарор дошт ва ба тоҷирони буддоии ҳиндӣ ва чинӣ хидмат менамуд.

Сеюмин ёдгории фарҳангии вилояти Хатлон, ки ба китоби мероси таърихии Роҳи Бузурги Абрешим ворид карда шуд, ин димнаи Тахти Сангин (дар н.Қубодиён) мебошад.

Қасри Аксо-ҳоло ягона бино – иншооти азиму боҳашамати давлати Юнону Бохтарӣ, яъне замони ҳукмронии Юнони Мақдуниҳо дар Осиёи Миёна мебошад, ки аз димнаи Тахти Сангин ҳафриёт шудааст. Дар қаср ҳам хусусиятҳои маданияти эллинӣ (юнонӣ) ва ҳам анъанаҳои қадими маданияти маҳаллӣ (тоҷикӣ), якҷояшавӣ ва ё тавъамшавии ин ду фарҳанг дида мешавад. Ёдгории беназири «Тахти Санги» дар соҳили рӯди Ому воқеъ аст. Тахти Сангин осори арзишмандест, ки ба даврони салтанати Ҳахоманишиҳо, Мақдуниҳо ва Кушониён (асрҳои V то мелод II-мелодӣ) тааллуқ дорад ва бозёфти нодири он бо номи «Хазинаи Амударё» дар осорхонаи Британияи Кабир маҳфузанд. «Тахти Сангин» мавзеъи таърихиест, ки маъбад , димна ва ё шаҳрак унвон гирифтааст. Номи куҳнаи ин ёдгорӣ – Тахти Сангин нест ва ин ном дар сарчашмаҳо зикр наёфтааст. Ҳангоми кашфиётҳои археологӣ маълум гашт, ки тамоми девору сутунҳои он аз сангҳо бино шудаанд, бинобар ин олимон шартан онро Тахти Сангин номидаанд. Яке аз сабабҳои асосии бунёди шаҳр

Роҳи Бузурги Абрешим буд, ки Шарқу Ғарбро бо ҳам мепайваст. Яке аз ҳамин гуна роҳҳо аз мулки Қубодиён мегузашт. Корвонҳо ба воситаи дарёи Вахш ба марзи Афғонистон ва Ҳинду Чин мерафтанд. Ҳамин рафтуомад ва мубодилаи фарҳангҳо буд, ки абрешим, шоҳӣ, ҳариру паранд, дебову кимхобҳои чинӣ тани ашрофону шоҳзодагонро зебу зинат медод. Тавассути Роҳи Бузурги Абрешим дар асрҳои баъдина коғаз ва борут аз Чин ба Аврупо роҳ ёфт


**АДАБИЁТ**

1. Литвинский Б.А. Аджинатеппа / Б.А. Литвинский, Т.И. Зеймаль. -М., 1974.
2. Отчет об основных итогах научно-организационной деятельности Академии наук Таджикской ССР за 1990 г. -Душанбе: Дониш, 1991. -С 84.
3. Таджикистан: исторические события, персоналии, термины, хронология в 2-Х тт. Составители и общая редакция Тоджидина Пирова и Назаршо Назаршоева. -Душанбе: ООО, Офсет, 2010. -Т.2. -369 с, илл.
4. Энсиклопедияи миллии тоҷик. -Душанбе, 2013. -Ҷ.2. –С. 182.
5. Яъқубов Ю. Ҳулбук-пойтахти Қадими Хатлон / Ю. Яъқубов, Э. Ғуломова.-Душанбе: Эр-Граф, 2006. -68 с.



**МЕРОСИ ТАЪРИХӢ ВА МАДАНИИ РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

Муаллиф дар ин мақола оиди Роҳи Бузурги Абрешим ва саҳму мақоми он дар рушди тиҷорат, иқтисодиёт ва маданияти халқҳои Осиёи Миёна маълумот медиҳад. Дар он оиди аз тарафи ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО ба феҳристи мероси таърихии Роҳи Бузурги Абрешим дохил гардидани се ёдгории таърихию мадании вилояти Хатлон: Ҳулбук, Тахти сангин ва Аҷинатеппа маълумот оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Роҳи Бузурги Абрешим, мероси таърихӣ, маданият, Хатлон, Ҳулбук, Тахти Сангин, Аҷинатеппа, ЮНЕСКО.

**ИСТОРИЧЕСКОЕ И КУЛЬТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ ВЕЛИКОГО ШЕЛКОВОГО ПУТИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ**

В статье освещается 3 археологических памятника Хатлонской области – Тахти Сангин, Аджинатеппа и Хулбук. На примере этих памятников истории и культуры показывается труд, творчество, знание, социальные традиции и культура прошлых поколений и их воспитательное значение. Они как исторические источники играют большую роль в изучении истории таджикского народа.

**Ключевые слова:** историческое наследие, культура, Хатлон, шелковий путь, Тахти Сангин, Аджинатеппа, Хулбук, ЮНЕСКО.

**HISTORIC INHERITANCE AND CULTURE OF GREAT ROAD OF SILK IN KHATLON DISTRICT**

In the given article has brought 3-archeological monuments of Khatlon district, as Takhti Sangin, Adjinateppa, and Hulbuk. Also as an example here shown the history of this monuments and their labor of creative works, knowledge and their educational means. They play a great role as a history source in learning history of Tajik people.

**Key words:** Historic inheritance, culture, Khatlon, Hulbuk, Takhti Sangin, Adjinateppa, UNESKO.



**Сведения об авторе:** ***Файзов М.Ф.*** - Таджикский национальный университет, соискатель Телефон: **917-50-38-46**


## КАРЛУКИ И ИХ ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ОБРАЗОВАНИЯ


***Сафаров Р.И.***
**Таджикский национальный университет**


История тюркских племен территории Средней и Центральной Азии показывает, что некоторые из них сыграли этнодинастийную роль в составе племенных конфедераций, к числу которых относился и союз карлуков. С главенством карлуков связано возрождение государственности западнотюркских племён на новом витке истории тюркской Центральной Азии. Крупное племенное образование, неоднократно упоминаемое в рунических надписях под именем уч карлук («три карлука»), появляется в китайских источниках уже в связи с событиями первой половины VII в. Кочевья в Джунгарии, Восточном Казахстане и на Алтае (включая Монгольский Алтай) в течение нескольких столетий оставались главной территорией карлукских племён [1, 113-114]. В середине VII в. кочевые племена карлуков обитали в Верхнем Прииртышье и Джунгарии, к северо-западу от Бешбалыка и к западу от Алтая.

До VIII века карлуки сохраняли свою автономность, иногда принимая сторону то одного, то другого рода. С начала VIII века начинается постепенное переселение карлуков на территорию Семиречья. Карлуки известны как победители Восточно-Тюркского каганата, уничтожившие осколок великой империи в союзе с уйгурами и басмылами. В 746 г. карлуки, стеснённые своими бывшими союзниками, во главе своих племен мигрировали и переселились в Семиречье. Об этом впервые упомянуто в Терхинской надписи, сделанной ещё при жизни Элетмиш Бильге – Кагана (747 – 759 гг.): «В год собаки уч-карлуки, замыслив измену, бежали. На западе в страну народа десяти стрел они пришли» [2, 94]. В китайских источниках об этих событиях говорится очень лаконично: «Впоследствии подались на юг, и сами приняли название Шеху трех родов. Войска их были сильны и склонны к войне» [3,347]. Ханы этого периода были выходцами из династии Кайи (Иналсыр, его преемник Кайи Иналхан), являющимися карлукскими ябгу. В период 742-765 гг. карлуки имели собственное ябгу и ездили пять раз в Китай [4, 276].

В Таласской битве в 751 г. в борьбе за Туркестан между арабами и китайцами карлуки перешли в сторону арабов, обеспечив им победу. Ожесточенная битва в долине р. Талас продолжалась пять дней. В решающий момент в тыл китайской армии ударили карлуки. Китайцы были разбиты наголову [5, 368]. Карлуки, сыграв важную роль в разгроме китайских войск, упрочили своё положение в Семиречье, тем более что арабы отошли за Сырдарью.

Из средневековой истории вытекает, что в первой половине VIII века (740–756 гг), карлуки усилились и возвысившись стремились к созданию своего государства. После гибели «хакана» тюргешей власть «оказалась в руках халлухов» (карлуков- С.Р.) и в Семиречье они создали первое своё раннефеодальное (полукочевое) государство Карлукский каганат (756–942 гг.). Около 766 г. когда была создана Карлукская конфедерация, их (тюргешей - С.Р.) сменили карлуки [6,270]. Карлуки стали полноправными хозяевами этих земель.

В 766 г. карлуки заняли Суяб и перенесли сюда свою столицу [7]. После захвата Семиречья с двумя ставками (Тараз и Суяб) карлукские племена начали политику завоевания новых земель, так в 766–775 годах карлуки захватили Кашгарию. В VIII-IX вв. тюркские племена (карлуки) проникли с востока в Фергану [8, 68], таким образом, в конце VIII века они распространили своё влияние на Фергану.

Карлукский каганат просуществовал более 200 лет, названный в истории А. Н. Бернштамом «карлукским периодом» и представлял собой систему, где племена владели своими уделами. Это препятствовало централизации власти, и власть карлукских ябгу была номинальной. Удельные правители, руководившие крупными племенами, стремились упрочить свои фактически независимые владения. В течение VIII-X вв. территория Притяньшанья и Семиречья, входившие в карлукские владения, являлась своеобразным перекрестком трансконтинентальных торговых путей из Китая в Европу через Центральной Азии. В это время постоянно происходившие войны с арабами, с кочевыми племенами, борьба за власть, привели к тому, что Карлукское государство под натиском Кашгара сменило своё название в 940 году, слившись с илекханами Восточного Туркестана. Карлукский каганат прекратил своё существование. Вместо него начинает господствовать новая власть – карлукская династия ханидов, названная в истории Караханидами. Мы называем её Карлук-ханидами.

Ровно век, с 840 по 940 гг. карлуки, укрепив свою власть и господство, расширили территорию каганата, хотя уступили часть Ферганы и Исфиджаб Саманидам. В этот период этнодинастийными правителями были карлуки, известные как илеки или ханиды, позже названные илекханами или кара-ханидами, завладевшие Семиречьем, Исфиджабом, западной частью Восточного Туркестана, Ферганской долиной, в которых они образовали крупное государство – Карлукский каганат. Первым в 840 г. из карлуков сел на престол хаканов Бильге Куль Кадырхан, открыто заявивший о своих правах на верховную власть и начал объединять карлуков, чигилей, ягма и тюргешей в единое государство. Он расширил территорию своего государства до 992 года, вплоть до включения раньше отнятых от них саманидами земель Ферганы, Тараза и Испиджаба.Новой вехой для развития и расширения границ карлуков Семиречья и Восточного Туркестана является образование Караханидского государства (942-1212). Воспользовавшись тяжелым положением в Карлукском каганате, тюркские правители – соплеменники карлуков из Кашгарии в 940 году захватили город Баласагун и каганат слился с караханидами. Через два года город захватил сын Арслан-хана Сатук Богра-хан. В периоды правления этого хана и его сына произошло массовое принятие карлуками ислама. Карлуки первыми среди тюркских народов добровольно приняли ислам и став ревностными суннитами победоносно распространяли его среди язычников Семиречья и Восточного Туркестана.

Отныне карлуки остались единственными хранителями степной культуры в Средней Азии. Они 200 лет удерживали напор Ислама, пока не обратились в мусульманскую веру сами. В 960-м году Ислам объявляли государственной религией сделавшегося восточной окраиной мусульманского мира. Впрочем, окраина, начав стремительно расширяться в обе стороны света, вскоре едва не стала центром исламской цивилизации [9, 216].

При этом, Саманиды проводили активную политику на северных рубежах, где достигили значительных успехов в борьбе с тюрками-карлуками [10, 255]. Но будучи фактически независимым от саманидской власти, Семиречье подвергалось значительному культурному влиянию таджиков Мавереннахра. Это влияние шло и по линии материальной и духовной культуры. Не подлежит также сомнению, что ислам стал распространяться среди карлуков в тот исторический важный период их жизни, когда значительные группы их начали переходить в Семиречье к оседлой жизни. А члены династии Каратегинов, приняв ислам, не раз занимали при саманидском дворе высокие управленческие посты. В IX веке карлукские племена (чигил, ягма) создали государство с двумя династиями Богра и Арслан ханов. Западные ханы из Ягма, известны как Богра-ханы, были младшими. Они имели ставку в городе Тараз. Хотя последние ханы этой династии были выходцами из племен чигили и ягма, более воинственные народы, они входили в конфедерацию карлукских племен. Эта династия, усилившись, приобрела новое название с титулатурой «улуг каган» или «кара-хан», буквально обозначающий «могущественный хан», «великий хан». Так, в конце X в. в Кашгаре и Семиречье на основе объединённых племён карлуков, чигилов, ягма, огузов и других тюркских племён образовалось государство под началом Карахана. Вожди носили титул тамгач-хана, более мелкие вожди – илек-хана.

Это было этнодинастийное полукочевое раннефеодальное государство, в основном, состоящее из конфедерации тюркских племен, в составе которого, кроме собственно карлуков, были чигили и ягма. В персидских исторических сочинениях династия чаще всего называется «дом (ал) Афрасиаба», порой также «ханы Туркестана». «Владения свои в западном Тяньшане сатукиды (по Дорну), или Караханиды (по Григорьеву), или Ильханиды (у мусульманских историков), или илеки (по монетам), на которых этот титул держался до 433 г. гиджры, сохранили до нашествия кара-киданей (1128 г)...» [11,249]. В дошедших до нас восточных письменных источниках династия Караханидов называется «ал мулук ал-хания (или ал-хакания) тюрков (или Туркестан)», «ильханы», ильханиды» и «потомки (или роды) Афрасиаба» [12, 131].Из истории известно, что в образовании государства Караханидов главную роль наряду с карлуками сыграли племена карлукской конфедерации, населявшие в X-XII вв. Восточный Туркестан – чигили и ягма. Хоть и карлуки занимали важные посты в этом государстве, тем не менее... они не поладили со своими соплеменниками. В. В. Бартольд предложил отнести замену владычества карлуков Караханидами в Чуйской долине к 940 г. При этом автор предполагает, что карлуки удалились в северную часть Семиречья [13, 273]. Точное образование Карлукского ханства неизвестно. Сельджукский везирь (XI) в. Низам аль-мульк упоминает о взятие Баласагуна языческими тюрками около 940 г. [14, 273]. Полагается, что в середине X века значительная часть непокорных карлуков, отделившись из состава государства Караханидов на севере, создали свою автономию. К этому времени мы, следовательно, можем отнести падение карлуков и начало господства караханидов в Чуйской долине. Карлуки должны были удалиться в Северную часть Семиречья, где ещё в XIII в. существовало карлукское удельное владение [15, 273]. Карлуки в новом государстве полукочевого типа заняли территорию Джунгарии, Семиречья, Илийского края. Впоследствии они оттуда угрожали г. Баласагун, а в битве в степи Катвана отличались на стороне киданей против самаркандского хана Махмуда [16, 216]. Что же побудило карлуков отколоться и откочевать на север Семиречья, бросив земледельческие оазисы, и какое взаимоотношение было между ними и новыми завоевателями, кашгарскими и семиреченскими карлуками, нам неизвестно. В каком отношении находилась династия илек-ханов к карлукам, нельзя точно установить. Во всяком случае, в истории этого государства, особенно в Самарканде, карлуки не раз упоминаются, подобно гузам в государстве Сельджукидов, как заносчивые и непокорные преторианцы [17, 547].

Полагается, одной из основных причин непокорности и отделения карлуков от илек-ханов и создания самостоятельного степного ханства на севере Семиречья, является откочевка, т.е. кочевники-скотоводы не нуждались в жестких государственных структурах, привыкшие к рассеянному образу жизни. Чтобы управлять аграрным обществом кочевникам пришлось бы «слезть с коней» [18, 29]. Следовательно, карлуки находились в состоянии неповиновения караханидам. Часть карлуков перешла к оседлому земледелию, а другая продолжала заниматься скотоводством, кочуя на севере Семиречья.Что касается политических связей между кочевой знатью (ханством) и органами управления (в данном случае караханидов), не были чисто автократическими. Надплеменная власть сохранялась в силу того, что, с одной стороны, «членство в имперской конфедерации обеспечивало им политическую независимость от соседей и ряд других важных выгод, а, с другой стороны, правитель кочевой державы и его окружение гарантировали (племенам) определенную внутреннюю автономию в рамках империи». Кроме того, значительное притеснение мобильных скотоводов со стороны племенного вождя или другого лица, претендующего на личную власть, могло привести к массовой откочевке от него [19, 23].

Немаловажным фактором является и то, что по утверждению К. Э. Босворта, Караханиды сохранили тесную связь с племенным укладом своей прежней кочевой жизни. С точки зрения внутреннего устройства, караханидские владения представляли собой непрочный племенной союз, причем карлуки по большей части оставались кочевниками. Правящий род оказался чрезвычайно раздробленным, поскольку у караханидов преобладала бывшая в ходу и у других алтайских народностей система, согласно которой наряду с каганом и имелся каган-соправитель, а за ними шли «низшие каганы» [20, 159].Значит, существовала дуальная форма правления, когда во главе государства стояли два правителя: верховный каган (Арслан-Кара-хакан) и каган соправитель (Богра-Кара-хакан). В результате длительной борьбы между двумя ветвями династии – потомками Арслан-илека Насра б. Али («Алидами» и потомками Богра-хана Хасана (Харуна) б. Сулеймана («Хасанидами») – в 433/1041-42 г. единый каганат раскололся на два отдельных караханидских государства; восточное со столицей в Баласагуне (позднее в Кашгаре) и западное со столицей в Узгенде (позднее в Самарканде). В каждом из них сохранилась та же система управления (с двумя каганами с четырьмя низшими каганами и т.д.) [21, 520]. Кроме того, внутри обоих владений имелись уделы. Караханидские ханы стремились к централизации власти, борясь с феодалами-кочевниками и верхушкой оседлого общества [22, 239].

К тому же, при Караханидах и кара-китаях продолжало существовать независимое владение карлукских джабгу в северо-восточном Семиречье, центром которого являлся город Каялык [23, 63]. Во время образования империи кара-китаев (вскоре после 1130 г.) владения хана Баласагуна были еще самым северным мусульманским княжеством в этой области; ко

времени падения этой империи мусульманские княжества были и севернее Или, именно карлукское владение в Каялыке и княжество в Алмалыке, около современной Кульджи, основатель которого также был из этого племени [24, 590]. По свидетельству Абулгази, эти карлуки занимались скотоводством и земледелием [25, 295]. О самостоятельности карлуков, откочевавших на р., подтверждает и казахский учёный К. М. Байпаков, утверждавший о том, что «карлуки Кайалыка оставались независимыми от Караханидов» [26, 100].

Если учесть, что отколовшее Карлукское ханство, как степное государство, занимало территорию северную часть Семиречья (Еттису), то есть основание полагать,что империя Караханидов состояло из тредиальной системы, где наряду с двумя каганатами, существовало и отдельное ханство. Таким образом, в 940\960 г. ранее отколовшаяся часть карлуков провозгласила себя самостоятельным владением. По всей видимости карлуки Семиречья создали кочевое государство на севере Или. В исторических документах точных сведений об обстоятельствах, сопровождавших образование, составе, структуре управления этого государства и его правителях обнаружено мало [27, 622]. О нём есть сведения отрывистые и некоторые факты в трудах арабо-персидских историков, исследованных русскими учёными и т. д. На рубеже XIII века события в Семиречье разворачиваются стремительно. Карлукскому ханству с севера начали угрожать языческие кара-китаи (Елюй Даши), найманы (Кучлук) и монголы, а с запада – мусульманские хорезмшахи. Это привело к неизбежному расколу карлуков и их владычества. Единое ханство раскололось на два отдельных ханства: восточное со столицей в Каялыке и западное со столицей в Алмалыке, сохранившие те же системы-осколки кочевых империй правления. Но оба карлуксих владений опять объединились в связи с настигшей угрозой. Этому способствовала также война монголов против найманов и преследование Кучлука. Так, Карлукское ханство стало независимым государством с 1212 по 1219 года. Нами извлечены строки среди трудов исследователей, инкорпорированных из средневековых источников, что в 1216 году владетелем Алмалыка был некий Сукнак-тегин [28, 623]. По утверждению академика В. В. Бартольда, «династия владетелей Алмалыка также возможно была карлукской» [29, 470]. По утверждению В.В. Бартольда, после завоевания Чингиз-хана Центральной Азии (1219 – 1224 гг), Ферганский удел в составе Монгольской империи оставлен карлукам и управлялся Арслан-ханом. За участие в походах против Хорезмшаха Мухаммеда и его сына Джелал-ад-Дина, а также за покорную службу сын Арслан-хана (имя которого установить не удалось) получил от великого хана Мункэ (1251 – 1259) в удел Узген и Фергану. Выходит, карлуки хотя и находились в вассальной зависимости от монголов, все же сумели на некоторое время сохранить видимость суверенитета своего государства и даже временно овладеть Ферганой и Узгеном. Можно констатировать, что «владычество карлыков должно быть почитаемо временем сильнейшего отуречения населения Кашгарии, которое продолжалось и при джагатаидах [30, 258].

Возможно, было два отдельных случая подчинения карлуков монголам: семиреченских карлуков Арслан-хана и ферганских карлуков из Узгенда во главе с Кадар-меликом. В Алмалыке вместе с местным владетелем правил представитель монгольской власти (даругачи) [31, 58]. Известие о занятии северной части Семиречья монгольскими кочевниками подтверждается словами Джувейни, что каан Мункэ отдал сыну Арслан-хана карлукского Узгенд (а не Каялык) [32,66]. Таким образом, карлуки, сохранив самостоятельность и этническую целостность и обособленность, донесли культурные традиции до эпохи сложения на этой территории новых государственных образований. В 1227 г. вся Средняя Азия вместе с прежними владениями карлуков – Семиречьем и Восточным Туркестаном, вошли в Монгольскую империю. В год смерти Чингиз-хана в состав юрта Джучи входили северная часть Семиречья, все нынешние кыргызские степи (казахские степи), Хорезм и даже Мазандеран. Юрт Чагатая простирался от Уйгурии до Самарканда и Бухары, от южного Алтая до Аму-Дарьи. Главная орда Угэдэя находилась в Тарбагатае, на берегах Эмиля и Кобука [33, 59]. Так, все карлукские владения поглотились чингизидами. Более того, когда Чингисхан поделил империю на улусы, Каялыкское владение Карлукского ханства перешло в Улус Джучи, а Алмалыкское владение – в Улус Чагатая. Оседавшие здесь поздние пришельцы захватили у местного населения лучшие угодья. Проясняется, что семиреченские карлуки в Илийской долине и к северу от неё, в силу пока ещё не выясненных обстоятельств, потеряв своё владычество, не смогли там удержаться надолго. Видимо, после захвата монголами территорий карлукских ханов и включения в свои улусы, шел упадок земледельческой культуры в Илийской долине. Тем не менее, в период с 1224 года до 1260 года Карлукское ханство под покровительством великого хана Мункэ являлось сюзеренитетом империи монголов. В 1260 году перестали существовать карлукские автономии Семиречья и Ферганы. К этому времени, следовательно, мы можем отнести падение карлуков и упрочение власти и господства монголов. После завоевания чингизидами Центральной Азии, карлукские владения вошли в улусы созданной им огромной империи. В Илийской долине и к северу от неё, в силу известных причин, потеряв своё владычество, карлуки, не смогли там удержаться надолго. Полагается, что три группы тюрков-карлуков (в Семиречье, Фергане и на тибетской границе) со времён Чингиса считались автономными и в этом качестве были включены в племенную систему улуса. К внешним границам державы улус выходил только на юге, где они шли по западному Куньлуню и южным отрогам Памира.

Таким образом, теперь карлуки уже не имели своего ханства, а были одной из племенных групп, живших на территории улусов монгольских владений сыновей Чингисхана. Потеряв самостоятельность и политическое верховенство на своих землях, карлуки постепенно мигрировали на юго-запад, к своим сородичам в Тохаристан (верхнее течение Амударьи: Бадахшан и Хутталь), в Заалайскую долину (Каратегин-Вашгирд), на среднее течение Сырдарьи (Илак-Шаш-Исфиджаб), в Зеравшанскую долину (оазисы Бухары и окрестности Самарканда), где активно смешивались с таджиками и узбеками. В более позднее время слово «карлук» упоминается, по-видимому, только как название одного из родов узбеков [34, 548].

## ЛИТЕРАТУРА


1. Кляшторный С.Г. Степные империи древней Евразии / С.Г. Кляшторный, Д. Г. Савинов // СПб: Филологический факультет. – СпбГУ, 2005. –352 с.
2. Кляшторный С.Г. Древнетюркские рунические памятники как источник по истории Средней Азии / С.Г. Кляшторный. - М.: Наука, 1964. -592 с.
3. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена / Н.Я. Бичурин. -М.-Л.,1950-1953. -Т.1-3.
4. Бернштам Н.А. Избранные труды по архитектуре и истории киргизов и Кыргызстана / Н.А. Бернштам. - Бишкек, 1998. –Т. II.
5. Гумилев Л. Н. Древняя Русь и Великая степь / Л. Н. Гумилев. - М., 1993. –504 с.
6. Ричард Фрай. Наследие Центральной Азии / Р. Фрай. -Душанбе, 2000. –292 с.
7. Бартольд В.В. Сочинение, II том. -Ч.I / В.В. Бартольд Общие работы по истории Средней Азии. - М.: Восточной литературы, 1963.
8. История Таджикской ССР. – Душанбе: Маориф, 1983. –400 с.
9. Кляшторный С.Г. Древнетюркские рунические памятники как источник по истории Средней Азии / С.Г. Кляшторный. - М.: Наука, 1964. - 216 с.
10. История Востока. II-ч. -М.: Изд. ВЛ РАН, 1995. – 716 с.
11. Аристов Н. А. Усуни и кыргызы или кара-кыргызы. Очерки истории или быта населения западного Тянь-Шаня и исследование по его исторической географии / Н. А. Аристов. – Бишкек: Илим, 2001. – 582 с.
12. Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия //Сочинения. - Т. 1. -Ч.1 / В. В. Бартольд. - М., 1963. – 761с.
13. Аристов Н. А. Заметки об этническом составе тюркских племён и народностей и сведения об их численности / В. В. Бартольд //Живая старина. - X.-Т.IV.1896; Бартольд В.В. Сочинения. -М.: Наука, 1968. -Т.V. –С.273.
14. Бартольд В.В. Отчёт о поездке в Средней Азии / В.В. Бартольд. -Т. 4. -С. 52; Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд. -М.: Наука, 1968. -Т.V.
15. Бартольд В.В. Сочинения. - М.: Наука, 1968. -Т.V.
16. Кляшторный С.Г. Древнетюркские рунические памятники как источник по истории Средней Азии / С.Г. Кляшторный. - М.: Наука, 1964. -592 с.
17. Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1968. -Т.V.
18. Крадин Н.Н. Кочевые империи: генезис, расцвет и упадок / Н.Н. Крадин. - Восток, 2001.
19. Марков Г.Е. Кочевники Азии / Г.Е. Марков. – М., 1976; Масанов Н.Э. Кочевая цивилизация казахов / Н.Э. Масанов. - Алма-Ата-Москва, 1985 и др.; здесь же: Крадин Н.Н. Кочевые империи: генезис, расцвет и упадок / Н.Н. Крадин. - Восток, 2001.–С.23.
20. Босворт К.Э. Мусульманские династии (Справочник по хронологии и генеалогии) / К.Э. Босворт. -М.: Наука, 1971.
21. Бартольд В. В. Соч., т.II, ч.2 / В. В. Бартольд. - М.,1963. –С.520.
22. История таджикского народа. - Душанбе, 2001. -Т.II. - Кн.1.
23. Бартольд В.В., Сочинения, т.II, ч.1 / В.В. Бартольд. - М.: Наука,1963.
24. Бартольд В. В. Статья «Энциклопедия ислама» / В.В. Бартольд. - Соч.т.V. - М.: Наука, 1968.
25. Бартольд В.В. Работы по отдельным проблемам СА. Сочинения, том.2, ч.2 / В.В. Бартольд. - М., 1964.
26. Байпаков К. М. Средневековая городская культура Южного Казахстана и Семиречья: (VI — начало XIII вв.) / К. М. Байпаков /отв. ред. К.А.Акишев. - Алма-Ата: Наука, 1986. –256 с.
27. Бартольд В.В. Сочинения, т.V/ В.В. Бартольд. - М.: Наука, 1968. – 759 с.
28. Бартольд В. В. Статья «Энциклопедия ислама». Соч., т. V / В.В. Бартольд. - М.: Наука, 1968. – 759 с.
29. Бартольд В. В., Сочинения, т. III / В.В. Бартольд. - М.: Наука, 1965.
30. Аристов Н.А. Общие заключения о преобладающих в этническом составе тюркских народностей племенах и примесях / Н.А. Аристов //Живая старина. – СПб., 1896. -№3-4. –С.258.
31. Бартольд В.В. Соч., том II, часть 1 / В.В. Бартольд. - М.: Наука, 1963. – С.58.
32. Бартольд В.В. Соч., том 2, часть 1 / В.В. Бартольд. - М.: Наука, 1963. –С.66.
33. Бартольд В.В. Соч., том 2, часть 1 / В.В. Бартольд. -М.: Наука, 1963. – С. 59.
34. Бартольд В.В. Сочинения, т.V / В.В. Бартольд. -М.: Наука, 1968. –759 с.


## ҚАРЛУҒҲО ВА ДАВЛАТДОРИИ ОНҲО


Қарлуғ – мардуми туркони қадима буда, барвақт озими қаламрави Осиёи Марказӣ буданд, ки давлатхои феодалии нимкӯчӣ, даштӣ: Ҳоқонигарии Қарлуғ (756-992), Давлати Қарахониён (992-1212) ва Хонигарии Қарлуғ (940-1227 \ 1260) барпо намуданд. Солҳои 766-775 қисми карлуғҳо Қошғарро ишғол намуданд, дар охири асри VIII гурӯҳи дигари онҳо таъсири худро ба Фарғона ҷорӣ намуданд. Ин заминҳо баъдтар ба таркиби Ҳоқонигарии Қарлуғ шомил гардиданд, ки баъдтар давлати Қарахониҳо иваз намуд. Ҳоқонигарии Қарлуғ, ки 200 сол арзи вучуд намуд, солҳои 40-уми асри X пош хурд. Давлати бузурги Қарахониҳо ба вуҷуд меояд, ки нақши муҳимро баробари қарлуғҳо қабилаҳои чигил ва яғма бозиданд. Қисми зиёди қарлуқҳо соли 940 шимол дарёи Или хонигарии ҷудогонаи худро бо марказаш дар шаҳри Қаялик барпо намуда, ҳудуди Ҷунғория, Ҳафтруд, кишвари Илиро дар бар мегирад. Ин давлат таҷовузи (экспанситя) қара-хитоиҳо, найманҳо ва мӯғулҳоро бардоштааст. Дар давраи аз соли 1227 то соли 1260 Хонигарии Қарлуғ тахти ҳимоя ва сюзеренитети империяи мӯғулҳо қарор дошт. Ҳамин тариқ қарлуғҳо *истиқлолият* ва тамомияти арзии этники ва бунбасти қавмиашонро нигоҳ дошта, анъанаҳои фарҳангиашонро то даврони ташаккул ёфтани давлатҳои нав дар ин ҳудуд донесли.



**Калидвожаҳо:** қарлуғҳо, ҳоқонят, хонигарӣ, ябғу, қабилаҳо, Ҳафтруд, Суёб, Қаялик, Қарахониҳо, империя, сюзеренитет.

**КАРЛУКИ И ИХ ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ОБРАЗОВАНИЯ**

Карлуки — как древнетюркский народ, рано обосновавшиеся на территории Средней Азии создали свои раннефеодальные полукочевые и степные государственные образования. В середине VIII века карлуки распространили свое влияние до Отрар-Испиджаба и Тараза. В 766—775 гг. одна ветвь карлуков захватила Кашгарию, а в конце VIII века другая их группировка распространила свое влияние на Фергану. Эти земли позже вошли в состав Карлукского каганата, который затем заменило Караханидское государство. Существовавший около 200 лет в 40-ые годы X в. Карлукский каганат распался. Возникает крупное Караханидское государство, где главную роль наряду с карлуками сыграли племена чигили и ягма. Значительная часть карлуков в 940 г. на севере р. Или создают своё отдельное ханство с центром в г. Каялыке, включив территорию Джунгарии, Семиречья, Илийского края. Это государство претерпело экспансию кара-китаев, найманов и монголов. В период с 1227 года до 1260 года Карлукское ханство являлось под покровительством и сюзеренитетом империи монголов. Таким образом, сохранив самостоятельность, этническую целостность и обособленность, карлуки донесли культурные традиции до эпохи сложения на этой территории новых государственных образований.

**Ключевые слова:** карлуки, каганат, ханство, ябгу, племена, Семиречье, Суяб, Каялык, Караханидское, империя, сюзеренитет.

**KARLUKS AND THEIR STATE FORMATIONS**

Karluks and their state formationsQarluqs – the ancient Turkic people, who early established in Central Asia created their early feudal semi-nomadic and steppe state formations. In the years 766-775 one branch of the Qarluqs captured Kashgariya, and at the end of the VIII century another group of them spread its influence to Fergana. These lands later became part of the Qarluq Kaganate, which then replaced the Karakhanid state. Existing about 200 years in the 40th years of the X century. The Qarluq Kaganate disintegrated. There is a large Karakhanid state, where the main role, along with the Karluks, was played by the Chigili and Yagma tribes. A significant part of the Qarluqs in 940 in the north of the rivercreate their own Khanate with the center in Kayalyk, including the territory of Dzungaria, Semirechye, Ili. This state underwent expansion of the Kara-Chinese, Naiman and Mongols. In the period from 1227 to 1260 the Qarluq Khanate was under the patronage and suzerainty of the Mongol empire. Thus, preserving independence and ethnic integrity, and isolation, the Qarluqs brought cultural traditions to the epoch of the formation of new state formations on this territory.

**Key words:** Qarluqs, kaganate, khanate, yabgu, tribes, Semirechye, Suyab, Kayalyk, Karakhanid, empire, suzerainty.

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Р.И.*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры древней, средневековой истории и археологии. Телефон: **+(992) 918-697-691**

# ИСКУССТВО КОСТЮМА ТАДЖИКОВ: РАЗВИТИЕ ТРАДИЦИЙ И ЭЛЕМЕНТЫ ТВОРЧЕСТВА В КОНТЕКСТЕ СОВРЕМЕННОЙ МОДЫ

***Умарова Г.А.***
**Таджикский технологический университет**

В процессе камнеобразования особое значение имеют факторы, связанные с нарушениями желчного пузыря, воспалением, повреждением его стенки, проникновением некоторых паразитов. Большинство этих факторов в той или иной степени оказывают влияние на регуляцию холестерина, открывая путь к камнеобразованию и принимая в нём участие. В работе VII интернационального конгресса по клинической химии в Женеве (1969г.) профессор Ирина Джафаровна Мансурова в своем докладе «О методике исследования клинической химии» доказала, что многие старые методы исследования различных биологических показателей следует значительно модифицировать и усовершенствовать. И в то же время рекомендовала ряд принципиально новых методов химического исследования, которые во многом способствовали прогрессу исследований данной проблемы [10]. В общем в институте гастроэнтерологии Таджикистана дополнительно внедрены более 20 других методов микрохимического анализа, которые в дальнейшем были распространены во многих лабораториях Советского Союза и других стран. Вместе с тем за рубежом широко использовались работы таджикских ученых. К примеру, полученные результаты отдела биохимии института были высоко оценены супругами Шмидт. В своем письме на имя И.Д.Мансуровой они писали: «Прекрасное и интересное исследование» [11].

Посещение профессора таджикского медицинского института С.Х.Хакимовой, как представителя советской медицинской науки, Канады, США, Франции, Швейцарии, Австрии, ФРГ, Англии, Голландии, Бельгии и других стран также имело мировое значение. Во время встреч и бесед С.Х.Хакимовой с учеными этих стран обсуждались актуальные проблемы гинекологии. На каждой из этих встреч она выступала с лекциями перед специалистами, которые вызывали бурные дискуссии. Она проводила консультации и читала лекции в медицинских учреждениях. Участие С.Х.Хакимовой на II конгрессе гинекологов 14 апреля и III конгрессе в Вене положительно отразилось на результатах научных исследований. Еще в 1964 году проходила бурная дискуссия совместно с швейцарским ученым Де Вотевиль о проблемах защиты и чистоты современной медицины и некоторых аспектах женских болезней. Профессор Де Вотевиль, назвал С.Х. Хакимову «чудом и феноменом женщины Востока», что означает в переводе «чудо разума». Развитие связей ученых института наблюдалось и в других отраслях медицины. Полезной была поездка С.Хакимовой и в ФРГ. В 1967 году во время этой командировки она прочитала курс лекций по акушерской эндокринологии в Бонне, Дормуте, Дюссельдорфе, Мельбурге и других городах ФРГ, Англии, Америки.

Таким образом, примечательно, что международные связи и сотрудничество ученых-медиков Таджикистана развивались во всех направлениях медицинской науки. Таджикские ученые-медики по многим параметрам медицинской науки были на передовых рубежах развития медицинской науки, особенно за последние годы XX – го столетия. Характерной чертой развития научных связей ученых является активное внедрение достижений науки, новых методов профилактики, диагностики и лечения. Успешно развивается новое медицинское направление – гипербаротерапия, то есть лечение кислородом под повышенным давлением.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф. 1. -оп. 4. -д. 230.
2. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф. 1. -оп. 4. -д. 237.
3. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф. 1. -оп. 4. -д. 239.
4. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф. 1. -оп. 4. -д. 244.
5. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф. 1. -оп. 4. -д. 98.
6. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф.1. -оп. 1. -д. 1204э.
7. Архив АН Республики Таджикистан. – Ф.1. -оп. 1. -д. 1230э.
8. Архив АН Республики Таджикистан. Отдел внешних сношений. Отчет проф. Х.Х.Мансурова о поездке в Париж для участия в работе 9 – го Европейского конгресса гастроэнтерологов.
9. Архив АН Республики Таджикистан. Отдел внешних сношений. Письмо президента международного симпозиума Г.Фрейбурге проф. Г. Поппера медицинского факультета Моунт Синае при университете (Нью – Йорк, США) от II. VIII. 70 г.
10. Архив АН Республики Таджикистан. Доклад об эффективности международных научных связей. АН Таджикской ССР за 1966 – 1970гг.
11. Архив АН Республики Таджикистан. Отдел внешних сношений. Письмо Института гастроэнтерологии АН Таджикской ССР от 26 января 1970 г.
12. Архив АН Республики Таджикистан. Отдела внешних сношений. Доклад об эффективности международных научных связей АН Таджикской ССР за 1972 г.
13. Архив АН Республики Таджикистан. Отдел внешних сношений. Письмо от 26 января 1972 г.
14. Ибрагимов М. Горизонты науки Таджикистана / М. Ибрагимов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 370 стр.
15. Коммунист Таджикистана. – 1970, 12 сентябрь.



**УФУҚҲОИ ИЛМИ ТИББИ ТОҶИК ДАР (СОЛҲОИ 50 – 70 – УМИ) АСРИ XX**

Дар мақола тадқиқотҳои мубрами донишмандони илми тибби тоҷик дар соҳаи хирургия, психиатрия, гастроэнтерология, гинекология, умуман инкишофи илми тибби тоҷик дар солҳои 50 – 70 – уми садаи XX, бо далелҳои қотеъ ва мӯътамад, баён карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** Хирургия, Психиатрия, Гастроэнтерология, Гинекология



**ГОРИЗОНТЫ МЕДИЦИНСКОЙ НАУКИ ТАДЖИКИСТАНА В 50 – 70 – Е ГОДЫ XX В.**

Медицинская наука в Таджикистане добилась мирового признания, успехи ученых - медиков в изучении влияния высокогорья на организм, психиатрии, гастроэнтерологии, а также методы изучения вопросов терапии, гинекологии, хирургии привлекали внимание ученых Англии, Америки, Канады, Японии, Швеции.



**Ключевые слова:** хирургия, психиатрия, гастроэнтерология, гинекология



**HORIZONS OF MEDICAL SCIENCE IN TAJIKISTAN 50 - 70 - YEARS OF XX CENTURY**

In this article devoted researches scientist Tajik medical science in the field of surgery, psychiatry, gastroenterology, gynecology, in general development of Tajik science medicine in the period 50 - 70 - XX century, with facts and irrefutable are explained.



**Key words:** Surgery, Psychiatry, Gastroenterology, Gynecology



**Сведения об авторе:** ***Саймухаммади Бабаджан*** – Таджикский национальный университет, аспирант.
Телефон: **98 – 844 – 24 – 55.**


# АНДЕШАҲО ОИД БА ТАЪРИХИ ТЕППАҲО ВА ШАҲРҲОИ ҚАДИМАИ ВОДИИ ВАХШ


***Саидмухтори Абдуҷабборзода, Абдуназаров Х., Абдуназарова М.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**


Водии Вахш ба ҳудуди яке аз нахустдавлатҳои ориёӣ-Бохтар* дохил буда, *дар аҳди қадим ҳамчун як диёри ободону сарсабз машҳур буд.* Аз таърихи куҳани Шарқи қадим маълум аст, ки дар Осиёи Миёна давлати нахустини ориёӣ -Бохтари қадим ба вучуд омада, водиҳои Вахш, Панҷу Кофарниҳон низ ба ҳамин давлат шомил буданд. Аз ҳамон давраҳои қадим дар ин қисмати давлати Бохтар ду вилояти бузург пайдо шуда, дар ҷараёнии таърих ба ду минтақаи обод мубаддал гашта, бо номи вилоятҳои Хатлону Вахш рушд ёфтааст. Ин ду минтақа (вилоят) дар равиши таърих якчанд маротиба муттаҳид ва ҷудо шуда буданд. Дар натиҷа, мустақилан мавзеъҳои худро обод мекарданду шаҳрҳо месохтанд. Шаҳрҳои вилояти Вахш: Ҳалевард, Леваканд, Лағмон ва шаҳрҳои минтақаи Хуттал (минтақаи Кӯлоб): Ҳулбук, Мунк, Тамлият, Сикандара, Карбанҷ, Рустакбек, Андичарағ Фалгар, Барсариғ Ҷариян, Искулаб (Эскикулаб) Қайнар ва ғайра ба ҳисоб мерафтанд.

Дар поёноби Кофарниҳон низ маданияти хосси худ пайдо гардида буд: Шаҳрҳои Қубодиён (Теппаи шоҳ), Шаҳритус, Бешкент (Бисёршаҳр, бисёрқаср), Тахти Сангин, Айваҷ, Хоҷа Машҳад ва ғайраҳо. Дар давраи давлати Бохтари қадим ин ду вилоят бо тамоми шаҳрҳои худ, бо номи Хатлон машҳур буд. Инак имрӯз низ чунин аст.

Дар асрҳои миёна ин водӣ аз ҷиҳати маъмурӣ ба ду бекигарӣ тақсим шуда буд: Қубодиён ва Қӯрғонтеппа. Соҳилҳои поёноби Вахш, Кофарниҳон ва соҳили рости дарёи Панҷро дар адабиётҳои давраи Шӯравӣ ва имрӯз низ, водии Вахш номидан одат шудааст. Зеро дар асри бистум дар ин води сохтмони бузурги аср бо номи “ВАХШСТРОЙ” машҳур

* Нахустин давлатҳои ориёӣ ин Бохтар, Суғд ва Хоразм ба ҳисоб мераванд.

буд. Аз ин рӯ номи “Вахш” ба номи умумии ин водиҳо табдил ёфтааст. Дарёи Вахш аз тангии байни кӯҳҳои Хоҷа Мастон ва Табақчӣ, яъне аз тангии шаҳри Сарбанди имрӯза баромада, ба нисбатан ҳамвору паҳноварӣ води ҷорӣ мешавад. Дар тӯли қарнҳо маҷрои ин дарёи бузург ба ҳар тарафи водӣ ҷорӣ шуда, шохобҳои мухталифи табиии хешро низ пайдо карда мерафт. Дар пастхамиҳо кӯлҳои калон низ пайдо шуда, ҷойҳои баландтараш ба теппаю теппачаҳо, ё ки ҷазирачаҳо мубаддал мегашт.

Ин теппаю баландиҳоро одамон боз ҳам баландтар карда, ба ҷойи зисти худ табдил медоданд*. Кӯлҳои пайдошударо шохобҳои хурд-хурди дарё доимо пур карда меистод. Дар атрофи ин кӯлу дарёчаҳои қамишзору чангалҳо ҳайвоноти гуногун пайдо шуда, асрҳои аср ба мавзеи даҳшатноку касногузор табдил ёфта буд. Ҳатто, дар ибтидои асри XX то солҳои 20-уми аср дар ҷойи ҳозираи автовокзали шаҳри Қӯрғонтеппа кӯли калон мавҷуд будааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар солҳои азхудкунии водӣ бисёр кулҳо ва ҳатто теппаҳои таърихӣ ҳамвор карда шуда, ба пахтазор табдил дода шуданд. Имрӯз аз баъзе теппаҳо нишоне намондааст, ба монанди Қоваунтеппаю Болдойтеппа. Чоргултеппа ва атрофи онро низ одамон ҳамвор карда, манзил сохтаанд.

Аз Ҳалқаҷар (ин мавзеъро Сарбанд ҳам меноманд) солҳои 90-уми асри бистум дар аёми заминҷуфткунӣ тангаҳои тиллоии давраи Кушониёнро дарёфт карданд. Шояд дар ҷойи мавзеи Сарбанду Ҳалқаҷар шаҳри калон ҷойгир шуда буд ва як қисми онро низ об шуста рафта бошад. Баъзе олимони бостоншинос Т.Зеймал ва А.М.Беленитский ба хулосае омада буданд, ки шаҳри қадимаи Леваканд шояд аввал дар ҳамин ҷо бошад... Ақидаи бостоншинос Юсуфшоҳ Яъқубов ҳам чунин аст. Аммо В.В.Бартолд мавқеи ҷойгиршавии Левакандро дар Сангтӯда меҳисобад. Чунин ақидаи А.М.Беленитский шояд дуруст бошад. Агар таърихи пайдоиши шаҳри қадимаи Левакандро ба давраҳои пеш аз милод ҳисоб кунем*, мавзеъи ҷойгиршавии он ба Сарбанд (мавзеи Қизилқалъа ва Ҳалқаҷар) рост меояд. Ба шаҳр табдил ёфтани Қӯрғонтеппа (Леваканд) бошад, ба таърихи пайдоиши канали Ҷӯйбор рост меояд. Зеро ин канал дар давраи давлати Юнону Бохтар кофта шудааст. Нахустманбаи хаттӣ оиди таърих ва тамаддуни водии Вахш китоби муқаддаси Зардуштиён “Авасто” ба шумор меравад. Китоб дар бораи яке аз марказҳои ориёӣ будани водии Вахш маълумот медиҳад. Бо ақидаи бостоншинос Юсуфшоҳ Ёкубов Ориёнвиҷ дар ҳамин водӣ воқеъ шуда, ҳоло он минтақа “Айвоҷ” номида мешавад. Дар манбаъҳои хаттӣ оид ба таърих ва тамаддуни водии Вахш дар асарҳои Ариан, Птоломей, Квинт Куртсий, Плутарх, Страбон, Гай Плиний, Диодор, Помпей Трог- Юстин ба маълумоти пурқимат дучор меоем. Дар иртибот ба ин асарҳои муҳаққиқони антиқӣ барои юришҳои Искандари Мақдунӣ нақл карда, дар бораи шаҳрҳои қадимаи водии Вахш низ маълумот додаанд.Ин муҳаққиқон дар асарҳои худ мактубҳои худи Искандар ва навиштаҷоти ҳамкорони ӯро, ки дар юришҳои Искандар иштирок кардаанд, истифода бурдаанд. Яке аз шахсиятҳое, ки бо ҳамроҳии Искандар дар ин водӣ омадааст, Бетона ном дошт. Дар ин сарчашмаҳо оид ба вазъи водии Вахш дар аҳди Юнону Бохтар низ маълумоти гаронбаҳо оварда шудааст. Тибқи ин мадракҳо муайян гардида, ки дар давраи Юнону Бохтар низ дар водии Вахш каналҳо бунёд шуда, обёрӣ карда мешудааст. “Ҷӯйбор”-е, ки аз шаҳри Қӯрғонтеппа мегузарад, дар давраи давлатдории Юнону Бохтар кофта шудааст. Инчунин, сайёҳони асримиёнагии Аврупо Марко Поло, Рубрук, Клавихо ва дигар муҳаққиқони аврупоӣ ва инчунин муҳаққиқони арабу форсизабон: Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Балозӯрӣ, Балъамию асари бемуаллиф “Ҳудуд-ул- олам” ва дигар сарчашмаҳо маълумоти гаронбаҳо медиҳанд. Инчунин, дар хотираҳои сайёҳони ҳамон давраи чини Син Сзир Ян ва дигарон маълумоти хеле ҷолиб пайдо кардан мумкин аст. Аммо аз ҳама возеҳтар маълумотро мо дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ дарёфт карда метавонем, зеро дар натиҷаи тохтутози аҷнабиён шаҳрҳои бузурги ин минтақа, ки он сайёҳон ва муҳаққиқон маълумот додаанд, дар зери хок пинҳон мондаанд. Кофтуковҳои бостоншиносӣ дар ин водӣ асосан дар давраи шӯравӣ оғоз шуда, ба ин васила хеле асноди муҳим дарёфт шудаанд. Дар натиҷа муҳтавои таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Институти таърих,бостоншиносию мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АУ ҶТ дар сию ҳашт ҷилд аз чоп баромад, ки дар онҳо низ оид ба водии Вахш маълумотҳои гаронбаҳо мавҷуд аст. Пас аз таҳлили сарчашмаҳо ба хулосае омадем, ки маводҳои археологияии водии Вахш нопурра аст. Ин нишони он аст, ки таърихи куҳани Тоҷикистони Ҷанубӣ кам омӯхта шудааст.

Бостоншиносон дар натиҷаи ковишҳо аз қаламрави водии Вахш ашёҳои давраҳои мухталифи таърихиро дарёфт кардаанд. Дар манбаъҳои чинӣ вилояти Вахш дар шакли У-ша зикр ёфтааст ва мувофиқи маълумоти Сюан Сзан, ки нахустмаълумотро дар бораи ин вилоят додааст, мулки У-ша дар шарқии дарёи Фо-тсзу, шояд дарёи Вахш дар назар бошад, ҷойгир шуда будааст. Он аз шимол ба ҷануб 500 ли (200 км), аз ғарб ба шарқ 300 ли (тақрибан 120 км) масоҳат доштааст. Пойтахти ин мулк 16-17 ли (6-7 км) масоҳат доштааст. «Таншу» хабар медиҳад, ки мулки У-ша дар шарқ бо Ку-ту - Хутталон ва кӯҳи

* Дар Ӯртабози ноҳияи Вахш бостоншиносон нишонаҳои асри санги нав ва биринҷиро дарёфт карданд.

* Баъзе сарчашмаҳо пайдоиши ин шаҳрро ба давраҳои дури пеш аз милодӣ, яъне давраи давлати ориёии Бохтари қадим мансуб медонанд.

Пиёз - Помир ҳамсарҳад мебошад. Дар қасри Ҳалеварди асримиёнагӣ маъбади буддоӣ мавҷуд будааст, ки шояд ҳокими маҳаллӣ бо аҳли оилааш маросимҳои диниро иҷро мекарданд. Ҳангоми ҳафриёт аз ин ҷо қариб 50 пораҳои дастхатҳои матнҳои буддоӣ ёфт шуд. Ин бозёфтҳо маълумоти Хой Чаоро дар бораи мавҷудияти пайравони ҷараёни ҳинояна ва маъбадҳои буддоӣ дар Хатлон тасдиқ мекунанд.

Дар масофаи 40 км шимолтари шаҳраки Кофирқалъа харобаҳои ибодатгоҳи буддоии Аҷинатеппа мавҷуд буд, ки дар миёнаи асри VII мелодӣ сохта шуда, то миёнаи қарни VIII фаъолият дошт. Он аз ду қисм иборат буда, 52 бино дошта, дуошёна буд. Дар маркази бино зерсутуни асосӣ ҷой дошт, ки қутри он 24 метрро ташкил мекард. Дар яке аз биноҳо муҷассамаи Буддо дар ҳолати «нирвана» бо дарозии 12 м. мавҷуд буд. Тибқи маълумоти Сюан Сзан мулки Ке-хо-йен-на – Қубодиён дар ҷанубии вилояти Су-ман - Шумон, ғарбтари У-ша – Вахш ҷой дошт. Масоҳати ин мулк аз шарқ ба ғарб дурӯза роҳ буд. Масоҳати пойтахт бошад, ба пойтахти мулки Чағониён баробар буда, ин ҷо низ теъдоди муайяни роҳибон ва се маъбади буддоӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар шарқи дарёи Кофарниҳон, дар масофаи 18 км ҷанубтари шаҳраки Теппаи Шоҳ мавҷуд буд, ки то асрҳои V-VI обод буд. Мувофиқи маълумоти бостоншиносон қисме аз аҳолӣ дар ин ҷо пайрави буддоӣ ва қисме зардуштия буданд. Дар масофаи як км дар шимолу шарқи Теппаи Шоҳ боқимондаҳои маҷмааи маъбади буддоии Уштур-Мулло пайдо шуд, ки дар се теппа осори зерсутуни бузург, ибодатгоҳ ва муқаддасгоҳ дида мешавад. Ёдгории дигари буддоӣ дар ин минтақа дар шаҳраки Қалъаи Кофарниҳон, воқеъ дар соҳили чапи рӯди Кофарниҳон наздикии деҳаҳои ҳозираи Эсанбой ва Янгиобод дастрас шуд. Ҳаёт дар ин шаҳр аз давраи Юнону Бохтар то ибтидои асрҳои миёна идома дошт. Ҳамвора бо маъбади буддоӣ дар ин ҷо ибодатгоҳи зардуштиён мавҷуд будааст.

Маълум аст, ки дар асрҳои охири ҳазораи якуми то милод буддоия аз Ҳинд ба Осиёи Миёна, Марказӣ ва Шарқӣ паҳн шуда, то ба дараҷаи дини ҷаҳонӣ рафта расид. Аз маълумоти сайёҳон, тоҷирон, ходимони давлатӣ ва қайди сарчашмаҳои чинӣ бармеояд, ки буддоия дар Тахористон пайравони худро пайдо карда, маъбадҳои бузурге дар Балху Тирмиз, Хатлону Бадахшон бунёд ёфт. Дар водии Вахш дар мавзеъҳои Аҷинатеппа, Кофирқалъа, Уртабуз ва ғайраҳо бостоншиносон ҳафриёт бурда, дурустии сарчашмаҳои хаттии чиниро исбот карданд.

**Леваканд.** Реша ва маънои номи Левакандро дар забонҳои суғдӣ ва балхӣ бояд ҷуст. Бахши нахусти он - «лева-» дигар гашта, аз вожаи балхии «лева-» ба маънии «эзид» аст ва бахши дувум–«-канд», яқинан бозмондаи вожаи авестоии *kanθā- >kand ба маънои ободӣ ва шаҳр аст, ки дар гузашта дар номгузории шаҳру рустоҳо корбурди фаровон дошта, дар номи Мароканд (Самарқанд), Пайканд, Панҷаканд, Бунҷикат, Хуҷанд, Чимканд, Вобканд ва Хӯқанд омадааст. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки маркази кунунии вилояти Хатлон таърихи зиёда аз 2000-сола дорад ва беш аз 1300 сол Леваканд ном доштааст. Яъне, то вайронкориҳои чингизиён.

Бинобар бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳр дар ҷойи ҳозираи Қӯрғонтеппа ҳанӯз дар замони Кушониён (садаҳои I – IV м.) вуҷуд доштааст. Он шаҳр то замони густариши ислом яке аз ободтарин шаҳрҳои Вахш будааст. Дар охири садаи VII – оғози садаи VIII ин шаҳрро арабҳо гирифтанд ва аз он пас дар таърихномаҳо ва осори ҷуғрофидонони исломӣ ин шаҳр ба номи Лоknown Ловаканд ва Леваканд ёд шудааст. Чунончи, Абӯисҳоқ Иброҳим бинни Муҳаммади Форсии Истахрӣ дар «Масолик ва-л-мамолик» (соли таълиф 950 м.) менависад, ки «аз Ловаканд (порсӣ: لاوکَند) то Ҳаловард (порсӣ: هَلاوَرد) — як манзил ва то Пули Сангин ду манзил роҳ будааст». Қадимтарин асари ҷуғрофиёӣ бо забони порсӣ - «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқил ал-Мағриб», ки дар соли 982 м.таълиф шудааст, оварда, ки «Леваканд (порсӣ: ليوکَند) аз Вахш аст, ҷоест, ки аз вай гӯспанди вахшӣ хезад. Дигар аз ҷуғрофидонони машҳури садаи X–Абӯабдуллоҳ ибни Аҳмади Муқаддасӣ (945 – 1000 м.) дар китоби маъруфаш «Аҳсанат-тақосим фӣ маърифат ал-ақолим» ин шаҳрро «Ловаканд» (порсӣ: لاوکَند) номидааст.

То забти арабҳо дар ин минтақа дини будоӣ (шохаи «махаяна») пойдор буда, дар тамоми шаҳрҳо ва манзилҳои аҳолинишин осори ин дин мавҷуд буд. Барои ҳамин арабҳо ин манзилҳои ободро макони кофирҳо эълон карда, ба вайрона табдил доданд. Дар ин бора, чи хеле ки дар боло қайд намудем, худи ҷуғрофидонон ва муҳаққиқони арабу форс дар асарҳояшон маълумот дода, номи ҳамон давраи онҳоро сабт карданд. Аммо лашкари арабҳо ин мавзеъҳоро вайрон карда, таърихи онҳоро ба фаромӯшӣ бурданд. Кофирқалъа, Аҷинатеппа ва бисёр дигар мавзеъҳо ба ин мисол шуда метавонанд. Ҳамин тавр, номи аслии ин теппаҳо (манзилҳо) аз хотири одамон фаромуш гардид. Фақат дар натиҷаи кофтукови археологи номи аслии «Кофирқалъа» маълум гардид. Яъне, «Ҳалевард» ном доштааст. Номи аслии Аҷинатеппа, Чоргултеппа, ва дигар мавзеъҳо то ҳол номаълум аст.

Баъди забти арабҳо водӣ боз обод гардид. Хусусан дар давраи Сомониён. Дар ин давра бисёр манзилҳо исломӣ шудан гирифт.

Хоҷа Мастон, Хоҷа Гулгун, Хоҷа Зарина, Хоҷа Машҳад, Хоҷа Дурбод, Хоҷа Сарбоз, Зайнолобиддин ва ҳоказоҳо. Бисёри ин ёдгориҳо да асоси ривоятҳо пайдо шудааст.

Баъди барҳам хӯрдани давлати Сомониён дар ин минтақа низ халқҳои турктабор ҳукмрон шуданд. Номи султонҳои турк бо ақидаҳои исломӣ омехта шуданг гирифт ва

ҳатто номи онҳо сакрализатсия (муқаддас) шуда монд. Як мисол Мазори ҳазрати султони Увайси Қарани. Доктори илмҳои таърих Ҳамза Камол дар асоси сарчашмаҳои дақиқ ин масъаларо бисёр хуб таҳлил намудааст. Ободии дубораи шаҳр аз садаи XVI оғоз мешавад. Номи кунунии шаҳр дар таърих дар номаҳои садаи XVII омада ва баргирифта аз қалъаест, ки бар теппае дар маркази шаҳр, дар миёни Ҷӯйбор ва Ҷӯйи Хонум ҷой дорад. Ба гуфтаи бостоншиносон ин теппа ҳанӯз дар замони ҳукмронии Кушониён вуҷуд доштааст.

**Теппаҳои Водии Вахш.** Дар қаламрави водӣ теппаҳои сершумор мавҷуданд, ки бисёрии онҳо пурра омӯхта нашудаанд. Дар водии Вахш бостоншиносон асосан дар ҷойҳои зерин ковишҳо бурдаанд: Қарабура, Зайналобиддин, Бешаи палангон, Тахти Сангин, Тахти Қубод, Уштурмулло, Ҳалқаҷар, Аҷинатеппа, Чоргултеппа, Қовунтеппа, Болдойтеппа, Оқтеппа, Ботуробод, Кофирқалъа, Лағмон, Ӯртабуз I, II, III, Бешкент, Чилучорчашма, Сайёд, Тулхор, Қизилқалъа, Обикиик, Новободқалъа, Қаратов, Томошотеппа, Оқмазор, Хоҷа Машҳад, Хоҷа Дурбод, Хоҷа Ғоиб, Теппаи шоҳ, Тиллоҳаллоҷӣ ва дигар ҷойҳое, ки онҳо дар қаламрави шаҳри Қурғонтеппа ва ноҳияҳои: Қубодиён, Шаҳритуз, Ёвон, Вахш, Сарбанд, Ҷиликул, Бешкент, Панҷ, Ҷалолиддини Румӣ (собиқ Колхозобод), Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ (собиқ Куйбишев), Қумсангир воқеъ ҳастанд.

Ҳамин тавр, номи аслии ин манзилҳо аз хотираи одамон фаромӯш гаштаанд. Чунин теппаҳое, ки номи аслиаш фармӯш гашааст, оҳиста-оҳиста аз тарафи одамоне, ки ба ин минтақа омаданд, ин теппаҳоро бо номҳои ҳархела (бештартуркӣ) мондан гирифтанд. Масалан, Аҷинатеппа, Кофирқалъа, Бостонқалъа, Мардаттеппа, Қовунтеппа, Ӯртабуз, Қарабура, Қарадум, Қизилқалъа, Чоргултеппа ва садҳо чунин ҷойҳоро номбар карда метавонем. Барои ҳамин, дар давраи шӯравӣ бостоншиносон дар ҳисоботашон ҳамон номҳо сабт намудаанд. Ҳоло дар адабиёти илмӣ бештар номи нави ин ҷойҳо сабт шуда мондааст. Фақат аз инҳо номи ҳақиқии Кофирқалъа Ҳалевард буданашро дар натиҷаи ҳафриёт возеҳ намуданд. Дар бозёфтҳои ин ҷо бо ҳуруфоти арабӣ калимаи "Ҳалевард"-ро катибашинос Лившитс хондааст. Дар ин катиба аз номи халқи Ҳалевард ба волии араб мактуб бо ҳуруфоти арабӣ навишта будааст. Ин ақидаро бостоншинос А.М. Беленитский низ дар асараш "Очерки таърихи чуғрофии Хатлон аз давраҳои қадим то асри X" (1950) қайд кардааст. Ӯ дар ин асараш мавзеи ҷойгиршавии Левакандро ҳудуди имрӯза Қӯрғонтеппа номбар кардааст, яъне бар зидди ақидаи В.В. Бартолд, ки ӯ Сангтӯдаро мавзеъи ҷойгиршавии Леваканд меҳисобад. Ба фикри мо, ақидаи А.М. Беленитский дуруст аст, зеро маънои Леваканд аз рӯйи таҳқиқоти лингвистӣ (бо забонҳои суғдию бохтарӣ) Қасри бузург (баланд), "Лево"- ба номи Худо "эзид" шабоҳат дода, маънои кабир, бузургро медиҳад. "Канд" бошад, ин маънои қаср, шаҳр, куҳандизро медиҳад.

Нумизматҳо Е.А.Давидович, А.В. Зеймал, Т.И. Зеймал ва бостоншинос Ю.Яқубов мавзеи ҷойгиршавии Левакандро Сарбанд (наздикии Қизилқалъа) мегӯянд. Онҳо ақида доранд, ки як қисми ин шаҳрро дар асрҳои тӯлонӣ оби саркаши Вахш шуста бурдаасту қисмати он боқӣ мондааст. Дар натиҷаи омӯзиши тангаҳои гаронбаҳои тиллоии бозёфтшуда онҳо ба чунин хулоса омадаанд. Омӯзиши таърихи водии Вахш (бо якҷоягии тамоми Хатлон) аз даврони хеле қадим шурӯъ гардида буд. Дар асарҳои муаррихони асримиёнагии араб Абӯисҳоқи Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, ал-Муқаддасӣ, Ибни Хурдодбеҳ, ал-Яъқубӣ, Ибни Руста, Балъамӣ ва дигарон дар бораи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти мардуми Хатлонзамин дар асарҳои худ маводҳоро ҷамъоварӣ намудаанд. Тавассути ин манбаъҳои нодири таърихӣ ва дигар асарҳои муаррихони асримиёнагӣ мо метавонем оиди таърихи ин минтақаи бостонӣ маълумоти дақиқу саҳеҳ дастрас намоем. Дар омӯзиши Вахшонзамин, Хуталон ва умуман Тахористони асрҳои миёна қайдҳои сайёҳони чинӣ мавқеи муҳим доранд. Новобаста ба теъдоди каму парокандаи онҳо бе ин маъхазҳо дарки пурраи вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Тахористон ғайриимкон аст. Аз ҷониби дигар, маълум аст, ки чиноиҳо низ аз замонҳои қадим ба тадқиқи ҳамаҷонибаи кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Осиёи Марказӣ машғул буданд. Яке аз қадимтарин маълумот дар бораи ин сарзамин ба қайдҳои сафири чинӣ Чжан Сзян рост меояд, ки соли 128 то милод дар бораи кӯҳистони Помир ва дигар минтақаҳои Осиёи Миёна маълумот додааст.

Дар асоси ин сарчашмаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин акст,ки дар водии Вахш маркази маъмурӣ аввал Ҳалевард (дар ҷойи Кофирқалъаи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ) буда, баъдан марказ ба Лағмон кӯчидааст ва билохира Леваканд маркази маъмурӣ гардидааст.

**Ҷойивазшавии маркази минтақа чунин аст:**

1.Ҳалевард аз давраи Бохтари қадим, яъне асрҳои VIII-VI то мелод то соли 740 (то давраи забти арабҳо) маркази маъмурии минтақа буд.

2.Лағмон (дар ҷойи деҳаи Узуни н.Ҷалолиддини Балхӣ) то асри XIII (то забти чингизиён) маркази минтақа ба шумор мерафт. Дар ин ҷо тангаҳои тиллоӣ сикка мешудааст.

3.Леваканд низ то забти чингизиён ҳамчун шаҳри бузурги минтақа арзи вуҷуд дошт. Аз асри XIII то асри XVI водӣ ва ҷойҳои ободи он ба харобазор табдил ёфта буд. Аз асри XVI Леваканд маркази маъмурии минтақа шуда, номашро Қӯрғонтеппа гузоштанд. Ин ба давраи Шайбониён рост меояд. Аз ҳамон давра Леваканд бо номи "Қӯрғонтеппа" маркази маъмурии минтақа шуда, ҳоким дар ҳамин ҷо менишаст. Ин хоктеппа аслан сунъӣ буда, хоки онро аз пастхамии ҷойи ҳозираи заводи пахтаи шаҳр гирифтаанд. Барои боз ҳам баландтар намудани теппа ҳукуматдорони шаҳр аз одамони ба бозори шаҳр меомадагӣ "андози хок" мегирифтанд. Одамон як хурҷин хокро оварда, ба ҳамин теппа мерехтанду баъд барои бозор кардан иҷозат мегирифтанд. Ҳамин тавр, баландии теппа ба 20 метр расидааст. Атрофи теппаро аввал бо девори ғафс печонда, баъд дар қисмати шимолии он ҷуйбори нав кандаанд, ки он мавқеи стратегиро иҷро мекард. Дар болои ин Ҷӯй ("Ҷӯйи Хонум"*) купрӯки чӯбин сохта, онро шабҳо ба тарафи теппа бардошта мемонданд. Дар болои девори теппа барои дидбонҳо ҷойи махсус карда буданд, ки гирду атрофро назорат мекард.

Аҳолии водӣ асосан кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ буда, манзилҳои худро дар қаламрави водӣ тез –тез иваз мекарданд. Сабаби тез-тез ҷойивазунии аҳолӣ чунин буд:

1. Сарбанди каналу ҷӯйборҳоро дарёи саркаши Вахш дар мавсими обхезиҳо вайрон мекард, дар натиҷа киштукори аҳолӣ ва ҷойи зисти онҳо хароб мешуд.

2.Дар водӣ ҳуҷуми (сели) малаххо ҳар сол такрор шуда, киштзорҳоро нобуд мекард.

3. Сабаби дигари ҷойивазкунӣ гуногунқавмии аҳолии водӣ ба шумор мерафт. Дар байни қавмҳо мунокишаҳо ба вуҷуд омада, сарварон қавми хешро ба дигар минтақаҳо мекӯчониданд.

4.Ҳукуматдорон ба сари аҳолӣ андозҳои гуногун мебаст. Дар натиҷа аҳолии қашшоқгардида макони зисти хешоро тарк карда, ба кӯҳистон, ба қаламрави Афғонистон ё ба ҳудуди дигар бекигариҳо кӯч мебастанд. Аз ин рӯ, аҳолии водӣ дар ибтидои асри XX ниҳоят камшумор буд. Дар водӣ аҳён-аҳён деҳаҳои кӯчак монда буду халос. Аҳолии асосии деҳаҳоро асосан муҳоҷирони Бадахшону Қундуз ташкил мекарданд, ки онҳо аз таъқиби афғонҳо гурехта омада буданд. Дар давраи аморати Бухоро ба ин водӣ одамони гунаҳгорро бадарға мекарданд. Баъзан одамони гунаҳгор низ аз таъқиби амалдорон гурехта, дар ин водӣ макон мегирифтанд.

Ҳамин тавр, дар арафаи Инқилоби Октябр аҳолии водиро асосан муҳоҷирони гуногунқавм ташкил мекард, ки онҳо бо сабабҳои мухталиф ба ин ҷо омада, сокин шуда буданд. Аммо аҳолии водӣ дар ибтидои асри XIX хеле бисёр буд.

Н.А.Маев хабар медиҳад, ки дар поёноби дарёи Вахш қавмҳои сари қатаған, кали қатаған ва дурманҳо ҷойгир буда, онҳо дар хаймаҳо (чайлаҳои хасин-хаскаппаҳо),ки дар шакли юрта сохта буданд,ҳаёт ба сар мебурданд.

А.А.Семёнов, ки дар охири асри XIX ба бекигарии Қӯрғонтеппа омада буд, менависад: "Дар соҳили Амударё деҳаи калон ба номи Сарой ҷойгир буда, аҳолии онҳо омехта аст, ба андешаи ман, бештари онҳо ӯзбекҳо буданд". И. Алкин маълумот медиҳад, ки дар водии Сарой (ҳозира Панҷ) авлодҳои қавми қатаған: тоз, темез, бурқа, туғул ва дигарон зиндагӣ мекунанд. П. Гаевский қайд мекунад, ки дар бекигарии Қӯрғонтеппа қисмати калони аҳолиро тоз, қатаған ва қунғуротҳо ташкил мекунанд.

Дар ибтидои асри XX ба бекигарӣ тоҷикон бештар аз Қаротегин, Балҷувон ва Кӯлоб омада, муқимӣ шуданд. Дар арафаи Инқилоби Октябр шумораи тоҷикон дар қаламрави бекигарӣ хеле афзуд. Солҳои 70-ум асри XIX ба бекигарииҚӯрғонтеппа қирғизҳо муҳоҷир шуда омаданд. Онҳо асосан аз бекигарии Нурато омада, дар поёноби Вахшу Панҷҷойгир шуданд. Қирғизҳо даштҳои Ҷиликулро ба чарогоҳи худ табдил дода буданд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба қаламрави бекигарии Қӯрғонтеппа халқҳои мухталиф бо сабабҳои гуногун кӯч баста омада буданд. Маркази бекигарӣ шаҳри Қӯрғонтеппа буд. Охирин беки он Инокбек ном дошт, ва ӯ соли 1921 ба Афғонистон фирор кардааст. Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши таърихи водӣ ва теппаҳои он ба чунин хулоса омадем, ки таърихи водии Вахш чӣ аз ҷиҳати бостоншиносӣ ва чӣ аз ҷиҳати мардумшиносӣ пурра омӯхта нашудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Якубов Ю. Давлати Каёниён / Ю. Якубов. - Душанбе, 2012.
2. Литвинский Б. А. Средневековая культура Тахаристана (в свете раскопок в Вахшской долине) / Б. А. Литвинский, В. С. Соловьев. - М.: Наука, 1985. - С. 119, 143.
3. Литвинский Б. А. Буддийская часовня на Кафыр-кале / Б. А. Литвинский, Е. П. Денисов //Археологические работы в Таджикистане. - М., 1973. -Вып. 10. - С.165-169.


---

* Дар бораи Ҷӯйи Хонум ривояте мавҷуд аст. Гӯё завҷаи ҳокими шаҳр талаб кардааст, ки барои оббозии занону духтарон низ як ҷӯйбор канда шавад, ки дар гармии тобистон салқин шаванд. Аз ин рӯ, ин каналро канданд. Канали Ҷӯйи Хонум маҷрои хеле ором дорад.

4. Литвинский Б. А. Аджина-теппа / Б. А. Литвинский, Т. И. Зеймаль // Архитектура. Живопись. Скульптура. Памятники древнего искусства. – М.: Искусство, 1971. - С. 55.
5. Зеймаль Т. П. Раскопки на Аджина-тепе в 1975 г. / Т. П. Зеймаль // Археологические работы в Таджикистане. - Душанбе, 1980. -Вып. 15. – С.147-150.
6. Литвинский Б. А. Тепаи-Шах. Культура и связи кушанской Бактрии / Б. А. Литвинский, А. В. Седов. - М.: Наука, 1983. - С.3-7, 116, 75.
7. Зеймаль Т. И. Буддийский комплекс Шутур Мулло / Т. И. Зеймаль //Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 1986. -Вып. 19. - С. 186-193.
8. Литвинский Б. А. Калаи-Кафирниган / Б. А. Литвинский //Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 1979. -Вып. 14- С. 157, 134-135.
9. Кочетов А.Н. Буддизм / А.Н. Кочетов. - Изд. 2-е переработанное. - М.,1983. - С. 104.
10. [Электронный ресурс]. https://tg.wikipedia.org
11. Ҳудуд-ул-олам минал-Машриқ илал-Мағриб. (соли 372 ҳиҷрии қамарӣ = 982 мелодӣ); вироиши доктор Манучеҳр Сутуда. –Теҳрон: Интишороти китобхонаи Таҳурӣ, 1362 ш. / 1983 м. – С. 119.
12. Литвинский Б.А. Средневековая культура Тахористана / Б.А Литвинский, В.С. Соловьев. - М.: Наука, 1985. -С.263с.; Ранов В.А. Каменный век: Афгано-таджикской депрессии / В.А. Ранов, Г.Р.Каримова. - Душанбе, 2005. -252 с.
13. Ҳудуд-ул-олам. -Теҳрон, 1362 (1942). -252 с. (Асари бемуаллифи асримиёнагӣ).
14. Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Масолик ва мамолик / А. И. Истахрӣ. -Теҳрон, 1340. -334 с.
15. Ибни Ҳавқал. Сурат-ул-арз / И. Ҳавҳал. –Бейрут: Маншурот дор мактабати-л-ҳаёт, 1992.
16. Ал-Муқаддасӣ. Аҳсан-ут-тақосим / Ал-Муқаддасӣ. -Ҷилди IV, бидуни таърихи табъ.
17. Ибни Хурдодбеҳ. Ал – Масолик вал-мамолик. Вадаъа муқадиматаҳу ва ҳавомишаҳу ва фаҳорисаҳу д.Муҳаммад Махзум / И. Хурдодбеҳ. –Байрут: Дар иҳё ат-турос ал-арабӣ, 1988.
18. Ал-Яъқубӣ. Китобу-л-булдон / Ал-Яъқуби. – Бейрут, -1988.
19. Балъамӣ. Таърихи Табарӣ / Балъамӣ; таҳияи М.Умаров, Ф.Бобоев., Д.Каноатов. – Душанбе: Паёми ошно, 2001.
20. Ртвеладзе Э. Великий шелковый путь / Э. Ртвеладзе. - Ташкент, 1999. - С.119.
21. Взгляд с Востока. Как китайцы исследовали территорию Центральной Азии. 10. 05. 2008. [Электронный ресурс]. ferghana.ru
22. Маев Н.А. Географический очерк Гиссарского края и Кулябскогог бекства/ Н.А. Маев // Изв.РГО. 1876. - Т.12. -С.268.
23. Семенов А.А. по границам Бухары и Афганистана (Путевые очерки 1988г.) / А.А. Семенов // Исторический вестник. 1902. -Т.88. -С.105.
24. Алкин И. О некоторых особенностях колхохозного строительства в Сарайкамарском районе Таджикской ССР / И. Алкин //Революсионый Восток, 1931. -№11-12.
25. Маев Н.А. Географический очерк Гиссарского края и Кулябскогог бекства / Н.А. Маев //изв.РГО. -1876. - -Т.12. - С.268.

## АНДЕШАҲО ОИД БА ТАЪРИХИ ТЕППАҲО ВА ШАҲРҲОИ ҚАДИМАИ ВОДИИ ВАХШ

Дар мақолаи мазкур маълумотҳои мухтасар оиди теппаҳо ва ёдгориҳои таърихии водии Вахш оварда шудаанд. Дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ муаллифон андешаҳои худро баён намудаанд. Дар ҳақиқат, дар давраҳои мухталифи таърихӣ сулолаҳое дар ин минтақа арзи вуҷуд доштанд ва осори мадании хешро боқӣ гузоштаанд. Маълумотҳои сарчашмаҳои бостоншиносию мардумшиносӣ далели ин гуфтаҳо мебошанд. Муаллифон барои боз ҳам амиқтар омӯхтани таърих ва тамаддуни ин минтақаи бузурги Тоҷикистон андешаҳои судманд пешниҳод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** ёдгориҳои бостоншиносӣ, шаҳрҳои қадима, Ҳалевард, Леваканд, теппаҳо, сулолаҳои мухталиф, ёдгориҳои буддоӣ, халқҳои мухталиф ва маданияти онҳо.

## РАЗМЫШЛЕИЯ ПО ИСТОРИИ ХОЛМОВ И ДРЕВНЕЙШИХ ГОРОДОВ ВАХШСКОЙ ДОЛИНЫ

В данной статье даётся краткое сведение об исторических холмах и древнейших городах Вахшской долины, вокруг которых до сих пор бытуют многочисленные легенды и мифы. Действительно испокон веков в долине жили народы разных национальностей, создавая государство, они оставили богатое, своеобразное культурное наследие. Поэтому авторы на основе первоисточников подвергли изучению и рассмотрению историю Вахшской долины. В свою очередь они видвигают рекомендации относительно далнейшего изучения истории Вахшской долины.

**Ключевые слова:** археологические памятники, древние города, Халевард, Леваканд, холмы, династии, буддийские памятники, разные народы и культуры.

## REFLECTIONS ON HISTORY OF HILLS AND ANCIENT CITIES OF VAKHSKY VALLEY

This article gives a brief summary of the historical hills and ancient cities of the Vakhsh Valley, around which there are still numerous legends and myths. Indeed, from time immemorial in the valley people of different nationalities lived, creating the state, they left a rich, original cultural heritage. Therefore, on the basis of primary sources, the authors subjected the history of the Vakhsh valley to study and consideration. In turn, they give recommendations on the further study of the history of the Vakhsh valley.

**Key words:** archeological monuments, ancient cities, Halevard, Levakand, hills, dynasties, Buddhist monuments, different peoples and cultures.

**Сведения об авторах:** ***Саидмухтори Абдуджабборзода*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант (Ph.D)
***Абдуназаров Хушбахт*** **–** Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава, доктор исторических наук, профессор
***Абдуназарова Муяссара*** - Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава, кандидат исторических наук, старший преподаватель

# ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ТУҲФА ФОЗИЛОВА ДАР САҲНАИ КАСБӢ

*Абӯбакр Зубайдов*
**Пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот**

Ҳунарманди воло ва эҷодкори асил бо ҳунари худодод ва нигоштаҳои пурэъҷозаш табъи оламонро болида сохта, ба дилҳо нуру ба қалбҳо сурур, ба дардҳо дармону ба равонҳо ромиш мебахшад. Ба синаҳо роҳ ҷуставу дар дилҳо маскан мегирад. Чи лаззате дорад суҳбати аҳли ҳунар ва илму адаб…

Банда худро яке аз ҷавонони хушбахту некталеи солҳои ҳафтодуми садаи сипаригардида меҳисобам, ки дар суҳбати чандин бузургони илму адабу ҳунар, устодони некному зиндаёд Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Муҳаммад Осимӣ, Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ, Маҳмуди Воҳид, Ато Муҳаммадҷон, Нериё Аминов, Барно Исҳоқова, Абдулло Назрӣ, Боймуҳаммад Ниёз, Одина Ҳошим, Зафар Нозим ва дигарон борҳо иштирок намудан насибам гаштааст, ки бонуи ҳунарвар, яке аз чеҳраҳои тобони фарҳанги миллати тоҷик Туҳфа Фозилова низ, аз ҷумлаи онҳост.

Ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Туҳфа Фозилова ҳунарпешае буд табиӣ, модарзод, худодод. Руҳи зебову ҳусни расо ва ҳунари волоро Худованд ба ӯ арзонӣ дошта. Ҳалимиву хушсуханӣ ва нармгуфторӣ ба чеҳраи дилрабояш ҳусни тоза зам менамуд. Аз сар то қадамаш лутфу меҳру муҳаббати модарона меборид. Ӯ дар саҳна гоҳе дилбари дилситон буду гоҳе ҳамсари қадрдон ва гоҳе хоҳари мушфиқу модари меҳрубон. Дар саҳнаи зиндагӣ низ монанд ба қаҳрамонҳояш буд. Бо садои форами ҳунари воло дили ҳазорон ҳазор шунавандаву бинандаро тасхир карда, олиҳае буд дар саҳнаву минбар ва ситораи тобоне буд дар осмони ҳунари миллати тоҷик. Табиати нарму чеҳраи гармаш ҷозибае дошт, ки мухлисонашро чун оҳанрабо ба худ мекашид. Саҳнаро қадамгоҳи бузургон ва макони мубораку муқаддас медонист ва бо дили софу нияти пок ба рӯйи он қадам мениҳод. Ин буд, ки баробари рӯ ба рӯ шудан бо тамошобин қувваву нерӯи тозае вуҷудашро фарогир шуда, мурғи илҳомаш ба авҷи фалак пар мекашид. Бо талаффузи малеҳу лаҳни гӯшнавоз, ҳар суханаш аз тахти дил, ҳар сурудаш аз мағзи ҷон мебаромад. Қомати мавзуну ҳусни расояш бо либоси шинаму зебо ва ғамзаҳои дилрабо тавъам буда, қалбҳоро ромиш медод ва ба дилу равони бинанда кора мекард. Гӯё Офаридгор тору пуди ҳастии ин олиҳаи ҳусну малоҳатро бо ҳунар риштаву гили вуҷудашро бо ҷавҳари он сиришта буд. Хотираи қавӣ ва шунавоиву дарки баланди мусиқӣ, овози хуш, лаҳни нозуку форами гӯшнавоз нерубахши ҳунарвариаш гашта, ба ҳусни зебояш ҳусни тоза зам менамуд. Ҳама кору рафтору гуфтораш табиӣ, самимӣ ва саршор аз меҳру садоқат буд. Одати наҷибе дошт, ки дар ғоибу ҳозир, дар бораи оламон, ёру дӯстон, бахусус ҳамкасбонаш доимо суханони нек мегуфт ва бадгӯиву дилозориро кори инсонҳои беҳираду пастфитрат меҳисобид. Нисбат ба Муҳаммадҷон Қосимов эҳтироми баланд дошт. Мухлиси ҳунару овози Барно Исҳоқова ва Аҳмад Бобоқулов буд. Бо ҳама шуҳрату шаҳомате, ки дошт, як зани одӣ, хоксор, меҳрубон ва инсондӯст буда, ҳамеша эҳтироми дӯстону ҳамкасбон ва ҳунармандони дигарро самимона ба ҷо меовард. Аз ин рӯ худ низ азизи ҳамагон буд…

Ин бонуи ҳунар дар фасли зебои сол – баҳори нозанин, яъне 25 апрели соли 1917, дар шаҳри Тошканд чашм ба олами ҳастӣ кушодааст [5, 21]. Ҳанӯз дар айёми тифлӣ шири сафеду лазизи модари мушфиқ дар коми нозукаш бо заҳри ятимӣ даромехт. Ҳамагӣ ду сол дошт, ки марги нобаҳангом дасти навозиши падари меҳрубонро аз сараш дур сохт. Модари бесаробонмонда ҳамроҳи тифлакаш ба диёри хеш, шаҳри Конибодом баргашт. Баъдтар Туҳфа Фозиловаро барои таҳсил ба интернат месупоранд ва фаъолияти ҳунарии ин ҳунарманди бузург аз дастаи ҳаваскорони санъат оғоз меёбад. Баромади аввалинаш ба ҳайси ҳунарманд соли 1930, дар саҳнаи театри навтаъсиси Конибодом, ки ҳоло номи ӯро дорад, сурат мегирад, ки дар он айём гулҳои орзуву армонҳои 13-умин баҳори умраш бо умед ба ояндаи дурахшон дар шукуфтан буданд. Таҷрибаи ибтидоиро дар ин даргоҳи ҳунар гирифта, ҳангоми фаъолият дар театри мусиқии шаҳри Тошканд аз ҳунарманди варзида Ҳалима Носирова ва дигар устодони санъати ӯзбек маҳорати сарояндагӣ, актёрӣ ва саҳнаороиро меомӯзад. Аввалин нақши дар саҳнаи театри мазкур бозидааш Лолахон аз драмаи «Лолахон»-и Комил Ёшин буд. Сипас ба театри мусиқии шаҳри Хуҷанд ба кор даъваташ менамоянд. Чи тавре ки аз ёддоштҳои Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Аслонов зери унвони «Як саҳифаи ноаёни ҳаёти Туҳфа Фозилова» дармеёбем, Туҳфахон дар ин шаҳри бостониву зебоманзари соҳили рӯди Сир бахти худро меёбад. Бо ҷавони зебо, хушахлоқ ва бофарҳанги истаравшанӣ Собирхон Орифов оила барпо намуда, соҳиби писар мешаванд ва ӯро ба хотири яке аз қаҳрамонҳои Коммунаи Париж Марат ном мегузоранд…

7 ноябри соли 1929 дар Сталинобод (Душанбеи имрӯза) аввалин театри касбии тоҷик, дар ҳайати 7 нафар ҳунармандон кушода шуд, ки дар ҳаёти фарҳангии мардуми тоҷик ҳодисаи хело муҳим ба ҳисоб мерафт. Якумин роҳбари бадеӣ ва режиссёри он Ҳомид Маҳмудов буд [4, 51].

Баъдтар, соли 1934 театри мазкур ба театри драмавӣ ва мусиқӣ ҷудо гардид [1, 13]. Худи ҳамон сол дар қатори дигар ҳунармандон Туҳфа Фозиловаро низ, ба театри мусиқӣ

ба кор даъват намуданд. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда, дар саҳнаи театри мазкур ба ҳунарварӣ пардохт. Дар солҳои баъдӣ, фаъолият намудан дар театри мазкур бо ҳунармандони варзида Е. И. Мителман, С. А. Баласанян, Е. А. Прокофев-Ивашкин, Муҳаммадҷон Қосимов, Бобоқул Файзуллоев ва ҷавонони ҳунарманду боистеъдод Зиёдулло Шаҳидӣ, Фозил Солиев, Аъзам Камолов, Авнер Муллокандов, Ғаффор Валаматзода ва дигарон барои ӯ ҳам боиси ифтихор буду ҳам мактаби ҳунаромӯзӣ ва сайқали маҳорати сурудхониву актёрӣ. Дар як муддати на чандон тӯлонӣ, аниқтараш то авохири солҳои сиюми асри гузашта ҳунараш хело суфта гардида, ӯро мардуми кишвар ҳамчун бонуи зебо ва соҳиби ҳунари воло шинохтанд, пазируфтанд ва эътироф намуданд. Бар замми зоҳиру ботини покизаву зебо, овози нахифу форам, маҳорати баланди иҷроӣ, ҳамзамон қисмат ба ӯ яке аз аввалин ва беҳтарин ҳунарпешагони драмаи мусиқӣ буданро насиб гардонида буд. Нақшҳои дар саҳнаи театри мусиқии тоҷик дар ин солҳо эҷод намудааш, аз қабили Гулчеҳра дар «Оршин мол олон» (Чаканафурӯш)-и Узиер Ҳоҷибеков, Гулсара дар «Гулсара»-и Комил Ёшин, Гулузор дар «Восеъ»-и Ғанӣ Абдулло гувоҳи гуфтаҳои болоянд.

Дар нимаи дуввуми солҳои сиюми асри XX мусиқидонону композиторони рус С. Баласанян, Е. Прокофев, А Ленский, С. Урбах ва дигарон барои ташкил, ба роҳ мондан ва кумак намудан дар рушди мусиқии касбӣ-композитории тоҷик ба Сталинобод меоянд [3, 26]. Акнун дар радифи жанрҳои анъанавии суруду таронаҳои мардумӣ, шашмақом, фалак, нақш, мавригӣ ва амсоли инҳо, ба мусиқии халқи тоҷик жанрҳои нави мусиқии аврупоиасоси касбӣ-композиторӣ, аз ҷумла опера, балет, кантата, оратория, симфония ва ғайра ворид гардиданд. Барои ба мардум пешкаш намудани ин намуду жанрҳои гуногуннавъи мусиқӣ, тайёр намудани кадрҳои маҳаллӣ хело муҳим буд, ки аз мутахассисони дар боло зикргардида заҳмати зиёдро талаб мекард. Бинобар ин аз байни ҳунармандони маҳаллӣ ба тариқи озмун беҳтаринҳоро ҷудо намуда, бо ҳар яки онҳо ба таври фардӣ машқҳо гузаронида мешуд.

Тамринҳои пайваста бо муаллими овоз (вокал) Е. А. Прокофев, меҳри беандоза нисбати касбу ҳунари сарояндагӣ ва заҳмати ҳаррӯза ба Туҳфаи ҷавону пурғайрат имкон дод, ки душвориҳоро паси сар намуда, ба қуллаи мурод бирасад [6, 53].

Соли 1940 дар заминаи театри мусиқӣ, театри опера ва балети тоҷик таъсис дода шуд, ки ӯ яке аз аввалинҳо шуда, дар саҳнаи он ба ҳунарварӣ пардохт. Дар нахустин операву намоишномаҳои миллӣ нақшҳои асосии Гулузор («Шӯриши Восеъ»-и С. Баласанян), Нӯшофарин («Коваи оҳангар»-и С. Баласанян бо ҳамдастии Ш. Бобокалонов), Зуҳро («Тоҳир ва Зуҳро»-и А. Ленский) ва Кумрӣ (намоишномаи «Лола»-и С. Баласанян ва С. Урбах)-ро муваффақона иҷро намуда, бо ҳунару истеъдоди хосу нотакрораш мақбули бинандагони сершумор гардид [11, 180]. Солҳои баъдӣ, дар радифи такмил ёфтани малакаву маҳорати эҷодиаш, дар операҳои классикаи ҷаҳонӣ нақшҳои марказии Татяна («Евгений Онегин»-и П. И. Чайковский), Микаэла («Кармен»-и Ж. Бизе)-ро иҷро менамояд [12, 33].

22 июни соли 1941 Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфт, ки ба сари мардум рӯзҳои мудҳиш оварда, ба дилҳо доғи носур гузошт. Ҳамсари Туҳфахон Собир Орифов ихтиёрӣ ба ҷанг рафта, чун ҳазорон ҷавонмардони бонангу номуси тоҷик дар роҳи дифои Ватани маҳбуб қаҳрамонона ҷони худро нисор кард. Марати хурдсол дар тарбияи модари мушфиқ монда, дар оянда касби ӯро пешаи худ қарор дод. Ӯ дар ин ҷода заҳмати зиёд кашида, ба қуллаҳои баланди ҳунар расид ва имрӯз яке аз ситораҳои дурахшони санъати киноии тоҷик мебошад…

Дилбастагии зиёд ба намоишномаҳои миллӣ, ки Туҳфа Фозилова ҳангоми иҷрои нақшҳо дар ин гуна асарҳо худро озодтару дилпур ҳис мекард, ӯро водор намуд, ки моҳи марти соли 1949 барои давом додани фаъолияти ҳунариаш ба театри ба номи А. Лоҳутӣ гузарад ва аввалин нақше, ки дар саҳнаи ин театр аз ҷониби вай иҷро гардид, Гулӣ аз намоишномаи «Алишер Навоӣ»-и А. Уйғун ва И. Султон буд. Хусусан сурудҳои бар ашъори шоир эҷоднамудаи композитор Зиёдулло Шаҳидиро, ки коргардон Е. И. Мителман дар намоишнома махсус ба хотири овози форам ва ҳунари сарояндагии Туҳфаи ҷавон истифода карда буд, бо як нозукати ба худ хосу маҳорати баланд иҷро намуд ва таҳсину офарини бинандагони сершуморро сазовор гардид. Сипас ӯ пайдарҳам чандин нақшҳои барҷаста, аз қабили Кручинина («Гуноҳгорони бегуноҳ»-и А. Островский), Ситора («Ситора»-и Ҷ. Икромӣ), Танҳобегим («Шаби гирифтани моҳ»-и Мустай Карим), Бону («Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода) ва амсоли инҳоро рӯйи саҳна овард. Дараҷаи камолоти ӯ ҳамчун ҳунарманди нотакрор дар офаридани нақшҳо аз асарҳои классикӣ, бахусус Гонерил («Шоҳ Лир»-и У. Шекспир), Гертруда («Модарандар»-и О. Балзак), Хонум Милфорд («Макр ва муҳаббат»-и Ф. Шиллер) ва ғайра бармало мушоҳида мешавад [7, 251].

Зикри як нукта бамаврид аст, ки Туҳфа Фозилова дар давоми фаъолияти зиёда аз сисолаи эҷодии хеш дар саҳнаи театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи устод Абулқосим Лоҳутӣ бисёр нақшҳои лирикӣ, драмавӣ, ҳаҷвӣ ва фоҷиавиро бо маҳорати баланди касбӣ ва устодона иҷро намуда, як қатор симоҳои барҷаста ва образҳои мухталифро рӯйи саҳна овард ва тавонист, ки ба умқи ботини қаҳрамонҳояш амиқ фурӯ рафта, дар ин нақшҳо дилрабоӣ, нокомӣ, самимият, нафрат, зарофат, ишқу муҳаббат, ноумедӣ, зуҳуроти ошиқонаву симои зарифона, фоҷиаву лирикаро моҳиронаву устокорона омезиш диҳад. Маҳз дар ин буд тавону бурдборӣ ва маҳбубияти ӯ дар байни

мухлисонаш. Зоҳиру ботини ҳар як симои офаридаашро бо хусусиятҳои соф тоҷикона, расму анъанаҳои бой ва руҳияи хосси миллӣ оро медод. Ӯ ба маънои томаш ҳунарманди асили мардумӣ буд, зеро ҳунараш аз унсурҳои миллӣ-мардумӣ, анъанавӣ ва касбӣ-композиторӣ ғанӣ буда. ӯ ҳам ҳунарманди театр буду ҳам актёри кино ва ҳам ҳофизаи хушовозу бехамто. Дар чандин филмҳои киностудияи «Тоҷикфилм», аз ҷумла «Дохунда», «Зумрад», «Имрӯз ва фардо» ва киностудияи «Ӯзбекфилм» «Ибни Сино», «Тӯфон дар Осиё» нақшҳои ҷолибу мондагор офаридааст.

Овози сарояндагиаш сопрано буда, дар радифи сурудҳои арияҳои гуногун аз операҳои композиторони ватаниву хориҷӣ, инчунин аз Шашмақом «Сокиномаи Савти Наво», шохаҳои ҷудогонаи мақомҳо, сурудҳои классикии дар заминаи онҳо эҷодгардидаи «Дугоҳ», «Ушшоқи Самарқанд», «Синахурӯш», «Танавор», таронаҳои мардумии тоҷикии «Шоҳдухтар», «Качмақачак», «Алла», «Сари кӯҳи баланд», «Ӯсмаш намехом», «Гулумой», «Хубон», «Себак», «Ёри мастчоҳӣ» ва ӯзбекии «Ӯлмишам», «Ӯргулай», сурудҳои композиторони тоҷик «Мепарварам», «Бихандад лола», «Чашмони ҷоду», «Ман об гардам» ва амсоли инҳоро бо сабки хосси иҷрой, лаҳни муассир ва садои форами гӯшнавоз хело устодона ба иҷро расонидааст [10, 3-10]. Туҳфа Фозилова, ки худ сурудҳои таронаҳои Шашмақомро бениҳоят дӯст медошт, онҳоро бо як нозукату малоҳати ба худ хос иҷро менамуд. Мутаассифона, бо садои ӯ дар хазинаи тиллоии радиои тоҷик танҳо «Сокиномаи Савти Наво» (аз мақоми «Наво», матн аз Ҳофизи Шерозӣ) маҳфуз мондааст, ки матлааш чунин аст:

*Биё соқӣ аз май надорам гузир,*
*Ба як ҷоми боқӣ маро даст гир…*

Ин бонуи ҳунарманд сурудҳои композиторони тоҷик Фозил Солиев «Бихандад лола» (матн аз устод Рӯдакӣ), «Хуммор шуд» (шеъри П. Сулаймонӣ), «Мепарварам» (шеъри А. Шукӯҳӣ), Зиёдулло Шаҳидӣ «Чашмони ҷоду» (матн аз Амирӣ) ва таронаҳои мардумии аз ҷониби композиторон такмилёфтаи «Берун биё» (так. С. Баласанян), «Дар куху дар дашт» (так. И. Рогалский), «Ӯсмаш намехом» (так. М. Муравин) ва амсоли инҳоро дар ҳамовозии оркестри созҳои миллӣ хело устодона ва бо маҳорати баланди касбӣ иҷро намудааст. Дар барномаи эҷодии Туҳфа Фозилова сурудҳои мардумӣ мавқеи хос дошта, аз ҷониби ин ҳунарманди асил бо як равонӣ, нозукату салосати ҳунарӣ иҷро гардидаанд. Таронаҳои мардумии тоҷик аз жарфнои таърихи башар ибтидо гирифта, тӯли садсолаҳо, бо заҳмати ҳунармандони ҷирадасти мактабу ҳавзаҳои гуногуни ҳунарӣ такмил ёфтаву суфта гардидаанд. Ҳазорон бӯрону ҳодисоти таърихиро убур карда, тавассути мактаби «устоду шогирд», аз забон ба забону аз дил ба дил интиқол ёфта, то замони мо расидаанд. Ба ақидаи баъзе муаррихин сурудҳои мардумии халқи тоҷик таърихи зиёда аз чорунимҳазорсола дошта, решаҳои он ба Готҳову Яштҳои «Авасто» мерасад.

Мусиқӣ ва сурудҳои халқии мардуми тоҷик ба тарзи яковоза (монодия) рушд намуда, нозукиву форамӣ ва зебогиву фасоҳаташон дар лаҳну оҳангашон маҳфуз аст. Ҳам матн ва ҳам оҳангашон соф халқист. Онҳо жанрҳои гуногун ва мавзӯоти рангоранги фалсафӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, қаҳрамонӣ, лирикӣ, ишқӣ ва ғайраро дар бар гирифта, аз ҷиҳати зарбӣ хело бою гуногунранганд. Туҳфа Фозилова сурудҳои мардумиро бар замми овози форами гӯшнавоз, инчунин тавассути малакаву маҳорати фитриву модарзодаш хело равону содда ва табиӣ иҷро менамуд. Ҳангоми иҷрои ҳар як таронаи халқӣ ба ҳама нозукиҳо ва қавонини мусиқиву иҷроии он аҳамияти ҷиддӣ медод. Пеш аз он ки як таронаро ба шунавандагон пешкаш намояд, бо ҳамроҳи навозандагон ва ҳайати ансамбл борҳо ва муддати зиёд машқ мекард. Баъд аз пурраву пухта тайёр шудан, онро ба саҳна мебаровард ва ё дар хазинаи тиллоии радиову телевизион сабт менамуд.

Сабти суруду таронаҳои мардумии «Болой», «Ӯсмаш намехом», «Сабзаке дона, дона», «Ҷонон ман аз фироқат», «Шоҳдухтар» ва сурудҳои эҷоднамудаи ҳофизону бастакорони мардумии тоҷик «Дил хуш аст», «Қурбони ту гардам», «Овора ман», «Модарам», «Салом», «Эй болапарастон», таронаҳои халқии «Рубоиёти Ванҷ», «Нола», «Зи чашмони сиёҳат», «Ёр омад», «Кошки» ва амсоли инҳо, ки матнашон аз мардум ва шоирони адабиёти классикиву шӯравии тоҷиканд, бо маҳорату дараҷаи баланди касбӣ суруда шудаанд, ки дар хазинаи тиллоии радиои Тоҷикистон маҳфузанд.

Туҳфа Фозилова дар ҳама даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик, дар Маскав (1941, 1949, 1957) иштирок ва ҳунарнамоӣ кардааст [2, 320]. Ба бисёр шаҳрҳои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамолики ҳамҷавору ҳамзабони Эрону Афғонистон сафарҳои ҳунарӣ намуда, бо иҷрои сурудҳои мардумии тоҷик боиси кафкӯбӣ ва таҳсину офарини бинандагони зиёд гардидааст. Заҳмати пайваста ва хизматҳои арзандааш бо унвони баланди Ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ (1957), Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1977), орденҳои Ленин, Дӯстии халқҳо, чандин медалу ифтихорномаҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотиалистии Тоҷикистон қадр карда шудаанд. Айни замон театри драмаи мусиқии шаҳри Конибодом номи ин ҳунарманди беназирро дорад [13, 290].

Тавассути образу нақшҳои дар саҳнаву кинофилмҳо офаридааш, ки дар фонди студияи «Тоҷикфилм» маҳфузанд, суруду таронаҳои гуногуни иҷронамудааш, ки дар хазинаи тиллоии радио ва телевизиони Тоҷикистон сабт гардидаанду имрӯзҳо низ, дар фазои беғубори кишвари соҳибистиқлоламон садо медиҳанд, номи нақӯи бонуи ҳунарманд Туҳфа Фозилова дар сафҳаи китоби фарҳанги бостонӣ ва бою рангини

миллати тоҷик човидона сабт гардидааст. Фарзанди ягонааш-ҳунарманди варзидаи киноӣ тоҷик Марат Орифов ва садҳо шогирдону хампешагонаш, ки аз мактаби ҳунарии ӯ баҳра бардоштаанд, номбардор ва давомдиҳандаи корҳ пайкори ҳунарии ӯянд:

*Зиндаву човид монд, ҳар кӣ накуном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*


**АДАБИЁТ**

1. Абдураҳмонов А. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Абдураҳмонов, Ш. Абдулқайсов. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 64 с.
2. Донишномаи Шашмаком / зери назари Кароматулло Олимов. – Душанбе, 2009. – 422 с.
3. Мирзоева Ш. Таджикская опера: этапы становления и приоритеты образной сферы / Ш. Мирзоева. – Душанбе, 2012. – 258 с.
4. Музыкальная жизнь советского Таджикистана /редактор Нурджанов Н. – Душанбе, 1974. -174 с.
5. Н. Нурчонов. Тухфа Фозилова / Н. Нурчонов. – Душанбе, 2000. -224 с.
6. Н. Нурджанов. Опера и балет Таджикистана / Н. Нурджанов. – Душанбе, 2010. – 314 с.
7. Н. Нурчонов. Мактаби актёрии точик / Н. Нурчонов. – Душанбе, 2011. – 320 с.
8. Охунов Ч. Назарияи ибтидоии мусиқӣ / Ч. Охунов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 240 с.
9. Сурудхои халкии точикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. -Ч. 1. -196 с.
10. Сурудхои халкии точикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1970. -Ч. 2. -224 с.
11. Таджикская музыка / ред. коллегия / Таджикская музыка. – Душанбе, 2003. – 296 с.
12. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик .– Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. -Ҷ. 3. – 518 с.



**ХАЁТИ ЭҶОДИИ ТУХФА ФОЗИЛОВА ДАР САҲНАИ КАСБӢ**

Тухфа Фозилова – Хунарманди мардумии Иттиходи Шӯравӣ, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ симои барҷастаи фарҳангу ҳунари тоҷики даврони Шӯравӣ дар асри XX буда, яке аз асосгузорони мактаби хунари актёрӣ ва иҷрокунандаи беназири сурудҳои касбӣ, анъанавӣ ва мардумии миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар ин мақола баъзе лаҳзаҳои ҳаёт, паҳлуҳои гуногуни ва вижагиҳои фаъолияти эҷодии ин бонуи ҳунарро баррасӣ намуда, ба қадри имкон ҷойгоҳи ӯро дар саҳнаи ҳунари тоҷик нишон диҳад.

**Калидвожаҳо:** ҳунарманд, саҳна, театри мусиқӣ, опера, Шашмақом, намоишнома, сурудҳои мардумӣ.



**ТВОРЧЕСКАЯ ЖИЗНЬ ТУФЫ ФАЗЫЛОВОЙ НА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ СЦЕНЕ**

Тухфа Фозылова - Народная артистка Советского Союза, Лауреат Государственной премии Республики Таджикистан им. А. Рудаки является выдающейся личностью таджикской культуры советского периода в XX веке, одна из основателей школы актёрского мастерства и первая исполнительница профессиональных, классических и народных песен таджикского народа. В статье автор анализирует её роль и заслуги в области культуры и искусства таджикского народа, некоторые важные моменты жизни и многогранной творческой деятельности.

**Клчевые слова:** артист, сцена, музыкальный театр, опера, шашмаком, спектакль, народные песни.



**CREATIVE LIFE OF TUHFA FAZYLOVA ON THE PROFESSIONAL SCENE**

Tuhfa Fozylova - People's Artist of the Soviet Union, laureate of the State Prize of the Republic of Tajikistan named after A. Rudaki, is an outstanding personality of Tajik culture of the Soviet period in the XX century, is one of the founders of the school of acting talent and the first performer of professional, classical and folk songs of Tajik people**.** In the article the author analyzes her role and services in the field of culture and art of Tajik people, some important moments of life and multifaceted creative activity.

**Key words:** artist, scene, musical theater, opera, shashmakom, performance, folk songs.



**Сведения об авторе:** ***Зубайдов Абубакр*** - Научно-исследовательский институт культуры и искусств Министерства культуры Республики Таджикистан, заместитель директора по науке. Телефон: **(992) 935–35–08–95.**


# ИСЛОҲОТИ ЗАМИН ВА КОЛЛЕКТИВОНИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН (ДАР СОЛҲОИ 30–40–УМИ АСРИ XX)


***Зубайдуллоев С.Х.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқ дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 30–40–уми асри XX яке аз масъалаҳои асосии сохтмони сотсиализм ба ҳисоб мерафт. Бо қарори таърихии КМ ҲКУ (б) аз 5–уми январи соли 1930 «Дар бораи суръати коллективонӣ ва тадбирҳои ёрии давлат ба сохтмони колхозҳо», ба колхозҳо ихтиёран дохилшавии деҳқонон ва мадади давлатро ба сохтмони колхозӣ тезонид [11, 96].

Чораҳои таъҷилии Ҳукумати Шӯравӣ муқобилияти синфии бойҳоро шикаста бошад ҳам, вале онҳо муборизаи шадид мебурданд. Бойҳо овоза паҳн мекарданд, ки дар колхозҳо зану фарзандон умумӣ карда мешаванд. Ғайр аз ин, онҳо бар ташаббускорони фаъол сӯиқасд ташкил карда, ба ҳалокат мерасониданд.

Дар солҳои 1930–1931 аксарияти колхозу совхозҳо аз бою феодалҳо тоза карда шуданд. Як гурӯҳи корӣ аз Москва ба Тоҷикистон омада, бо сафари кории думоҳа ба ноҳияи Қубодиён ташриф овард ва техникаи хоҷагии қишлокро таъмир намуда, дар муҳокима ва ташкили ТОЗ–ҳо саҳм гузошт. Дар деҳаи Ябуз гӯшаи занон ва мағозаи алоҳидаи занона ташкил карда шуда, дар деҳаҳои Шохоб, Бештемур, Лайлакуя бошад, барои занон корхонаҳои коркарди пилла ташкил ёфтанд [10, 58]. Ин чорабиниҳои ҳукумат ба рушди минбаъдаи соҳаи мазкур дар ноҳия замина гузоштанд.

Барои амалӣ шудани ин иқдом 8–уми августи соли 1931 комиссияи махсус ташкил карда шуда. То 19–уми августи соли 1931 дар ноҳия корҳои зиёди сиёсӣ - тарғиботӣ гузаронида шуд. Гузаронидани конференсия, маҷлиси колхозчиён, суҳбат бо ихтиёриён аз қабили онҳо буданд. 25 нафар аз фаъолон барои фош кардани кулакҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба колхозу совхозҳо фиристода шуданд. То 1–уми сентябри соли 1931 зиёда аз 94 хоҷагии кулакҳо фош ва барҳам дода шуданд ва 26–уми августи ҳамон сол дар анҷумани колхозчиён ноҳияи Қубодиён ҳамчун ноҳияи саросар коллективонидашуда эътироф гардид [10,75].

Ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон ва хоссатан дар ноҳияи Қубодиён, коллективонидани хоҷагии қишлоқ бомуваффақият мегузашт. Ҳизби коммунистӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ ба рушди ноҳияҳои пахтакор аҳамияти зиёд медод. Шароити табиии ноҳияи Қубодиён барои пешбурди соҳаи пахтакорӣ хеле мувофиқ аст. Бо ҳамин мақсад коллективонидани хоҷагии қишлоқро дар ноҳия суръат бахшиданд. Ин имкон дод, ки дар заминҳои навкорам кишти пахтаро васеъ ба роҳ монда, бо ин восита корхонаҳои саноатии мамлакатро бо ашёи хом таъмин намоянд.

Моҳи майи соли 1931 26598 хоҷагӣ ба хоҷагиҳои коллективӣ ҳамроҳ карда шуданд Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ 76,4% деҳқонони камбағал ба хоҷагиҳои коллективӣ дохил гардиданд. Аз ҷумла дар Сарой–Камар, (феълан Панх) Фархор, Шаҳринав, Қубодиён, Ҷиликӯл (феълан Дӯстӣ) хоҷагиҳои коллективӣ 50% деҳқононро дар бар гирифтанд [10,75].

2–юми августи соли 1931 КМ ҲКУ (б) дар бораи вусъати минбаъдаи коллективонӣ ва масъалаҳои мустаҳкам кардани хоҷагиҳо қарор қабул намуд. Он масъалаи коллективонии хоҷагии қишлоқ ва ташкил кардани колхозҳоро эълон намуд: то ин дам тибқи маълумоти расмӣ 60–70% хоҷагиҳои деҳқонӣ коллективонида шуда буданд. Ба ноҳияҳои пахтакор дар Тоҷикистон 58540 хоҷагӣ ҳамроҳ карда шуд, ки ин 75–80% коллективонии хоҷагии қишлоқи пахтакорро дар бар мегирифт. Ба ин гурӯҳ ноҳияҳо Қӯрғонтеппа, Арал, (феълан Абдураҳмони Ҷомӣ) Сарой–Камар, (феълан Панҷ) Қубодиён, Фархор ва Кӯлоб дохил мешуданд [10,78]. Мувофиқи далелҳо маълум мешавад, ки ноҳияи Қубодиён дар ин давра 50% -и талаботро иҷро намудааст.

Бояд қайд кард, ки коллективонии хоҷагиҳои деҳот дар ноҳияҳои пахтакор дуруст ба роҳ монда шуда буд. Дар ноҳияҳои мазкур 76,8 фоизи заминҳои киштро пахта ташкил медод. То 1–уми майи соли 1932 ҳиссаи колхозҳои хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳринав 88,6%, Сталинобод (феълан шаҳри Душанбе) 71,3%, Куйбишев (феълан Абдураҳмони Ҷомӣ) 77,1%, Сарой–Камар 71,4% ва Қубодиён 87,4%–ро ташкил медод [4,40]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ноҳияи Қубодиён дар ин сол нисбат ба ноҳияҳои Куйбишев ва Сарой–Камар қариб ду баробар нақшаро барзиёд ба иҷро расониданд. Яке аз масъалаҳои асосӣ дар солҳои 30–уми асри XX ин муҳоҷирати дохилӣ ва аз худ намудани заминҳои бекорхобидаи водии Вахш ба ҳисоб мерафт. Зеро коллективонии хоҷагии қишлоқро дар ин водӣ бе муҳоҷирати дохилӣ ба амал баровардан ғайриимкон буд. Бо ин роҳ имконият фароҳам меомад, ки заминҳои бекорхобидаи водии Вахш ба кор даровард шаванд. Бо ҳамин мақсад аз ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ва берун аз он аҳолӣ ба водии Вахш, махсусан ноҳияи Қубодиён, муҳоҷир карда шуд.

9–уми феврали соли 1930 КИМ ҶШС Тоҷикистон бо мурочиатномаи худ аҳолиро ба заминҳои бекорхобида даъват кард. Масъалаи муҳоҷирати дохилӣ дар Анҷумани 4–уми Шӯрои ҶШС Тоҷикистон, ки моҳи феврали соли 1931 баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт [12, 413]. Дар натиҷаи чорабиниҳои соли 1929 290 хоҷагӣ ба ноҳияи Қубодиён муҳоҷир шуданд, дар соли 1930 бошад, ин рақам ба 1021 хоҷагӣ расид, ки ин нисбат ба соли 1929 ду баробар зиёд буд. Дар соли 1931 888 хоҷагӣ, соли 1932 741 хоҷагӣ, ҷамъулҷамъ 2940 хоҷагӣ ба ноҳия муҳоҷир шуда, муқимӣ гардид, вале аз ин шумора 1533 хоҷагӣ бо сабаби шароити номусоиди зисту зиндагӣ ба ҷойи зисти доимии худ баргаштанд ва дар ноҳия 1407 хоҷагии дигар боқӣ монд [1, 86]. Аз хориҷи ҷумҳурӣ низ муҳоҷирони зиёде ба ноҳияи Қубодиён кӯчида омаданд. То соли 1930 аз водии Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, чун пахтакорони моҳир, 968 хоҷагӣ ба округи Қурғонтеппа, махсусан ба ноҳияи Қубодиён, омаданд. Ин муҳоҷирон бо худ 62 сар асп, 2 сар барзагови ҷуфтӣ ва 30 ароба оварда буданд [2, 150]. Аз рӯйи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки аксарияти ин муҳоҷиронро бадарғашудагон ташкил медоданд. Пурра амалӣ гардидани нақшаи муҳоҷирати дохилӣ ва муқимӣ шудани хоҷагиҳои муҳоҷиршуда, ба зиёд шудани кишти пахта дар ҶШС Тоҷикистон ва махсусан дар ноҳияи Қубодиён замина гузошт.

Соли 1938 пахтакорони водии Вахш дар соҳаи парвариши пахтаи маҳиннах муваффақиятҳои калонро ба даст оварда, аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна зиёда аз 30–сентнерӣ ҳосил ба даст оварданд. Дар ин сол нақшаи пахтасупориро ноҳияи Қубодиён 143% ва ноҳияи Шаҳритуз 152% иҷро намуданд. Барои ба даст овардани ҳосили баланд пахтакорони ин водӣ, хусусан ноҳияи Қубодиён, ба маблағи зиёда аз 9 миллион сӯм музди иловагӣ гирифтанд [6]. Дар ин муваффақиятҳои калони хоҷагии қишлоқ нақши стансияҳои мошину тарактории хеле калон буд. Аввалин стансияҳои мошину тракторӣ (МТС) дар Тоҷикистон соли 1929 ташкил шуданд. Ин стансияҳо дар ноҳияҳои Арал, Сарой–Камар, Шаҳринав, Шаҳритус сохта шуданд. МТС–и дар ноҳияи Шаҳритусбуда, ба ноҳияи Қубодиён низ хизмат мерасонид. Дар ин марказҳо 300 адад трактор ва бисёр олотҳои дигари истеҳсолии хоҷагии қишлоқ мавҷуд буданд [11,95].

МТС–ҳо дар ташкил кардани хоҷагиҳои коллективӣ нақши муассир доштанд. Онҳо боиси ҳавасманд гардидани деҳқонон ва саросар ба хоҷагиҳои коллективӣ гузаштани онҳо шуданд. Дар соли 1929–1930 ба ноҳияи Қубодиён 10 трактори гандумпошаки сихмолакунӣ, 70 плуг, 30 сихмолаи дутарафа, 2 мошини ҷудокунанда, 5 аробаи чорчарха, 10 ароба, 70 афзоли аспу ароба, 40 аробаи дудаста, 200 каланд ва дигар таҷҳизоти хоҷагӣ оварда шуданд [3, 29].

Соли 1933 дар ноҳияи Қубодиён як стансияи мошину тракторӣ ба кор андохта шуд [8,48]. 20 марти соли 1939 бошад, дар ноҳияи Қубодиён 49 трактори намуди СТЗ, 30 намуди У–1 ва 4 намуди ЧТЗ мавҷуд буданд, ки аз ин миқдор 14 намуди СТЗ ва 4 намуди У–1 дар ҳолати корношоям қарор доштанд ва 5 намуди СТЗ ва 3 намуди У–1 дар ҳолати барқароркунӣ буданд [8,52]. Соли 1938 мусобиқаи механизаторон боиси ба даст даровардани муваффақиятҳои назаррас дар ҷумҳурӣ гардид. Масалан, дар ноҳияи Қубодиён тракторчиён Қунак ва Пахол ба ҷойи 370 гектар 800 гектар заминро шудгор карда, ба сафи пеши мусобиқа баромаданд ва сафи ин гуна механизаторон сол то сол дар ноҳия меафзуд [5].

Ноҳияи Қубодиён яке аз ноҳияҳои пиллапарварӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт, зеро иқлими он барои зиёд намудани ҳаҷми ин намуди ашёи хом хеле мувофиқ буд. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки ноҳия дар ин давра ба як қатор пешравиҳо ноил гашт. Дар соли 1931 1687 қуттии тухми кирмак тақсим шуда, хоҷагидорон аз ҳар як қуттӣ 20–килограммӣ пилла рӯёниданд, ки он 34,3 тоннаро дар бар мегирифт. Дар соли 1934 бошад, аз 1630 қуттии тухми кирмак хоҷагидорон 33,8 тонна ҳосил рӯёниданд [7,568–569], ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ноҳияҳои Ҷиликӯл, Ҳисор (феълан шаҳри Ҳисор) ва Қӯрғонтеппа қариб се баробар зиёд буда, дастоварди назаррас дар ин давра барои хоҷагидорони ноҳия ба ҳисоб мерафт.

Соҳаи чорводорӣ низ яке аз соҳаҳои сердаромад дар ҷумҳурӣ ва ноҳияи Қубодиён ба ҳисоб рафта, ба ин соҳа дар ноҳия диққати махсус дода мешуд. Зеро иқлими ноҳия барои парвариши чорво ва зиёд намудани саршумори он хеле мусоид буд. Бо ҳамин мақсад, соли 1932 дар ноҳияи Қубодиён совхози зотпарварӣ ташкил карда шуд [13, 8].

Дар совхоз, асосан, гӯсфандони зоти ҳисорӣ парвариш карда мешуданд, ки дар бозор харидори зиёде доштанд. Барои рушд додани соҳаи чорводорӣ дар ноҳия дар солҳои минбаъда аз хоҷагиҳои дигари ҷумҳурӣ бузу гӯсфандро ба совхози зотпарварии ноҳияи Қубодиён оварда, саршумори чорворо ба 1000 сар расониданд [13, 8].

Бо мақсади зиёд намудани саршумори зоти гӯсфандони қароқӯлии пӯсти сиёҳрангдошта, дар ноҳия аз соли 1937 сар карда, аз совхози зотпарварии «Нишон»–и Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба совхози зотпарварии ноҳия гӯсфандони хушзот оварда шуданд. Барои нигоҳ доштан ва зиёд намудани саршумори ин зоти чорво дар ноҳия бо теъдоди зарурӣ кӯчқорҳо низ оварда шуданд [13,10]. Гӯсфандони аз совхози зотпарварии «Нишон» овардашуда, заминаи беҳтар шудани зоти чорвои совхоз ва тараққиёти он дар ноҳия гардид. Дар солҳои минбаъда аз дигар хоҷагиҳои зотпарварӣ, аз қабили совхози қароқӯлпарварии «Окапипиғай»–и Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва совхози «Учажи» Ҷумҳурии Туркманистон бо теъдоди зарурӣ овардани гӯсфандони хушзоти қароқӯлӣ барои ба даст овардани зоти хушсифат ва зиёд намудани саршумори он дар ноҳия мусоидат намуд [13,10]. Совхоз дар баробари парвариши гӯсфандҳои қароқӯлӣ, инчунин бо аспparварӣ ва шутурпарварӣ низ машғул шуда, ба дигар колхозу совхозҳо аспҳои кориро ба фурӯш мебаровард [9, 60]. Дар соли 1939 совхози Қубодиён 57,9% пӯсти навъи якуми қароқӯлӣ ба давлат супорид [9,60].

Умуман, дар ин давра дар рушду нумӯи сатҳи зиндагии сокинони ноҳияи Қубодиён як қатор пешравиҳо ба даст омаданд, ки онҳо минбаъд дар пешрафти хоҷагии халқи ноҳия заминаи боэътимод гузоштанд.

**АДАБИЁТ**


1. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -ф.20. -р. 2. -д.397. -в.86.
2. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -ф.18.-р.д,359. -в.150.
3. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -ф. 44. -р.1. -д.3. -в. 29.
4. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -ф. 18. -р.2. -д. 402. -в. 40.
5. Всенародный смотр побед социалистического земледелия // Коммунист Таджикистана. -1939, 5 марта.
6. Волгин П. Завершить сбор хлопка / П. Волгин // Коммунист Таджикистана. – 1938, 11 декабр.
7. Из истории коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в таджикской ССР (1926–1933 г). -Душанбе: Ирфон, 1973. -728 с.
8. Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР (1938–1958 г.). – Душанбе: Ирфон, 1985. -Том. 2. -640 с.
9. Морозода И И. Муваффақиятҳои чорводорони совхози Қубодиён. Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон / Морозода И И. –Сталинобод, 1954. -№8. – С.60–65.
10. Очерки истории колхозного строитедьства в Таджикистане (1917 965 г). -Душанбе, 1968. -433 с.
11. Раҳматуллоев А. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони советӣ / А. Раҳматуллоев, С. Мухторов. –Душанбе: Маориф, 1989. -319 с.
12. Ракиб Абдулҳаев. Нусратулло Махсум ва муҳоҷирати дохилии деҳқонони тоҷик // У истоков истории / Р. Абдулҳаев, Ҳ. Дӯстов. – Душанбе, 2011. – С. 385–428.
13. Садриев Учкун. Одамони шуҳратёр / С. Учкун. –Душанбе: Ирфон, 1983. -33 с.

**КОЛЛЕКТИВИКУНОНИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ ДАР СОЛҲОИ 30–40–УМИ АСРИ XX**
Мақола масъалаи коллективикунонии хоҷагии қишлоқи ноҳияи Қубодиёнро дар солҳои 30–юм 40–уми асри XX ва нақши ИҶШС дар пешрафту инкишофи хоҷагии қишлоқ дар ин ноҳияро дар бар мегирад. Бо мақсади коллективикунонӣ бисёр истиқоматкунандагони ноҳияҳои кӯҳӣ ба ноҳияи Қубодиён кӯчонида шуданд. Инчунин, аз шаҳри Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оилаҳои зиёд ба ноҳияи Қубодиён кӯчонида шуданд. Баъд аз коллективикунонӣ дар ин ноҳия соҳаи хоҷагии қишлоқ ба пешравиҳои назаррас ноил гарданд.
**Калидвожаҳо:** коллективкунонӣ, хоҷагии қишлоқ, ҶШС Тоҷикистон, водӣ, мақсад.

**КОЛЛЕКТИВИЗАЦИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В КАБАДИЯНСКОМ РАЙОНЕ В 30-40 ГОДЫ XX ВЕКА**
В статье рассматриваются проблемы коллективизации сельского хозяйства в Кабадиянском районе в 30–ые 40–ые года XX века и роль Таджикской ССР в развитии сельского хозяйства. Было очень трудно коллективизировать земли на Вахшской долине поскольку пустовало очень много земель. С целью коллективизации были переселено население из горных районов страны в Вахшскую долину. Также велось массовое переселение в Кабадиянский район из города Ферганы Республики Узбекистан. После коллективизации в Кабадиянский районе заметно развивалось сельское хозяйство, скотоводство и сельскохозяйственная техника. Эти изменения поднимали уровень жизни в данном районе, что стало причиной улучшения жизни народа.
**Ключевые слова:** коллективизация, сельское хозяйство, Таджикская ССР, долина, Вахш, цель, Фергана. Узбекистан.

**COLLECTIVIZATION OF AGRICULTURE IN KUBADIYAN REGION IN 1930–1940**
The problem of agriculture in Kubandiyan region and the role Tajik SSR in development of agriculture of the region are considered in this article. It was hard to collectivize the lands in the valley of Vakhsh, for the land was empty. With the purpose of collectivizing the land, the populations of mountainous regions were resettled to the valley of Vakhsh. There were also mass resettlements of population from Fergana town of Uzbekistan to Kubadiyan region. After the collectivization of Kubadiyan agriculture, cattle-breeding and agricultural machinery were developed in the region.These changes made the standard of living better in this region, which was the reason for improving people's lives.
**Key words:** Collectivization, agriculrure, Tajik SSSR, valley, Vaksh, aim, Fergana, Uzbekistan,

**Сведения об авторе:** ***Зубайдуллоев Саиджон*** **–** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, докторант Ph.D исторического факультета. Телефон: **988–12–90–78**

# ПЕРСПЕКТИВЫ И ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ГБАО В 1980-1985гг.

***Ходжибеков Эльбон***
**Хорогский государственный университет им. М. Назаршоева**

XIX съезд 1981 года Компартии Таджикистана в перспективе предусматривал в десятой пятилетке - создание необходимой материально-технической базы для перевода сельского хозяйства на современную промышленную основу, развертывания агропромышленной интеграции [10, 320]. Широко известны имена славных тружеников сельского хозяйства ГБАО в 1980-1985гг. Героя социалистического Труда старшего чабана совхоза «Булункул» Мургабского района Б. Муродбекова, чабана колхоза «Сагирдашт» Калай-Хумбского района Ф.Каландарова, доярки колхоза «XXII партсъезд» Шугнанского района депутата Верховного Совета СССР Г. Курбоновой, Героя Социалистического Труда шелковода колхоза имени С.М. Кирова Ванчского района Ф.Суфихоновой, знатного картофелевода колхоза «XXII партсъезда» Шугнанского района Х.Мирзонаботова, овощевода этого колхоза Л.Гаюровой, лучших и старейших председателей колхозов Ч. Сулаймонбекова, Г.Шодавлатова, Р.Муллоимбекова, чей труд удостоен высоких наград Советского государства [16, 242]. В 1985 году в совхозе «Рушан» Рушанского района было сдано в эксплуатацию новое здание механизированной молочной фермы на 100 голов, перед этим в 1984 г. такая же ферма была построена в совхозе «50-летию СССР» Ванчского района [17].

В 1982 г. в области начинается подготовка к достойным встречам в честь «60-летия образования ССР» и в сельском хозяйстве. Так, в октябре 1982 г. один из передовых совхозов области, совхоз имени «Булункул» Мургабского района был переименован в честь «60-летия СССР». В Ишкашимском районе в честь «60-летия образования СССР» были сданы государству 948 тысяч тонн мяса, 717 тонн молока, 765 центнеров шерсти, 85 тысяч яиц, 1044 тонн картофеля, 55 тонн фруктов. Большой вклад внесли в это дело колхозы «Рохи коммунизм», «Исмаилов» и имени Ленина [4]. В 1983г. вся посевная площадь области увеличилась до 18,3 тыс. га, а количество скота - до 413,6 тыс. голов. Соответственно успешно решались государственные планы закупок большинства видов сельскохозяйственной продукции [11, 162]. Только в 1982 году хозяйствами области заготовлено картофеля - 3152 тонны, овощей - 1741, фруктов - 428, табака - 2446 тонн. Трудились изо всех сил и рабочие в совхозах. Так, М. Худододова из совхоза «Шугнан» получила с гектара 1037 центнеров овощей. Это являлось рекордным результатом не только по совхозу, но и даже по области [1].

С 1980-1984 гг. началось освоение новых земель в Рушанском районе. Председатель облисполкома ГБАО И. Хаёев, начальник Агропрома Б. Додхудоев составили план освоения новых земель в местечке Вомар и Таговджангал Рушана, и он был направлен на рассмотрение

Министерством сельского хозяйства республики. В 1980г. план был одобрен и ПМК-40 начал осваивать эти земли. Только в 1984 году совхоз Рушан получил 200 га, а в 1985г. на участке Таговджингал совхоз имени «50-летия Октября» получил 200 га новых земель. Это привело к рентабельности хозяйств и совхоз имени «50-летия Октября» стал миллионером [5, 97].

Были достигнуты успехи в животноводстве. Доярка совхоза «Ватан» Шугнанского района Г.Назармамадова в 1982г. с каждого фуражной коровы получила 1353 кг. молока. К 66 годовщине Великого Октября доярка участка Калаи Хусейна совхоза «Сагирдашт» М. Ризоева досрочно выполнила социалистическое обязательство по сдаче государству молока. При плане 1600 передовая доярка надоила от каждой фуражной коровы по 1900 кг. ценного продукта [2]. Доярка Х. Бодурова из совхоза «50-летия Октября» Рушанского района взяла обязательство, что от каждой фуражной коровы получит 2000 литров молока и в третье полугодие получила уже 556 кг. молока [18]. Доярки совхоза имени «Ленина» Ишкашимского района вместе с намеченным планом 1920 ц. плана получили 2315 ц. молока, что на 395 ц. больше. Доярки Н. Аминхонова, Б. Давлатова, В. Худоёрбекова, Б. Бандалиева, Д. Сафаралиева с каждого фуражной коровы получили 1719 кг. молока [15].

В 1983 году на Памире держали во всех категориях хозяйств 259 тысяч овец, 82,8 тысячи коз, около 800 лошадей. В некоторых районах лошади становились исчезающим животным [6, 45]. Развивалось яководство на Памире**.** Яковод совхоза «60-летия СССР» Г. Гожомбердиев в 1982-83гг. из каждого яка получил 100 плодов и за своий доблестный труд награжден Орденом Красного Знамени, медаль ВДНХ СССР, звание Мастера животноводства республики [3].

Совхоз имени Федченко в честь 60 - летия СССР сдал государству 2,9 тонн коконов**,** что было больше от нормы 0,5 тонны. Передовики производства из каждой коробки грен получили 90-110 кг. коконов [20]. Бригада Б. Зиёева из совхоза имени Фучика Калай -Хумбского района сдала государству 5200 кг. коконов. Сама Зиёева обязалась из 2 коробок грен сдать государству 123 кг коконов и таким образом выполнила годовой план на 156% [9]. А. Вистобатшоева, Г.Мирзоева сдали государству из каждой коробки грены 110-115 кг. коконов [12]. К. Бурханова из совхоза «Сархадчи» Калай-Хумского района сдала с коробки грены 120 кг. коконов. Всего на заготовительный пункт внесла 360 кг. коконов и была награждена орденом Трудового Красного Знамени [19]. Герой Социалистического Труда Ф. Суфихонова с 3 коробок грена сдала государству 470 кг. В 1985 г. ГБАО сдала государству 250 тонн коконов [8].

Наряду с вышеназванными успехами наблюдались и отдельные недостатки в области сельского хозяйства ГБАО в 1980-1985гг. К ними относились:

1. В 1985 г. 91 совхоз республики был убыточным. Особенно много нерентабельных хозяйств было в Горно-Бадахшанской автономной области, Кулябской области, Джиргитальском и некоторых других районах. В хозяйствах ГБАО, Ленинабадской области, Джиргитальского и Комсомолабадского районов было допущено большое снижение поголовья овец и коз [10, 333].

2. В конце 80-х годов партийные, хозяйственные и комсомольские организации значительно ослабили свое внимание к вопросам подготовки и закрепления кадров для сельского хозяйства. На полях многих хозяйств механизаторов осталось единицы. Многие молодые парни, окончившие училища и средние специальные школы, под разными предлогами оставались в городах [10, 269].

3. При рейде, проведенным органами народного контроля (председателем Ф. Ёдалиевым) в совхозах Шугнанского и Рушанского района (в 1983г.), обнаружились следующие недостатки: совхоз «50-летия Октября» уменьшил производство молока на 42%. В совхозе «Интернационал» числилось производство молока на 83 кг. за одну неделю ежедневно от каждой фуражной коровы. Фактически же оказалось только на 700 граммов. В прошлом году (1982г.-Э.Х.) совхозы района не справились с заданиями по производству молока и мяса. Задолженность по мясу составил 37 тонн» [7].

4. В совхозе «Рошткалъа» Шугнанского района во время отчетно-выборного собрания выявлялись следующие недостатки: «на участке Джавшангозе 2 трактора простаивали целый год, 3 сеянных машины картофеля, 1 агрегат для резания сена, 1 агрегат для прессования сена - сборные машины вообще не использовались» [13].

5. Инспекторы народного контроля области М.Эльбонов, Д.Хуморикoв провели совместный рейд и выявили следующие факты в Шугнанском районе: «В совхозе «Рошткалъа» Шугнанского района на участке Барджангал автомашина ГАЗ-66 был гружена фосфором и находилась целый день под дождем около амбара картофелем. В амбаре хранили картофель, а при этом десятки тонн фосфора и селитра находились под дождем. На вопрос членов комиссии, почему вы допускаете все это? Агроном совхоза ответил: «Я же не могу изменить погоду!». В совхозе «Шугнан» до 25 апреля не было даже семян пшеницы для сева. В совхозе имени «Шотемура» вместо 40 гектар посадили табак только на 15 га. Механизаторы в день проверки входили на работу поздно. Из 3 тракторов работает только один. В совхоз «Ватан» согласно контракту должны прийти на пахоту совхозных земель из организации «Сельхозтехника» 4 трактора, но по неясным причинам комиссии они прибыли на работу только через 22 дня. В совхозе «Ватан» бригадир П. Назарамонов чистосердечно признался, что у него нет рабочих из числа мужчин, и поэтому некому удобрять землю минеральными удобрениями» [21].

Другая комиссия проверяла хозяйство Рушанского района под руководством Б. Курбонмамадова и обнаружила следующие недостатки: «В общем, по Рушанскому району 25 апреля 1983г. засеяно только 500 га земли, что на 41 га меньше чем в предыдущий год. Совхозы «Бартанг», «50 лет Октября» по сравнению с прошлыми годами засеяли семени меньше на 19-23 га. Из города Ош для совхоза «50-летия Октября» привезли две автомашины ржи. Но, несмотря на это, для выполнения плана сева не хватает еще 8 ц. По состоянию от 25 апреля всего по району 187 ц., в том числе в совхозах «50-летия Октября» -100ц., совхоз «Интернационал» - 65 ц., «совхоз «Рушан» -10 ц., совхоз «Бартанг» - 87 ц. не хватало семян картофеля для сева. Сейчас руководители хозяйств в поисках семян картофеля уехали в Шугнан и Ишкашим». Касаясь, трудовой дисциплины комиссия подчеркивала: «Рабочие совхоза района в день проверки выходили на работу в 10-11 часов, а уходили в 5-7 часов домой. Перерыв длится до 3 часов. В бригадах №№ 9,11,13 от 6 до 13 - женщин в посадке табака не участвовали». При проверке состояния технических парков совхозов района обнаружилось: «по всему району оказались неисправными 15 тракторов, 16 грузовых автомашин, 5 прицепов, 2 плуга, 1 картофельный укладчик» [14].

Подводя итоги, можно сказать, что, несмотря на определенные успехи в области сельского хозяйства в 1980-1985гг. наблюдались и отдельные недостатки, такие как появление нерентабельных хозяйств, ослабленное внимание партийных, хозяйственных и комсомольских организаций к вопросам подготовки и закрепления кадров для сельского хозяйства, нехватка механизаторов, отсутствие рабочих рук из числа мужчин, и конечно, слабая трудовая дисциплина в совхозах области.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Асанов А. Богатый урожай Мехримо / А. Асанов //Бадахшони Советї. - 1983, 9 февраля.
2. Амонбеков А. Победа доярки / А. Амонбеков //БадахшониСовети. - 1983, 7 ноября.
3. Атабаев О. Армугонхои муносиб / О. Атабаев // БадахшониСовети. - 1983, 23 января.
4. Бахор Ш. Рафти тайёрї ба 60-солагии СССР / Ш. Бахор // БадахшониСовети. - 1982, 15 декабря.
5. Бахтиёров М. Таърихи Рушон / М. Бахтиёров. -Душанбе: Илм, 2013. -С.97.
6. Гаврилюк А. Памир / А. Гаврилюк, В. Ярошенко. – М.: Планета, 1987. - С.45.
7. Ёдалиев Ф. Рейди навбатї / Ф. Ёдалиев // Бадахшони Советї. - 1983, 27 января.
8. Зайдуллоев А. Галабаи мехнатии пиллакорони вилоят / А. Зайдуллоев // Бадахшони Советї. - 1985, 7 июня.
9. Зиёева Б. Максади мо / Б. Зиёева // Бадахшони Советї. - 1983, 22 января.
10. История таджикского народа, т.VI, (новейшая история). – Душанбе: Империал - групп, 2011.- 688с.
11. История Горно-Бадахшанской автономной области, т. 2, (Новейшая история) / отв. ред. Пирумшоев Х.П. – Душанбе, 2005. -351с.
12. Кобилбеков О. Пиллакори номдор / О. Кобилбеков //Бадахшони Советї. -1983, 10 февраля.
13. Косимов Ш. Мачлиси хисоботї-интихоботї дар совхози «Рошткалъа» - и н. Шуѓнон / Ш. Косимов //Бадахшони Советї. -1983, 23 февраля.
14. Курбонмамадов Б. Назорати халкї дар амал / Б. Курбонмамадов // Бадахшони Советї. - 1983, 30 апреля.
15. Мамадсаидов Ч. Комёбии говдўшон / Ч. Мамадсаидов //Бадахшони Советї. - 1983, 21 январь.
16. Назаршоев М. Н. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм (1918-1968 гг.) / М. Н. Назаршоев. - Душанбе: Ирфон, 1970.
17. Назриев Д. Фермахои нави механикунонидашуда / Д. Назриев //Бадахшони Советї. - 1985, 13 января.
18. Назриев Д. Чорводорї фронти зарбдор / Д. Назриев //Бадахшони Советї. - 1983, 1 мая.
19. Саидвалиев Г. Годовой план выполнен / Г. Саидвалиев // Бадахшони Советї. - 1983, 27 мая.
20. Шараф К. Аз супориш зиёд / К. Шараф // Бадахшони Советї. - 1982, 7 июля.
21. Элбонов М. Назорати халкї дар амал / М. Элбонов // Бадахшони Советї - 1983, 30 апреля.


## ДУРНАМО ВА МАСОИЛҲОИ РУШДИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ВМБК ДАР СОЛҲОИ 1980-1985


Мақолаи мазкур таърихи меҳнаткашони шарафманди соҳаи хоҷагии қишлоқи ВМБК-ро баррасӣ менамояд: Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, сарчупони совхози «Булунқул»-и ноҳияи Мурғоб Б.Муродбеков, чупони колхози«Сағирдашт»-и ноҳияи Қалъаи Хумб Ф.Каландаров, годўши колхози «XXII партсъезд» ноҳияи Шуғнон, депутати Шўрои Олии Иттиҳоди Шўравӣ Г. Курбонова, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, колхози пиллапарварии ба номи С.М. Кирови ноҳияи Ванҷ Ф.Суфихонова, картошкапарвари номии колхози «XXII партсъезд» ноҳияи Шуғнон Х.Мирзонаботов, сабзавоткори ҳамин колхоз Л. Ғаюрова ва дигар пешқадамони соҳаи хоҷагии қишлоқи ВМБК, ки меҳнати онҳо бо мукофотҳои олии Давлати Шўравӣ қадрдонӣ карда шудааст. Муаллиф марҳила ба марҳила рушди соҳаи пиллапарварӣ, қутоспарварӣ, инчунин масоилҳои дигари хоҷагии қишлоқи вилоятро баррасӣ менамояд.



**Калидвожаҳо:** ВМБК, таърихи меҳнаткашони шарафманди хоҷагии қишлоқ, чупон, годўш, картошкапарварони номӣ, рушди истеҳсоли пиллаи абрешим, тамокупарварӣ, қутоспарварӣ, масоилҳои хоҷагии қишлоқ,.


## ПЕРСПЕКТИВЫ И ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВО ГБАО В 1980-1985гг.


Данная статья раскрывает историю славных тружеников сельского хозяйства ГБАО: Героя социалистического Труда старшего чабана совхоза «Булункул» Мургабского района Б.Муродбекова, чабана колхоза «Сагирдашт» Калай-Хумбского района Ф.Каландарова, доярки колхоза «XXII партсъезд» Шугнанского района, депутата Верховного Совета СССР Г. Курбоновой, Героя Социалистического Труда шелковода колхоза имени С.М. Кирова, Ванчского района Ф.Суфихоновой, знатного картофелевода колхоза «XXII партсъезда» Шугнанского района, Х.Мирзонаботова, овощевода этого колхоза Л. Гаюровой др. передовиков сельского хозяйства, чей труд удостоен высоких наград Советского государства. Автор поэтапно показывает развитие коконоводства, яководства, а также проблемы сельского хозяйства ГБАО.



**Ключевые слова:** ГБАО, история славных тружеников сельского хозяйства, лучших чабанов, доярок, знатных картофелеводов, овощеводов, развитие коконоводства, табаководства, яководства, проблемы сельского хозяйства.

**THE PROSPECT AND CHALLENGES OF DEVELOPING AGRICULTURE OF GBAO IN 1980-1985y.**

This articletouches upon the success stories ofthe farm workers in GBAO such as B.Murodbek, theHero of Socialist Labour, aseniorshepherd of the collective farm "Bulunkul" of Murghab district, F.Kalandarova, the shepherd of the collective farm "Sagirdasht" of Qala-iKhumbdistrict, G. Kurbonova, a milkmaid of the collective farm, "XXII Party Congress" of Shugnandistrict the people’s representative of the SupremeSoviet of the USSR, F.Sufihonovoy , the Hero of Socialist Labour, a silkworm breeder of the collective farm named afterS. M.KirovofVanj district, H.Mirzonabotova, a famous potato grower of the collectivefarm, "XXII Party Congress" of Shugnan district, L. Gayurovoy, a vegetable growerof this collective farm and other exemplary workers of agriculture, whose workwonthe highest awardsof the Soviet state.The authorshows thedevelopment ofhorse breeding, yak breeding, as well as the problems of agricultureGBAO.

**Key words:** GBAO, farm workers, best shepherd, milkmaid, potato-grower, vegetable grower, horse breeding, tobacco cultivation, yak breeding, challenges of agriculture

**Сведения об авторе:** ***Ходжибеков Эльбон*** **–** Хорогский государственный университет им.М.Назаршоева, кандидат исторических наук, профессор, заведующий кафедрой всеобщей истории. Телефон: **(+ 935483650)**

# АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ШАҲРИ КӮЛОБ

***Маҳмадов И.М.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки аввалин табибони касбӣ ба шаҳри Кӯлоб дар ҳайати артиши сарҳадии Русия соли 1905 омада буданд. Артиши Русия дар сарҳади Афғонистон дар масофаҳои муайян якчанд гарнизонҳои сарҳадиро муқимӣ карданд. Дар ин гарнизонҳо коркунони тиб бунгоҳҳо ташкил карда, ба пешгирӣ ва муолиҷаи беморони сироятӣ, хусусан беморони мубталои вараҷа машғул шуданд. Бемориҳои вараҷа, вабо, домана ва бемориҳои чашм, ки дар байни мардуми таҳҷоӣ ниҳоят паҳн шуда буданд, табибони рус ба табобати онҳо низ машғул мешуданд. Баъд аз ишғол кардани сарзамини Помир, тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Русия амалан ба охир расиду яке аз полкҳои сарҳадии артиши Русия дар шаҳри Кӯлоб муқимӣ монд. Дар баробари дигар чорабиниҳо табибони рус дар ин ҷо бунгоҳи тиббӣ барои муолиҷаи беморони низомӣ созмон доданд. Азбаски дар гирду атрофи шаҳри Кӯлоб ботлоқзаминҳо ниҳоят зиёд буданд, яке аз бемориҳои паҳншуда бемории вараҷа буд. Ба табибони рус лозим омад, ки дар радифи муолиҷаи афсарону сарбозони артиши Русия ба муолиҷаи беморони ғайринизомӣ низ машғул шаванд. То Инқилоби Октябр қисмҳои низомии Русия дар шаҳри Кӯлоб монданд ва онҳо ба қадри зарурӣ ба мардуми маҳаллӣ ёрии тиббӣ мерасонданд [1, 38-39]. Баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр дар Русия, барои ба зери итоати Ҳукумати Шӯравӣ даровардани сарзамини Осиёи Миёна Артиши Сурх ба тарафи ҷануб ҳаракат кард. Аввалин полкҳои савораи 6 ва 52-уми Артиши Шӯравӣ, 15 марти соли 1921 бе ҷанг вориди шаҳри Кӯлоб шуданд. Комиссариати ҳарбии полкҳои зикршуда дар доираи салоҳияте, ки доштанд, ба мардуми таҳҷоӣ ёрии ҳамаҷониба расонида, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрро назорат мекарданд [2, 61].

Баъд аз пойдор гардидани Ҳукумати Шӯравӣ дар минтақаи Кӯлоб, бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон барҳам хӯрда, Кумитаи Инқилобии вилоятӣ таъсис дода шуд.

Бо қарори Комиссариати ҳарбии Тоҷикистон соли 1924 полки 78-уми савораи сарҳадии Артиши Сурх дар шаҳри Кӯлоб муқимӣ карда шуд. Азбаски муҳити атроф носолим буд, аксарияти афсарону сарбозони полки 78-ум ба бемории вараҷа гирифтор шуданд. Барои пешгирии бемории вараҷа ва табобати афсарону сарбозон як гурӯҳ духтурон бо ихтисосҳои сироятшинос, ташхисгарон ва назоратчиёни беҳдошти саломатӣ ба шаҳри Кӯлоб омаданд. Аз ҳисоби ин мутахассисон соли 1924 дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои атроф муассисаҳои тиббии пешгирикунадаи бемориҳои тропикӣ таъсис дода шуданд. Ин муассисаҳо табобати беморони тропикиро низ ба уҳда доштанд [4].

Бо қарори якҷояи Комиссариати ҳарбии полки 78-уми Артиши Сурх ва Кумитаи инқилобӣ моҳи январи соли 1924 дар назди полки 78-уми Артиши Сурх барои расондани ёрии тиббӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ва мардуми шаҳри Кӯлоб бунгоҳи тиббӣ ташкил карда шуд. То соли 1925 дар шаҳри Кӯлоб ягон беморхона вуҷуд надошт. Афсарону сарбозони беморро дар авҷи беморӣ ва холатҳои вазнин ба шаҳри Душанбе мебурданд. Бо қарори Комиссариати Ҳарбии **Ҷумҳурии** Худмухтори Тоҷикистон дар ибтидои соли 1925 дар маркази шаҳри Кӯлоб, дар назди Хонаи Афсарони Сурх беморхонаи ҳарбӣ дорои 15 кат сохта, ба истифода дода шуд [7]. Моҳи январи соли 1929 дар шаҳри Кӯлоб ҳуҷраи дандонпизишкӣ сохта, ба истифода дода шуд. Дар ин дармонгоҳ духтурони аз Русия фиристода шуда кор мекарданд. Дармонгоҳи мазкур ба беморони аз ноҳияҳо омада низ ёрии тиббӣ мерасонд. Дар давоми соли 1930-40 дар шаҳри Кӯлоб маркази тандурустии шаҳр, маркази зидди бемориҳои тропикӣ, маркази ёрии таъҷилӣ, табобатхонаи кӯдакона, маркази табобатии бемориҳои чашм, маркази табобатии бемориҳои сироятӣ ва ғайра сохта, ба истифода дода шуданд. Дар ин муассисаҳои табобатӣ табибон бо тахассусҳои олӣ ва миёна, ки аз дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ омада буданд, кор мекарданд. Бо қарори кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб соли 1932 барои беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб беморхона барои беморони сил, пӯст ва чашм ба кори худ шурӯъ кард. Афзудани миқдори табибон имконият дод, ки соли 1936 3-бунгоҳ дар дохили шаҳр, 2 нуқтаи зидди бемориҳои тропикӣ, 1 нуқтаи бемориҳои пӯст, 1 нуқтаи бемориҳои чашм ва

3 бунгоҳ дар деҳаҳои атрофи шаҳр кушода шаванд [7]. Аз соли 1936 саварии шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлобро табиби масъулиятшинос Бердияров Эмиляр Загидович ба ухда гирифт. Дар тӯли роҳбарии ӯ солҳои 1930-40 асри гузашта дар баробари инкишофи дигар ҷабҳаҳои хоҷагии халқ, соҳаи тандурустӣ низ рушду нумӯ меёфт ва мутахассисон бо таҳсилоти олӣ ва миёна ба кор меомаданд. Мувофиқи маълумотҳое, ки аз идораи бойгонии минтақавӣ дастрас шуд, соли 1940 беморхонаҳои ноҳиявӣ дорои 325 кат ва беморхонаҳои шаҳри Кӯлоб дорои 180 кат буданд. Шуъбаҳои таваллудхонаҳое, ки дар беморхонаҳои шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб кушода шуданд, дорои 50 кат буданд. Дар худи ҳамон сол дар шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб шумораи бунгоҳҳои тиббӣ ба 7 адад расонида шуд. Дар тӯли соли 1940 дар шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб бунгоҳ барои расонидани ёрии тиббӣ ба кӯдакон ва 2 маслиҳатгоҳ барои занон кушода шуданд. Дар муассисаҳои номбаршуда 37 нафар табибон бо таҳсилоти олӣ, ки аз дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шӯравӣ омада буданд, ба мардум ёрии тиббӣ мерасонданд [7].

Мувофиқи маълумотҳои маърузаи собиқ мудири шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб Г. Н. Читахова ки аз бойгонии вилоятӣ дастрас шуд, соли 1940 сохтмони беморхонаи шаҳрӣ дорои 80 кат ба нақша гирифта шуда буд [7].

Соли 1940 дар кӯчаи К.Маркс (ҳоло С. Сафаров) маркази саломатии марказии шаҳри Кӯлоб дар бинои мутобиққунонидашуда, ба хизматрасонии тиббӣ шурӯъ намуд. Дар ин маркази саломатӣ ҳуҷраҳои ҷарроҳӣ, амрози дохила, бемориҳои кӯдакона, бемориҳои чашм бемориҳои гулӯ-гӯш-бинӣ, дандонпизишкӣ амал мекарданд. Бо сабаби набудани табиби силшинос, ҳуҷраи бемориҳои сил баъд аз як сол дар маркази саломатӣ ба кор сар кард. Худи ҳамин сол дар маркази саломатии шаҳрӣ барои ташхиси беморон ва ёрии тиббии ҳамаҷониба ба ҳуҷраҳои физиотерапевтӣ, рентген, нуқтаи ташхиси бемориҳои саратон, нуқтаи ташхиси микологӣ (бемориҳои забурӯғии пӯст), нуқтаи ташхиси вараҷа, нуқтаи бемориҳои зухравӣ кушода шуданд [3, 79].

Аз маълумотҳои оморӣ маълум гардид, ки соли 1942 вобаста ба талаботи замон беморхонаи шаҳрӣ таъмиру васеъ карда шуд. Миқдори катҳои беморхона ба 80 адад расонида шуд. Шуъбаи ҷарроҳӣ 20 кат, таваллудхона дорои 15 кат, шуъбаи кӯдакона 20 кат, шуъбаи амрози дохила дорои 25 кат шуда буд. Дар шуъбаҳои беморхона давоми соли зикршуда 1771 бемор бистарӣ ва ба муолиҷаи лозимӣ фаро гирифта шуданд [3].

Илова ба муассисаҳои тиббии номбурда дар нимаи дуюми соли 1941 дар биноҳои тозабунёд маслиҳатгоҳҳои занонаю кӯдакона ба кор шурӯъ карданд. Табибони ин муассисаҳо дар давоми як сол ба 2109 бемор ёрии амалии тиббӣ ва маслиҳатҳои муфид доданд. Дар давоми ин сол дар тамоми беморхонаҳои шаҳри Кӯлоб 37 табиб бо таҳсилоти олӣ ба мардум хизмати тиббӣ мерасонданд. Дар соли 1940 доираи хизматрасонии маркази саломатии шаҳрӣ васеътар шуд. Дар ин ҷо 8 духтур бо таҳсилоти олӣ ба мардум хизмати тиббӣ мерасонид. Онҳо дар давоми сол ба 31290 бемор ёрии тиббӣ расонданд, ки ба ҳар як рӯз 104 бемор рост меомад. Соли 1941 духтурони бо таҳсилоти олӣ дар маркази шаҳрӣ ба 11 нафар расид. Вобаста ба афзудани миқдори табибон сифати хизматрасониҳои тиббӣ беҳтар ва миқдори муроҷиати беморон низ зиёд шуд. Дар давоми соли 1941 41280-бемор ба духтурони маркази саломатӣ муроҷиат карданд, ки ба ҳар як рӯз 137 бемор рост меояд [3]. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, мувофиқи нишондодҳои оморӣ ва маърузаҳои шахсони масъул, аксари табибон барои расонидани ёрии тиббӣ ба ҷанг фристода шуда буданд.Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъулони Давлати Шӯравӣ, аз он ҷумла сарварони Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишашонро ба барқароркунии хоҷагии халқ равона карда буданд.

То замони пурра устувору пойдор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон сарварони шуъбаи тандурустӣ дар шаҳри Кӯлоб аз тарафи Кумитаи Инқилобии Туркистон таъйин карда мешуданд. Аз бойгонии минтақавии Кӯлоб оиди сарварони аввалини шуъбаи тандурустӣ маълумоте ба даст нарасид. Дар баъзе навиштаҷотҳое, ки аниқ кардани солҳояшон муяссар нашуд, то солҳои 50-ум ин шуъбаро сарварӣ кардани Ю.Ф Лисак ба назар мерасад. Инчунин маълум шуд, ки вай маълумоти миёнаи тиббӣ доштааст. Дар замони роҳбарии ин шахс сарзамини Кӯлоб дорои мақомоти вилоятӣ буд. Аксарияти муассисаҳои тиббии, шаҳри Кӯлоб ба шуъбаи тандурустии вилоятӣ тааллуқ доштанд [4]. Дар солҳои аввали баъдиҷангӣ бо сабаби суст шудани назорати беҳдошти саломатӣ ва сари вақт муолиҷа накардани кӯдакони бемор, дар қаламрави шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб бемориҳои кӯдакона, бахусус бемориҳои сироятӣ ниҳоят афзуда буданд. Сохтани бинои нави беморхона барои кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмарраи замон буд. Дар ибтидои соли 1950 бо дастгирии Вазорати тандурустии Тоҷикистон ва бо ташаббуси шуъбаҳои тандурустии вилоятӣ ва шаҳрӣ, ки роҳбараш Ю.Ф Лисак буд, сохтмони беморхонаи кӯдакона оғоз ёфт [4].

Дар охири соли 1950 мудири шуъбаи тандурустии шаҳр В. П. Матвиес таъйин шуд, ки таҳсилоти миёнаи тиббӣ дошт. Дар он замон вилояти Кӯлоб побарҷо буду тамоми масъалаҳои дарозфосила ва рӯзмарраро шуъбаи тандурустии вилоятӣ ҳаллу фасл мекард. Муассисаҳои шаҳрӣ дар биноҳои пеш аз ҷанг сохташуда фаъолият мекарданд. Бинои беморхонаи кӯдакон соли 1951 ба истифода дода шуд [4]. Соли 1955 сохтмони бинои омӯзишгоҳи тиббӣ оғоз ёфт. Пас аз чанд моҳ сохтмони беморхонаи вилоятиву шаҳрӣ оғоз шуд. Шуъбаҳои тандурустии ноҳияҳо тобеи Вазорати тандурустии Тоҷикистон шуданд, чунки дар ҳамин сол макомоти вилояти Кӯлоб барҳам дода шуд. Мувофиқи маълумоти

баъзе ҳуҷҷатҳо соли 1956 И.К. Ступак бо таҳсилоти миёнаи тиббӣ мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб таъйин карда шуд [4].

Ба муассисаҳои тандурустии шаҳри Кӯлоб духтурон бо таҳсилоти олӣ, аз одамони таҳҷоӣ, солҳои панҷоҳум ба кор омаданд. Онҳо асосан хатмкунандаҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон буданд. Яке аз табибони аввалин аз мардуми таҳҷоии минтақаи Кӯлоб, ки соли 1957 Донишгоҳи тиббиро тамом карда, ба шаҳри Кӯлоб омад, Менгиёр Боймуродов буд. Дар худи ҳамон сол духтур Бегмурод Олимов бо таҳсилоти олӣ, бо тахассуси ҷарроҳ бо роҳхат ба беморхонаи шаҳри Кӯлоб ба кор фиристода шуд [3].

Таваллудхонаи шаҳрӣ, ки то ҳол дорои 40 кат буд, васеъ карда шуд. Шуъбаи тандурустии шаҳрӣ ин таваллудхонаро ба ҳайати беморхонаи №2 дохил карда, боз 20 кати дигар илова намуд [3]. Аз суҳбате, ки бо муҳтарам М.Б. Бегматов доштем, маълум шуд, ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ шуъбаи тандурустии шаҳр дар як бинои хурдакак, дар кӯчаи К.Маркс (ҳоло С. Сафаров) ҷойгир буд [11].

Соли 1958 ба мансаби мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб Б.Н. Малаев таъйин карда шуд. Вай дар муддати начандон тӯлонӣ муассисаҳои тандурустии шаҳрро бо мутахассисони зарурӣ таъмин намуд. Дар назди беморхона ташхисгоҳи биохимикӣ кушода шуд. Беморхонаи шаҳрро васеъ карда, дар шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб миқдори маслиҳатгоҳҳои занона зиёд шуданд. Биное, ки дар он Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳрӣ ҷойгир буд, баъд аз таъмир ба поликлиникаи марказии шаҳрӣ табдил дода шуд. Дар давраи роҳбарии вай омӯзишгоҳи тиббӣ дар бинои навбунёд ба фаъолият шурӯъ карда, дар натиҷаи зиёд шудани синфхонаҳо миқдори толибилмон низ рӯ ба афзоиш ниҳод. Бинои беморхонаи шаҳриро таъмиру васеъ карда, миқдори катҳо то 60 адад расонида шуд. Солҳои 60-уми асри гузашта хизматрасонии тиббӣ ба мардуми шаҳру навоҳии он хело ҳам ривоҷ ёфта, табибони зиёде баъд аз хатми донишкадаи тиббӣ ба шаҳри Кӯлоб фиристода шуданд. Дар ин муддат бинои нави беморхонаи шаҳрӣ дорои 150 кат ба истифода дода шуд.

Дар натиҷаи зиёд шудани табибон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллӣ сифати муолиҷа ва расонидани ёрии тиббӣ ба беморон хеле ҳам беҳтар шуд [9]. Аз соли 1962 то соли 1965 сарварии шуъбаи тандурустии шаҳриро духтур Фрилянд Ким Савелия ба уҳда гирифт. Дар ин давра хизмати тиббӣ ба кӯдакон хеле рушду нумӯ ёфта, дар шаҳр 3 нуқтаи иловагии эмгузаронӣ ташкил карда шуд. Эмгузаронии саросарии атфол бар зидди бемориҳои сироятии кӯдакона ба танзим дароварда шуд. Тамоми кудакони мубталои бемориҳои муҳлатгузашта дар муассисаҳои кудаконаи тиббӣ ба қайд гирифта шуда, зери назорати доимии духтурони ин соҳа қарор гирифтанд. Диспансеризатсияи бемориҳои дарозмуҳлати тамоми соҳаҳои тиб гузаронда шуд [8].

Солҳои 1965-67 шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлобро Расулов Нурулло Расулович роҳбарӣ мекард. Вай дар тӯли роҳбариаш ба нарасидани мутахассисон ва асбобу лавозимоти тиббӣ дар муассисаҳои шаҳрӣ диққати махсус медод. Дар ин муддат анестезиологҳо барои шуъбаи эҳёгарӣ (реаниматсия) ва муоинагарҳо барои шуъбаи ташхисӣ тайёр карда шуданд [3]. Аз соли 1967 сарварии шуъбаи тандурустии шаҳрро Ш.К Курбонов ба уҳда гирифт. Ин табиби ҳозиқ дар рушду нумӯи соҳаи тандурустии шаҳри Кӯлоб саҳми босазо гузошт. Дар замони роҳбарии вай Кӯлоб вилоят набуд. Муассисаҳои тандурустие, ки пеш ба шуъбаи тандурустии вилоят тааллуқ доштанд, ҳоло дар зери назорати шуъбаи тандурустии шаҳрӣ буданд ва масъулияти кории шуъбаи тандурустии шаҳрро дучанд мекарданд. Бо вуҷуди он, ин сарвари фаъолу хирадманд барои рушди соҳаи тандурустии шаҳр ҷаҳду талошҳои зиёд ба ҷо оварда, бо ташаббусу дастгирии вай сохтмони беморхонаи бемориҳои чашм соли 1967 ба охир расиду диспансери бемориҳои чашм ба он ҷо кӯчонида шуд. Шуъбаи бемориҳои гушӯ гӯлую бинӣ васеъ карда, катҳояш ба 20 адад расонда шуд. Дар поликлиникаи марказӣ ҳуҷраи бемориҳои ҷоғар ба кор оғоз кард [4].

Дар тули солҳои 70-ум беморхонаҳои вуҷуддошта таъмиру васеъ карда шуданд. Барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ҳамаи муассисаҳои тиббии шаҳрӣ бо таҷҳизоту лавозимоти муосир таъмин карда шуданд. Соли 1974 вилояти Кӯлобро аз нав барқарор намуда, муассисаҳои тиббие, ки пеш тобеи шуъбаи тандурустии вилоятӣ буданд, боз ба тобеияти он баргардонда шуданд. Соли 1974 сарварии шуъбаи тандурустии шаҳриро Ф.Р. Сангонов ба зимма гирифт [3]. Солҳои 80-ум сохтани силсилаи иншоотҳои нави тиббии вилоятиву шаҳрӣ ба нақша гирифта шуданд, чунки биноҳои вуҷуддоштаи муассисаҳои муолиҷавиву профилактикӣ ҷавобгӯи замон набуданд. Дар замони бозсозӣ соҳаи тандурустии Тоҷикистонро як ҳолати номуайяниву карахтӣ фаро гирифт. Маблағҳои ҷудошуда барои сохтмони иморатҳои пешбинишуда намерасид. Вилояти Кӯлоб боз барҳам дода шуд. Сохтмони иншоотҳои саршуда то вақти номаълум қатъ гардид. Дар ин солҳо пешравии назаррасе дар соҳаи тандурустии вилояти Кӯлоб ба назар намерасид. Солҳои 1976-86 А.М Афғонов ва солҳои 1987-89 А.А. Аҳмадов мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб буданд [3].

Ҳодисаҳои пурошӯби солҳои навадум таназзули оғоз ёфтаро боз ҳам амиқтар кард. Дар солҳои пурташвиши навадум соҳаи тандурустӣ аз тарафи Ҳукумат маблаггузорӣ карда нашуд. Соҳа ва табибони минтақаи Кӯлоб дар як ҳолати ногувор қарор доштанд. Вилояти Кӯлоб соли 1993 боз барҳам дода шуд, ки дар чунин холати ногувор баъзе духтурони маъруф ва бо дараҷаи тахассусии олӣ ба Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқи

Шӯравии пошхӯрда кӯч бастанд. Дар ин солҳои пурташвиш мудири шуъбаи тандурустии шаҳри Кӯлоб П.Б. Аслонов буд. Сохтмони иморатҳои нотамоми беморхонаи сироятӣ, поликлиникаи шаҳрӣ ва шуъбаи тандурустии шаҳрӣ аз нав идома ёфта, соли 1997 ба истифода дода шуданд. Охири солҳои навадум сулҳу салоҳ оҳиста-оҳиста барқарор шуду ҳаёти мардум ба маҷрои муқаррарии воқеӣ баргашт. Сохтмони иншоотҳои тиббии банақшагирифташуда, аз сари нав оғоз шуданд.

Муассисаҳои тиббии зерин: беморхонаи сироятӣ, таваллудхонаи шаҳрӣ, маркази ёрии таъҷилӣ, марказҳои саломатии №1 ва №2, маркази саломатии кӯдакона, маркази танзими оила, маркази саломатии тибби оилавӣ, маркази дандонпизишкии шаҳрӣ, маркази ташкилии ҳаёти солим, маркази зидди бемории вараҷа, беморхонаи ноҳиявии марказӣ, беморхонаи марказии ноҳиявии №1, маркази назорати санитарию эпидемиологӣ, 10 маркази саломатии деҳотӣ, 34 адад бунгоҳи саломатии деҳотӣ мудом дар хизматрасонии тиббии мардуми шаҳру ноҳияи Кӯлоб қарор доранд.


**АДАБИЁТ**

1. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов. - Душанбе, 2007.
2. Энсиклопедияи Кӯлоб. - Душанбе, 2006.
3. Раҳматзода И. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб / И. Раҳматзода, А. Раҳматов. - Душанбе, 2010.
4. Бойгонии давлатии шаҳри Кӯлоб. -Ф.3. -оп.7. -д.т.12. - л.16.
5. Иркаев М.И. История гражданской войн в Таджикистане / М.И. Иркаев. -Душанбе: Ирфон, 1970.
6. Иркаев М. Очерки таърихи Тољикистони Советї / М. Иркаев, Ю. Николаев, Я. Шарофов. - Сталинобод, 1960. – С. 192-194.
7. Партийный архив центр политических исследований Комунистической партии Республики Таджикистан (ПА ЦПИ КП РТ). - ф.3. -оп.5. -д.46. -л.56.
8. Тоҷикистони сурх. -1946, 23 апрел.
9. Коммунист Таджикистана. - 1950, 27 март.
10. Тоҷикистони Советӣ. -1980, 12 май.
11. Суҳбат бо Мирзо Бегматов-собиқ котиби аввали шаҳри Кӯлоб, аз 17 марти соли 2015.



**АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ШАҲРИ КӮЛОБ**

Дар мақола давра ба давра рушди соҳаи тандурустии шаҳри Кӯлоб, фаъолияти сарварони шуъба, бунёди беморхонаҳо ва таъмини мутахассисони касбии тиббӣ дар беморхонаҳои шаҳру ноҳияи Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор гирифта аст.

**Калидвожаҳо:** рушд, беморхона, шуъбаи тандурустӣ, тиб, омӯзишгоҳи тиббӣ, муассиса.

**ИЗ ИСТОРИИ СТАНОВЛЕНИЯ СФЕРЫ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ ГОРОДА КУЛЯБА**

В данной статье автор поэтапно описывает импульс развития здравоохранения в городе Кулябе. Он подробно остановился на деятельности врачей в различных отделених больниц. .По мнению автора, открытие больниц и обеспечение профессиональными кадрами городских и районных больниц города Куляба способствует развитию здоровохранения населения.

**Ключевые слова:** развитие, больница, отдел здравоохранения, медицина, медучилише, учреждение.

**FROM THE HISTORY OF DEVELOPMENT OF THE HEALTH SECTOR OF KULOB CITY**

In this article the author step by step describes an impulse of development of health care in the city of Kulob. He has in detail stopped on activity of doctors in various the otdelenikh of hospitals. According to the author, opening of hospitals and providing with professional shots city and regional city hospitals of Kulob promotes development of a zdorovokhraneniye of the population.

**Key words:** development, hospital, public health department, medicine, medical-college, institution.



Все эти сферы знания созрели в течение первых трех периодов развития Ислама, которые стали основой дискурсивных материалов как апологетов, так экзегетов в мусульманском интеллектуальном мире что, естественно, породило различия во мнениях между комментаторами Корана с одной главной целью: прийти к постижению истины посредством правильного понимания смысла священного текста: «Далее ты должен заметить, что в то время как разум человека видит все верно, вещи, которые он видит, разноплановы. Его знания в некоторых случаях, можно сказать, даны, то есть изначально присутствуют в разуме, как в случае аксиоматических истин... Так что на самом деле, актуально, человек видит тогда, когда его разум освещен лучом философии, потому что до этого он видит потенциально. А самой великой философией является Слово *(калам)* Аллаха в общем, и Коран в частности» [1].

Эта экзегеза, которая сильно зависела от филологической науки, известна как *илм ал-Коран ва ат-тафсир*. Все вопросы, касающиеся исламского образа жизни связаны с Кораном и Сунной Пророка в той или иной форме, так как правильное применение законов и устоев ислама основывается на соответствующем понимании руководства от Бога. Без комментариев и интерпретации (тафсира и та'вил), не было бы правильное понимание различных отрывков из Корана и хадисов. Методы, которые использовали апологеты и экзегеты, включали грамматический, лингвистический, синтаксический, смысловой анализы вопроса *асбаб-ун-нузул* («причины откровения»). Эти анализы были основаны на выполнении сравнения разных стихов в Коране, когда текст Корана должен быть объяснен, переведен и интерпретирован. Исключение не составляло рассмотрение священных текстов предыдущих откровений остальных авраамических верований. Это означало, что мусульмане уже имели дело с так называемой герменевтической ситуацией.

В эту ситуацию был вовлечен и один из мыслителей, которые внес вклад в разработку классической герменевтики. Им был Абу Хамид ал-Газали (1058–1111) – известный мусульманский факих, мутакаллим и суфийский автор-систематизатор суфийского знания. Основные контуры жизни этого персидского ученого достаточно полно исследованы и хорошо известны многим. Не вдаваясь в детализацию его жизнедеятельности, отметим только, что ранняя жизнь ал-Газали включала его в борьбу с радикальным скептицизмом и поиск истины, которую он попытался осуществлять через полемику с учениями представителей четырех идейных школ его времени: исламский теологический дискурс (калам), философия (фалсафа), исмаилизм и мистицизм (тасаввуф или суфизм).

Следует подчеркнуть, что для ал-Газали Коран является источником истины во многих отношениях, потому что она имеет много измерений и может быть понятна с помощью изучения и толкования различных областей знаний. Кроме того, для понимания смыслов Корана, ал-Газали «использует диалектику против мышления, построенного на

герменевтических методах» [2]. Дело в том, что ал-Газали не был удовлетворен существующим способом интерпретации Корана и хадисов, выдвигая претензии ко многим ученым и людям знания в том, что они искусственно игнорируют смысл стихов и источников, полученных посредством *накл*, а их интерпретации вообще выходят из-под контроля.

Эти были методы, которые назывались мыслителем «наукой толкования». Рассуждая о «похвальных науках», ал-Газали к четвертой их категории относит «науки, завершающие все три предыдущие, и те из них, что относятся к изучению Корана, делятся на то, что связано с произнесением, как, например, обучение [различным способам] чтения [Корана], изучение мест артикуляции букв, и на то, что связано со смыслом и значением, как толкование Корана (*тафсир*)» [3]. В другой своей книге под названием «Удержание масс от изучения науки калама» («Илджа ал-‘аввам ‘ан ‘илм ал-калам»), ал-Газали определяя задачи «салафов», в пятой из них отмечает, что грамматические спряжения и толкования производятся через *та‘вил, тафсир, тасриф, тафри‘, джам‘ и тафриг* [4].

Применительно к нашему исследованию, мы попытаемся рассмотреть герменевтическое значение в эпистемологии ал-Газали через анализ *тафсира* и *та‘вила,* которые буквально означают экспликация, истолкование, разъяснение или комментарий. При этом необходимо отметить, что как таковое понятие «герменевтика» в учении мусульманских философов, в том числе ал-Газали, отсутствует. Вместо нее они как раз используют вышеуказанные тафсир и та’вил.

Значение *тафсира*, как известно, не легко определить и существуют серьезные научные споры вокруг того, чтобы разграничить его масштабы и парадигму. Это слово является отглагольным существительным, которое происходит от глагола *фассара*, что означает «объяснять, разъяснять, толковать или комментировать» [5]. Тафсир, как было отмечено выше, являлся продуктом усилий ученых и экзегетов в понимании смысла основного исламского священного текста и его интерпретации. Эти интерпретации могли затем, помимо всего прочего, формировать богословскую и юридическую основы принятия решений мусульманских акторов, в том числе имамов, судей, государственных служащих, юристов, политических лидеров, военачальников, родителей и простых верующих. Мнения ученых, выраженных в тафсирах играли важную роль в повседневной жизни мусульман, поскольку они стремились понять и перевести смысл текста Корана как практическое руководство в регулировании своих поступок и поведений.

М.Э. Конурбаев и С.М. Конурбаев в своей статье, анализируя несколько примеров герменевтического толкования отдельных частей книги «Насихат аль-мулюке» ал-Газали «с опорой на один из ключевых столпов обоснования справедливого правления, а именно — «знание о земной жизни», отмечают: «Более того, само прочувствованное через эмоциональное восприятие понятие «знание о земной жизни» позволяет лучше понять сущность ассоциативного с ним термина «покорность» («вода покорности»), поскольку подразумевает безусловное следование этому знанию, что, в свою очередь, становится для верующего «верным путем в Рай». Одновременно, эта «покорность» и это «знание», которые султан должен использовать для того, чтобы поливать «древо веры» яснее представляются читателю в качестве «основы справедливости», которая выражается в деяниях султана, который ставит выше ценности будущей жизни, по сравнению, с жизнью текущей, и настаивает в своих деяниях, чтобы его подданные так же оценивали свою жизнь» [6].

Аль-Газали был одним из известных аш‘аритских мутакаллимов, который в более систематизированной форме излагал свои мысли о *та’виле*. Для него, понимание внутренних смыслов стихов Корана осуществляется посредством этого аллегорического приема интерпретации, который на арабском языке означает «возвращение к начальному значению». Эта мысль подтверждается ал-Газали в его книге «Канун ат-та‘вил», где он писал, что та‘вил - это «истина, к началу которой ведет высказывание, и интерпретация информации есть сама информация, полученная через него (т.е. та‘вил – А.А.), а интерпретация вопроса это то же действие, которое подчинено ему» [7]. В другом своем труде «Илджам ал-‘аввам ‘ан ‘илм ал-калам» ал-Газали дает такое определение та‘вила: «Это разъяснение смысла после устранения его внешного понимания, что совершается либо простолюдинам с самим собою, либо ученым с простолюдином или с самим собой в разъяснении мнений между двумя сторонами» [4].

Та‘вил как тафсир широко применяется в разъяснении гносеологических и эпистемологичих проблем почти всеми мыслителями мусульманской философии. А.А. Игнатенко, рассматривая таъвил как средство обозначения интерпретации священного текста, отмечает, что «для обозначения истолкования Ар-Рази употребляет слово та’виль, оно является названием определенного метода интерпретации сакрального Текста, при котором его содержание понимается метафорически... Принцип та’виля достаточно прост: говорится одно, подразумевается другое. Например, говорится «рука», подразумевается «власть» или «сила», или «поддержка». И в этом уже заложена проблема. Метафорическая интерпретация всегда субъективна. И ее адекватность Божественному замыслу может быть подвергнута вполне обоснованному сомнению и отрицанию» [8].

Тем не менее, ал-Газали не воспринимает всякий род та‘вила, он уверен в истинности толкования ученых-мутакаллимов, а все остальное, особенно те, которые выходят за рамки самого священного текста и Сунны, не признает: «Та’вил в выражениях последних факихов и

мутакаллимов -это буква слова о возможности наиболее вероятного в сторону возможного наиболее предпочтительного для доказательста того, что необходимо. Это есть та‘вил, вокруг которого люди ведут спор по многим повествовательным и искомым вопросам. Из них правильный та‘вил тот, который соответствует тому, на что указывали тексты Корана и Сунны, а то, что противоречит им, этот та‘вил порочный» [7].

Такого рода толкования ал-Газали выполняет в рамках учений других идейных школ Ислама, в частности, он построил понимание и толкованин Корана на основе аш‘аритской теологии и гностики суфизма. Под первым предположением подразумевается отход от аш‘аритской концепции, основанной на кораническом тексте о природе и сущности Бога, а под вторым - цель человеческого существования на земле, чтобы осознать счастье в загробной жизни. Первым, что бросается в глаза, ал-Газали считает Коран источником истины, подчеркивая сущность Корана как слова Аллаха (*калам Аллах*), который содержит весь смысл Его слова, а Его Слово означает его знание. *Калам Аллах* (Слово Бога) в единственном числе охватывает весь смысл Корана, а также Его знание в единственном числе охватывает все знания и они неотделимы от Его знания о том, что есть на небесах и на земле. На основе этого суждения и цели Корана ал-Газали классифицирует науки (знания) Корана в «ал-Рисала ал-ладунийа» на парные категории: 1) науки (знания), которые приходят в присутствии человека *(хузурийа*) и науки (знания), которые приобретают (*хусулийа*); 2) знания откровения (*шар‘ийа*) и рациональные (*‘аклийа*); 3) теоретические (*назарийа*) и практические *(‘амалийа*) [9].

Это вдобавок к тому, что он делит все знания на внешнее и сущностное. Для того, чтобы внести ясность в эти герменевтико-эпистемологические вопросы, ал-Газали разъясняет, что язык является тем средством, который может выявить внешнее значение текста. Эффективность языка начинается с выявления уровня звуков и заканчивается на поле семантики на основе языка Корана в пяти отраслях науки: махаридж ал-хуруф (фонетика); наука, которая имеет дело с тем, как читать текст; лингвистический подход к толкованию Корана (филология); наука, которая изучает слово во всех его аспектах, *и‘раб ал-Куран*, наука о кира’ат (синтаксис) и последнее, это эзотерическая экзегеза (та’вил) [10]. Ал-Газали об этом довольно пространно разъясняет в «Джавахир ал-Кур’ан», где, в частности, отмечает: «Далее, прилежащая к нему (наука о чтении – А.А.) в ранге -это наука о языке Корана. Это наука, которая включает в себя, например, перевод Корана и близкая к нему наука о незнакомых (или необыкновенных) словах Корана. Рядом с ним в этом ранге находится наука об изменении флексий Корана (*ал-и‘раб*), коим является грамматика и она, с одной стороны, стоит после нее, потому, что *ал-и‘раб* стоит после *ал-му‘раб* (изменяемый по флескиям), но по рангу расположена ниже нее, ибо это подобно тому, что следует за языком Рядом с наукой рецитаций есть наука о внешней экзегезе Корана. Это последний класс в ранге Корана, который находится рядом с жемчужиной» [10].

Необходимо отметить, что не только в указанном своем труде, но и в других подобных своих произведениях, например «ал-Манхул мин та‘ликат ал-усул», ал-Газали довольно подробно и скрупулезно разрешает вопросы языкознания, ассоциируя его с гносеологическими и эпистемологичесими концепциями. Обсуждая, например, такой вопрос, как теорию о происхождении языков, он перечисляет два основных мнений о том, как развивались языки. Первый подход отстаивает идею, что язык, как и любое другое знание, происходит от Бога непосредственно. Те, кто защищает эту точку зрения, опирается на стих Корана, в котором говорится, что «Аллах научил Адама всем именам» [11]. Во втором подходе утверждается, что языки были обычными явлениями. Но первая группа опровергла позицию последних, объявив слово «обычный» парадоксальным.

Ал-Газали привел эту дискуссию к кульминации, примиряя обе позиции. Это, на его взгляд, может быть и то, что язык в его начальном этапе развития был обычным; это обычное начало могло быть возможным благодаря другим существам, которые были созданы до Адама. Ал-Газали утверждал, что вышеуказанный коранический стих «появился», чтобы указать на не-условность языка, но это не было решающим фактором [12]. Отметим, что в классификации этих методов толкования, ал-Газали включает и метафорический приём тождества *тамсил* (образность) и *мисал* (образ). Тем самым, мыслитель попытается найти другие пути развязки проблем эпистемологии и гносеологии. Концепция мисал-тамсил в ракурсе герменевтических методов толкования тафсир-та‘вил представлется мыслителю более подходящей. А.А. Игнатенко, рассматривая вопрос о знаке на примере динара во взглядах ал-Газали, отмечает, что «знак в такой интерпретации всегда конкретен, даже если он универсален (точнее, полагается таковым)... Этот знак, называемый динар, оказывается своего рода образцом для всех остальных предметов, которые могут оказаться динарами, а могут, кстати сказать, и не оказаться таковыми. В дальнейшем этот образец (можно ли о нем сказать, что он общий или частный? Скорее, он конкретный) прилагается к разным предметам и человек научается правильно это делать» [13].

Структуру такого рода герменевтики во взглядах ал-Газали описал в своем «Джавахир аль-Коран», является производной от его скептицизма, который, как декартово сомнение, приводит к отказу от исходных знаний и, следовательно, к опровержению начальных вариантов интерпретации Корана. В его интерпретации концепции и смысл коранического текста предполагают наличие объекта, который можно обнаруживать в буквальном смысле этого слова, т.е. чем больше буквально наше понимание текста, тем более ближе к пониманию

сообщение или откровение Бога. Если мы хотим понять смысл текста из его буквального (*харфийа*) смысла, то должны быть *карина* (привходящие свойства, контекст), или языковые знаки, чтобы объяснить его. Например, в переносе значения *мансуха* (отмененное положение) в сторону *насха* (отмена положения), т.е. от общего к частному, или от *муджмаля* (обобщенное) к *муфассалю* (обособленное) должны обязательно присутствовать языковые знаки. В этом случае, интерпретатор может непроизвольно совершить сдвиг в сторону понимания смысла текста Корана без *карины*.

Этот герменевтический подход ал-Газали раскрывает в своем другом знаменитом труде «Сокрушение философов» и отмечает, что «не [может быть] принята универсальная идея (ма‘на кулли; халлян), которую вы полагаете пребывающей в разуме. Ведь в разуме пребывает только то, что пребывает в чувстве, хотя в чувстве оно пребывает цельным, и чувство не в состоянии разделить (маджму‘; тафсиль) его, а способен его разделить разум». В чувстве воспринимаемое (именно о нем речь) пребывает неотъемлемым от привходящих свойств (кара’ин, ед. ч. карина), а то, что в выделенном, обособленном (муфаррад) виде находится в разуме, то представляет собой нечто постоянное; и оно, это постоянное (сабит), единообразно соответствует постигаемому разумом (ма‘куль) в единичных (и, по Аристотелю, однородных) вещах. В этом смысле называют вещь в чувстве частным, а в разуме – общим, или универсальным (джуз’и; кулли)» [13].

## ЛИТЕРАТУРА


1. Аль-Газали Абу Хамид. Ниша света / Аль-Газали Абу Хамид. [Электронный ресурс]. http://farhang-alshia.narod.ru/karbin/gaz_nur.html#3 07.02.2017.
2. Корбен А. История исламской философии / А. Корбен. -М.: Академический Проект и ООО «Садра», 2013. - С. 183.
3. Ал-Газали. Возрождение религиозных наук / Ал-Газали; пер. с араб. яз. книги «Ихйа’ ‘улум ад-дин». В десяти томах. – 1-й том, 2-е издание. – Махачкала: Нур-уль-иршад, 2011. – С. 77.
4. Ал-Газали. Илджам ал-‘аввам ‘ан ‘илм ал-калам / Ал-Газали. - Бейрут, 1993. – С. 47, 66.
5. Словарь арабско-русского языка. – С. 596.
6. Конурбаев М.Э. Историко-герменевтический очерк философии фальсафа на примере «Княжьих зерцал» (Наставления правителям) Абу Хамида аль-Газали ат-Туси: семантико-проайретический код / М.Э. Конурбаев, С.М. Конурбаев. [Электронный ресурс]. Сервис plus, 2015. -№ 2. – С. 86.
7. Ал-Газали. Канун ат-та‘вил / Ал-Газали. -Бейрут, 1993. –С. 3-4, 7.
8. Игнатенко А.А. «Божественное» и человеческое в исламе / А.А. Игнатенко // Исламоведение. -2009. -№ 1 -С. 74.
9. Ал-Газали. Ал-Рисала ал-ладунийа / Ал-Газали // Маджму‘а раса’ил ал-имам ал-Газали. -Бейрут, 1986/1406). -Т. 4. – С. 107.
10. Ал-Газали. Джавахир ал-Кур’ан / Ал-Газали - Бейрут, 1999/1411. –С.36-37.
11. Коран. 2:31
12. Ал-Газали. Ал-Манхул мин та‘ликат ал-усул / Ал-Газали. - Дамаск, 1970. – С. 71-72.
13. Игнатенко А.А. Зеркало ислама / А.А. Игнатенко. -М.: Русский институт, 2004. –С. 112, 113.


## АҲАМИЯТИ ГЕРМЕНЕВТИКА ДАР ЭПИСТЕМОЛОГИЯИ ҒАЗОЛӢ


Бояд қайд намуд, ки барои Ғазолӣ Қуръон сарчашмаи ҳақиқат аз бисёр ҷиҳат мебошад, чунки он ченакҳои зиёде дорад ва бо ёрии омӯзиш ва тафсири бахшҳои гуногуни донишҳо онро метавон дарк кард. Оиди пажӯҳиши худамон мо кушиш менамоем, ки аҳамияти герменевтикиро дар эпистемологияи Ғазолӣ бо воситаи таҳлили *тафсир ва таъвил* дида бароем, ки айнан онҳо маънии экспликатсия ва тафсирро доранд. Инчунин бояд қайд намоем, ки мафҳуми «герменевтика» дар таълимоти файласуфони исломӣ, аз ҷумла таълимоти Ғазолӣ, вуҷуд надорад. Ба ҷойи он онҳо тафсир ва таъвилро истифода мебаранд.



**Калидвожаҳо:** Ғазолӣ, Қуръон, омӯзиш ва тафсири соҳаҳои гуногуни донишҳо, эпистемологияи Ғазолӣ, аҳамияти герменевтикӣ, муносибати герменевтиконаи Ғазолӣ.


## ЗНАЧЕНИЕ ГЕРМЕНЕВТИКИ В ЭПИСТЕМОЛОГИИ АЛ-ГАЗАЛИ


Следует подчеркнуть, что для ал-Газали Коран является источником истины во многих отношениях, потому что она имеет много измерений и может быть понятна с помощью изучения и толкования различных областей знаний. Применительно к нашему исследованию, мы попытаемся рассмотреть герменевтическое значение в эпистемологии ал-Газали через анализ *тафсира* и *та‘вила,* которые буквально означают экспликация, истолкование, разъяснение или комментарий. При этом необходимо отметить, что как таковое понятие «герменевтика» в учении мусульманских философов, в том числе ал-Газали, отсутствует. Вместо нее они как раз используют вышеуказанные тафсир и та’вил.



**Ключевые слова:** ал-Газали, Коран, изучение и толкование различных областей знаний, эпистемология ал-Газали, герменевтическое значение, герменевтический подход ал-Газали.


## THE IMPORTANCE OF GERMENEUTICS IN AL-GAZAL EPISTEMOLOGY


It should be emphasized that for al-Ghazali the Qur'an is the source of truth in many respects, because it has many dimensions and can be understood through the study and interpretation of various fields of knowledge. As applied to our study, we will try to consider the hermeneutic meaning in al-Ghazali's epistemology through an analysis of tafsir and ta'wila, which literally means explication, interpretation, clarification or comment. It should be noted that as such, the concept of "hermeneutics" is absent in the teachings of Muslim philosophers, including al-Ghazali. Instead, they just use the above-mentioned tafsir and ta'wil.



**Key words:** al-Ghazali, Qur'an, study and interpretation of various fields of knowledge, al-Ghazali epistemology, hermeneutic meaning, hermeneutic approach of al-Ghazali.



**Сведения об авторе:** ***Гулов Исломиддин Файзаъмадович*** –Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, соискатель кафедры философии. Телефон: **918-87-55-64**

# САРЧАШМАҲОИ ҒОЯВИИ ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

*Абӯбакри Мирзоаҳмади Грезода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ахлоқ яке аз масоили умдатарини афкори фалсафӣ аст, ки таваҷҷуҳи аксари мутафаккиронро дар ҳама давраҳои рушди фалсафа ба худ ҷалб намуда, имрӯз низ мубрамияти худро нигоҳ доштааст. Бисёре аз файласуфон дар қатори масъалаҳои «ҳастӣ», «маърифат», «араз», «ҷавҳар», ахлоқро низ аз масоили умдатарини улуми фалсафӣ донистаанд. Яке аз намояндагони машҳури фалсафаи машшоия Хоҷа Насируддини Тӯсӣ маҳсуб мешавад, ки таълимоти ахлоқии ӯ арзиши баланди илмӣ дорад.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ таълимоти файласуфони мактаби машшоия, аз қабили Ибни Сино, Форобӣ ва Абӯалӣ Мискавайҳро таҳқиқ намуда, дар баробари онҳо ақоиди ахлоқии худро баён намудааст. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки мутафаккир на дар заминаи хушку холӣ, балки дар асоси таҳлил ва қиёсҳои ақливу мантиқӣ осори пешгузаштагони худро матраҳ намуда, назариёти арзишманде ба мерос гузоштааст.

Хоҷа дар таълифоти ахлоқии худ бештар аз сарчашмаҳои юнонӣ ва эронии пеш аз ислом истифода кардааст. Мутафаккир ин сарчашмаҳоро дар қиёс ба таолими ислом ва андешамандони макотиби фикрии фарҳанги исломӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Албатта, ин ба он маъно нест, ки Хоҷа афзалияти хосса ба манбаъҳои пешин дода, ба сарчашмаҳои исломӣ камтар таваҷҷуҳ карда бошад. Мушоҳида мегардад, ки ӯ аз сарчашмаҳои динӣ ва махсусан исломӣ низ, баҳраи бисёр бурда ва талош кардааст, ки моҳияти дидгоҳи ахлоқии худро мустақиман аз ин се равия тарҳрезӣ намояд. Аз ҷумлаи китобҳое, ки дар шаклгирии ин навъ навиштаҷоти ахлоқӣ назди Абӯалӣ Мискавайҳ, Форобӣ ва Хоҷа Тӯсӣ нақши бисёр муҳим доштанд, ин осори Арасту, аз ҷумла рисолаҳои ӯ «Ахлоқи бузург» ва «Ахлоқи Никомах», аз сарчашмаҳои эронӣ ва маҷмӯаи китобҳои форсӣ «Андарзнома» ё «Пандномаи Ардашер» ва «Номаи Тансир», афкори Ҳинди бостон, сарчашмаҳо ва таолими исломӣ ва ғайра метавон ном бурд.

Аз таҳқиқи осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бармеояд, ки ӯ бо як маҳорати олӣ ва мӯшикофона сарчашмаҳои зикршударо истифода карда, низоми ахлоқиро ба манзалати чораҳои фалсафӣ барои барқарории тавозун ва муқобил бо фикру андешаҳои фақеҳон дар заминаи тарбияти динӣ ва ахлоқӣ пешниҳод кардааст. Дар масъалаи ахлоқ Хоҷа бо баъзе мутафаккирон ва файласуфони динӣ ихтилофи назар дорад, зеро андешаҳои ахлоқии Хоҷа аз дигарон ба куллӣ фарқ мекунанд. Чуноне ки зикр кардем, назарияи ахлоқии дигар мутафаккирон ва файласуфон аз як сарчашма оварда мешаванд, вале аз Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз маҷмӯи сарчашмаҳои зиёди ахлоқӣ бунёд ёфтааст. Ӯ маъхазҳои эронӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва исломиро мавриди барассӣ қарор дода, барои шогирдон ва талабгорони ахлоқ, рисолаҳое бо номи «Ахлоқи Носирӣ» ва «Ахлоқи Муҳташам» таълиф намудааст. Андешаи фавқро донишманди эронитабор Дабоши Ҳамидӣ бо чунин тарз баён менамояд: «Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, барои он ки низоми ахлоқии мустақили худро аз иттиҳомҳои ғайридинӣ ва зиддиисломӣ будан бираҳонад, кӯшиш кардааст дар таркиб ва таълифотҳои хеш Қуръон ва ҳадисҳоро низ дар канори сарчашмаҳои эронӣ, юнонӣ ва ҳиндӣ истифода барад» [1]. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар таълифи китоби худ «Ахлоқи Муҳташам» аз «Ахлоқи Никомах»-и Арасту, рисолаи Абӯнасри Форобӣ «Мадинат-ул-фозила» ва рисолаи тарҷумашудаи Ибни Муқаффаъ ба номи «Одоби ал-ваҷиз ал-валид» истифода кардааст. Ба воситаи рисолаи Ибни Муқаффаъ Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ахлоқи зардуштиёнро мавриди баррасӣ қарор дода, онро бо забони форсӣ тарҷума намудааст[2]. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ таълимоти ахлоқии Абӯалӣ Мискавайҳро ҳамчун сарчашмаи асосӣ истифода намудааст. Дар «Ахлоқи Носирӣ» Хоҷа Насируддини Тӯсӣ таҳти таъсири андешаҳои «Ахлоқи Никомах»-и Арасту рисолаҳои худро ба итмом расонидааст.

Ҳар бобу зермавзӯъҳои «Ахлоқи Муҳташам» бо ояте аз Қуръони карим оғоз мешавад, ҳам суханони файласуфон ва муҳаққиқони Юнони қадим ва Эрони бостонӣ ҳам дар ин асар таҳлил ёфтаанд. Ба ибораи дигар, андешаҳои ахлоқии исломӣ ва юнонӣ дар ин рисола мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтаанд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ин рисолаи ахлоқии худро барои Насируддини Абумансури Муҳташам таълиф намудааст. Насируддин Абӯмансури Муҳташам дар он замонҳо шоҳи Қаҳистон буд, ки дар Эрони имрӯза воқеъ аст. Аз мазмун ва муҳтавои рисола бармеояд, ки Насируддини Абӯмансур дар таҳия ва фаслбандии бобҳои он саҳми худро гузоштааст. Ҳатто омадааст, ки оғоз ва анҷоми зерфаслҳоро худ интихоб мекардааст ва баъзе аз мутафаккирон ривоят кардаанд, ки Насируддини Абӯмансури Муҳташам навиштаҷоти Хоҷа Насируддини Тӯсиро пеш аз чоп кардан мутолиа намуда, баъд нашр мекардааст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ «Ахлоқи Мухташам»-ро дар 40 боб ҷой намуда, дар оғози ҳар як боб ояте аз Қуръони карим ва дар идомаи он ҳадисҳои Паёмбар (с) ва ҳамчунин имомони шиъаро овардааст. Ба ҳамин сабаб «Наҳҷ-ул-балоға» ва «Саҳифаи саҷҷодия»-ро низ ҳамчун сарчашма ва далел истифода намудааст. Хизмати мутафаккир дар ин рисола аз он иборат аст, ки тамоми оятҳои Қуръони каримро ва аҳодисҳои Паёмбарро (с) бо забони форсӣ тарҷума намуда, барои мардум сода баён кардааст, то ки оммаи мардум онро бе мушкилӣ мутолиа карда, аз он бемамониат баҳра баранд. Дар тамоми бобҳои ин рисола Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз сарчашмаҳои исломӣ ва ғайриисломӣ истифода бурдааст, аммо дар ҳарду маврид талош кардааст, ки аз миёни ин арзишҳои ахлоқӣ суханҳои муътабари онҳоро сода ва оммафаҳм ба хонанда пешниҳод кунад.

Дар охири рисола Хоҷа маърифати Худованди ҷ/ҷ, Паёмбар (с) ва имомони шиаро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар назарияи ахлоқии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ду унсур «ҳуб» ва «буғз» ё «ишқ» ва «нафрат» нақши бисёр муҳим доранд. Ба ақидаи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, ҳамаи рафторҳо ва вобастагиҳои инсониро метавон бар асоси ин ду унсур таҳлил кард. Ӯ ҳама шогирдони худро ба муҳаббат ва ростдорӣ ба некон ва нафрат бо бадкорон даъват кардааст. Дар ривояте омадааст, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, дар ин рисолааш ба шогирдони худ чунин таъкид кардааст: «Аз он ишқ зарурати иттиҳод ва иттифоқ ва аз дурӣ кибр ва нифоқ бармехезад»[1,60]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Хоҷа ба шогирдони худ ҳамеша якдилӣ, якдигарфаҳмӣ ва бо ҳам муттаҳид шуданро таъкид мекардааст, ки ин андешаҳои инсонгароёнаи ӯ имрӯз низ аҳамият ва арзиш доранд. Дар баробари ин, мутафаккир аз кибр ва нифоқ дурӣ ҷустанро ба сароҳат баён медорад, зеро нифоқ ин дурӯягӣ, ҷудоӣ андохтан байни ду рафиқ, мунофиқӣ, хусумат ва душманӣ мебошад. Чуноне ки қайд намудем, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ талош кардааст, ки аҳли илм ва мардум нақши ин ду унсурро хуб дарк кунанд. Бар асоси масъалаҳо нишон медиҳанд, ки на фақат дар масъалаи ин ду унсур: «хуб» ва «буғз» ё «ишқ» ва «нафрат» таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, балки ба додани ангезаҳои лозим барои такмили феъли ахлоқӣ низ саъю талош кардааст. Усули ҳамаи андарз ва панду насиҳатҳоеро ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар «Ахлоқи Мухташам» матраҳ кардааст, чунинанд:

- Он гоҳ ки мардум Худояшонро бишносанд, дӯстонашонро дӯст бидоранд, аз душманонашон мутанаффир бошанд, ба уммат пойбанд бимонанд, омодаи ҷиҳод дар роҳи Худоянд, ки ҳамоно сирри ниҳоии ҳама инсонҳост. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар чунин назария буд, ки ҳардуи инҳо бояд бо якдигар боробар бошанд, чунки шарофати илм ва амали солеҳ итоат аз Худованд ва посдории илму амали солеҳ мебошад.
- Дуо ва садақа дар роҳи Худованд подоши дунявӣ ва ухравӣ доранд.
- Тарс аз Худованд ва зуҳд ду фазилатеанд, ки инсон бояд дар хеш бипарварад.
- Таваккул ба Худованд беҳтарин корест, ки шахси парҳезкор метавонад дар корҳои рӯзонаи худ анҷом бидиҳад ва фақат дар ин сурат аст, ки ба анҷом додани хайр ва парҳез аз шарр мутамоил мешавем.
- Ситамгарӣ ва беадолатӣ фурумоятарин разилатҳое ҳастанд, ки инсонҳо бояд аз онҳо иҷтиноб кунанд.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар рисолаи «Ахлоқи мухташам» ҳамчунин боберо дар бораи дунё ва манфиатҳои он таълиф кардааст ва дар бораи аҳамият ва арзиши тақво чунин мегӯяд: «Инсони парҳезгор ҳамвора барои охират кӯшиш ба харҷ медиҳад ва на барои ҷаҳони гузаро, чунки ин дунё фанопазир, нестшаванда аст». Дар мавриди бойигарӣ ё сарватҷамъкунӣ аз роҳи номашрӯъ чунин мефармояд, ки:

- Сарватҷамъкунии бад ё шарр ғайризарурӣ ва беҳуда аст. Аз ҳирс комилан бояд иҷтиноб кард, факр бар ғано тарҷеҳ дорад.
- Ростгӯӣ беҳтар аз дурӯғгӯӣ ва амонатдорӣ беҳтар аз хиёнаткорӣ аст.
- Хушахлоқӣ, бурдборӣ, гузашт ва фурӯ бурдани хашм, ғазаб аз ҷумлаи волотарин фазилатҳоанд.
- Шахс набояд ҳасуд ва кинатуз бошад.
- Тавозуъ фазилати воло ва такаббури хилофи он аст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар рисолаи худ масъалаи орзу кардани бесуду бемояро мазаммат карда мегӯяд: «Орзуҳои худро муҳор кунед ва ҳамвора иззати хешро дар назар дошта бошед, хаёлот ва орзуҳои хоме, ки натиҷа ва суд бабар намеоранд». Аз ин ҷиҳат таъкид мекард, ки аз чунин орзу ва хаёлот бипарҳезанд, чунки орзуҳо ва хаёлоти бемантиқ ва беҳуда инсонҳоро ба бемориҳои рӯҳӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин мефармояд, ки иззати хешро дар назар бояд дошт, яъне орзуҳои хешро ба қадри муайян лаҷом зананд, ки иззат ва обрӯи хешро аз даст надиҳанд. Ба қадри муайян ва эътидол орзуву хаёл карда, ҳадду ҳудуди иззати худро нигоҳ доранд.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар масъалаи садоқат мефармояд, ки «Садоқат бояд аз тариқи мусоҳибат бо дӯстони нек ва оқилон парвариш ёбад, баръакс инсон бояд аз омаду шуди бисёр бо ҷоҳилон ва бадкорон бипарҳезад». Садоқате, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар назар дорад, ба воситаи мусоҳиба, муколама, ҳамсуҳбат шудан бо шахсони боилму маърифат, дӯстони неку хушахлоқ, оқилону олимон ба даст меояд ва рушд меёбад. Ба ақидаи ӯ, садоқат дар ҳамаи инсонҳо вуҷуд дорад ва баъзе инсонҳо намехоҳанд садоқатро дар худ парвариш кунанд. Баръакси ин Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дурӣ ва парҳез карданро аз ҷоҳилон ва бадкорон мояи саодат ва хушбахтии инсонҳо мешуморад.

Дар сарчашмаҳо ва манобеи илмӣ омадааст, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ рисолаи «Ал-адаб-ул-ваҷиз ал-валид-ул-сағир»-и Ибни Муқаффаъро ба забони форсӣ тарҷума карда, ҳамчун сарчашма истифода кардааст. Ин рисолаи ибни Муқаффаъ роҳнамои ахлоқӣ ва маънавии мухтасарест, ки барои кӯдакон навишта шудааст. Ибни Муқаффаъ ин рисоларо барои писараш таълиф намудааст ва дар оғози он дар зарурати итоат аз Худованд ба хитоб ҳушдор дода, сипас ба «сабр дар бало» ба манзалаи дувумин андарз пардохтааст. Ибни Муқаффаъ дар рисолаи «Ал-адаб-ул-ваҷиз ал-валид-ул-сағир» панҷоҳ андарзи ахлоқиро меоварад, ки ҳамаи он бо ибораи «Эй писарам» оғоз мешаванд. Барои намуна: «Эй писарам! Бидон, ки ҳар кӣ дарвеш шавад, носиҳон ӯро муттаҳам мекунанд, дӯстон, ҳатто зан дар ҳаққи ӯ бад шавад. Гуноҳи ӯро мастур ва махфӣ надоранд, ки дарвеш маҳалли тухмат ва суоли зан бошад, дар ин сурат мардумон шуҷоати дарвешро ба ҳамоқат ном баранд. Саховати дарвешро ба фасод ва бетадбирӣ ҳамл кунанд. Ҳалимии ӯро заифӣ бипиндоранд ва виқори ӯро, суботи ӯро балодат шуморанд. Фасоҳати ӯро ҳазар ва ҳазиён хонанд ва камсуханӣ ва хомӯшии ӯро гунгӣ ва бастазабонӣ донанд» [1,557].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ боз як рисолаи бузурге бо номи «Ахлоқи Носирӣ» таълиф намудааст, ки бузургтарин ва машҳуртарин осори ахлоқии ӯ ба шумор меравад. Бешубҳа, аксарияте аз муҳаққиқон гуфтаанд, ки таъсиргузортарин китоб дар навъи худ аст [3,3]. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, ҳангоме ин китобро навишт, назди ҳокими исмоилӣ Носируддин буд, ҳатто номи китобро низ ба номи ин шахсият гузоштааст. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар муқаддима ва пешгуфтори ин китоб ибораҳои ситоишомези бисёр дар бораи исмоилиён ва шахсияти Носируддин навишта будааст. Аммо дар давраи ҳамлаи муғулон ва пайвастан ба дарбори Ҳалогӯхон ҳама он ибораҳои ситоишомезеро аз муқаддима ва пешгуфтори ин китоб ё бардоштааст ва онро аз сари нав бознигарӣ кардааст. Ин тағйирот дар ин китоб таваҷҷуҳи аксарияти муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Баъзе аз онҳо муаллифро ба буздилӣ, риёкорӣ ва бесалоҳиятӣ муттаҳам кардаанд ва баъзе дигар, мисли Муҷтабо Минавӣ ва Ҷалолиддини Ҳаммоийӣ ин кирдори ӯро таърифу ситоиш намудаанд. «Ахлоқи Носирӣ» шомили як муқаддима, се мақола ва хулоса аст, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар муқаддима куллӣ ҷанбаҳои фалсафаро гузориш кардааст. Се мақолаи баъдӣ ба тартиб чунин омадаанд: мақолаи аввал «Дар таҳзиби ахлоқ», ки бар ду қисм аст: «мабодӣ» ва «Мақосид», мақолаи дуюм «Дар тадбири манзил», мақолаи сеюм «Дар сиёсати мудун». Мутафаккир дар хотимаи китоб васиятҳоеро, ки дар такя ба назарияҳои ахлоқии файласуфи Юнони қадим Афлотун кардааст, меоварад.

Ҳар он чи ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар масоили ахлоқӣ навиштааст, шомили илми «ҷомеашиносӣ» низ ҳастанд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аҳамияти ин илмро шомил бар ду мавзӯъ медонад: аввал, инсон яке аз узви ҷомеа аст, ё он масъалаҳое, ки бо инсонҳо вобаста аст; дуюм, инсоншиносии иҷтимоӣ мебошад, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ онро боз бар ду қисм тақсим намудааст аввал, шинохти мавзӯоти муштарак миёни аъзои хонавода; дуюм, шинохти мавзӯоти муштарак миёни мардумони шаҳру вилоят ва деҳот. Ин тақсимбандиҳои Хоҷа Насируддини Тӯсӣ асоси ҳикмати амалии ӯро далолат мекунад [4,40]. Китоби «Ахлоқи Носирӣ», ки дар таҳзиби ахлоқ навишта шудааст, мақолаи аввалаш ба ду қисм - «мабодӣ» ва «мақосид» тарҳрезӣ мешавад. Қисмати аввал, бар ҳафт бахш тақсим мешавад. Аввал, масъалаҳои ахлоқие, ки вобаста ба нафси инсонӣ ҳастанд, ки онро хостгоҳи корҳои бад ва нек донистааст.

Дуюм, вуҷуди нафс ва намудҳои зотии он, ба мисли «ҷавҳарият», «басотат» ва «таҷрид ё таҷарруд»-ро исбот карда, нафсро мадрак ба зоти хеш муаррифӣ кардааст, ки онро аз тариқи ҳеҷ як аз ҳавос наметавон дарк кард.

Фасли сеюм исботи муҷаррад будани нафси нотиқаи инсониро бар касоне сахт тохта, ки ҳадафи зиндагиро лаззат аз моддиёт медонанд ва аз неруи ақли худ низ барои дастёбии бештар ба имконот ва лаззатҳои моддӣ истифода мекунанд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ин намуд инсонҳоро касоне медонад, ки нафси шарифи хешро дар ихтиёри шаҳвати худ мегузоранд. Дар фасли чорум Хоҷа Насируддини Тӯсӣ масъалаи инсонро ҳамчун ашрафи махлуқот муаррифӣ кардааст. Ӯ дар ин бахш мақоми инсонро аз нигоҳи Қуръони карим ва ҳадисҳои Паёмбар (с), назарияҳои мутафаккирони то ислом ва баъди ислом баррасӣ намудааст. Фасли панҷум масъалаи камолот ва нуқсонҳои нафси инсониро арзёбӣ месозад. Дар фасли баъдӣ батафсил ба баёни камолоти нафс ва посухи эътирозҳо пардохтааст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ фасли ҳафтуми рисоларо ба таърифи мафҳуми хайр ва саодат ихтисос додааст. Дар масъалаи хайр мефармояд: «Хайр ду намуд аст: яке мутлақ ва дигаре баизофат». Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар масъалаи хайри мутлақ чунин ақида дорад, ки «мақсуд аз вуҷуди мавҷудот он аст ва ғояти ҳама ғоятҳо ӯст». Дар масъалаи хайри баизофат мефармояд: «Чизҳое, ки дар вусул бад-он ғоят нофеъ бошад. Аммо саодат ҳам аз қабили хайр аст валекин ба изофат бо ҳар шахс ва он расидани ӯст ба ҳаракати иродаи нафсонӣ ба камоли хеш. Пас аз ин рӯ, саодати ҳар шахс ғайри саодати шахси дигар буд ва хайр дар ҳама ашхос яксон бошад»[6,60].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ баъди он мавзӯи саодатро матраҳ намуда, онро мақсад, ғояи нафси инсонӣ донистааст. Албатта, таърифи саодат аз назари мутафаккирон ва афроди мухталиф гуногун мебошад. Хоҷа барои нишон додани назарҳои мухталиф дар боби саодат ақидаҳои гуногуни мутафаккиронро, аз ҷумла Арасту, Афлотун, Суқрот ва Равоқиёнро овардааст.

Яке аз масъалаҳои ахлоқӣ, ки таваҷҷуҳи мутафакиронро ба худ зиёд ҷалб кардааст, ин масъалаи «лаззат» ва «саодат» аст. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ низ лаззатро ба ду намуд: «инфиолӣ» (шармсорӣ, шармандагӣ, хиҷолат) ва «феълӣ» тақсим кардааст. Лаззати инфиолиро лаззати зудгузар ва мунфаилу дониста, лаззати феълӣ аз назарӣ ӯ, зотӣ ва номунфаъил тағйирёбанда нест. Ӯ саодатро аз намуди лаззати феълӣ донистааст. …

Мутафаккир бар нақши омӯзиш дар тарбияти ахлоқӣ такя кардааст. Ӯ бар ин назар аст, ки хулқ ва хӯй афродро имконияти тағйирдиҳанда доранд ва афрод метавонанд аз тариқи омӯзиш дигаргун шаванд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ андешаҳои ахлоқии Арастуро, ки барои ташаккули шахсияти инсон аз чаҳор фазилат «илм», «шуҷоат», «иффат» ва «адолат» ном мебурд ва инсон метавонад бо ин чаҳор фазилат ба комёбиҳо ноил гардад, эътироф кардааст. Ӯ ин масъаларо ҳамчун «санъат»-и инсонӣ ёд мекунад, ки метавонад нафси инсонро рушд диҳад. Хоҷа дар муқобили ин чаҳор фазилати неки ахлоқ чаҳор разилатеро пешниҳод кардааст, ки тазоди онҳо буда, «ҷаҳл», «ҷубн», «шарр» ва «зулм» ном доранд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ чунин менависад, ки «Чун инҳирофот роҷеъ ба ду навъ аст, яке ифрот дигаре тафрит аст. Пас ба ҳар як фазилате ду намуд разилате бошад, ки ҳар як фазилатҳои дар миёни ин ду разилат қарор гиранд, ки ҳар як разилат ду тараф дорад. Он ду разилате, ки ба илм вобаста аст, «сафаҳ» (камхирадӣ, бехирадӣ) бувад ва «буллаҳ», (нодонӣ, бефаҳмӣ) он ду разилате, ки бар зидди шуҷоатанд «таҳаввур» (бепарвой, бебокӣ) ва «ҷубн» (тарсончакӣ, буздулӣ). Ду разилате, ки бар зидди иффатанд, «шарр» ва «хумуди шаҳват» (аз ҳад зиёди шаҳват) ва дар адолат ин «зулм» ва «инзилом» (таҳаммули зулм ва ситам кардан) мебошанд» [4,119].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ адолатро аз ҳама фазилатҳо болотар муаррифӣ кардааст. Ӯ дар таърифи фарди одил менависад: «Одил касе мешавад, ки муносибат ва мусовот медиҳад чизҳои номутаносиб ва номутасовиро»[4,133]. Файласуф мафҳуми адолатро баробар ба мафҳуми «муҳаббат» медонист ва чунин ақида дошт, ки агар муҳаббат миёни афроди ҷомеа набошад, рафтори инсонҳо аз рӯйи адолат зарур мешавад. Зеро, агар афрод бо ҳам меҳрубон бошанд, ҳаргиз ноодилона ба ҳамдигар рафтор нахоҳанд кард. Дар ҳақиқат адолат дар муҳаббат ба вуҷуд меояд, чун агар муҳаббат байни мардум паҳн шавад, ниёз ба адолат мунтафӣ мешавад ва эҳтиёҷ ба адолат низ аз набудани муҳаббат мебошад. Ба ҳамин сабаб фазилати муҳаббат аз фазилати адолат волотар аст. Муҳаббат беш аз адолат ва инсоф ваҳдати иҷтимоиро муяссар месозад. Чуноне ки дар масъалаи муҳаббат Хоҷа Насируддини Тӯсӣ мефармояд: «Пас, маълум шуд, ки эҳтиёҷ ба адолат, ки акмали он аст, дар боби «муҳофизати низоми навъ» аз ҷиҳати фиқдони (асоси ин кор) муҳаббат аст, чи агар муҳаббат миёни шахсон намоён бошад ба инсоф ва интисоф (адлу дод, додгарӣ) эҳтиёҷ наяфзояд… ва тансиф (тақсим кардан, нисф, ба синфҳо ҷудо кардан) аз лавоҳиқ (пайвастаҳо, замимаҳо) таксир (бисёр кардан, зиёд намудан, афзоиш) бошад ва муҳаббат аз асбоби иттиҳод (як шудан, якдилӣ, ягонагӣ) пас, бад-ин ваҷҳ фазилати муҳаббат бар адолат маълум шуд» [4,259].

Бояд таваҷҷуҳ кард, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ маъноҳои бисёри хосеро муродифи муҳаббат дар назар дошта, ба мафҳуми «асабият» ба Ибни Халдун бисёр наздик аст. Аз ин намуд мафҳумҳо гоҳ ба маънои «виҷдони гурӯҳӣ» ё «эҳсосоти ҷамъӣ» таъбир мешавад. Дар ин масъалаи номбаршуда дар рисолаи худ суханҳои зеринро меоварад: «Қавом, мавҷудот ва низоми коинот ба муҳаббат аст, дармондагӣ, ночории мардум ба захираи фазилати адолат аз ҷиҳат фаввот шарафи муҳаббат аст, агарчи аҳли муомилот ба муҳаббати якдигар самимӣ бошанд. Инсофи якдигар бидиҳанд ва хилофи бадиҳо шаванд, низом ҳосил ояд»[4,149].

Ба андешаи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ҳар он чи ки аъзои ҷомеаро ба ҳамкорӣ бо якдигар ҷалб мекунад, ин нотавонии ҳар як аз онҳо дар расидан ба камол ба шакли инфиродӣ аст. Талаботҳои инсонӣ иборатанд аз: «лаззат», «нафъ» ва «хайр» ё таркиби ин се омил аст. Яъне, оғози ин се омил муҳаббат аст, ки муҳаббат дар байни инсонҳо талаби пайвастан ба дигарон аст. Пайвастан ба муҳаббат инсонро ба камол мерасонад ва дӯстиро миёни инсонҳо ба вуҷуд меорад, ки дӯстии хайр ё дӯстии воқеӣ аст. Бар ҳамин асос муҳаббат ба чаҳор намуд тақсим мешавад:

1. Муҳаббати аз «лаззат», ки «зуд бандад ва зуд кушояд».
2. Муҳаббати аз «нафъ», ки «дер бандад ва зуд кушояд».
3. Муҳаббати аз «хайр», ки «зуд бандад ва дер кушояд».
4. Муҳаббате, ки аз таркиби ин се ба вуҷуд меояд, ин «дер бандад ва дер кушояд».

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар ин масъала сухани хубе дорад: «Муҳаббат фақат дар байни одамиён барқарор нест, балки барои пайдоиши қавоми ҳама мавҷудот мебошад». Боз дар дигар ҷой мефармояд: «Муҳаббати муқтазӣ қавом ва камол аст». Яъне, хоҳанда ё талабкунанде, ки фасодро мехоҳад ва ба воситаи ин фасод ғолибиятро ба даст меорад, тибқи суханони пурмуҳтавои Хоҷа аз нуқсон ва заифии ӯст. Чуноне ки гуфтем, муҳаббати муқтазӣ қавом ва камол аст, яъне муҳаббате, ки хоҳанда ва талабкунандаи он ростӣ, устуворӣ ва пойдории он бошад, ӯ ба камол хоҳад расид.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ бо радди нуқтаи назари касоне, ки калимаи «инсон»-ро муштақ аз «нусён» медонистанд, онро баргирифта аз «инс» медонист ва дар чунин ақида буд, ки «Инсӣ табиии яке аз хосиятҳои мардум аст ва камоли ҳар чиз дар изҳори хосияти худ бувад». Яъне, масалан, фазилати намози ҷамоат бар намози танҳоӣ баробар аз ҳамин амр аст. «Ки то чун дар рӯзе панҷ бор мардумон дар як мавзӯъ ҷамъ шаванд ва иштироки

эшон дар ибодат ва дигар ибодатҳо чун муомилаҳо сабаби таъкиди он истинос (унс гирифтан, хӯ гирифтан) шавад, бошад ки аз дараҷаи инс ба дараҷаи муҳаббат расад».

Бинобар ин Хоҷа мефармояд, ки муҳаббат навъи талаб аст. Дар ҷойи дигар чунин ишора кардааст, ки талаб «шараф, фазилат ва камол» мебошад. Дарвоқеъ талаб «талаб иттиҳод бувад бо чизе, ки иттиҳод бо ӯ дар тасаввури толиб камол бошад» ва ишқ низ ҳамоно ифрот дар муҳаббат аст.

Ин масъалаи ишқро Хоҷа Насируддини Тӯсӣ баррасӣ намуда мегӯяд, ки ишқ, албатта, ба ду намуд аст:

1. «Мазмум», ки аз ифрот талаби лаззат хезад. Яъне, муҳаббатро аз ҳад зиёд истифода бурдан дар ин вақт хоҳишу талаби лаззат бениҳоят зиёд мешавад, ки ба ҳадди ифрот мерасад.
2. «Маҳмуд», ки аз фарт (зиёдӣ) талаби хайр хезад.

Агарчи дар ин масъала баҳси Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар боби дӯстӣ ва муҳаббат такя ба рисолаи «Ахлоқи Никомах»-и Арасту кардааст ва дар баҳси ирфонӣ сухан гуфтан дар бораи «ишқи том ва муҳаббати илоҳӣ» аз Арасту комилан фосила гирифтааст. Дар ин маврид ба дидгоҳи Афлотун наздиктар шудааст ва ҳангоми баррасӣ ба Афлотун такя намудааст. Дарвоқеъ бо он ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар баёни муҳаббат аз фард ва робитаи ӯ бо иҷтимоъ оғоз карда ва муҳаббатро на танҳо амри лозим барои иҷтимоъ, ки муқаввам* ҳаёти ҳама мавҷудот медонист. Дар идома аз иҷтимоъ дур шуда ва муҳаббати ростинро дар инси инсонӣ бо Парвардигор ҷустааст.

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар поёни мақосид матлаберо ҳусни анҷоми баҳси худ оварда, шарҳ дар он нафсе, ки ороста ба фазоил шавад ва метавонад худро дар чунин вазъият ҳифз ва аз дастовардҳои ахлоқӣ муҳофизат кунад, шарҳ медиҳад. Ӯ шарҳи бисёр муфассал аз марҳилаҳои ҳифзи фазилатро оварда ва аз даст рафтани ҳар фазилатеро ношӣ аз иртибот бо бархе аз разилатҳо донистааст. Донишманд муҳофизати фазилатҳоро ба муолиҷаи бемориҳои нафсонӣ ташбеҳ кардааст ва дар масъалаи саодат мефармояд: «саодат се намуд бувад, яке «саодати нафсонӣ», дуюм «Саодати баданӣ» ва сеюм «саодати маданӣ», ки ба иҷтимоъ ва тамаддун тааллуқ дорад» [4,154].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ «роҳи нобуд кардани разилати ҷаҳли мураккабро хондани илми риёзӣ медонист ва дар ин қисмат ҳама намуди разилатҳоро, ки дар зеҳни хеш доштааст, ном бурдааст. Дар ин масир саъю кӯшиш кардааст, ки роҳи муолиҷаи онҳоро ҳам нишон бидиҳад»[1,73]. «Фоидатарин тадбире, ки дар ин роҳи ҷаҳли мураккаб пайдо кардааст, ин соҳиби ҷаҳл буд ва ҳаминро ҳам бар фароҳам овардани илмҳои риёзӣ чун ҳандаса ва ҳисоб иртиёз ба далели қотеи он, ки агар ин иршод қабул кунад ва дар он анвоъ ахз намояд. Аз лаззати яқинӣ, камоли ҳақиқат ва комёбии нафс хабардор шавад, ҳароина интиош дар зоти ӯ ҳодис гардад. Пас, чун бо мутақидоти (пешиниён)-и хеш афтад ва лаззати яқинӣ аз он мунтафӣ (ночиз) ёбад, шакро мадхалӣ муайян шавад. Пас, агар шарти инсоф риоят кунад ба андак рӯзгоре бар халали ақида вуқуф (ист, таваққуф) ёбад ва бо мартабаи ҷоҳилӣ ояд, ки ҷаҳли ӯ басит (сода) бувад, пас, ба маросими таълим қиём намояд»[4,175].

Дигаре аз осори ахлоқии ин мутафаккир «Авсоф-ул-ашроф» мебошад, ки моҳияти ирфонӣ дорад, дар он равиши баҳси ирфонӣ сурат гирифтааст. Файласуф ва мутафаккири форсу тоҷик Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар бораи ин рисола чунин гуфтааст: «Дар баёни авлиё ва равиши аҳли биниш, бар қоидаи соликони тариқат ва толибони ҳақиқат» таълиф шудааст. Ин рисола дар шаш боб навишта шудааст, ки ҳар боби он ба ғайр аз фасли охир ба шаш бахш тақсим шудааст.

Масалан, дар шарҳи тавзеҳи марҳилаҳои шашгона тайи тариқи ирфонӣ мегӯяд: «Дар марҳилаи шашум солик пас аз касби ҳама намуди фазоили ахлоқӣ ва убур аз марҳилаҳои қаблӣ саранҷом ба фано «**фи-Аллоҳ»** мерасад. Дар ҳақиқат дар ин марҳила солик ҳам ба мақсади талаби хеш расида ва ҳам ба саодати ахлоқӣ ноил шудааст [1,84].

Насируддини Тӯсӣ боз як осоре, ки моҳияти ахлоқӣ дорад, бо номи рисолаи «Оғоз ва анҷом» таълиф намудааст. Баъзе муҳаққиқон ин рисоларо аз улуми нафсонии ин мутафаккир табақабандӣ кардаанд. Агар ин рисоларо ҳамчун илми нафсонӣ бидонем, дар ин маврид ҳам моҳият ва ҳам шеваи баҳси ин рисола ахлоқӣ мебошад. Мутафаккир рисолаи «Оғоз ва анҷом»-ро ба дархости яке аз шогирдони хеш навиштааст, ки аз Хоҷа чунин хоста будааст: «Набзи аз он чи соликон роҳи охират мушоҳида кардаанд, аз анҷоми кори офариниш шабеҳи ба он чи дар китоб мастур аст ва бар забони анбиёву авлиё (а) мазкур» [1,75].

Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар ин рисола гуфтааст, ки роҳи охират ҳамон роҳест, ки инсонҳо як бор дар ибтидои зиндагии хеш аз он убур кардаанд. Чун дар ин ҷаҳон поя гузоштаанд ва онҷиро мебинанд ва мешунаванд қаблан дидаанду шунидаанд. Бо ин ҳол одамиён аз пай намудани дубораи ин роҳ икроҳ доранд, зеро убури авлиё худро фаромӯш кардаанд ва дучори навъи худфаромӯшӣ шудаанд, онҳо мепиндоранд, ки нахустин убури онҳост. Мутафаккир се неруеро дар бозмондани фард дар худфаромӯшӣ сабаб медонад: «шавиби табиат», мисли васвос ва ғазаб, «васвоси ибодат» монанди дилмашғулиҳои нафси ҳайвонӣ ва саргармиҳои фаъолиятҳои ношоиста, «навомиси амсила» ҳамчун пайравӣ аз

---

* Дар ин калима ба маънои қавомёфта омадааст. Ин калимаи қавомёфта дар фарҳангӣ тоҷикӣ ба маънои ростӣ, дурустӣ, устуворӣ, пойдорӣ ва адл омадааст.

шаётини инсӣ ё тақлид аз ҷоҳилони олимнамо. Мутафаккир ин худ фаромӯшии инсонҳоро сахттарин кайфарҳо медонад ва сахттарин кайфарҳо чизе нест ҷуз будан дар назди Худованд дар айни ҳол ғалат аз ӯ ва фаромӯш кардани зоти Иллоҳӣ.

Мутафаккир зиндагии инсонҳоро миёни шаби қадр ва рӯзи қиёмат медонист ва ба ин ақида буд, ки ду намуд марг вуҷуд дорад, «иродӣ» ва «табиӣ». Ба ақидаи ӯ «ҳар ки ба маргӣ иродӣ бимирад ба зиндагонии ҷовид зинда шавад». Ҳаёти мо дар ин ҷаҳон бо ҳиҷобҳое ҳамроҳ аст, ки замон ва макон аз он ҷумлаанд.

Мутафаккир дар рисолаи «Оғоз ва анҷом» инсонҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: аввал «собиқон ва росихон», ки аҳли ҳадафанд; дуюм «аҳли ямин», ки солиҳонанд; сеюм «аҳли шимол», ки бадкоронанд. Аз назари Хоҷа ҳама афрод, ҳатто ин се гурӯҳ низ, ки аз некукоронанд, дохили дӯзах ҳам шаванд, баъди ҷазову сазо ба биҳишт меравaнд, аммо гурӯҳи чорум, ки бадкоронанд дар дохили дӯзах ҷовидона мемонанд. Ҳама аз пули Сирот мегузаранд ва онҳое, ки камтарин лағзиш ё гуноҳ дошта бошанд, ба дӯзах суқут хоҳанд кард, дар ҳоле ки некукорон ба роҳат аз он убур мекунанд ва ба биҳишт меравaнд. Мутафаккир дар ин рисола тавсифҳои бисёр комил ва муфассалро аз биҳишт ва дӯзахро баён карда, талош кардааст ҳама воқеаҳои охируззамонро бо кумаки оятҳои Қуръони карим ва ривоятҳо шарҳу тавзеҳ диҳад. Ӯ подошҳои Худоро ба иқтизои раҳматаш ва кайфарҳои ӯро ба иқтизои адолаташ ёд мекард.

Аз баррасӣ ва омӯзиши мавзӯъ маълум мешавад, ки аксарият таълифот ва таълимотҳои ин мутафаккири барҷаста назарияи ахлоқии худи ӯст, ки аз андешаҳои ахлоқии юнонӣ, шиа, исмоилия, машшоия ва ирфонӣ баргирифтааст. Андеша ва афкори ахлоқии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар бештари таълифоташ ба чашм мерасанд ва имрӯз ҳам дорои арзиш ва аҳамияти хосса мебошанд.

Хоҷа забони форсиро барои таълиф намудани осори хеш қарор додааст ва ин интихобӣ ӯ барои мардуми хеш фоидаовар шуд. Агар бихоҳем феҳриствор ба аҳмият ва арзиши осори ахлоқии мутафаккир ишора кунем, метавон ба ин нуқта ишора кард: мутафаккир чуноне ки ба ахлоқ сулҳ бахшидааст, ахлоқро аз тамоми бояду набоядҳои шаръи ирфонӣ барои ҳамагон таҳлил намуда, фароҳам намудааст. Ӯ бо ин кори хеш дунболи барқарории ҳарчи бештар, оромиши иҷтимоӣ дар миёни гурӯҳҳои гуногуни мардум буд. Бинобар ин, набояд таъсири иҷтимоии дидгоҳи ахлоқии Хоҷа Насируддини Тусиро нодида гирифт. Ӯ саъю кушиш кардааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои эронӣ, пеш аз ислом ва андешаҳои ҳиндӣ ва юнонӣ, дар канори сарчашмаҳои динӣ, ҳамчун Қуръону ҳадисҳои Паёмбар (с), ин сарчашмаҳоро ҳамчун ҳуҷҷат истифода кардааст. Муҳаққиқон ба чунин нуқтаи назаранд, ки Хоҷа бо ин кори хеш ду ҳадафро дунболагирӣ кардааст. «Нахуст, фаро хондани ҳама намуди афрод ба рафтори ахлоқӣ, афроде, ҳатто агар пайравӣ аз ҳеҷ дин ҳам надошта бошанд. Дуюм, тавлиди манбаи дигар барои тавони иҷроӣ ва машрӯиятбахшӣ ба умур ва нафси инҳисории (иҳота шудан) он дар такфири (ба бединӣ нисбат додан) ҷурмӣ ва қишрӣ» [1,77,78] Ба ин тартиб, ошкор аст, ки назарияи ахлоқии Хоҷа мутафовит бо назарияи суннати ахлоқӣ бар таълими шаръӣ аст. Фазои тахайюли ахлоқӣ офарида, ки дар он ҳар фарди мусалмон ва ғайримусалмон метавонад ба макорими ахлоқӣ ороста шавад ва ахлоқӣ зиндагӣ кунад. Ӯ нишон дод, ки ахлоқ метавонад ба назарияе бадал шавад, ки як вазир, файласуф ва донишманд ба ёрии он машрӯият ва иқтидор биёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Муқаввам, дар китоби «Ахлоқӣ носирӣ»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – С.331.
2. Дабоши Ҳамидӣ. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ - файласуф/Вазир ва қазои ақлонии асраш / Дабоши Ҳамидӣ. – Теҳрон: Ҳукумат, 1386.Ҷ. 3. – 345 с. 56, 60, 73, 84, 75, 77, 78.
3. Муҳаммадтақӣ. Муқаддима барои «Ахлоқи Муҳташам»-и Тӯсӣ Насируддин / Муҳаммадтақӣ. – Теҳрон: Донишпажӯҳиш.. 1361. – 655. -С. 4, 557.
4. Ҷалолиддин Ҳаммойӣ. Муқаддимаи қадимии «Ахлоқӣ Носирӣ» / Ҷалолиддин Ҳаммойӣ // Маҷаллаи Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон. Шумораи 3. -1335.
5. Муҷтабои Минавӣ. Муқаддима бар «Ахлоқи Носирӣ»-и Тӯсӣ Насируддин / Муҷтабои Минавӣ. 1356. – 431 с. 40, 119, 133, 259, 149, 154, 175.
6. Ҳусейн Маъсуми Ҳамдонӣ. Устоди башар / Ҳусейн Маъсуми Ҳамдонӣ, Муҳаммадҷавводи Анворӣ. Пажӯҳишҳое дар зиндагӣ, рӯзгор фалсафа ва имли Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. –Теҳрон: Маркази пажӯҳиши мероси мактуб, 1391. – 1213 с.
7. Алӣ Акбари Вилоятӣ. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ /Алӣ Акбари Вилоятӣ.–Теҳрон: Амир Кабир, 1392. – 197 с.
8. Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Насируддини Тӯсӣ, файласуфи гуфтуг / Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. – Теҳрон: Ҳурмус, 1393. – 540 с.


**САРЧАШМАҲОИ ҒОЯВИИ ТАШАККУЛИ ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ ХОҶА НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ**


Дар мақола заминаҳо ва сарчашмаҳои ғоявӣ ва назариявии пайдоиш ва ташаккули таълимоти ахлоқии Насируддини Тӯсӣ, ки сабаби таълифи асарҳои барҷастаи ахлоқии ӯ «Ахлоқи Муҳташам», «Ахлоқи Носирӣ» «Оғоз ва анҷом», «Авсоф-ул-ашроф» гардидааст, арзёбӣ шудааст.



**РАЗВИТИЕ МОТИВАЦИИ САМООБРАЗОВАНИЯ ПРИ ПРИОБРЕТЕНИИ СТУДЕНТАМИ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ ОРГАНИЗАЦИОННОЙ СТРУКТУРЫ ОЛИМПИАДНОГО ДВИЖЕНИЯ**

В образовании достичь хорошего уровня знаний возможно только при активизации мотивации саморазвития студентов. Введение олимпиадного движения в процесс обучения студентов активно развивает их ассоциативное мышление, навыки общения и работу в команде, формирует черты состязательного характера и способствует отбору талантливых студентов для дальнейшей работы в научной сфере. Повышение качества проведения олимпиад обеспечивает формирование профессиональных компетенций студентов. Успех деятельности олимпиадного движения состоит в наличии эффективной системы его управления на вузовском уровне. Все этапы организации олимпиадного движения, включающие организационную деятельность, работу олимпиадных микрогрупп, и сами предметные олимпиады способствуют развитию креативности, а также усилению профессиональной востребованности выпускников.

**Ключевые слова**: олимпиадная среда; профессиональные и творческие компетенции; микрогруппа; олимпиадное движение.

**MOTIVATION DEVELOPMENT OF SELF-EDUCATIONWHEN STUDENTS ACQUIRE PROFESSIONAL COMPETENCIES IN THE DEVELOPMENT PROCESS OFORGANIZATIONAL STRUCTURE OF COMPETITION MOVEMENT**

It is possible to achieve a high level of knowledge in education only if self-development is encouraged. Introduction of a competition movement into the students' education process develops their associative thinking actively, communication and team workskills, forms traits of a competitive nature and facilitates the selection process of talented students for further work in scientific field. Improving the quality of competition holding ensures the formation of students' professional competencies. The success of the competition movement is presence of its effective management system at undergraduate level. All stages of the organization of the competition movement, including organizational activities, work of competition micro team sand subject competitions themselves, contribute to the creativity development and strengthen professional demand for graduates.

**Key words:** a competitionenvironment; the professional and creative competencies; the microteam;thecompetition movement

**Сведения об авторах**: ***Козьмина И.С.*** - кандидат технических наук, доцент кафедры теоретических основ электротехники, Национальный исследовательский университет «МЭИ». E-mail: kozminais@yandex.ru.

***Абдулкеримов С.А.*** – старший научный сотрудник кафедры управления и информатики Национальный исследовательский университет «МЭИ», E-mail: **top.df-mpei@yandex.ru).**

***Абдулкеримов М.С.*** - студент 1-го курса магистратуры Института электроэнергетики Национальный исследовательский университет. E-mail**: magabd777@yandex.ru**.

***Дододжанов А.А.*** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры Естественных наук Филиала НИУ «МЭИ» в г.Душанбе,. Телефон: **+992-93-737-04-60**, E-mail: **Samica _08@mail.ru.**

# ГЕНДЕРНАЯ СТРАТЕГИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ПАРАДИГМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Ганиева Орзу***
**Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова**

Каждая страна, провозгласившая приверженность основным демократическим ценностям, в контексте гендерного равенства вырабатывает свою модель развития с учетом своего исторического, культурного и политического опыта. Несомненно, главным достижением Республики Таджикистан в реализации Целей Развития Тысячелетия (ЦРТ) и Целей Устойчивого Развития (ЦУР), является разработка политики и принятие законодательных мер, с целью продвижения и расширения прав женщин [1,2,3,4]. Однако закрепление равенства в правах «де-юре» не означает практического равенства «де-факто», поскольку на пути реализации гендерного подхода требуются значительные усилия для становления гендерно-чувствительного общественного устройства. Особенно когда в условиях глобализации, содержание мужских и женских ролей в общественно- профессиональной деятельности и семье стремительно меняются, требуют переосмысления и изменений в восприятии и поведении людей. На этом фоне вопросы гендерного подхода все больше привлекают внимание общественности.

Различными аспектами данной проблематики в нашей стране в конце XX века занимались Ш. Шоисматуллоев, А. Куватова, М.Хегай, З. Диноршоева, Т. Бозрикова, М. Шарипова, М. Гафарова, Р. Набиева и другие. Авторы посвятили свои работы, главным образом, социологическому, историческому и философскому анализу изменений в таджикском обществе после распада Советского государства, повлиявших на гендерные отношения в обществе и семье [6], [10], [12].

В XXI веке, в связи со значительными изменениями в условиях глобализации и присоединения Таджикистана к различным международным Конвенциям, усиливается внимание исследователей и учёных к гендерной тематике. В работах Р. Бабаджановой, М.Давлатовой, З Усмановой исследовано влияние домашнего воспитания, уровня образования,

стереотипов и консервативных национальных традиций на воспроизводство гендерного насилия и дискриминации по признаку пола [8], [13].

Высоко оценивая вклад вышеперечисленных ученых в гендерные исследования в Таджикистане, необходимо все же отметить, что вопросы гендерных аспектов воспитания, анализ явлений и процессов таджикской традиционной и современной культуры, особенно вопросы формирования гендерной культуры у молодежи, недостаточно изучены таджикскими учеными. В своей работе мы рассматриваем гендерные аспекты в образовании, путем анализа прогресса гендерного равенства в системе просвещения Республики Таджикистан, как базового индикатора развития государства, в рамках достижений ЦРТ и курса на достижение ЦУР. Ведь общеизвестно, что уровень образования оказывает воздействие практически на все стороны жизни человека: работу, состояние здоровья, политическую активность, организацию семейной жизни, воспитание детей и систему жизненных ценностей.

В Декларации Организации Объединенных Наций (ООН) ЦРТ (2000-2015), особенно в целях №2 и № 3, были определены основные индикаторы по охвату обучением в секторе общего среднего образования.

I.Доступ к образованию;

II. Качество образования;

III. Финансирование и управление системы образования.

I. *Доступ к образованию*

В октябре 2016 года Всемирный экономический форум опубликовал новый отчет по Индексу гендерного разрыва, который отражает положение, права и роль женщин и мужчин в четырех ключевых областях: образовании, здравоохранении, экономике и политике. Таджикистан занял 93-е место, в аналогичном прошлогоднем рейтинге, страна находилась на 95-м месте. По доступу к образованию женщин наша республика заняла 118-е место [16].

Основные принципы политики страны в сфере образования определены в Законе Республики Таджикистан «Об образовании» и направлены на обеспечение равноправия граждан в получении качественных знаний, повышение доступности образования, развитие и интеграцию. Согласно Закону, в стране гарантируется основное обязательное бесплатное образование в государственных общеобразовательных учреждениях.

Наряду с данными отечественных исследователей мы пользовались международными независимыми источниками информации. Так, в материалах по оценке потребностей для достижения Целей Развития Тысячелетия [21] было прогнозировано, что число учащихся в средних образовательных учреждениях к 2015 году может возрасти, примерно, с 1,8 млн. до 2,3 млн. [9] В то же время, согласно статистике, число школьников в общеобразовательных школах составляет сегодня 1,7 млн. человек, при ежегодном приросте населения на 2,5%, что является косвенным показателем снижения доступа к образованию в стране [11].

К сожалению, все еще сохраняется разрыв в образовании между мальчиками и девочками, который усиливается после 9 класса. По данным ЮНИСЕФ, 30% таджикских девушек не обучаются в средних образовательных школах [18].

Важным фактором для реализации ЦРТ стала инициатива Президента страны о вынесении на повестку дня не только темы квотирования девушек из отдаленных горных районов республики для поступления в высшие учебные заведения без экзаменов, но и вопроса об образования матери – воспитателя и наставника [15]. Результаты исследований в семьях, где матери не имеют образования или имеют его низкий уровень, свидетельствуют, что посещаемость средней школы ниже как для девочек, так и для мальчиков, но при этом, эффект низкого уровня образования матери оказывает на посещаемость девочками средней школы более выраженное негативное влияние.

Приведенные данные позволяют сформулировать достаточно обоснованный вывод о том, что среднее образование воспринимается как обязательная социальная норма для мальчиков, причем это справедливо для семей любого достатка, независимо от региона проживания и достаточно слабо зависит от уровня образования матери. Что касается девочек, то для них полное среднее образование, насколько можно судить, не входит в обязательную социальную норму – как только возникают какие-либо осложняющие обстоятельства (например, необходимость помощи по дому, ранние браки), семьи с легкостью забирают дочерей из школы [14].

Вместе с тем, данные Всемирного банка констатируют, что продолжение учёбы девочек до 10-11-го класса приводит к положительным переменам. Указывается, что один дополнительный год в средней школе увеличивает будущий заработок человека приблизительно на 15-25%. Данные преимущества становятся реальностью раньше, чем может показаться на первый взгляд. Эти девочки лучше подготовлены к жизни в 21-м веке, помогают своим семьям и лучше используют новые возможности с изменением социально-экономических условий [19]. В июне 2016 года мы участвовали в исследовании, проведенном ООН, направленном на усиление роли и участия женщин в продвижении мира и безопасности в Центральной Азии, где один из респондентов отмечает: «Мы сталкивались с ситуациями, когда некоторые женщины не могли написать своё имя – это большая проблема. Доступ к образованию очень важен, так как качественные знания могут служить нам в качестве надежной защиты» [17].

*II. Качество образования.*Одним из важных документов развития системы просвещения является «Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2020 года» (НСРО), утвержденная постановлением Правительства РТ. В нем учтены основные приоритеты, связанные с ЦРТ и ЦУР. Это касается содержания программ, планов и качественного учебного процесса. Ведущей целью стратегии является формирование системы и управление качеством образования, как ресурса социально- экономического развития страны, как процесса целостного развития личности.

Министерство образования внесло некоторые изменения в содержание программ с целью обновления и внедрения дополнительных уроков в традиционно- ограниченный перечень предметов. Несмотря на то, что эти новые стандарты были разработаны с целью преодоления несоответствий старых советских шаблонов с действительностью, они все еще сфокусированы на знаниях и содержании, в то время, когда они должны реализовывать связь обучения с реальной жизнью [11].

С точки зрения гендерных индикаторов, некоторые учебники не соответствуют реалиям времени и не способствуют развитию личности школьников и школьниц. Кроме того, они закрепляют стереотипы в образовательной и профессиональной сферах, ограничивая возможности девочек/девушек в получении образования и приобретения соответствующих профессий, в частности по техническим и естественно-научным дисциплинам. Мужчины в качестве персонажей, фигурирующих в учебниках средней школы, встречаются чаще, чем женщины. Преобладающими сферами для мужчины являются спорт, семья и культура, для женщины – семья, труд [3].

Академия образования Таджикистана в своем гендерном исследовании выявила скрытую гендерную дискриминацию женщин. Так, в учебниках мужчины изображаются инженерами, космонавтами, учеными, а женщины – учителями, поварами и медсестрами [18].

С 2015 года, объявленного президентом страны «Годом семьи», выполняя рекомендацию № 29 к Конвенции CEDAW (Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин), введение в программу курса «Маърифати оиладорї» в 10 классе общеобразовательной школы является значимым шагом для воспитания гендерной культуры личности. Ведь общество так нуждается во всесторонне развитой личности в период, когда институт семьи претерпевает кризис и теряет свою значимость (статистика разводов за 2015г 8 тыс 346 фактов), наблюдается деформация личности, что приводит к неадекватности оценок и деструктивному поведению.

Однако, вместе с изменением подходов и содержания программ, существует необходимость сделать новые школьные учебники и издания доступными для учителей и школьников. В связи с этим, наряду с внесением нового учебного предмета, необходима подготовка профильных гендерно-ориентированных специалистов. Зачастую, в связи с отсутствием компетентных учителей, данный предмет ведут учителя родной литературы, имеющие специфическую направленность, исходя из личного своего опыта. Например, в учебнике приведено: «В случае заключения брака женщине предпочтительнее перейти на фамилию мужа, чтобы в дальнейшем иметь одинаковую фамилию с детьми» данная рекомендация навязывает принятие решения, а не предоставляет выбор самой женщине [5].

Гендерно не ориентированный специалист, не сможет распознать и правильно разъяснить тему урока. Хотя школьный учебник и является составной частью общей цепи образовательного процесса, качество образования, прежде всего, зависит от учителей – и их профессиональная квалификация влияет на взаимодействие с учащимися в классе в гораздо большей степени, чем физическая среда и ресурсы. Несомненно, методы и подходы также имеют важное значение.

Изучая международный опыт в аспекте качества гендерного образования, мы обнаружили определенные преимущества образовательного процесса в европейских школах в подходах, что позволяет сформулировать нам некоторые рекомендации по повышению качества образовательного процесса в нашей стране. Например, наличие системы обратной связи с учащимися по эффективности учебного процесса, проведение дней открытых дверей с приглашением выдающихся личностей, компетентных специалистов и бизнесменов. Проведение мастер-классов, связи теории и практики на основе конкретного примера (кейсового обучения).

Теперь несколько слов в отношении обеспечения профессионального педагогического состава в системе образования РТ.

По данным Министерства образования, система обучения сталкивается с острой нехваткой квалифицированных педагогов, которые покидают сектор в основном по экономическим соображениям. Это оказывает влияние на все уровни образования - от дошкольного до высшего. Сегодня в общеобразовательных школах страны преподают 110 тысяч учителей, более 4-х тысяч из них не имеют высшего образования. Больше всего учителей без высшего образования преподают в школах Хатлонской области - 2 тыс. 742, из которых 2 тыс. 31 женщины. В ГБАО число таких учителей составляет 128, в Согде – 547, РРП – 1 тыс. 262, а в Душанбе – 10. **[11]**

Большинство учителей без высшего образования на данный момент при поддержке министерства продолжают свое обучение в колледжах и вузах страны. Многие являются

студентами 2-4 курса. Анализ социального устройства современной школы в гендерном аспекте свидетельствует о следующем:

- директора – 35 % мужчины;
- педагогический состав - 90% женщины;
- учителя начальной школы – 100 % женщины;
- учителя старших классов – 13 % мужчины.

Гендерная иерархия кадров демонстрирует феминизацию образовательного процесса, поскольку основными агентами гендерной социализации являются учителя- женщины.

В современных условиях развития таджикского общества образование является социальным институтом, обеспечивающим воспроизводство определенного типа культуры, общественного опыта, социальных отношений, и поэтому необходимо привлечение мужчин в качестве менторов и наставников, возможно путем квотирования или других способов мотивации и поощрения.

*III. Финансирование и управление системы образования.* В системе финансирования образования в Таджикистане были проведены ряд реформ. Начиная с 2005 года, Правительство при поддержке Всемирного банка провело тестирование системы подушевого финансирования (СПФ) в общем образовании, данная модель в 2010 году распространена на всю страну, где усилены полномочия школ в расходовании средств из своих бюджетов.

Таджикистан, с момента включения в ЦРТ (2000–2009 годы), в 26 раз увеличил бюджетирование сферы образования. В таблице приведены данные по прогрессу финансирования в системе образования.

**Таблица**

**Данные по прогрессу финансирования в системе образования**

| | |
|---|---|
| 2000 год | 42 млн.сомони |
| 2009 год | 1 млрд 70 млн сомони. |
| 2015 год | 2,6 миллиарда сомони. |

По данным Минфина, если в 2000 году из казны на сферу образования было выделено всего 42 миллиона сомони, то в 2009 году с учетом всех источников финансирования и утвержденного бюджета - уже 1 млрд 70 млн сомони. По итогам 2015 года бюджетные вливания в сферу образования составили 2,6 миллиарда сомони [14].

Однако, по мнению экспертов (Р.Хасанова), в госбюджете наблюдается слабое согласование стратегических и бюджетных приоритетов. То есть многие показатели, намеченные к выполнению в Национальной стратегии развития, ЦРТ, Стратегии повышения уровня благосостояния населения Таджикистана, не учтены при составлении бюджета. Бюджетные заявки охватывают меньшее количество приоритетов по сравнению с приоритетами, установленными в стратегических документах развития [20].

С 2000 по 2012 год в республике насчитывалось 3 тысячи 604 образовательных учреждения, в 2015 году их численность (за счет новых и реконструированных школ) увеличилась до 3 тысяч 855. Только в городе Душанбе за годы независимости за счет всех источников финансирования построены и сданы в эксплуатацию десятки новых общеобразовательных учреждений и дополнительных корпусов на 45 тысяч ученических мест. По этому показателю Таджикистан, считается, выполнил, а может, и перевыполнил план [14].

Международное сообщество проводит большое количество гендерных исследований, в том числе в сфере образования, однако их результаты не всегда доступны для общественности. Необходимо их широкое распространение через телевидение и радио, информационные кампании, особенно структурные ведомства Министерства образования. Учитывая, что качества мужественности и женственности не заданы природой, а являются социокультурной личностной составляющей, «вторым» полом (гендером) авторами выявлено, что именно система образования является мощным средством, с помощью которого общество воспроизводит различные социальные отношения, в том числе гендерные.

Приоритетными направлениями гендерной стратегии в образовательной парадигме Республики Таджикистан *в контексте доступа к образованию,* на наш взгляд, могут быть следующие меры:

- достижение гендерного паритета на 3 ступени образования, путем усиления работы с родителями,

- вовлечение самих девушек в процессы принятия решений в отношении своего будущего, повышение их интереса к обучению и самореализации.

*В контексте качества образования*:

- способствование правильному формированию гендерной культуры в старших классах общеобразовательных школ, с учетом региональных, национальных и религиозных приоритетов, характерных для современного таджикского общества.

- совершенствование материально-технической базы школ, повышение уровня грамотности населения, воспитание толерантности и гендерной чувствительности, начиная со школы, повышение качества преподавателей и создание благоприятной среды для развития всесторонне развитой, конкурентоспособной, свободной, имеющей эгалитарную точку зрения личности.

*В контексте финансирования сферы образования:*
- совершенствование системы мониторинга и оценки,
- достижение прозрачности в расходовании бюджетных средств,
- доступ заинтересованных сторон к бюджетным расходам.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Закон РТ «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации». -2005 г.
2. Закон «О профилактике насилия в семье». -2013 г.
3. Национальный план действий по повышению статуса и роли женщин на 1998-2005гг.
4. Государственная программа по обеспечению равных прав и возможностей для женщин и мужчин на 2001-2010 гг.
5. Амонов Н. Учебник для 10 класса таджикской школы “Маърифати оиладорї” / Н. Амонов, Ш. Ёрмухаммадзода, Л. Назирова, Х. Рахимзода. - Душанбе, 2015. -С.35.
6. Бозрикова Т.Н. К проблеме гендерных ролей и стереотипов в Таджикистане / Т.Н. Бозрикова // Современные проблемы гендерных исследований в Таджикистане. -Душанбе, 2002. -С.57-61.
7. Бозрикова Т. Проблемы качества школьных учебников в Таджикистане. По результатам общественной экспертизы / Т. Бозрикова, З. Базидова. - Душанбе, 2010. -С. 224.
8. Гафарова М. Женщины Советского Востока / М. Гафарова. - Душанбе: Ирфон, 1987.
9. Набиева Р. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм / Р. Набиева. -Душанбе: Ирфон, 1973.
10. Шоисматуллоев Ш. Трансформация социальной структуры и изменение социального положения семьи / Ш. Шоисматуллоев // Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. -2002. -№ 3-4. -С.90-99.
11. Куватова А. Гендер и культура: учебное пособие для студентов гуманитарных факультетов / А. Куватова. – Душанбе: Информационное агентство «Азия-плюс», 1999; Современная женщина в семье, на работе и в политике: гендерный аспект. -Душанбе, 1998; Женские и гендерные исследования в Таджикистане. -Душанбе, 2000. -1 вып.; Гендерные отношения в Таджикистане. Национальный отчет, 1999. Душанбе, 2000; Диноршоева З.М. Исламская религия и проблемы гендерного насилия //Гендерное насилие: учебное пособие / З.М. Диноршоева. - Душанбе, 2003. - С.17-38.



**СТРАТЕГИЯИ ГЕНДЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар маколаи мазкур тахлили баробарии гендерӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аз нигоҳи муаллиф дар Тоҷикистон сиёсати давлат дар бобати ин масъала муфид арзёбӣ мегардад, вале барои рушди тамоюли гендерӣ вазифахое хастанд, ки дар оянда и наздик ҳаллу фасли худро бояд пайдо намоянд.

**Калидвожаҳо:** гендер, сиёсат, мактаб, муассисахои таълимӣ, талаба, мард, чинс, зан, максад, рушд, такмил, тахкик.

**ГЕНДЕРНАЯ СТРАТЕГИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ПАРАДИГМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Статья посвящена анализу прогресса гендерного равенства в системе образования Республики Таджикистан в рамках достижений Целей Развития Тысячелетия, как непременное условие достижения других целей развития.

Автор прослеживает аспекты практической реализации гендерной политики страны в системе просвещения. Отмечается, что для развития личности, проявления индивидуальности каждого учащегося, его воспитания в духе равноправного (эгалитарного) партнерства полов, государством прилагаются значительные усилия.

**Ключевые слова:** гендерное равенство, глобализация, уровень образования, эффективность образовательного процесса, гендерная культура, толерантность, квотирование девушек, достижение Целей Развития Тысячелетия, дискриминация по признаку пола.

**GENDER STRATEGY IN THE EDUCATIONAL PARADIGM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article is dedicated to a review of the progress in terms of gender equality in the education system of the Republic of Tajikistan on its path to achieving the Millennium Development Goals as a vital prerequisite to achieving other development milestones. The author traces various aspects of practical implementation of the gender policy in the country’s education system.

**Key words:** gender equality, globalization, education level, education process efficiency, gender culture, tolerance, female quotas, achieving Millennium Development Goals, gender discrimination.



**Сведения об авторе:** ***Ганиева Орзу Абдурауфовна*** – Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, соискатель кафедры общей педагогики, истории педагогики и образования. Телефон:**(+992)707 55 95**


# НАҚШИ МОДАР ДАР ОИЛАИ НОПУРРА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД


***Сафарова З.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Оила пойдевори асосии рушди ҷомеаи муосир, таҳкурсиест, ки ҷомеаи бузурги инсонӣ бар он устувор буда, тадқиқотчиён онро ҳамчун системаи таърихии муносибатҳои хосси байниҳамдигарии зану мард, волидайну фарзандон, ҳамчун гурӯҳи хурде, ки аъзоёнаш тавассути никоҳ ё муносибатҳои хешутаборӣ, ҷамъияти маданияту ахлоқашон якхеларо ташкилкунанда, маънидод менамояд.

Оила қисми таркибии ҷомеа ва зинаи аввалини ташаккули инсоният ба шумор рафта, шакли ҳастии инсонро муайян менамояд. Вобаста ба ин, ягон миллат ё ҷомеаи маданӣ аз доираи оила берун қарор надорад ва фаъолияти худро дар таносуб бо падаидаи оила ба роҳ мемонад. Ҳамзамон бо ин, рушди ҷомеаро бидуни саҳми оила тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро маҳз дар оила заминаи давраи аввали ҳастии инсон гузошта

мешавад. Аз ин хотир, ҳар як шахс хушбахтии худ, инчунин сарчашмаи ташаккул ва инкишофи хешро, қабл аз ҳама, дар оила мебинад.

Дар заминаи Конститутсияи кишвар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд [3, с. 57].

Мусаллам аст, ки ҳама гуна муносибату робитаҳои оилавӣ дар алоқамандӣ ба меъёрҳои ҳуқуқию ахлоқӣ ба танзим даровардa шуда, асоси онро никоҳ- шартномаи қонунии муносибатҳои байниҳамдигарии марду зан, ки самарааш ба дунё овардани фарзандон мебошаду масъулияти солимии ҷисмонӣ ва ахлоқии аъзои онро бар дӯши худ мегирад, ташкил медиҳад. Шарти муҳимми мавҷудияти оиларо ҳамзистию фаъолияти якҷояи ҳамсарон, волидайну фарзандон, мавҷудияти макони зист, моликият ҳамчун асоси иқтисодии зиндагӣ, урфу одат, оин, муқаддасоти миллию давлатӣ ташкил медиҳанд. Ба ин маъни оила - ин ҷамъияти дар асоси фаъолияти якҷояю ягона ташкилнамудаи одамоне мебошад, ки бо якдигар вобаста ба робитаҳои ҳамсардорӣ ва хешу таборӣ (рӯҳану ирсан) алоқаманд буда, идома додани насли худ ва барпо доштани арзишҳои оилавӣ, ҳамчунин иҷтимоишавии солими фарзандон ва дастгирии аъзоёни онро дар бар мегирад, ё ба ибораи дигар, оила – низоми басо мураккаби биологию иҷтимоии дорои вазифа, қоида ва талаботҳои ба худ хос буда, унсурҳои асосиаш – падар, модар ва фарзандон дар он мавқеъ, вазифа ва нуфузи махсус доранд.

Агарчи ҳаёти оилавӣ баъзан басе сахту мушкил ва таҳаммулнопазир мегардад, ҳамсарон бояд мутмаин бошанд, ки саломатии рӯҳию равонӣ, солимии ҷисмонӣ ва дуруст рушд кардани фарзандон боз ҳам бештар ба ҳимзистии осоиштаю якҷояи унсурҳои асосии он – падар, модар ва фарзандон марбут мебошад. Ба ин маъни падару модарро зарур аст, ки ба хотири тарбияи фарзандони солим, таҳаммулпазир буда, сабру қаноатмандиро пешаи асосии худ намоянд. Зеро фарзанди солим ҳадяест аз ҷумлаи гаронбаҳотарин ҳадяҳо ба оламиён. Ҷомеаи ҷаҳонӣ танҳо ҳамон маврид солим мегардад, ки асосгузорони оила- зану шавҳар ба хотири ба оламиён ҳадя кардани аъзои солими ҷомеа, дар беҳдошти саломатии рӯҳию равонӣ ва ҷисмонии ҳамдигар саъю кӯшиш намоянд.

Зану мард дар зиндагӣ пуркунандаи ҳамдигаранд ва бояд бо тамоми масъулият дар талоши он бошанд, ки рӯзгорашон саршори покию садоқат, меҳру муҳаббат, нафосату назокат ва нишоту ҳаловат бошад. Дар алоқамандӣ бо ин дар зиндагӣ дастгиру мададгори ҳамдигар гашта, аз он оқилона истифода мебаранду, зиндагии пурнишоту гувороро паси сар менамоянд. Вагарна зери бори сангини зиндагӣ ба ғаму ҳасрат, мушаввашию ноҳатӣ, сиёҳбахтию талхкомӣ ва номуродию аламзадагӣ тоб наоварда, аз ҳам ҷудо хоҳанд шуд.

Хеле таассуфовар аст, ки айни замон ҷомеаи тоҷик гирифтори падидаи номатлуб- қатъи никоҳ ё ба ибораи дигар, аз ҳам пош хӯрдани сохтори оила ва ба оилаи нопурра табдил ёфтани оилаҳои комил гирифтор гашта истодааст, ки оқибатҳои ногувору номатлуб дошта, ба рушди солими психикии кӯдак ва ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва педагогию психологии ӯ таъсири бузурги манфӣ мерасонад.

Маълумотҳои омории тайи солҳои охир доир ба қатъ гардонидани ақди никоҳ дар Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки ба чораандешиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳуқуқию ахлоқии баҳри ҳифз ва таҳкими оила равона намудани Ҳукумати Тоҷикистон нигоҳ накарда, шумораи вайроншавии оилаҳо сол ба сол боло рафта истодааст. Чуноне ки аз ҳисоботдиҳиҳои расонаҳои оморӣ [4]. (ба ҷадвал нигаред) бармеояд, тайи солҳои охир (2012-2015) дар кишвар зиёда аз 384076 ҷуфти ҷавонон оила барпо намуда, 33067 ҷуфти оилаҳо, ки аксарияташон кӯдакони ноболиғ доранд, қатъи никоҳ карданд. Маълумотҳои мазкур гувоҳи онанд, ки айни замон оилаҳои тоҷик боз ҳам ниёзманди чораандешиҳои иловагии иҷтимоию ҳуқуқӣ ва ахлоқию маънавӣ мебошанд.

| **Сол** | **Шумораи ақди никоҳ** | **Шумораи вайроншавӣ** | **Ба ҳисоби фоиз** |
|---|---|---|---|
| 2011 | 94730 | 6762 | 7,13 |
| 2012 | 97653 | 7417 | 7,59 |
| 2013 | 97471 | 8194 | 8,4 |
| 2014 | 95500 | 9100 | 9,45 |
| 2015 | 93452 | 8356 | 8,15 |

Дар алоқамандӣ бо мушкилии бамиёномада, масъалаи дигари ташвишовар он аст, ки оилаҳои солим ба оилаҳои нопурра мубаддал мегарданд ва ин падида ба рушди психикии шахсияти фарзандон бетаъсир намемонад. Зеро, ҳангоми вайрон шудани оила хоҳу ноҳоҳ тарбияи фарзандон бо қарори органҳои қудратӣ ба уҳдаи яке аз ҳамсарон, дар аксар маврид модарон вогузор мегардад. зеро дар тарбияи фарзанд нақши асосӣ бар дӯши модарон аст. Аз инҷост, ки аксарияти модарон аз рӯйи ифтихору сарфарозӣ ва матонату бузургӣ ихтиёран тарбияи фарзандонро бар дӯши худ мегиранд. Онҳо дар ин алоқамандӣ ҳастии худро фаромӯш намуда, бо тамоми қудрату тавоноӣ баҳри бекаму кост ва солиму

тавоно ба воя расонидани фарзандони худ талош менамоянд, ки ин ба саломатии худи онҳо ва дуруст тарбия ёфтани фарзандон бетаъсир намемонад.

Набудани такягоҳ ва пушту паноҳи оила (модар ё падар) на танҳо пеш бурдан ва таъмини моддию маънавии оиларо барои ҳамсари масъул мушкилу тоқатнофарсо мегардонад, балки ба раванди солими ташаккулёбии рӯҳию равонии фарзандон халали ҷиддӣ ворид менамояд. Зеро на ҳар кас душворию мушкилиҳои дар оилаҳои нокомил дучорояндаро дуруст баҳогузорӣ намуда, ба он тоб меоранд ва фарзандонро аз сирру асрори аслии пош хӯрдани оилаи худ оқилона огоҳ намуда, имконияти бо волидайни берун аз оила қарор дошта, вохӯрдани онҳоро таъмин менамоянд, балки баръакси ҳамаи ин талаботҳо амал менамоянд.

Маҳз ҳамин падидаи иҷтимоӣ - пош хӯрдани оилаҳои солимро дар солҳои охир Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба инобат гирифта, соли 2015-ро «Соли Оила» эълон намуданд. Мақсад аз эълон гардидани «Соли Оила» дар он буд, ки оилаҳо дастгирӣ ёбад ва сатҳи вайроншавии оилаҳо кам гардад, зеро аз пош хӯрдани оила пеш аз ҳама ба модару кӯдак зарари ҷиддӣ расонида мешавад.

Яке аз намояндаи назарияи дилбастагии кӯдак ба волидайн А.Болдуен, диққати асосиро ба муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдак ва модар равона карда, дар чунин ақида аст, ки: «Бо талоқ анҷом ёфтан ва аз ҳам пош хӯрдани оилаҳо барои фарзандон он қадар мудҳиш нест, зеро ҳиссаи зиёди таълиму тарбияи фарзандон бе ин ҳам бар дӯши модарон аст». Ин ақида комилан хатост ва қобили қабул буда наметавонад, зеро норасогии саҳми падар дар тарбияи фарзандон бе гуфтугӯ, хоҳу нохоҳ ба босифатию босамарӣ ва рушди комили фарзандон таъсири манфӣ мерасонад[1, с. 154].

Аз мутолиаю баррасии раванди тарбия дар оилаҳои нопурраю ба ухдаи модар вогузор гардида бармеояд, ки дар ҷараёни тарбия ва ба воя расонидан, муносибати модарон бо фарзандони худ дар яке аз шаклҳои зерин сурат мегирад:

**Шакли якуми тарбия** – модар кӯшиш менамояд, ки доир ба падари фарзандаш тамоман ёдовар нашавад ва раванди тарбияро чунон ба роҳ монад, ки гӯё ҳеҷ гап нашуда бошад. Ин усул он вақт муваффақ мегардад, ки агар кӯдак оид ба падари худ маълумоте надошта бошад. Аммо, дар ҳар сурат модар ухдадор аст, ки ба фарзандаш оид ба падари ӯ ҳарчи зудтар маълумоти заруриро диҳад, зеро агар кӯдак ин маълумотро аз манбаи дигар ба даст ораду модар ба ӯ акси ҳолро гуфта бошад, раванди тарбияи солим халалдор мегардад.

**Шакли дуюми тарбия** – модар шахсияти падарро дар назди фарзандаш паст зада, кӯшиш менамояд, ки образи мусбии падарро аз тасаввуроти кӯдак дур созад. Ӯ бо тамоми ҳастӣ кӯдакро бовар кунонидан мехоҳад, ки падари хонадон бадтарин шахс буд ва аз ин рӯ тарки онҳо намуд. Агар дар асл ҳамин хел бошад ҳам, модар набояд нисбати падари кӯдак дар замири ӯ ҳиссиёти манфиро бедор созад. Зеро, бо мурури замон ҳангоми ба камол расидан, фарзанд дар ҳар сурат аз сирру асрори аслии воқеа хабардор гардида, рафтори модарашро нодуруст мешумораду эҳтиромаш намекунад, дар натиҷа байни кӯдак ва модар ихтилофи ба вуқӯъ пайваста, робитаи солими байниҳамии онҳо канда мешавад.

**Шакли сеюми тарбия**- ҳарчанд дар оила тарбияи кӯдак якҷониба сурат гирад ҳам, модар пайваста кӯшиш менамояд, ки дар қалби фарзанд нисбати падар тасаввуроти мусбӣ ҳосил намояд, сифатҳои манфии хулқу атвори ӯро сарфи назар намуда, аз ӯ бо некӣ ҳарф мезанад ва ӯро ба некӣ ёд менамояд. Албатта, барои модарон аз чунин шакли тарбия истифода намудан хело мушкил аст, вале модарони қавиирода ва сарсупурдаи фарзанд ба хотири беҷурм ба воя расонидани фарзандони худ, ҳиссиёту эмотсияи ногуворро як тараф гузошта, бо сабру таҳаммул ба тарбияи комили онҳо машғул мегарданд. Бошуурона ва давомдор мавриди истифода қарор додани ин тарзи тарбия ба модар имконият фароҳам меорад, ки муддати кӯтоҳи вақт душвориҳои тарбиявии дар оилаҳои нопурра дучор ояндаро бартараф намояд. Дар қалби фарзандон таҳкурсии устувори худидоранамоии эмотсионалиро бино гузорад, мавқею нуфузи худро боло бардошта, бе ягон душворӣ ва монеа сазовори эҳтирому эътирофи фарзандон ва атрофиён гардад.

**Шакли чоруми тарбия**- кӯдак дар оилае тарбия меёбад, ки он аз бобою бибӣ ва дигар аъзоёни оила иборат аст. Модар дар чунин ҳолат бо сабаби маълумоти миёна ё олӣ надоштану аз дигарон вобаста будан, дар мустақилона тарбия намудани фарзандон душворӣ мекашад.Зеро наметавонад намудҳои гуногуни талаботи онҳоро сари вақт қонеъ созад, чунки худ ниёзманди он аст. Аз сабаби дар вазъияти ногувор қарор доштан, имкониятҳои тарбияи солими фарзандонро низ муҳайё сохта наметавонад. Ин мушкилии асосӣ дар он аст, ки эҳтиёҷоти моддию маънавии кӯдакон бар дӯши аъзоёни оила (бобою бибӣ ва тағоҳо) меистад. Модар бошад, ботинан азоби рӯҳӣ мекашад ва ба ҳамаи ин боз таҳаммул менамояд, зеро илоҷи дигаре надорад. Агар волидайн таҳаммулпазир набошад, он гоҳ ин метавонад ба рафти таълиму тарбия халалҳо эҷод намуда, муносибати байнишахсиро дар ҷомеаи вайрон созад.

Доир ба масъалаи таҳаммулпазирӣ Қ. Каримов ва М. Шарипова дар мақолаи худ чунин овардаанд: «Таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ҳамчун муносибати бидуни зӯроварӣ ва эҳтиромона байни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ баҳо дода шуда, кафолати мувозинати муносибатҳо дар ҷомеа ба шумор меравад. Дар ҷомеаи ба иҷтимоиёт равонагардида шароит барои ташаккули рафтори таҳаммулпазиронаи шахс ва салоҳиятмандии ӯ ба

вуҷуд оварда мешавад” [2, 186-193].Хуб мешуд зан модаре, ки ба тарбия фарзанд машғул мегардад, аз шаклҳои гуногуни тарбия истифода бурда, дар ҳама ҳолат таҳаммулпазир бошад. Айни замон дар таълиму тарбияи кӯдакон дар оилаҳои нопурра байни талаботи ҷомеа ва имкониятҳои аҳли оила мушкилиҳои зерин мавҷуданд:

- ✓ кӯдак бояд ҳаматарафа инкишоф ёбад, вале аз ин имконият бархурдор нест;
- ✓ талаботи кӯдак ба меҳру муҳаббат, навозиш ва дӯстдорию ғамхорӣ на ҳама вақт комилан пурра қонеъ гардонида мешавад;
- ✓ модар имконияти пурраи аз ҷиҳати равонӣ, педагогӣ,иқтисодию иҷтимоӣ кӯдакро қонеъ талаботҳои гардонидани надорад;
- ✓ дар доираи муносибатҳои иҷтимоию оилавӣ, махсусан бо бобою бибӣ ва дигар наздикон зиндагӣ кардани кӯдакони оилаҳои нопурра хеле душвор аст, зеро онҳо бештар худро яккаву танҳо ҳис мекунанд.

Ба модароне, ки ба тарбияи кӯдак машғул мешаванд, зарур аст, ки худро хушбахт ҳисобанд. Агар модар доимо худро сарзаниш намояду аз бадбахтиаш дар назди фарзандон шикоят кунад, он гоҳ онҳо низ худро гунаҳкор меҳисобанд. Кӯдакон мувофиқи табиаташон фарди фаъол ҳастанд ва онҳо дар синни хурдсолӣ майл ба тақлидкориро доранд. Намунаи шахсии волидон идеали воқеии онҳо шуда метавонад. Ҳар як модар бояд фарзандашро сидқан дӯст дорад.

Аз ин рӯ ба модароне, ки фарзандонашонро дар оилаи нопурра тарбия менамоянд, баъзе тавсияҳо пешниҳод мегардад:

- ✓ кӯшиш намоед, ки бештар бо кӯдак муошират кунед, ба суханони онҳо гӯш диҳед ва алоқаи солими психологиро барқарор намоед;
- ✓ кӯдакро барои кори иҷро кардааш таъриф кунед ба танқид рӯ наоред ва дар оила боварии кӯдакро нисбати худ ва атрофиён бедор созед;
- ✓ агар кӯдак аз гузашта ёдовар шавад, ӯро дарк карда, дастгирӣ кунед;
- ✓ аз набудани яке аз аъзоён кӯдаконро сарзаниш накунед, то ки онҳо худро гунаҳкор наҳисобанд;
- ✓ кӯшиш намоед, ки ба кӯдак кумак расонед, то ки одатҳо ва рафторро дар мувофиқат ба ҷинсияташон аз худ кунанд;
- ✓ алоқаи иҷтимоии оилаи худро инкишоф дода истода, барои фаъолона барқарор намудани муносибату муоширати солим аз дастгирии бародарон ва хешу таборон истифода баред.

## АДАБИЁТ


1. Демидов А.М. Семья с одним родителем: дис .....канд. филос. наук /А.М.Демидов. - М.,1987. -С.154.
2. Каримов Қ. Ташаккули таҳаммулпазирӣ ҳамчун омили устуворгардонии муносибатҳои оилавӣ дар байни ҳамсарон / Қ. Каримов, М. Шарипова //Паёми ДМТ, (Маҷалаи илмӣ). - Душанбе: Сино, 2016. -№3/4 (205). –С.186-193.
3. Маҳмудзода М. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон /М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода //Китоби дарсӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2015. -496с
4. [Электронный ресурс]. WWW.Prezident.tj /omor- 2014.


## НАҚШИ МОДАР ДАР ОИЛАИ НОПУРРА ВА ТАРБИЯИ ФАРЗАНД


Дар мақола мавзӯи нақши модар дар оилаи нопурра ва тарбияи фарзанд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф сабабҳои ба вуҷуд омадани оилаҳои нопурраро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар он бештар нақши модаронро дар таълиму тарбияи фарзанд нишон додааст. Таваҷҷуҳи махсус ба рафтор ва ҳолати кӯдаконе, ки дар оилаҳои нопурра тахти таъсири моҷарои оилавӣ ва аз ҳам ҷудо шудани волидайн қарор мегиранд, зоҳир шудааст. Хулоса карда мешавад, ки омили асосие, ки номусоид будани оилаи нопурраро муайян месозад, ин омили ахлоқию равоншиносӣ дар муносибат ва рафтори волидайну кӯдак дар чунин оилаҳо мебошад.



**Калидвожаҳо:** нақши модар, кӯдак, шахсият,ақди никоҳ, ҷудошавӣ, муносибат, оилаи нопурра, рафтор, шаклҳои тарбия,


## РОЛЬ МАТЕРИ В НЕПОЛЬНОЙ СЕМЬЕ И ВОСПИТАНИЕ РЕБЁНКА


В статье рассматриваются вопросы, связанные с ролью матери в непольной семье и воспитание ребёнка. Автор, рассматривая причины возникновения неполных семей, указывает на роль матери в воспитании ребёнка. Особое внимание уделено поведению и состоянию детей оказавшихся под влиянием семейных ссор и развода родителей. Подытоживается, что основным фактором, опредляющим неполноценность неполной семьи, является морально-психологический, проявляющийся по отношению и поведению родителей и ребенка в таких семьях.



**Ключевые слова:** роль матери, личность, ребёнок, брак, развод, отношение, неполная семья, поведение, форм поведение.


## THE ROLE MOTHER IN THE NONE-FULL FAMILY AND CHILD EDUCATION


The article deals with the role mother in the none-full family and child education. The author, reviewing the reasons of appearing of none-full families,to show role mother in the child education A special attention is paid to the behavior and state of the children, have been under the influence of family conflicts and divorce of parents. It is concluded that the main factor of absence of full valuability of none-full families is the moral and phsycoclogical, which relation and behavior parents of the children such family.



**Key words:** role mother ,personality, a child, marriage, divorcing, relations none-full family, behavior,form behavior



**Сведения об авторе:** ***Сафарова Зарина Раджабовна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры психологии. Телефон **988-37-11-18**

# ҶОЙГОҲИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ГУСТАРИШИ ФАРҲАНГИ ХОНАВОДА

***Бобоиён Мадина Абдуяқинзода* (*Бобоева М.А)***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Баробари пайдоиш телевизион ҳамчун воситаи хабаррасон дар ташаккули тафаккури ҳар як шахс нақши муҳимро бозид. Барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ баҳри тарбияи инсони комил ва инкишофи фикрронии одамон замина гузошта, ҳамзамон тарзи солими зиндагиро тарғибу ташвиқ менамуд. Мардум баробари огоҳӣ пайдо намудан аз ҳодисаву воқеаҳои олам ҳамчунин фароғат намуда, хурсанд мешуданд. Хусусияти телевизион дар оғози пайдоишаш он буд, ки мардум банди тамошои барномаҳои он гардида, ба корҳои ношоям камтар вақт меёфтанд. Бар замми ин, одамон тарзи гуфтор, либоспӯшӣ, маданияти гаштугузор дар ҷойҳои ҷамъиятиро тавассути барномаҳои телевизионӣ меомӯхтанд. Забони барномаҳои телевизионии кишвар хеле шевою форам ва оммафаҳм буд, ки баробари тамошои барномаҳои он мардум бо забони тозаи адабӣ сухан ронданро гоҳо пайравӣ мекарданд. Барномаҳои шабакаи чанд телевизионе, ки дар ҷумҳурии мо намоиш дода мешуд, бо масъалагузорӣ ва таҳлилу бандубасти мавзӯъҳо бештар характери тарбиявӣ доштанд. Масалан, мардуми калонсол барномаи «В мире животных» (Дар олами ҳайвонот)-и шабакаи Русияро дӯст медоштанд. Барои кӯдакон намоиш додани филми тасвирии «Ҳоло ист»- (Ну погоди)-и ин шабака чи қадар хурсандиҳо мебахшид. Тавассути барномаи «Умелые ручки» (Дастони моҳир) ба бачаҳо сохтани ҳама гуна бозичаву гул ва хоначаҳоро меомӯхтанд. Ҳунари ҳамсолонашонро тарғибу ташвиқ менамуданд.

Баробари пешрафти илму техника, ворид гардидани маданияту фарҳанги бегона ва шаклҳои нави барномасозӣ, филму намоишномаҳо ҳам мазмуни дигар гирифтанд. Дар филмҳо бештар фаҳшу зӯроварӣ ҷой гирифт. Намоишу тарғиби чунин филмҳо боис гардиданд, ки эҳтироми якдигарӣ оҳиста-оҳиста аз байн рафтан гирад. Акнун чи тариқи ҳаҷв ва чи тариқи гуфтор шахсиятҳои маъруфу шинохта мавриди мазоҳу масхара қарор мегиранд. Ҳамаи ин аз пеши назари тамошобин, ки дар якҷоягӣ бо аҳли хонавода ин барномаҳоро тамошо мекарданд, мегузашт. Ва бешубҳа дар тафаккури ҳар як аъзои хонавода бетаъсир намемонд. Ин аст, ки оҳиста-оҳиста аъзоёни хурдсоли хонадон сардари онро гӯш кардан ва дар итоати он буданро намехостанд. Мафҳуми «ҷамъият» ва ҳифзу эҳтироми тамоми ашёву маконе, ки ба ҷамъият мансуб буд, аз байн рафт. Ҷавонон майл ба урфу одати бегона карда, бештар даст ба фаҳшу амалҳои ғайриинсонӣ мезаданд.

Аслан тафаккуру андешаи кӯдак тозаву холист. Ҳар он чи ки бад аст, кӯдак ҳамчун қувваи бадӣ қабул мекунад ва ҳар он чизи хубро хуб қабул намуда, аз он завқ мебарад. Дар ҳақиқат таҷрибаю баҳсҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон хислатҳои бад ва дашному бадахлоқиҳоро аз филмҳо ёд мегиранд. Ногуфта намонад, ки таъсири телевизион дар ду давра зиёд ба назар мерасад.

Марҳилаи тифлӣ, наврасӣ ва то синни ба балоғат расидан. Духтур Вилиам Белсони муайян сохтааст, ки панҷ намуд барномаҳое мавҷуданд, ки сабаби асосии парвариши хислатҳои бад барои кӯдакон мегарданд.

Солҳои пешин дар Телевизиони Тоҷикистон барномаҳои «Чойхонаи дилкушо», «Қобил кист?», «Беғараз панд» ва намоишномаҳои зиёди театрӣ бо маҳорати баланди касбӣ таҳия гардида, ровиёну муҳаррирони ин барномаҳо кӯшиш менамуданд, ки барномаю намоишҳои таҳиякардаашон аз унсурҳои миллӣ, хусусиятҳои хосси одоби шарқӣ, тарзи либоспӯшиву одоби тоҷикон орӣ набошад.

Тамошои ин ҳама барномаву намоишномаҳо барои хонаводаи мардуми тоҷик дарси одобу ахлоқ, эҳтироми калонсолону ба ҷо овардани суннатҳои миллии тоҷикон буд. Пеш аз ҳама, шарму ҳаёи тоҷикона, одобу рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ маҳз тавассути чунин барномаҳо тарғиб мегардид. Очерку намоишномаҳо доир ба рӯзгори шахсиятҳои маъруф таҳия гардида, инъикоси зиндагии онҳо баҳри тамошобинон намуна буд. Ҳоло бошад, дар тамоми барномаҳои телевизионӣ суханҳои қабеҳу алфози фаҳш лаҳзаҳои ба ҳамаи тоҷикон нофаҳмо роҳ ёфтааст ва мо инро на танҳо дар шабакаҳои телевизионӣ, балки дар навиштаҷоти рӯзномаву маҷаллаҳо низ ҳамарӯза дучор меоем, ки ин ба тафаккури бинандаву хонанда бетаъсир намемонад.

Ҳарчанд доир ба таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати одамон талош намоем ҳам, норасоиву камбудиҳои дар ҷомеа решадавонда садди роҳи ба мақсад расидани мо мегарданд. Яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи кӯдакон тамошои телевизион аст. Аз ҳамин сабаб аст, ки бисёр вақт ҳангоми онҳоро аз назди телевизион хезонда, барои иҷрои ягон кори муҳиму зарурӣ, чунончи хондан ё ба дарстайёркунӣ фиристодан шикоят мекунанд.

Равоншиносон ва педагогҳо дар бораи тамошои телевизиони кӯдакон андешаҳои зиёд пешниҳод кардаанд. Аксарияти онҳо ба он ақидаанд, ки тамошои телевизион барои кӯдакони аз 2-сола то 6-сола, дар як шабонарӯз се соат кифоя мебошад, чунки дар муддати рӯз (тӯлонӣ) муҳим нест, ки дар оинаи нилгун барномаи кӯдакона, филмҳои тасвирӣ, хабар ва филмҳо барои калонсолон пахш мешавад, муҳим он аст, ки тамошои ҳамаи онҳо бештар аз се соат кӯдак ба телевизион дил баста ба он одат мекунад. Дар ин ҳолат ӯ

нозуку якрав гардида, гапро гӯш намекардагӣ мешавад. Зарари аз ҳама бештари тамошои телевизион бехобӣ кашидани кӯдак мебошад, ки дар натиҷаи ин аксарияти онҳо метавонанд ба беморӣ гирифтор шаванд. Равоншиносон ба он ақидаанд, ки ҳар як соат тамошои телевизион ҳафт дақиқа хоби кӯдаконро кам мекунад. Яъне, кӯдакон дар ивази ҳар як соат, ки рӯзе пеши телевизион мегузаронанд, ҳафт дақиқа хобашон коста мешавад ва ин таъсир дар писарон бештар аз духтарон ба назар мерасад. Ҳамчунин, баъзе кӯдакони шашсола ва аз он боло дар утоқи хобашон телевизор доранд, ки ин ҳам ба ҷисму рӯҳи онҳо зиёновар аст. Кӯдакони синну солашон хурд, ки дар утоқи хобашон телевизор доранд, ба таври миёна сӣ дақиқаи хоби шабонаашон коста мешудааст.

Тамошои барномаҳои ҷалбкунанда низ мумкин аст муҷиби хоби бояд шавад ва бо эҷоди нигаронӣ ва ташвиш сабаби он шавад, ки кӯдакон дар сурати бедор шудан дар нисфи шаб натавонанд дубора бихобанд. Коршиносон тавсия мекунанд, ки телевизорҳо набояд дар утоқи хоб қарор дода шаванд.

Бинобар ин, коршиносону равоншиносон тавсия медиҳанд, ки бояд волидон вақти тамошои телевизорро барои кӯдаконашон муайян ва назорат кунанд. Масалан, то дусола шудани кӯдак тамошои телевизор қатъиян манъ аст. Яъне, набояд ӯ ба назди телевизор биравад ва тамошо намояд. Ин на танҳо ба ҳолати равонии кӯдак таъсири бад мерасонад, балки ба инкишофи ҷисмонии вай низ таъсири ҷиддӣ дорад. Барои кӯдаконе, ки ду-сесолаанд, бояд филмҳои тасвирие, ки бештар хусусияти тарбиявӣ доранду дар он фаҳшу фуҷур, ҷангу ҷидол ва амсоли онҳо нест, намоиш дода шаванд, ё тамошояшон иҷозат дода шавад, то ба инкишофи ахлоқии онҳо таъсири манфӣ нарасонад.

Аз ҳама мушкилоти асосӣ, ин кӯдакони аз се то шашсоларо ҳангоми тамошои телевизор зери назорат гирифтан аст, чунки онҳо бе ёрии калонсолон қобилияти хомӯш кардану фаъол намудани телевизорро доранд. Дар ин ҳолат хуб мешавад, ки шабакаҳои телевизионие, ки барои калонсолон мебошанд, дар онҳо “рамзи”-и махсус гузошта шавад, то ки онҳо ин шабакаҳоро накушоянд. Агар кӯдак дар истифодаи ин воситаҳо озод бошад, чизе хоҳад ҳамонро мекунад. Барномаҳое, ки ӯ дар телевизор тамошо мекунад, бояд аз ҷониби волидайн интихоб гардида, барои инкишофи кӯдак манфиатовар бошанд. Ҳамчунин, нагузоред, ки кӯдак вақти зиёдашро бо тамошои телевизор гузаронад. Тамошои телевизор набояд аз як-ду соат зиёд бошад.

Муҳимтарин масъалае, ки дар нахустин марҳилаи рушди каломии кӯдакон таъсир мегузорад, иртиботи каломии вай бо падару модар аст. Онҳо тӯли ду сол таҳқиқоте бо иштироки панҷоҳ кӯдакони аз якунимсола то сесола ва ба бузургтар аз он гузаронидаанд ва ба хулосае омадаанд, ки равшании экрани телевизор низ ба кӯдак зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз волидайн хостаанд ҳангоми рӯшан будани телевизор ва пахши барномаҳои кӯдакона бо фарзандони худ суҳбат кунанд, чунки зарари барномаҳои телевизионӣ барои рушди каломии кӯдак пай бурдаанд. Ба андешаи онҳо тамошои барномаҳои вижаи бачаҳои калонтар барои кӯдакони хурдсол тавсия намешавад, чунки сару садои телевизион рушди каломии кӯдаконро кунд ва онҳоро фаромӯшхотир менамояд.

Мутаассифона, имрӯз дар ҷомеаи мо калонсолон, хусусан падару модарон, парвои онро надоранд, ки фарзандони хурдсоли онҳо чӣ қадар вақти худро дар назди оинаи нилгун мегузаронанд. Бархе аз онҳо ба хотире, ки фарзандонашон ҳангоми кор кардан халал нарасонанд, телевизорро барои кӯдак равшан мекунанду аз пайи кори худ мешаванд. Кӯдакон бошанд, дар тамошо беназорат мемонанд, ки вайроншавии ахлоқ дар ин сурат ногузир аст. Чун вобаста ба ин мавзӯъ аз чанд нафар, ки соҳиби фарзанд буданд, суол кардам, аксарияти онҳо чунин ҷавоб доданд: “Аз субҳ телевизорро гиронда, фарзандамро дар наздаш мешинонам, рӯзи дароз тамошо мекунад ва ман бошам тамоми кору бори хонаро бемалол ба анҷом мерасонам. Ӯ ҳангоми тамошои телевизор маро ғам намедиҳад, ҳатто хӯрокхӯриро аз хотир мебарорад”.

Вақте чунин ҷавобро шунидам беихтиёр ба худ савол додам: “Ин гуна фарзандон вақте бузург мешаванд, одобу ахлоқашон чӣ гуна хоҳад шуд?”

Дар Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» барнома бо номи «Фазилати инсонӣ» таҳия мегардид, ки тавассути баёни панду андарзҳои бузургон ва намоиши саҳнаҳои танқидӣ дар тарбияи насли наврас ҳисса мегузошт, вале ин гуна барномаҳо дар рӯ ба рӯйи таъсири манфии муҳиту омилҳои беруна ҳеҷанд. Аз ин рӯ мо тасмим гирифтем боз як барномаи дигареро бо номи «Хонадон» омода ва пешкаши тамошобин намоем. Дар ин барнома зиндагиву рӯзгори солиму намунавии оилаҳои хушбахт нишон дода мешуд, то тамошобин ва оилаҳои ҷавон тавонанд аз зиндагии ибратомӯзи оилаҳои муваффақ дар рӯзгор ва тарбияи фарзандонашон истифода намоянд.

Вале чун асри пешрафту тараққиёт аст, барои аз байн бурдани ин ҳама норасоиҳо телевизион танҳо кореро ба анҷом расонида наметавонад. Ин ҷо фаъолияти ҷомеа зарур аст, то ба ҳадаф бирасем.

**АДАБИЁТ**


1. Брик Л.В. Анализ эффективности воздействия СМИ на формирование социально-позитивных ориентаций молодежи / Л.В. Брик //Вестник МГТУ, 2008. -№1. -Том 11.
2. [Электронный ресурс]. http://revolution.allbest.ru – Влияние средств массовой информации на формирование личности детей и подростков.
3. Интернет ва телевизион қотили кӯдакони рӯҳафтода // Маҷаллаи «Гулшан». -2011. -№ 3.

4. [Электронный ресурс]. http://kursovik.me – Книги: Юридическая педагогика.
5. Арфаъ Фарнӯш. Нақши саводи расонаӣ дар боло бурдани фарҳанги масраф дар миёни бонувон. Поённомаи коршиносии аршад / Арфаъ Фарнӯш. -Теҳрон: Донишгоҳи озоди исломии воҳиди марказ, 1387.
6. Афзалниё Муҳаммадризо. Тарроҳӣ ва ошноӣ бо марокиз ва манобеи ёдгирӣ / А. Муҳаммадризо. -Теҳрон: Самт, 1384.
7. Афросиёбӣ Муҳаммадсодиқ. Саводи расонаӣ: шуое аз ҷомеаи иттилоотӣ /Мусоҳиба бо Сайид Ақили Ваҳидӣ, 1385.
8. Браун Ҷеймз. Рӯйкардҳои саводи расонаӣ / Б. Ҷеймз; тарҷ. Парвиз Яздӣ // Фаслномаи «Расона», соли 17. -№ 4. -С.51.
9. Дидорӣ Акрам. Эрон ва ҷомеаи иттилоотӣ / Д. Акрам //Гузориш аз ҳамоиши илмии «Ирон ва ҷомеаи иттилоотӣ дар соли 1400», 1381.
10. Иброҳимзода Исо. Омӯзиши бузургсолон / И. Исо. -Теҳрон: Паёми нур, 1373. -С.150.
11. Мирҷалилӣ Сайидҳусайн. Саводи иттилоотӣ: нигоҳе ба таҳаввули мафҳуми савод дар асри иттилоот / М. Сайидҳусайн //Фаслномаи китоб, 1385. -С.109.
12. Рашидпур Иброҳим. Оинаҳои ҷайбии оқои Мак-Лоҳан / Р. Иброҳим. -Теҳрон: Дафтари интишороти радио ва телевизиони миллии Эрон, 1352. -С.16.
13. Рейсар Роберт. Интихоби расонаҳо барои омӯзиш / Р. Роберт, Г. Роберт; тарҷ.Сиёмак Ризо. -Шероз: Сосон, 1377.
14. Робертсон Ён. Даромаде бар ҷомеа / Ён. Робертсон; бо таъкид бар назарияҳои коркардгароӣ, ситез ва куниши мутақобили намодӣ); Тарҷ. Ҳусайн Баҳравон, Теҳрон, 1374.
15. Созмони миллии ҷавонон. Гузориши миллии ҷавонон; баррасии вазъияти авқоти фароғати ҷавонон. -Теҳрон: Интишороти Муассисаи фарҳанги аҳли қалам, 1381.
16. Султонифар Муҳаммад. Сенсор ё саводи расонаӣ / С. Муҳаммад. -Теҳрон,1385. -С.17.
17. Сурин Вернар Ҷозеф. Назарияҳои иртиботот / С. В. Ҷозеф; тарҷ. Алиризо Деҳқон. -Теҳрон: Муассисаи Интишорот ва чоп, 1381. -С.420.
18. Тайбӣ Симия. Баррасии меъёрҳои саводи расонаӣ дар барномаҳои симои Ҷумҳурии Исломии Эрон аз дидгоҳи донишҷӯёни коршиносии аршади иртиботот / Тайбӣ Симия //Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Теҳрони марказӣ, 1387.
19. Anderson J.A. Television Literacy and the critical viewer. In J.Bryant & D.R.Anderson (eds).Children's understanding of television: research on Children's attention and comprehension / J.A. Anderson. - New York: Academic Press. 1983. -Pp.297-330.
20. Anderson J. A. Recevership skills: Aneducational response.In M.E.Plogghoft& J.A Anderson (Ed), Education for the television age Athens, OH / J. A. Anderson. - Cooperative Center for Social Science Education, 1981. -pp 19, 27 .

**ҶОЙГОҲИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ГУСТАРИШИ ФАРҲАНГИ ХОНАВОДА**

Барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ баҳри тарбияи инсони комил ва инкишофи фикррониии одамон замина гузошта, ҳамзамон тарзи солими зиндагиро тарғибу ташвиқ менамоянд. Муҳимтарин масъалае, ки дар нахустин марҳилаи рушди каломии кӯдакон таъсир мегузорад, иртиботи каломии вай бо падару модар аст. Барномаҳои шабакаи чанд телевизионе, ки дар ҷумҳурии мо намоиш дода мешаванд, бо масъалагузорӣ ва таҳлилу бандубасти мавзӯъҳо бештар характери тарбиявӣ доранд.

**Калидвожаҳо:** телевизион, иртиботот, иттилоот, саводи расонаӣ, коршиносӣ, омӯзиш, гурӯҳҳо, таълим, тарбият, хонавода, талоқ, ҷомеа, кӯдакон.

**МЕСТО ТЕЛЕВИЗИОННЫХ ПЕРЕДАЧ В РАЗВИТИИ СЕМЕЙНОЙ КУЛЬТУРЫ**

Развлекательные и культурные программы телевидения играют важную роль в воспитании и образовании детей. Они пропагандируют здоровый образ жизни. Исследование показало, что самый важный этап в жизни детей это общение с родителями. Семья как социальный институт занимает особое место в воспитании и образовании детей. В телевизионных программах делается акцент на воспитание детей в семьях и эти передачи имеют воспитательный, образовательный и культурный характер.

**Ключевие слова:** Телевидение, связь, информация, компетентность, учение, обучение, группа, воспитание, дети.

**PLACE OF TELEVISION TRANSMISSIONS IN DEVELOPMENT OF FAMILY CULTURE**

Entertaining and cultural television programs play an important role in the upbringing and education of children. They promote a zdra lifestyle. The study showed that the most important stage in the life of children is communication with parents. The family as a social institution occupies a special place in the upbringing and education of children. TV programs emphasize the upbringing of children in families and these programs are educational, educational and cultural.

**Keyword** of the word: Television, communication, information, competence, teaching, training, group, upbringing, children..

**Сведения об авторе:** ***Бобоиён Мадина Абдуякинзода (Бобоева М.А.)*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни соискатель. Телефон**: 93-527-77-44**,

# НАЗАРЕ БА БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ 5 (АЗ СОЛИ 1987 ТО 2006)

***Партоев Насрулло***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Гуфтан зарур аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ барои ба роҳ мондани машғулиятҳо маводи аввалин китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ ба шумор мераванд. Дигар ҳама гуна маводи таълимии педагогӣ – коркардҳои методӣ, дастурҳо, маводҳои дидактикӣ (таблитсаҳо, схемаҳо, варақчаҳо), инчунин воситаҳои техникии таълим воситаҳои ёрирасон буда, аз онҳо омӯзгор бо мақсади самаранок намудани машғулиятҳо истифода мебарад. Аз ин рӯ, барои ҳар як омӯзгори ин ё он фан барнома ва китобҳои дарсӣ манбаи

аввалине мебошад, ки зимни такя ба онҳо дарси навбатӣ омода гардида, ба шогирдонаш донишҳои меъёриро баррасӣ менамояд.

Инак, мақсади мо бо иншои мақолаи дар зер баррасишаванда ин аст, ки фикру андешаҳоямонро зимни он барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, нишондодҳо, мақолаҳо ва васоити таълимии алоқаманд ба мавзӯи тадқиқотамон, ки ба масъалаи «Таълими фасли синтаксис ва аломатҳои китобат» дар синфҳои V-и мактабҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, дар доираи таҳлили илмиву методӣ баррасӣ намоем.

Қобили тазаккур аст, ки марбут ба вазифа, махсусиятҳо ва усулҳои таълимии ду рукни синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ - «Ибора» ва «Сараъзоҳои ҷумла», ки дар синфи V зимни таълими фасли «Синтаксис ва аломатҳои китобат» дар мадди назар аст, профессор С. Шербоев дар монографияи доктории худ - «Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII» [1] маълумотҳои назариявӣ ва таълимию методӣ пешниҳод намудааст. Вале мақсади мо ин аст, ки дар мақолаи мазкур доир ба ҳамаи он мавзӯъҳое, ки таълимашон дар доираи фасли мазкур дар мадди назар аст, маълумоти методиро манзури омӯзгорон намоем, то ки минбаъд барои баланд бардоштани сифати таълими ҳамин фасл созгор бошад.

**Барнома.** Чунонки аз таҳлили маводҳои муқоисашаванда бармеояд, таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёнаи Тоҷикистон то соли 1929 на аз рӯйи барномаҳои таълимӣ, балки дар асоси нишондодҳои методии муваққатӣ, дастурҳои алоҳидае, ки дар сарсухани китобҳои дарсӣ ва ё хотимаи онҳо пешниҳод мегардид, ба роҳ монда мешудааст [2]. Чунки шабакаи мактабҳои РАСС Тоҷикистонро, асосан, мактабҳои ибтидоӣ ташкил мекарданд, аз ин рӯ, дар ин давра бисёрии нишондодҳои методӣ, ки характери барномавӣ доштанд, ҳамчун дастур барои роҳнамоии омӯзгорон пешбарӣ мегардиданд. Масалан, ин нишондодҳои методӣ-программавиро дар муқаддимаи китобҳои алифбои Мирзомуҳаммад-зода – «Собит», «Мифтҳои таълим» (1922), Носирмуҳаммад - «Алифбои забони тоҷикӣ» (1925), дар алифбои Фаридун - «Баҳори дониш» (1928) дар китоби грамматикаи В. Маҳмуд – «Дастури амалӣ» (1927), дар грамматикаи Саидризо Ализода– «Сарф ва наҳви тоҷикӣ» (1926) ва дигарон метавон дид. Мазмуни нишондодҳои мазкур асосан, ба ташкил намудани дарси забони модарӣ (таълими савод дар синфи I), этикаи амалиёти омӯзгор дар синф, системаи баён, муҳиммии омӯхтани грамматикаи забони тоҷикӣ, қоидаҳои асосии он ва ғайра, ки дар он давра барои омӯзгорони забони тоҷикӣ ҳамчун асоси назариявии омӯхтани забон аҳамияти муҳим доштанд, бахшида мешудаанд [3]. Ҳамчунин, аз охири солҳои 30-юм ва ибтидои солҳои 40-ум инҷониб, барномаҳои таълимии забони модарӣ барои синфҳои болоӣ низ ба роҳ монда шуданд, ки онҳо марбут ба ҳар як соли таҳсил пешниҳод мегардиданд. Зеро дар РСС Тоҷикистон бо ташкил ёфтани сохти давлати тоҷикон ва пешравиҳои сохтмони сотсиалистӣ мактабҳои 7 – сола ва миёна меафзуд. Пас аз характери умумӣ гирифтани мавҷудияти мактабҳои 7-сола ва миёна дар Тоҷикистон органҳои маорифи халқ коргарони институти тадқиқотӣ ва методистони соҳаи забони модариро ба он водор намуданд, ки барои чунин мактабҳо барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методии мукаммал тартиб диҳанд. Ва дар натиҷаи ба миён омадани чунин талабот соли 1939 аввалин барномаи забони модарӣ аз тарафи Б. Ниёзмуҳаммадов ва С. Нестеренко бо унвони «Программаи забони тоҷикӣ. Барои мактаби миёнаи нопурра ва миёна» (бо алифбои лотинӣ) тартиб дода шуд.

Баъди ба вуҷуд омадани барномаи соли 1939 дар ҳаёти мактабҳои 7-сола ва миёнаи тоҷикӣ барои ба система даровардани дарсҳои забони модарӣ (тоҷикӣ), дуруст сарф намудани вақт ва ҳалли ҳар мавзӯъ аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд, ки ин амалҳо мавқеи таълими забони тоҷикиро дар мактаб боз ҳам равшантар ва аниқтар муайян сохта, барои дар оянда тартиб додани барномаҳои мукаммал асос мегузошт. Ин нуктаро бо чунин далелҳо, ки дар ҳар нашри баъдина, ҳатто баъзан ҷузъӣ бошанд ҳам, мукаммалгардии барномаҳо мавриди назар мегардиданд, бараъло эҳсос карда мешуд, чунончи, дар барномаҳои солҳои 1941, 1943 ва соли 1949 ин нукта ба мушоҳида мерасад.

Дар ин барномаҳо мураттибон масъалаҳои дар алоқамандӣ бо синтаксис таълим додани морфологияро ҳам пешниҳод карда, ҳамеша дар мадди назар доштани вазифаи синтаксии ҳар як ҳиссаи нутқ таъкид мегардид.

Инак, мо дар зер барои мухтасарбаёнӣ омӯзишу таҳлили барномаҳоро марбут ба мавзӯи тадқиқот, пеш аз ҳама, аз барномаи барои солҳои 1987-88 мураттабшуда интихоб намудем, чунки дар ин соли таҳсил дар сохтори мактабҳои собиқ Давлати Шӯравӣ тағйироти муҳим рӯй дод: ин тағйирот мансуб ба он буд, ки синфҳои ибтидоӣ аз 3-сола ба 4-сола ва синфҳои болоӣ аз 10 - сола ба 11- сола табдил дода шуданд. Акнун дар асоси чунин сохтори нав дар мактабҳои миёна таълими системаноки омӯзиши забони тоҷикӣ на аз синфи IV, балки аз синфи V оғоз ёфта, дар синфи XI хотима меёбад. Ва дар ҳамин замина барномаи барои соли таҳсили 1987-88 таълифшударо ҳамчун барномаи марказӣ дар кори худ интихоб ва такя ба он намуда, мазмуну мундариҷаи барномаҳои пеш аз ин таҳияшуда, аниқаш, аз нашри соли 1969 сар карда, то охирин нашри барномаи мазкур, ки соли 2006 рӯйи чоп омадааст, мавриди таҳлил қарор додем.

Бояд таъкид намуд, ки барномаи таълимии забони тоҷикии соли 1987 (барои синфҳои V-XI) мураттабшударо метавон низ яке аз барномаҳои такмилёфтаи забони тоҷикӣ номид, зеро дар барномаи мазкур, асосан, ҳамон маводҳое гирд оварда шудаанд, ки дар боби муқаддимавии курси синтаксиси барномаҳои солҳои 1969 ва нашрҳои

минбаъдаи он бо баъзе нуқсону камбудиҳо дида мешуданд. Вале барномаи соли 1987 бо баъзе хусусиятҳои мусбии худ аз барномаҳои солҳои пешин бартарӣ дошт. Бартарии аввалини барномаи мазкур ин аст, ки маҳз аз ҳамон сол сар карда, дар қисмати аввали барнома фасли муқаддимавии он «Мактуби эзоҳӣ» пурмуҳтавотар пешниҳод шудааст. Дар ин қисмат дар бобати аз чӣ иборат будани вазифа ва мақсади таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII (дар мактаби таҳсилоти умумии асосӣ) ва дар синфҳои X-XI (дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ) маълумоти басо нишонрас дода шудааст.

Пас аз «Тавзеҳот» дар барнома қисмати асосӣ - мундариҷаи маводи назариявию амалие, ки дар ҳар як синф омӯхта мешаванд, нисбати бобу фаслҳои забон ва миқдори соатҳои ба таълими ҳар фаслу боб бахшидашаванда мушаххас пешниҳод шудааст. Бояд гуфт, ки оид ба ҳар як боби забон дар барномаҳои то соли 1987 ва баъд аз он дар ду сархатти бо рақамҳои римӣ (**I** ва **II**) ишорашуда - дар сархатти **I** мундариҷаи маводи назариявӣ-номгӯйи мавзӯъҳои таълимӣ ва дар сархатти **II** мундариҷаи корҳои амалӣ пешниҳод мегардид. Аммо маводи барномаи мазкур на ҳамчун дар барномаҳои гузаштаву баъдина, балки бе ишораи сархатти якум мундариҷаи маводи назариявиро пешниҳод намуда, сархатти дуюм, яъне мундариҷаи корҳои амалиро бо унвони «Маданияти сухан» пешниҳод кардааст, ки тавассути он донишҳои аз назарияи забон омӯхтаи хонандагон такрору мустаҳкам карда мешаванд, баррасӣ гардидааст.

Аз ҷумла, дар фасли «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат», ки объекти мавзӯи тадқиқоти мо маҳсуб меёбад, басти аввал - қисмати назариявӣ ба таври зерин пешниҳод шудааст:

«**Ибора**. Калимаи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибора. **Ҷумла.** Хелҳои ҷумла аз ҷиҳати мазмуну оҳанг (ҳикоягӣ, саволӣ ва амрӣ). Ҷумлаи хитобӣ. Мавқеъ ва вазифаҳои аломатҳои китобат дар хелҳои ҷумла.

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба. Сараъзоҳои ҷумла: мубтадо ва хабар. Аъзоҳои пайрави ҷумла: муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол.

Ҷумлаи хуллас ва тафсилӣ.

Ҷумлае, ки як сараъзо дорад.

Ҷумлаҳои чидааъзо ва мавқеи вергул дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла. Мухотаб ва аломатҳои китобатии он.

**Ҷумлаи мураккаб**. Ҷумлаи мураккаби пайвандакдор ва бепайвандак. Аломати вергул дар байни қисматҳои ҷумлаи мураккаб ва пеш аз пайвандакҳои **ки, аммо, вале, лекин, зеро (ки), агар, чунки**.

Нутқи айнан нақлшуда пеш аз ва пас аз сухани муаллиф. Аломати китобат дар нутқи айнан нақлшуда. Муколама (диалог). Тире ( - ) пеш аз муколама» [4].

Бартарии барномаи соли 1987 аз барномаи соли 1969 боз дар он аст, ки дар синфи V таълими ҷумлаҳои сода на танҳо аз рӯйи мақсади ифода, ҳамчунин, омӯзиши он аз рӯи интонатсия ҳам дар мадди назар аст. Инчунин, мавзӯи «Ҷумлаҳо бо як сараъзои ҷумла» низ дар ин барнома ворид гардидааст, ки ин нукта дар барномаи соли 1969 дида намешуд[5]. Вале, мутаассифона, бар хилофи пешниҳоди барномаи соли 1987 дар китоби «Забони тоҷикӣ»-и синфи V соли 1987 нашршуда доир ба мавзӯи мазкур, яъне доир ба «Ҷумлаҳо бо як сараъзои ҷумла», маводи таълимӣ дастрас нагардида буд. Бартарии дигари барномаи соли 1987 боз дар он аст, ки хонандагонро пеш аз таълими сохти ҷумлаҳо бохабар намудан аз мафҳуми ҷумла талаб карда мешуд, вале ин нукта дар барномаи соли 1969 низ зикр нагардидааст. Илова бар ин, бартарии аз ҳама муҳимми барномаи соли 1987 дар он буд, ки марбут ба таълими ҳар як фасли забон дар алоқамандӣ бо фанҳои дигар таълим додани он таъкид карда шуда ва дар охири он дастурҳо оид ба баҳо ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон, миқдори корҳои хаттӣ ва меъёри баҳо ба онҳо дохил карда шуда буд, ки ин талаботи муҳим низ дар барномаи соли 1969 дида намешуд.

Барномаи соли 1969 бо баъзе нуқсонҳо боз соли 1970 барои синфҳои IV-X рӯйи чоп омад [6]. Яке аз нуқсонҳои барномаи мазкур, дар қиёс бо барномаи соли 1987 он буд, ки аз боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» мавзӯи «Ибора»-ро соқит карда буданд, гарчанде ин мавзӯъ дар барномаи соли 1969 бо истилоҳи «Калимабандӣ» ворид шуда бошад ҳам. Илова бар ин, мавзӯи «Ҷумлаи содаи амрӣ» низ дар ин қисмати барнома соқит шудааст, ҳол он ки ин навъи ҷумлаҳо дар забони адабии тоҷик басо серистеъмоланд.

Соли 1971 барномаи дигари забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X мураттаб гардидааст, ки, дар асл, маводи барномаи соли 1970 – ро гирифта буд, фарқаш аз барномаи соли 1987 дар он буд, ки марбут ба таълими фасли муқаддимавии синтаксис дар синфи IV мураттибон тадриси мавзӯъро 6 соат зиёд намуда буданд, яъне ба таълими ин фасл ба ҷойи 14 соат 20 соат муқаррар карда шуда буд [7]. Ба ҷуз ин, агар ин қисмати барномаро бо барномаи соли 1969 қиёс намоем, як пешравӣ ба назар мерасад. Дар ин барнома боз мазӯи «Ибора»-ро бо номи «Ибораи озоди синтаксисӣ» аз нав дохил намуда буданд, ки зимни таълими ин мавзӯъ хонандагони синфи мазкур (IV) ба мафҳуми ибора, ҷузъи тобеъкунанда ва тобеъшаванда ва тарзҳои алоқаи калимаҳо дар он шинос мешуданд.

Ҳамин тавр, аз соли 1969 инҷониб, барномаҳои забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои IV-X пайиҳам мураттаб мешуданд. Чунончи, соли 1972 боз барномаи забони тоҷикӣ рӯйи чоп омад [8], ки маводи боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои

китобатӣ»-и он бе ягон тағйирот монда буд, вале дар он миқдори соатҳои ба таълими фасли мазкур бахшидашуда, чун барномаи соли 1987, дар ҳаҷми 14 соат таълим додан муқаррар шуда буд. Фасли курси муқаддимавии синтаксис дар синфи IV на фақат дар барномаи соли 1972, балки минбаъд дар барномаҳои солҳои 1974, 1975, 1976 ва 1980 низ бе тайгирот мураттаб мегардид.

Соли 1980 барномаи навбатии забон ва адабиёти тоҷик барои хонандагони синфҳои IV-X нашр мешавад [9]. Дар қисмати маводи муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобатӣ»-и барнома он нуқсону камбудиҳое, ки дар барномаҳои солҳои пешин дида мешуд, аз қабили соқит намудани мавзӯъҳои «Ибора», «Ҷумлаҳои содаи амрӣ» ва ғайра, пурра бартараф карда шуда буданд. Вале, агар маводи барномаи мазкурро бо барномаи соли 1987 муқоиса намоем, дар он мавзӯе бо унвони «Ҷумла ва асосҳои грамматикии он» илова гардида буд, ки чунин мавзӯъ дар барномаи соли 1987 дида намешуд. Аммо бартарии барномаи соли 1987 аз барномаи соли 1980 он буд, ки пас аз номгӯйи маводи назариявӣ бо номи «Маданияти сухан» мундариҷаи корҳои амалии хонандагон пешниҳод карда шуда буд, ки тавассути он донишҳои аз назарияи забон омӯхтаи хонандагон такрору мустаҳкам мегардид.

Соли 1983 барномаи нави забон ва адабиёти тоҷик барои хонандагони синфҳои IV-X ба табъ расид, ки он ҳам куллан такрори барномаи соли 1980 - ро фаро мегирифт. Аз ин хотир, муқоисаи онро бо барномаи соли 1987 зарур нашуморидем.

Ин ҷо лозим аст, ки боз як нуктаро таъкид созем. Чунончи, дар муқаддима - («Тавзеҳот») – и барномаи соли 1987 гуфта мешавад, ки қисматҳои «Лексика», «Калимасозӣ», «Морфология» дар синфҳои V- VII ва «Синтаксис» дар синфҳои VIII-IX омӯхта мешавад». Ин нукта таъкиди дуруст аст. Аммо, ба назари мо, хуб мебуд, агар мисли барномаҳои пешин, таъкид мегардид ба ҷуз он ки дар синфҳои VIII-X курси системаноки синтаксис таълим дода мешавад, дар синфи V курси муқаддимавии он бо номи «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» низ омӯзонида мешаваду ин амал минбаъд имконияти дар заминаи донишҳои аввалини синтаксисӣ таълим додани морфологияро дар синфҳои V - VII таъмин месозад. Чунки ин нукта ба талаботи мубрами принсипи умумидидактикии таълим – баҳри дар алоқамандӣ таълим додани қисмҳои гуногуни забони тоҷикӣ шароити мусоидро фароҳам меоварад.

Пас аз се соли нашри барномаи соли 1987, соли 1990, барномаи нави забони тоҷикӣ барои синфҳоии V-XI рӯйи чоп омад. Ин барнома ҳам, дар асл, маводи барномаи соли 1987-ро фаро мегирифт. Тағйироти асосӣ дар ин барнома он аст, ки дар омӯзиши боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» дар синфи V мавзӯи нав: «Мавқеъ ва вазифаҳои аломатҳои китобат дар хелҳои ҷумла» ворид карда шудааст. Барномаи мазкур то нашри барномаи соли 1993 мавриди истифода қарор дошт.

Соли 1993 барномаи нави забони тоҷикӣ барои синфҳои V- IX ва X-XI таҳия шуд [10]. Ин барнома нисбат ба барномаҳои солҳои пешин бо баъзе тағйироти ҷузъии худ фарқ мекунад. Масалан, барои таълими маводи курси муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобат» дар синфи V оиди миқдори соатҳои таълимӣ 10 соат пешниҳод намудааст, ки дар қиёс ба миқдори соатҳои доир ба ин фасл пешниҳоднамудаи барномаи соли 1990 чор соат кам аст. Ҳамчунин, яке аз фарқ ва навовариҳое, ки дар ин барнома ба чашм мерасад - ин ба нақша гирифтани дарсҳои забони тоҷикӣ дар риштаҳо мебошад, яъне таълими бобҳои забонро барои ҳар як синф аз рӯйи таблитса ва меъёри соатҳои таълимиашон мушаххас пешниҳод карда шуда буд, ки чунин нишондод дар барномаҳои солҳои пешин, аз ҷумла барномаи соли 1987 дида намешуд.

Камбудиҳои назаррас дар барномаи соли 1993 нисбат бо барномаи соли 1987 ба тариқи зайл ба назар мерасиданд: а)

Яке аз камбудиҳои асосие, ки дар барнома ба назар мерасад, ин соқит гардидани мавзӯи «Ибора» аз он мебошад. Чуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, аз соли 1972 инҷониб дар барномаҳои забони тоҷикии барои синфи V мураттабшуда ин мавзӯъ ворид ва таълим дода мешуд.

б) Дар барномаҳои солҳои 1987 ва 1990 дар маводи фасли муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» дар қиёс бо барномаҳои пешин мавзӯи нав - «Ҷумлаҳое, ки як сараъзо доранд», дохил гардида буд, аммо ин мавзӯъ аз барномаи соли 1993 соқит карда шудааст.

в) Аз соли 1980 ин ҷониб дар охири барномаҳои ҳар як синф дастуре бо унвони «Талаботи асосӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон» ворид мегардид, ки омӯзгорон аз рӯйи талаботи дар он омада донишу маҳорат ва малакаи хонандагонро месанҷиданду баҳогузорӣ менамуданд, ки мураттибон ин талаботро низ бо сабаби ба мо номаълум соқит намудаанд.

г) Ҳамчунин, яке аз камбудиҳои ин барнома он аст, ки дар қисмати охири барномаҳои пешин ва соли 1987 меъёрҳои асосӣ: баҳо ба ҷавобҳои шифоҳии хонандагон, миқдори корҳои хаттӣ (диктант, нақли хаттӣ, иншо) ва меъёри баҳо ба онҳо (корҳои хаттӣ) дохил карда шуда буд, ин нукта низ аз барномаи соли 1993 соқит карда шудааст.

Дере нагузашта, яъне соли 1994, барномаи нави забони тоҷикӣ барои синфҳои V- IX ба табъ расид [11]. Ин барнома ҳам, дар асл, маводи барномаи соли 1993 – ро фаро мегирифт. Тағйироти асосӣ дар барномаи мазкур ҳамин буд, ки дар қисмати муқаддимавии боби «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» боз мавзӯи «Ибора» - ро

ворид карда буданд ва аз рӯйи ин барнома омӯзгорони забони тоҷикӣ дар мактабҳои Тоҷикистон 7 сол, яъне то соли 2001, таълими забони тоҷикиро ба роҳ монда буданд.

Соли 2001 барномаи навбатии забони тоҷикӣ барои синфҳои V- XI рӯйи чоп омад [12]. Барномаи мазкур, доир ба мавзӯи тадқиқоти мо тағйироте ворид накардааст.

Соли 2002 барномаи нави забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI ба табъ расид.[13] Маводи боби муқаддимавии «Синтаксис ва аломатҳои китобатӣ» дар синфи V бошад, ба пуррагӣ такрори маводи барномаи соли 2001 маҳсуб меёбад. Барномаи мазкур, ҳамчун барномаи таълимии забони тоҷикӣ барои синфҳои V ва XI, то соли 2006 мавриди истифодаи омӯзгорон қарор гирифта буд.

Соли 2006 барномаи нави таълимии забони тоҷикӣ барои синфҳои V ва XI ба табъ расид [13]. Барномаи мазкурро метавон яке аз барномаҳои такмилёфтаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI номид, зеро он камбудию норасоиҳое, ки дар барномаҳои солҳои гузашта дида мешуданд, аксар дар ин барнома бартараф шудааст.

Бартарият ва фарқияти барномаи мазкур нисбати барномаҳои солҳои пешин, пеш аз ҳама, дар синфи V дар он аст, ки соатҳои ба таълими фасли «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат», ки дар қиёс аз миқдори соатҳои ба ҳамин фасл бахшидаи барномаи соли 2002 (10 соат) 4-соат зиёд аст. Ба ҳар ҳол, ин иқдоми мураттибон шоистаи дастгирист. Зеро, акнун метавон гуфт, ки маводи таълимии курси муқаддимавии синтаксисро ҳамин 14 соат баррасӣ мегардонаду додани асосҳои донишҳои муқаддимавии синтаксис ба шогирдон як андоза имконпазир ҳам мешаваду минбаъд масъалаҳои дар алоқамандӣ бо синтаксис таълим додани морфология дар синфҳои V-VIII низ ҷомаи амал хоҳад пӯшид.

Бартарии барномаи соли 2006, хусусан, дар бобати пешниҳоди номгӯйи маводи назариявӣ марбут ба мавзӯи «Ибора» назаррас аст. Дар ин бобат, агар дар барномаҳои солҳои пешин (с.1987, 1994) танҳо нуктаҳои зерин: «Ибора. Калимаи тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар ибора» таъкид шуда бошаду зимни нуктаҳои мазкур асосан, доир ба мафҳуми ибора ва калимаҳои тобеъкунандаву тобеъшавандаи он ба хонандагон маълумот дода мешуду бас, вале дар барномаи соли 2006 на фақат дар хусуси мафҳуми ибора, калимаи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи он, балки доир ба фарқи ибора аз калима, воситаи алоқа дар байни ҷузъҳои ибора низ маълумот додан талаб карда шудааст. Илова бар ин, дар ин барнома, дар фасли «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» мавзӯи дигаре пас аз қисмати ҷумлаҳои чидааъзо бо номи «Ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба» ворид карда шудааст, ки ин дар барномаҳои солҳои гузашта (аз соли 1987 инҷониб) дида намешуд. Хотиррасон бояд кард, ки нисбати «Ҷумлаҳои яктаркиба» дар барномаи соли 1987 дар қисмати маводи муқаддимавии синтаксис дар синфи V маълумот бо номи «Ҷумлаҳое, ки як сараъзо доранд» низ пешниҳод шуда буд, вале бо сабабҳои номаълум ин мавзӯъ аз барномаи соли 1993 соқит шуда, то нашри барномаи соли 2006 дар барномаҳои минбаъда (1994, 2001,2002) ба чашм намерасид.

Боз яке аз фарқиятҳои барномаи соли 2006 дар қиёс бо барномаҳои солҳои 1987, 1990 ва 2001 дар он аст, ки барномаи мазкур, чун дар барномаҳои солҳои 1993, 1994, марбут ба робитаи байни фанҳо маълумотро дар муқаддима-«Тавзеҳот» пешниҳод намудааст. Ин амали мураттибон низ қобили қабул мебошад. Зеро, пеш аз ҳама, омӯзгорон аз курси методикаи таълими ихтисос хондаанд ва медонанд, ки дар ҳар як дарс вобаста ба хусусияти мавзӯъ робитаи фанни забон бо фанҳои дигар алоқаманд карда мешавад. Яъне, шарт нест, ки дар охири ҳар як бобу фасли омӯхташавандаи забон махсус таъкид карда шавад, ки бояд таълими мавзӯи имрӯза бо таърих ва ё адабиёт алоқаманд бошад. Алоқамандии таълими забон бо фанҳои дигар ин догма (шахшуда) нест, балки озод мебошад.

**Хулоса,** барномаи соли 2006-ро дар маҷмӯъ бо барномаҳои солҳои пешин, яъне солҳои 1987,1994 ва 2001, 2002 муқоиса намоем, он бо чунин хусусиятҳои мусбии худ аз барномаҳои пешин фарқ мекунад:

1. Барнома на танҳо бо назардошти принсипи пайдарҳамӣ ва фаҳмо будани маводи таълим, балки бо риояи талаботи педагогӣ ва равоншиносиву методӣ мураттаб шудааст.
2. Муҳиммияти таълими мавзӯи «Ибора»-ро ба эътибор гирифта, ба кадом масъалаҳои омӯзиши он диққат додани омӯзгоронро дар синфи V пешниҳод намудааст.
3. Дар ин барнома, пеш аз таълими сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла, хонандагонро омода намудан бобати «Аъзоҳои ҷумла» талаб карда мешавад, ки чунин талабот дар барномаҳои гузашта ба чашм намерасид.
4. Яке аз хусусиятҳои беҳтарини барнома боз дар он аст, ки дар қисмати «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» дар синфи V, мураттибон мавзӯи «Ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба»-ро ба ҳайси маълумоти муқаддимавӣ ворид кардаанд, ки марбут ба ин мавзӯъ солҳои пеш мавод танҳо барои хонандагони синфи VIII дар барномаҳои пешин пешниҳод мегардид.
5. Ниҳоят, маводи мундариҷаи корҳои амалӣ – сархатти II мебошад, ки он на ҳамчун дар барномаҳои гузашта тариқи сарсарӣ, балки аз рӯйи тартиб такрор ва мустаҳкам намудани мавзӯъҳои аз назарияи забон омӯхтаи хонандагонро пешниҳод менамояд.

Чуноне мушоҳида намудем, дар ин барнома (с 2006) аксари нуқсону камбудиҳои бо сабабҳои объективию субъективӣ мавҷуда, ки дар барномаҳои солҳои пешин ҷой доштанд, дар асл, рӯ ба ислоҳ оварда шудаасту дар он вазифаҳои имрӯзаи таълими забони

тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимӣ мушаххас муайян ҳам карда шудааст то ба имрӯз, тайи зиёда аз 12 сол, мавриди истифодаи омӯзгорони забони тоҷикӣ қарор дорад.

Инак, аз таҳлили мазмуну мундариҷаи барномаҳои забони тоҷикӣ, ки дар ин бобат, асосан, таҳлили мазмуну мундариҷаи маводи фасли «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» дар мадди пажӯҳиш қарор дода шуда буд, хулосаи мубрам чунин аст, ки омода намудани барномаҳои таълимии мактабӣ кори саҳл набуда, аз муаллифон масъулияти баланди забоншиносиву методӣ ва воқифи воқеи будан аз фаъолияти омӯзгорон, донишу малакаи хонандагон вобаста ба сину солашон талаб карда мешавад, ки ин ҳама ба талаботҳои педагогиву психологӣ нисбат ба таълиму тарбия марбут буда, бояд ҳамеша мувофиқа гардад.

## АДАБИЁТ


1. Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII / С. Шербоев. - Душанбе: Деваштич, нашри 2, (бо таҳрир ва ислоҳоти нав) 2006. - 300 с.
2. Рустамов Қ. Таърихи методикаи забони тоҷикӣ дар мактаб / Қ. Рустамов. – Душанбе, 2003. Кит. 2. -С.50 – 100.
3. Программаи мактабҳои миёна. Забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. - Душанбе: Маориф. - 1987. - 39 с.
4. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои I-X. - Душанбе: Ирфон, 1969. -161 с.
5. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои I-X. - Душанбе: Ирфон, 1970. -160 с.
6. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X. - Душанбе: Ирфон, 1971. -91 с.
7. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV-X. - Душанбе: Ирфон, 1972.-94 с.
8. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои IV -X. - Душанбе: Маориф, 1980-1981. -82 с.
9. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V- IX ва X-XI. - Душанбе: Маориф, 1993. - 68 с.
10. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V- IX. - Душанбе: Маориф.- 1994. - 27 с.
11. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. - Душанбе: Матбуот, 2001. - 51 с.
12. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. - Душанбе: Матбуот, 2002. - 42 с.
13. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V- XI. - Душанбе: 2006. - 40 с.


## НАЗАРЕ БА БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ 5 (АЗ СОЛИ 1987 ТО 2006)


Таҳлили моҳият ва мазмуни барномаҳои таълимии забони тоҷикӣ, асосан таҳлили моҳияти маводи фанни «Синтаксис ва аломатҳои китобатӣ» асоси мақолаи зеринро ташкил менамояд. Муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки тайёрии барномаҳои мактабӣ кори осон нест ва аз муаллифон масъулияти баланди забонӣ ва методӣ, назари воқеӣ ба фаъолияти омӯзгоронро талаб менамояд, ва донишу маҳорати мактаббачагон бояд аз синну соли онҳо талаб карда шавад, ки ин назари педагогӣ ва психологиро ба раванди таълим ва тарбия талаб менамояд.



**Калидвожаҳо:** моҳият ва мазмуни барномаҳои забони тоҷикӣ, тайёр кардани барномаҳои таълимии мактабӣ, донишу маҳорати мактаббачагон, барномаҳои таълимии забони тоҷикӣ.


## ВГЛЯД НА УЧЕБНЫЕ ПРОГРАММЫ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА ДЛЯ 5-ГО КЛАССА (С 1987 ПО 2006 ГОДЫ)


Анализ сущности и содержания программ таджикского языка, в основном анализ сущности и содержания материалов предмета «Синтаксис и пунктуационные знаки» стоит во главе угла данной статьи. Автор пришел к выводу о том, что подготовка школьных учебных программ не является легкой работой, и требует от авторов высокой языковой и методической ответственности, реального взгляда на деятельность учителей, а знания и навыки учащихся должны быть востребованы в зависимости от их возраста, что требует педагогического и психологического взгляда на процесс обучения и воспитания.



**Ключевые слова:** сущность и содержание программ таджикского языка, подготовка школьных учебных программ, знания и навыки учащихся, учебные программы таджикского языка.


## VIEW OF TRAINING PROGRAMS OF TAJIK FOR 5TH CLASS (From 1987 to 2006)


In this article the author deals some linguistical characteristic and particularities of training unit introduction “Syntax and punctuation” in 5$^{th}$ class program since 1987 till contemporary program of secondary school . The training secondary school programs is not an elementary affaire, it also requires responsibility the trainers of high linguistic and methodists, and analysis reality of activities for teachers and pupils the knowledge and skills required, depending on their age and knowledge, thus it applies to all pedagogical and psychological requirements of the process of learning and education sphere. The author of this scientific article analyzed Syntax and punctuation” in 5$^{th}$ class program, defined some advantages and disadvantages of them.



**Key words:** the essence and content of the Tajik language programs, the preparation of school curricula, the knowledge and skills of students, and the curricula of the Tajik language.



**Сведения об авторе:** ***Партоев Насрулло*** – Институт развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, докторант Ph.D. Телефон: **900-25-88-82**

# ПЕДАГОГИКА ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОЙ ЛИЧНОСТИ

***Солиев О.К.***
**Технологический университет Таджикистана**

Существенные изменения в современной экономической и социокультурной ситуации Республики Таджикистан, модернизация отечественного образования предполагают ориентацию на воспитание не только интеллектуальной, культурной, творческой, но и конкурентоспособной личности студента. Конкурентоспособность - социально ориентированная система способностей, свойств и качеств личности, характеризующая ее потенциальные возможности в достижении успеха (в учебе, профессиональной и внепрофессиональной жизнедеятельности), определяющая адекватное индивидуальное поведение в динамически изменяющихся условиях, обеспечивающая внутреннюю уверенность в себе, гармонию с собой и окружающим миром [2, 32]. Для формирования таких социально ориентированных качеств личности необходимы новые, инновационные по своей сущности условия, которые в традиционно функционирующей системе высшего образования создать не удается.

За сравнительно короткий период времени появилось множество толкований этого термина, подходов к определению содержания понятия. Сам этот факт свидетельствует о том, что переход к рыночной экономике и те социально-экономические изменения, которые происходят в современной Республике Таджикистан, неизбежно приводят к необходимости глубокого и серьезного исследования проблемы конкурентоспособности личности. До конца не выявлена сущность конкурентоспособности как многоаспектной характеристики личности, которая, имея проекции практически на все сферы жизни человека, может выступить фактором активизации его жизнедеятельности (прежде всего профессиональной деятельности). Требуют определенного уточнения понятия «конкурентоспособная личность», «конкурентоспособность личности», «конкурентоспособное поведение», «конкурентные преимущества», «конкурентная среда» и др. Так, остаются открытыми вопросы: какие базовые свойства личности в наибольшей мере влияют на уровень конкурентоспособности; существуют ли личностные предпосылки к конкурентоспособности и каковы условия их реализации. До сих пор остается актуальным вопрос о возможности использования психолого-педагогических наработок зарубежных ученых. Дело в том, что за рубежом в теории управления, психологии, социологии проблема конкурентоспособности всегда стояла как центральная, решение которой справедливо связывалось с жизненным успехом личности.

Понятие «конкурентоспособность личности» вызывает интерес в психологии и педагогике уже с середины 90-х гг. прошлого века. Анализ исследований по данной проблеме выявил неоднозначность в понимании и многообразии моделей, в которых основополагающие характеристики и компоненты конкурентоспособной личности различны [3, 19-30].

По мнению Л. М. Митиной, «развитие конкурентоспособной личности - это развитие рефлексивной личности, способной организовывать свою деятельность и поведение в динамических ситуациях, обладающей новым стилем мышления, нетрадиционными подходами к решению проблем, адекватным реагированием в нестандартных ситуациях» [5, 112]

Педагоги-исследователи предпринимают попытки выявить пути и средства, обеспечивающие формирование конкурентоспособности личности.

О.К. Филатов, Д.В.Чернилевский, Н.В. Борисова, С.Н. Широбоков и др. рассматривают проблему конкурентоспособности в педагогическом аспекте, определяя конкурентоспособность как качество подготовки специалиста.

По мнению Д.В. Чернилевского, главное условие успешной деятельности в любой области - это уверенность в своих силах. "Основные направления, по которым вырабатывается уверенность в себе:

1. Освоение и совершенствование профессионального мастерства.
2. Адекватное поведение в различных ситуациях человеческого общения.
3. Поддержание и укрепление здоровья и работоспособности.
4. Создание благоприятного внешнего облика, собственного имиджа" [14, 18.]

О.Е. Лебедев, Е.А. Мищенко, З.И. Равкин, Д.И. Фрумин, Л.М. Митина, Т.А. Стефановская, О.Ф. Чупрова и др. конкурентоспособность рассматривают как качество (характеристика) личности, в плане самоопределенности, самореализованности, самоудовлетворенности.

Необходимо заметить, что изначально термин «конкуренция» был синонимом понятия «соперничество», «соревнование», «состязание». Как считал В. И. Ленин, «конкуренция является особой формой соревнования» [6, 24]. Подобное толкование можно встретить и в настоящее время, как в отечественных, так и в зарубежных источниках.

Рассматриваемый термин был заимствован экономистами почти сразу после его появления. Но и в лексиконе экономистов в первое время это понятие употреблялось весьма вольно. Постепенно смысл его уточнялся, становился все более определенным, и в начале XX в.

слово «конкуренция» стало считаться научным термином, что дало ему возможность войти в круг основных понятий экономической теории.

В развитие экономического понятия «конкуренция» внесли значительный вклад такие зарубежные ученые экономисты, как С. Брю, Дж. Кейнс, А. Курно, К. Макконелл, А. Маршалл, Дж. Милль, Ф. Найт, М. Портер, Дж. Робинсон, Д. Рикардо, А. Смит, Ф. Хайек и др.

Так, Дж. Милль доказал, что конкуренция сама по себе является законом, который устанавливает правила регулирования [7, 112]. Ф. А. фон Хайек считал, что «конкуренция ведет к лучшему использованию знаний и способностей людей и стимулирует рациональность [13, 208]. Ф. Найт утверждает, что «конкуренция - это ситуация, в которой конкурирующих единиц много и они независимы» [9, 22]. Все вышеназванные ученые-экономисты отмечали многогранность данного понятия, в связи с этим его изучение требует детальных и обширных исследований с разных точек зрения, обобщения работ многих авторов.

Кроме экономической существует и биологическая конкуренция -соревнование между особями одного или разных видов за средства существования и условия размножения [10, 24].

Понятие «конкуренция» тесно связано с понятием «конкурентоспособность». Так же, как и конкуренция, понятие «конкурентоспособность» - изначально категория экономическая, употребляемая при характеристике товаров или услуг.

Наряду с конкурентоспособностью товаров и услуг, конкурентоспособностью экономики, биологической конкуренцией особей в отечественной и зарубежной литературе говорится и о конкурентоспособности личности или специалиста.

Конкурентоспособность личности как значимая характеристика является предметом изучения разных областей науки — философии, психологии, педагогики и др.

В философском плане вопрос о конкурентоспособности личности напрямую касается важнейшего вопроса философии — вопроса о сущности человека, его месте в мире и о смысле человеческого бытия. Проблема сущности человека, его роли и места в мире решалась еще античными философами, а также целой плеядой отечественных философов XIX-XX вв. Их труды послужили для нас методологической основой рассмотрения проблемы.

Так, русские мыслители XIX в. (Ф. М. Достоевский, В. В. Розанов и др.) главным назначением человека считали реализацию им своего нравственного потенциала, построение жизни на началах любви ко всему человеческому.

В. В. Розанов смыслом жизни считал стремление к достижению трех идеалов духовного назначения — истины, добра и свободы [12, 80]. Важнейшее значение этих трех нравственных ориентиров в том, что обладающий ими имеет «неразрушимое ядро» для деятельности, т. е. они являются исходными условиями личностной конкурентоспособности человека.

Теоретический анализ философских трудов позволяет прийти к мысли о том, что личности присуще стремление к развитию, самоутверждению, к поиску себя и смысла своего существования, своего места в мире, т. е. философская идея усовершенствования личности и деятельности служит основой понятия «конкурентоспособный специалист».

Рассмотрев проблему формирования конкурентоспособности с философской позиции, нам представляется целесообразным рассмотреть исследуемую проблему с точки зрения психолого-педагогической науки. Следует сразу оговорить, что изучение понятия «конкурентоспособность» в педагогике и психологии является относительно новым направлением. Данное понятие вошло в психолого-педагогическую науку в связи с исследованиями зарубежных ученых Дж. Грейсона, К. О'Делла, Дж. Дьюи, Р. Мартенса, А. Маслоу, К. Роджерса, Э. Шострома и др., и именно этих ученых можно по праву считать основоположниками проблемы формирования конкурентоспособности будущего специалиста.

Так, К. Роджерс отмечает, что человеку «свойственна тенденция развивать все свои способности, чтобы сохранять и развивать личность» [11, 128].

Олпорт Е. конкурентоспособность личности раскрывает через анализ феномена зрелой личности, отмечая при этом, что созревание человека — это процесс становления, непрерывно протекающий и продолжающийся в течение всей его жизни [8, 113].

Дж. Грейсон и К. О'Делл отмечают, что характеристиками конкурентоспособности являются потребность в достижении успеха и уверенность в своих силах на основе осознания собственных способностей и возможностей [10, 38].

Р. Мартенс в конкурентоспособной личности видит основной результат социализации. Успешная деятельность человека зависит от способностей, приобретенных им знаний, умений и навыков. Быть социально конкурентоспособным, по мнению Р. Мартенса, значит быть способным выполнять многие социальные роли [5, 56].

Дж. Дьюи главную цель обучения видит в том, чтобы «подготовить молодежь к исполнению будущих обязанностей и реализации возможности преуспеть в жизни» [4, 327].

Таким образом, представители гуманистической психологии видели человека активным творцом собственной жизни, обладающим свободой выбора, разрабатывающим и развивающим индивидуальный стиль жизни.

С середины 90-х гг. прошлого века проблема формирования конкурентоспособности личности стала вызывать интерес и у отечественных педагогов и психологов в связи с переходом России к рыночной экономике. Данный тезис наглядно подтверждается тем, что в

настоящее время вместо слова «профессионализм» все чаще работодатели используют термин «конкурентоспособность» [2, 52].

В то же время, анализируя работу А. Г. Шмелева «Продуктивная конкуренция» [15, 54], мы обратили внимание на тот факт, что термины «конкуренция» и «конкурентоспособность» долгое время не вызывали у российских граждан позитивных ассоциаций. Причина этого, по мнению А. А. Ангеловского, лежит в социальных стереотипах, часть которых сформировалась в период советского строя [1, 17].

В советский период развития высшего профессионального образования студентов не рассматривали на предмет их конкурентоспособности, поскольку отсутствовали социально-производственные предпосылки для реализации данного качества. Каждый выпускник вуза был уверен в завтрашнем дне, в том, что он будет востребован на рынке труда и обеспечен работой по выбранной специальности. К тому же долгие годы в нашей стране образование ориентировалось не на раскрытие способностей, формирование личностных и профессиональных качеств, а на усвоение отработанных алгоритмов решения разного рода задач.

На сегодняшний день, в связи с переходом всей страны на рыночные рельсы, успех на рынке труда стал рождаться в конкурентной борьбе между потенциальными специалистами в той или иной сфере человеческих отношений. В результате этого проблема формирования конкурентоспособности встала в ряд приоритетных педагогических проблем, требующих срочного решения, а у отечественных педагогов и психологов возник интерес к изучению данной проблемы.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Ангеловский А. А. Формирование конкурентоспособности студентов в процессе профессиональной подготовки в вузе: монография / А. А. Ангеловский. -Челябинск, 2006.
2. Андреев В. И. Конкурентология: учебный курс для творческого саморазвития конкурентоспособности / В. И. Андреев. – Казань: Центр инновационных технологий, 2004. – 468 с.
3. Денищева Л.О. Проверка компетентности выпускниов средней школы при оценке образовательных достижений по математике / Л.О. Денищева // Математика в школе. - 2008. -№ 6. - С.19-30.
4. Дьюи Д. Демократия и образование / Д. Дьюи. - М., 2000. -С.327.
5. Митина Л. М. Психология развития конкурентоспособной личности / Л. М. Митина. – М.: Воронеж, 2002. –115 с.
6. Ленин В. И. Полное собрание сочинений / В. И. Ленин. Т. 36. -24с.
7. Милль Дж. Основы политической экономики / Дж. Милль. - М., 1980. -Т. 1. -112с.
8. Олпорт Е. Становление личности / Е. Олпорт. - М., 2002. -113с.
9. Найт Ф. Х. Риск, неопределенность и прибыль / Ф. Х. Найт. - М., 2003. -22с.
10. Осмоловская И. Ключевые компетенции в образовании: их смысл, значение и способы формирования / И. Осмоловская // Директор школы. — 2006. - № 8. - С.64-69.
11. Роджерс К. Взгляд на психотерапию. Становление человека К. / Роджерс. - М., 1994. -367с.
12. Смысл жизни в русской философии, конец XIX — начало XX в. / сост. В. Г. Безносов ; отв. ред. А. Ф. Замалеев. -СПб., 1995.
13. Хайек Ф. А. Индивидуализм и экономический порядок / Ф. А. Хайек. - М., 2001. -208с.
14. Чернилевский Д. Дидактические технологии в высшей школе / Д. Чернилевский. -Издательство журнала "Юнити", ЮНИТИ-ДАНА, ИЗДАТЕЛЬСТВО, 2002 г
15. Шмелев А. Е. Продуктивная конкуренция. Опыт конструирования объединительной концепции / А. Е. Шмелев. - М., 1997.


## АСОСҲОИ НАЗАРЯВИИ ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ РАҚОБАТПАЗИР


Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба амал омада истодаанд, ҳатман ба зарурати тадқиқи амиқ ва ҷиддии мушкилоти рақобатпазирии шахсият мераванд. Дар натиҷаи ин масъала ташаккул додани рақобатпазирӣ ба қатори проблемаҳои афзалиятноки педагогӣ ворид гардида, диққати педагогҳо ва психологҳои ватаниро нисбати ин масъала бештар ҷалб намудааст.



**Калидвожаҳо:** рақобатпазирӣ, ташаккул, шахсият, қобилият, рушд, худсобиткунӣ.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОЙ ЛИЧНОСТИ


Переход к рыночной экономике и социально-экономические изменения, которые происходят в современной Республике Таджикистан, неизбежно приводят к необходимости глубокого и серьезного исследования проблемы конкурентоспособности личности. В результате этого проблема формирования конкурентоспособности встала в ряд приоритетных педагогических проблем, требующих срочного решения, а у отечественных педагогов и психологов возник интерес к изучению данной проблемы.



**Ключевые слова:** конкурентоспособность, формирование, личность. способность, развитие , самоутверждение.


## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR FORMING A COMPETITIVE PERSON


The transition to a market economy and socio-economic changes that occur in the modern Republic of Tajikistan inevitably lead to the need for a deep and serious study of the problem of the competitiveness of the individual. As a result of this, the problem of forming competitiveness has become a series of priority pedagogical problems that require urgent solutions, while among native teachers and psychologists, interest has arisen in studying this problem.



**Keywords:** competitiveness, formation, personality. ability, development, self-affirmation.



**Сведения об авторе:** ***Солиев Одилджон Курбонхолович*** - Технологический университет Таджикистана, соискатель кафедры педагогики. E-mail: soliev_o.k@mail.ru Телефон: **(992) 988-40-59-79; (992) 919-80-62-26**

# НОРМЫ И УРОВНИ РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

*Бобоев Б.Дж. Холназаров С.*
**Кулябский государственный университет им. А.Рудак и ,**
**Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава**

Мы рассматриваем познавательную активность в качестве особенности личности студента по усвоению, использованию знаний и способов деятельности. Но как определить эти способности? Каким образом давать оценку этому качеству студента? Известно, что косвенно измерить эту способность у студентов невозможно. Познавательную активность измеряют по следующим параметрам:

а) по качеству знаний;
б) по вопросам студентов, задаваемым учителю;
в) по характеру данных задаваемых вопросов;
г) по отношению студентов к дополнительным заданиям;
д) во время выполнения заданий использование определенного количества литературных источников;
е) по количеству времени, затраченному студентом для теоретической подготовки к занятиям.

Г.И. Щукина в работе [1] предлагает в качестве показателей познавательной активности студента следующее.

Познавательную активность студента, в первую очередь, показывают вопросы, которые он задает в процессе обучения. Вопросы отражают усилия студента по получению новых знаний и показывают глубину понимания предмета обучения. Заданные вопросы выражают поиск, желание получить дополнительные знания. Вопрос – это форма познавательного задания, является движущим фактором перехода от незнания (или неполного знания) к знанию. Если вопросы учителя при обучении химии имеют организационно-управленческий характер, то вопросы учащихся – это средство развития ума и речи, они показывают степень формирования требований к химическим знаниям.

Другим показателем активности являются усилия и желания студента участвовать в деятельности, в дискуссиях по заданным вопросам на занятиях, желание выражать свою точку зрения, коррекция ответов своих друзей. Показателем познавательной деятельности студентов являются активные действия по усвоению знаний и приобретению способностей. Привлечение усвоенных знаний в различных ситуациях способствует их устойчивому, свободному использованию, глубокому осознанию сущности изучаемого предмета.

Другим показателем познавательной деятельности являются усилия студентов по передаче друг другу новой информации, полученной из различных источников. Авторы педагогических исследований используют, как качественную, так и количественную информацию при усвоении учебного материала.

По нашему мнению, одним из путей измерения качества является анализ учебно-познавательной деятельности студентов. Учебно-познавательная деятельность студента - это цели, способ, метод и результаты деятельности.

В.Г. Разумовский [2] считает, что сущностью творческого отношения к обучению является целесообразность исследования всех дидактических объектов, которые с точки зрения процесса учебной деятельности студента являются педагогическим управлением в деятельности.

Познавательная деятельность студента проявляется в его отношении к содержанию и процессу обучения, познавательно-учебной деятельности, во внимательности и устойчивости нравственных интересов, в усилиях по усвоению знаний и способов деятельности. Поэтому изменения в характере учебно-познавательной деятельности студента должны рассматриваться как единство двух точек зрения: содержательного и мотивационного действия.

Действия по познавательной, умственной и поисковой деятельности студента означают, что студент за определенное время усваивает определенный объем учебного материала, может анализировать задания, логически строит умозаключения, способен обобщать изученный материал и т.д. О формировании данной деятельности можно судить по следующим признакам:

– способность в решении определенных видов заданий (вопросы, в которых в качестве способа деятельности используются чувственные алгоритмы; вопросы, требующие исследования или способа обоснованного решения);
– степень организации логических способов умозаключений (конкретизация, обобщение, сравнение, дедукция, индукция и т.д.);
Ихтилоли шунавоӣ (CAPD). Нишонаҳо ва аломатҳо: 1) дар ёдоварии баъзе масъалаҳо мушкил дорад ва баъзе садоҳоро ба монанди мусиқӣ хеле хуб мешунавад; 2) вожаҳо бо садои шабеҳро бехато ҳиҷҷа-ҳиҷҷа талаффуз мекунад ё ҳиҷоҳоро нодида мегирад; 3) мумкин аст, ки латифаҳоро бо хато шунаванд ва дарк кунанд, 4) бештар вақтҳо аз баъзе садоҳо озурда мешаванд; 5) дар ёдоварии дастурҳои шифоҳӣ ба душворӣ дучор мешаванд ва онҳоро бо хато тафсир мекунанд; 6) дар ҳифз ва ёдовариҳои суханҳо душворӣ доранд; 7) аз вожаи «чӣ» зиёд истифода мекунанд, хатто ки агар матнро зиёд шунида бошад.

Роҳкориҳо:

1. Ба ҷойи шарҳ додан нишон диҳед.

2. Камбудиҳоро бо ҳиссиёте, ки бештар солим ҳастанд, комил кунед, ба монанди аломатҳо ва ишораҳои даст ва конспект.

3. Дастурҳоро кам кунед аз ишораҳои мушаххас (монанди оё омодаӣ?) истифода кунед.

4. Дар мавридҳое, ки дастурҳои хаттӣ ва шифоҳӣ иштибоҳ гирифта мешаванд, ба кӯдак кумак кунед, то маъноро пайдо кунад.

5. Решаи вожаҳо, калимаҳои душворро фаҳмонед.

6. Барои ин ки боварӣ ҳосил кунед, ки матнро дарк кардаанд, аз хонанда саволҳо пурсед.

7. Аз кӯдак нахоҳед, ки дар як замон ҳам гӯш кунад ва ҳам бинависад.

Дар тӯли даҳаи охир таваҷҷуҳи зиёде ба доираи коркардҳои иҷроӣ дар кӯдакон шудааст. Аз дидгоҳи асабшинохтӣ ин истилоҳ бо шабакаи густардае аз коркардҳои шинохтӣ дар мағз иртибот дорад ва шомили теъдоди зиёде аз фарояндҳои шинохтии худтанзимии рафтор ва рушди маҳоратҳои шинохтӣ ва иҷтимоӣ аст, ки дар тӯли давраи дигаргунии кӯдак шакл мегиранд (Маркович ва Сётерланд, 2002). Пажӯҳишҳои ин донишмандон нишон додаанд, ки густариш ва рушди коркардҳои иҷроӣ монанди дигар маҳоратҳо дар тӯли давраи кӯдакӣ рушд меёбанд[3]. Коркардҳои иҷроӣ истилоҳе аст, ки кулли фарояндҳои шинохтии печидаеро, ки дар анҷоми машқи мактаб душвор мебошанд, зарурӣ медонад. Муҳимтарини ин коркардҳоро ба шакли барномарезӣ, созмондиҳӣ, хотири фаъол, мудирияти замон гуруҳбандӣ мекунанд. Ин коркардҳо маҳоратҳое ҳастанд, ки ба шахс кумак мекунанд, то ба қисматҳои муҳимми машқ таваҷҷуҳ кунанд ва барои ба поён расондани он барномарезӣ кунанд. Бисёре аз тадқиқот ба ин нукта ишора кардаанд, ки бад кор кардани рушдёфтагии коркардҳои иҷроӣ бо ихтилолҳои ёдгирӣ дар даврони кудакӣ робитаи бисёр наздик доранд.

Ин коркардҳо маҳоратҳое ҳастанд, ки ба шахс кумак мекунанд, то ба ҷанбаҳои муҳимми машқ диққат карда ва барои ба поён расондани он барномарезӣ кунанд. Бисёре аз тадқиқот ба ин нукта ишора доштаанд, ки бад кор кардани амалкардҳои кӯдак бо ихтилоли ёдгирӣ дар даврони кӯдакӣ робитаи наздике дорад [1].

Инчунин, тадқиқотҳо нишон додаанд, ки омӯзиш ва рушди коркардҳои иҷроӣ нақши асосӣ дар густариши тавонмандиҳои иҷтимоӣ ва таҳсилӣ доранд. Хусусан ҳар гуна нуқсон дар пешрафти амалкарди кӯдакон метавонад сабаби ихтилоли ёдгирӣ ва таваҷҷуҳ дар барномарезӣ барои шурӯъ ва поён додан ба машқи кудак мешавад. Маънои дақиқи ихтилолҳои ёдгирӣ махсус шомили ихтилолҳои ёдгирӣ ва шинохтӣ мешавад. Бо ин маъно, ки бар рӯйи дарс хондан ва амалкарди кӯдак таъсир мегузорад.

Вазорати илм дар Америко дар робита бо иллатшиносии ин ихтилол ва ба дунболи он роҳҳои мухталифи дармонӣ, назарияҳо ва таҳқиқоти мухталифе анҷом дода шуд. Дар пажӯҳише ба муқоисаи коркардҳои иҷроӣ дар се гурӯҳ хонандагони норасохон ва

хонандагон бо ихтилол дар риёзиёт ва мактаббачагони одӣ пардохтанд. Натиҷаҳои ҳосила нишон дод, ки гурӯҳи бо ихтилоли дар риёзиёт бештарин нуқсонро дар ин доира нисбат ба гурӯҳи бо ихтилоли хондан ва одӣ доштаанд ва инчунин гурӯҳи бо ихтилоли хондан нишонаҳои поёнтаре дар навъи амалкарадшон нисбат ба гурӯҳи одӣ ба даст овwarданд.

Маклин ва Ҳилдч (2001) дар пажӯҳиши эҳтимоли робитаи нуқсондорӣ коркардҳои иҷроӣ бо ихтилоли риёзиётро дар хонандагони бо ихтилол ва бе ихтилоли риёзиёт мавриди баррасӣ қарор доданд. Бо ин манзур 60 хонанда бо ихтилоли риёзӣ ва 30 хонанда бе ин ихтилол интихоб шуданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки бештарин тафовут марбут ба омили созмондиҳӣ буд.[12]

**Навъҳои марказҳои омӯзишӣ барои кӯдакон бо ихтилоли ёдгирӣ**.

Хонандагон бо ихтилоли ёдгирӣ бо шаклҳои мухталиф ё мутафовит ҷойгузор мешаванд, ки нишондиҳандаи ниёзҳо ва тавонмандиҳои ин кӯдакон аз дидгоҳҳои мухталиф дар хусуси омӯзиши онҳо аст:

1. Мактабҳои одӣ.
2. Синфҳои омӯзишии ёдгирӣ дар мактабхои одӣ.
3. Синфҳои махсус дар мактабҳои одӣ.
4. Синфҳои рӯзона ва шабонарӯзии хусусӣ ва давлатӣ.
5. Синфҳои махсуси дармонӣ ва бемористонӣ ва муассисаи ихтилолоти ёдгирӣ.
6. Дарсҳои омӯзишӣ дар хонавода ва муассисаҳои дармонӣ.

**Барномаи омӯзишӣ**. Барномаҳои зиёде барои омӯзиши хонандагон бо ихтилоли ёдгирӣ вуҷуд доранд. Ин барномаҳо барои омӯзиши мутаносиб бо синну сол тарроҳӣ мешаванд ва муносиб бо қобилиятҳои зеҳнӣ, иҷтимоӣ, ҷисмонӣ ва шавқу ҳаваси кӯдак шакл мегиранд. Фароҳам сохтани барномаҳои бисёр ҳадафманд ва мушаххас, ки ба ниёзҳои фардии ҳар кӯдак диққат дошта бошад, аз хусусияти барномаҳои муваффақиятомез аст. Барои ҳар як хонанда одатан ҳадафҳо ва равишҳои омӯзишии мутафовуте мавриди ниёз аст. Аз ин рӯ, хонандагоне, ки қобилиятҳои камтаре доранд, аз барномаҳои омӯзишии хосе баҳраманд мешаванд.

Диққати ин барнома бештар бар рӯйи рушди маҳоратҳои таҳсилӣ ва рушди робитаҳои амалӣ аст. Ба илова, маҳоратҳои зиндагии рӯзмарра низ таъкид мешаванд, ки барои кумак ба ширкати хонанда дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва вақтҳои истироҳат аст. Дар тӯли солҳои охир таҳсил аз рӯйи барномаҳо, маҳоратҳои амалӣ бо маҳоратҳои тахассусӣ тағйир мекунанд ва мактаббачаву хонаводааш барномарезӣ барои интиқол ба зиндагии бузургсолиро шурӯъ мекунанд.

Барномаҳое, ки барои мактаббачагоне, ки аз қобилиятҳои зеҳнии одӣ бархурдор ҳастанд, дар назар гирифта мешаванд, ки шабеҳ ба дигар мактаббачагон аст, вале бар асоси хусусиёт ва ниёзҳо ва қобилиятҳои онҳо сохта мешаванд. Ба таври куллӣ, як равиши омӯзишии хос барои ҳамаи кӯдакон бо ниёзҳои махсус ва мухталиф муносиб нест. Бо ҳамин далел фароянди омӯзиш ва дармони хос бо шакли матлуб тарроҳӣ шудааст[1].

Бояд рӯйи он чизе, ки хонанда дар як шароити муайян метавонад анҷом диҳад, таъкид шавад, бояд аз фишор овардан дар мавриди роҳкориҳои омӯзишӣ ва дармонии номуваффақ худдорӣ шавад. Таҷрибаҳои амалӣ дар муҳитҳои табиӣ, ки дар асоси таҷрибаҳои зиндагии рӯзмарра шакл гирифтаанд, муҳим ҳастанд. Хадамоти омӯзишии махсуси хонандагон бо ихтилоли ёдгирӣ иборатанд аз:

1) маҳоратҳои ҷубронӣ ё таҳсилии илмӣ;
2) ҳаракат ва ҷиҳатёбӣ;
3) маҳоратҳои робитаҳои иҷтимоӣ;
4) маҳоратҳои зиндагии мустақил;
5) маҳоратҳои вақтҳои истироҳат;
6) маҳоратҳои истифода аз эҳсосот.

Маҳоратҳои ҷубронӣ маҳоратҳое ҳастанд, ки макони баробар шудани фурсатҳоро фароҳам мекунанд, барои мисол шомили маҳоратҳои навиштории хатти Брайл, таҷрибаҳои ёдгирӣ, маҳоратҳои мутолиа, сухан гуфтан ва гӯш додан – ҳамаи ин барномаҳо муҳим ва зарурӣ ҳастанд.

Мушкилоти пешрафти таҳсилӣ. Бештарин мушкил дар мактаббачагон бо нотавонии ёдгирӣ мушкилоти хондан ва навиштан аст, ки бо камбуди маҳоратҳои забонӣ дар робита аст ва мушкилоти ҳуруф, садоҳо ва равонхониро дар бар мегирад. Сатҳи маҳорати хондан дар ин гурӯҳ поёнтар аз сатҳи ҳамсинфонашон дар гурӯҳи одӣ мебошад [2].

Инчунин, мушкилот дар заминаи дастхат, имло ва иншоро шомил мешавад. Фаровонӣ ва шиддати мушкилот дар ин гурӯҳ бисёр бештар ва шадидтар аз хатоҳои ҳамсолони одияшон мебошад. Афроде бо нотавонӣ бисёр кунд менависанд ва навиштаҳояшон нохоност. Дар фаҳми иртиботи байни ҳарфҳо ва садоҳо мушкил доранд. Нотавонӣ дар ёдгирии риёзиёт одатан ба мушкил дар муҳосибаи рақамҳо ва истифодаи нокоромад аз роҳбурдҳои ҳалли масъала марбут мешавад. Кӯдакон бо нотавонӣ дар навиштани саҳеҳи рақамҳо ва аломатҳои риёзӣ нотавон ҳастанд.

Мушкилоти идрокӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани мушкилоте ба мисли нотавонӣ дар ёдоварии шакли ҳарфҳо ва мушкилот дар маҳоратҳои ҳаракатии калону хурд навиштан мешавад. Як намуди дигари мушкилоти идрокӣ, ин идроки биноӣ ва шунавоии ин кӯдакон

аст, ки дучори нуқсон мешаванд, монанди душворӣ дар мушоҳида кардани дастуроти шифоҳӣ.

Тавоноии ёдгирӣ ва хотири шахс бо камтавонии зеҳнӣ дар муқоиса бо ҳамсолони одии онҳо ба тариқи маънодорӣ поёнтар аз ҳадди миёна аст.

Кӯдакон бо ихтилоли ёдгирӣ камтар метавонанд мафҳумҳои душворро дарк кунанд. Онҳо бештар аз тариқи омӯзишҳои муфид ва тамос бо ашёи воқеӣ ёд мегиранд, ки чӣ гуна онҳоро дарк кунанд. Маҳоратҳои созишии афрод бо ихтилоли ёдгирӣ қобили муқоиса бо ҳамсолони одии онҳо нест. Кӯдак бо ихтилоли ёдгирӣ бо чандин далел мумкин аст, ки дар ёдгирӣ ва ба кор бурдани маҳоратҳо мушкил дошта бошад. Аз ҷумла бедиққатӣ, бетаваҷҷуҳӣ дар ташхиси нишонаҳои иҷтимоӣ.

Бо ин тартиб, ин гуна кӯдакон ниёзманди омӯзиши муносиб дар заминаи далел овардан ва маҳоратҳои иҷтимоӣ ҳастанд, ки боиси ба вуҷуд омадани робитаҳои иҷтимоии бисёр мусбат мешаванд. Яке дигар аз хусусиятҳои ошкори ин гурӯҳ аз кӯдакон, ақиб мондани рушди забон ва гуфторашон аст.

Мактаббачагони бо ихтилоли ёдгирӣ дар мактабҳои махсуси истисноӣ омӯзиш мебинанд ва дорои муҳтавои омӯзишӣ ва китоби дарсии хос мебошанд. Муҳимтарин барномаҳои омӯзишии онҳо бо ин қарор аст. Давраи омӯзишии ибтидоӣ дорои чор пояи таҳсилии аввал то синфи чор аст. Муҳимтарин ҳадафҳо ва барномаҳои омӯзишии давраи ибтидоӣ иборатанд аз:

1. Омӯзиши маҳоратҳои асосӣ шомили хондан, навиштан ва риёзиёт.
2. Фароҳам сохтани заминаи рушди одатҳои мусбат ва осон кардани рушди робитаҳои иҷтимоӣ.
3. Заминасозӣ дар ҷиҳати расидан ба истиқлоли шахсӣ ба манзури рафъи ниёзҳои фардӣ ва иҷтимоӣ.
4. Омодасозии донишомӯз ҷиҳати касби маҳоратҳои шуғлӣ ва тахассусӣ.

Ихтилоли махсуси ёдгирӣ дар ду замина баррасӣ мешавад:

1. Нотавониҳои дигаргунӣ, шомили нотавонӣ дар равишҳои равоншинохтӣ, ки пеш аз ёдгирии дарсҳо бояд ба он таваҷҷуҳ шавад.
2. Нотавониҳои таҳсилӣ, ки худ мушкили асосии ихтилоли ёдгирӣ аст.

Дар мавриди иллатҳои нотавонии ёдгирӣ тадқикоти зиёде анҷом шудааст, вале муваффақияти каме дар ин замина ҳосил гардидааст. Баъзе аз ин хонандагон бо далели норасоӣ дар системаи асаб дучори мушкили ёдгирӣ мешаванд. Бархе мумкин аст бо далелҳое, монанди тасодуф ё нарасидани оксиген пеш аз таваллуд ё ҳангоми таваллуд дучори осеби мағзӣ ва дар натиҷа мушкилоти асабшинохтӣ шаванд, ки дар натиҷа ёдгирӣ дар онҳо дучори мушкил мешавад. Теъдоде мумкин аст ин ихтилолро ба сурати генетикӣ бо худ дошта бошанд [4].

Инчунин, омилҳои муҳитӣ ва ғизоӣ аз омилҳое ҳастанд, ки метавонанд боиси ихтилоли махсуси ёдгирӣ шаванд. Муаллимон бояд аз ношинохта будани иллатҳои ихтилоли махсуси ёдгирӣ огоҳӣ дошта бошанд. Зеро, дар бештари мавридҳо ташхиси пизишкӣ бар асоси норасоии асабшинохтӣ аст, истифода аз ибораи «осеби мағзӣ» мумкин аст, ки боис шавад волидон ва муаллимон кӯшиши зиёде барои коҳиши мушкилоти омӯзишии хонандагон анҷом надиҳанд, ё интизороти сатҳи поёни аз хонанда дошта бошанд. Дар натиҷа, хонандагон ҳеҷ гоҳ ба тавонии амалкардҳои ҳақиқии худ даст намеёбанд.

**Ташхиси ихтилоли махсуси ёдгирӣ.** Шиносоии хонандагони дорои ихтилоли махсуси ёдгирӣ бо унвони гурӯҳе, ки ниёзманди хадамоти омӯзишии хосе ҳастанд, масъалаи мушкил ва дар айни ҳол бисёр муҳим аст. Зеро, дар кулли таърифҳо ишора ба вуҷуди фарқиятҳо байни тавоноии ҳушии фард ва амалкарди таҳсилии ӯ шудааст.

Вале андозагирии ин тафовут мушкилоти печидае мебошад. Баъзе аз муҳаққиқон эътиқод доранд, ки маҳоратҳое мисли хондан бояд ба унвони унсури калидӣ ё муҳим барои арзёбии хонандагони дорои ихтилоли ёдгирӣ ба кор раванд.

**АДАБИЁТ**


1. Акбарзода Насрин. Гузар аз навҷавонӣ ба пирӣ (равоншиносии рушд ва таҳаввул) / Акбарзода Насрин. – Теҳрон: Пардис, 1376.
2. Аҳадӣ Ҳ. Равоншиносии рушди навҷавонон ва ҷавонон / Ҳ.Аҳадӣ, Ф.Ҷумҳурӣ. –Теҳрон: Пардис, 2003.
3. Қодиров С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ / С.Қодиров, М.Давлатов. -Душанбе, 2004.
4. Миралиев А.М. Давлатов М. Педагогика ва психология / А.М. Миралиев, М.Давлатов. –Душанбе, 2007.
5. Талызина Н.Ф. Бихевиоризм как психологическая основа програм мированного обучения // Управление процессом усвоения знаний. – М., 1984. -С. 251-259.
6. Чечет В. В. Умеем ли мы общаться с детьми? / В. В. Чечет. -Минск: Нар. асвета, 1987. 144 с.
7. Шевченко Ю. С. Радостное взросление: личностный рост ребенка / Ю. С. Шевченко, В. П. Добридень. - СПб.: Речь, 2004. - 202 с.
8. Психология одаренности детей и подростков / под ред. Н. С. Лейте-са. - М.: Академия, 1996. — 416 с.
9. Психология детства / под ред. А. А. Реана. — СПб.: Прайм-ЕВРО-ЗНАК, 2003.-368с.
10. Қодиров С. Психология / С.Қодиров, М.Давлатов. – Душанбе: Сино, 2002.
11. Қодиров С. Психологияи иҷтимоӣ / С.Қодиров, М.Давлатов. – Д.:, Сино, 2004.
12. Қодиров Қ.Б. Вожаномаи тафсирии ислоҳоти психологӣ ва педагогӣ / Қ.Б.Қодиров, М.Давлатов, С.Расулов. – Душанбе, Маориф, 2008.
13. Дастури психологияи амалӣ. Зери таҳрири Н.М.Юнусова Мураттибон: Давлатов М., Юнусова Н.М. ва дигарон – Душанбе, Собириён, 2004.
14. Психология. дар зери таҳрири Давлатов М. ДМТ-2010.
15. Атохонов Р. Ташхиси лаёқат /масъалаҳои назария / Р.Атохонов //Маърифат. -1993. -№ 1-2.-С. 5-9.

16. Пудинаев А. Равоншиносӣ / А. Пудинаев. –Душанбе, 2011.
17. Пудинаев А Машғулиятҳои амалӣ аз равоншиносии синну сол ва омӯзгорӣ / А.Пудинаев. -Душанбе: Империал-групп, 2007.
18. Амонов Н. Асосҳои психологии муоширати омӯзгорӣ / Н.Амонов. –Душанбе, 2003.
19. Ҳусейнов Б. Асосҳои психология. –Душанбе, - 2000.
20. Выготский Л.С. Мышление и речь / Л.С. Выготский. Собр. соч., Т.2. -М.: Педагогика, 1982.- 504.
21. Гудкина Н.И. Психологические проблемы общения учителя с подростком/ Н.И. Гудкина //Вопросы психолгии.-1984.-№2.-С. 90-107.
22. Гинзбург М.Р. Личность самоопределение как психологическая проблема / М.Р. Гинзбург // Вопросы психологии. -1988. -№4. –С.19-26
23. Давыдов В.В. О понятии личности и современной психологии / В.В. Давыдов. //Психологический журнал. -1988. -;. –С. 22-32.
24. Добрович А.Б. Воспитателю с психологии и психогигиене обучения / А.Б.Добрович - М.: Просвещение, 1987.-204 с.
25. Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии / Б.Ф. Ломов. –М.: Наука, 1984. - 444 с.
26. Леонтьев Б.Ф. Педагогические общение / Б.Ф. Леонтьев. - М.: Знание, 1979.-320- с.
27. Ломов Б.Ф. Общении как проблема общей психологии //Методологические проблемы социальной психологии / Б.Ф. Ломов. - М.: Наука, 1975, -С. 124-135.
28. Ломов Б.Ф. Особенности познавательных процессов в условиях общения / Б.Ф. Ломов //Психологический журнал.-1980.-№5.-С. 25-42.
29. Левитов Н.Д. Психология характера / Н.Д. Левитов. - Изд-во 3-е-М.: Просвещение, 1969.-424 с.
30. Мерлин В.С. Очерки теории темперамента / В.С. Мерлин. -Изд-во 2-е.- Пермь.

**ОМӮЗИШИ КӮДАКОНИ ДОРОИ НИЁЗҲОИ ХОС ДАР МУҚОИСА БО МАКТАББАЧАГОНИ ОДӢ**

Омӯзиши хонандагоне, ки дорои ниёзҳои махсус мебошанд, пеш аз ҳама, омӯхтани хусусиятҳои шахсӣ, ахлоқӣ, зеҳниву ақлонии худи ин хонандагонро дар бар мегирад. Ташхиси дурусти психологон, духтурон ва омӯзгорон барои барномасозии кори минбаъда бо ин гуна хонандагонро осон менамояд. Тавсияҳои мутахассисон ба волидони мактаббачагони дорои ниёзҳои хос беҳтар намудани ҷараёни кор бо онҳоро таъмин менамоянд ва яке аз омилҳои пешрафти ҷараёни таҳсилоти фарогир ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо**: таҳсилоти фарогир, нотавониҳои ёдгирӣ, нотавониҳои зеҳнӣ, ташхиси психологӣ, хадамоти тиббӣ, психологӣ ва педагогӣ, маҳоратҳои зиндагӣ, синфҳои махсус, синфҳои одӣ, маъюбӣ, инкишоф.

**ОБУЧЕНИЕ ДЕТЕЙ С ОСОБЫМИ ПОТРЕБНОСТЯМИ В СРАВНЕНИИ С ОБЫЧНЫМИ ШКОЛЬНИКАМИ**

Обучение детей с особыми потребностями, прежде всего, включает в себя изучение индивидуальных, личностных, когнтивно - интеллектуальных особенностей этих детей. Правильная диагностика таких специалистов как психолог, медработник и педагог упрощают планирование дальнейшей работы с этими детьми. Советы специалистов родителям школьников с особыми потребностями служат для эффективности работы с ними и считаются одним из важных факторов продвижения процесса инклюзивного образования.

**Ключевые слова**: инклюзивное образование, трудности в обучении, интеллектуальные трудности, психолого-медико-педагогическая комиссия, жизненные навыки, специальный класс, обычный класс, инвалидность, развитие.

**TEACHING CHILDREN WITH SPECIAL NEEDS THAN COMMON SCHOOLBOYS**

Education of children with special needs, first of all, involves the study of the individual, personality, cognitive mental abilities of these children. Proper diagnosis of such specialists as a psychologist, a health worker and teacher planning to further simplify the work with these children. Professional advice to parents of schoolboys with special needs are to work effectively with them, are considered an important factor in advancing the process of inclusive education.

**Key words**: inclusive education, learning difficulties, intellectual difficulties, psychological, medical and pedagogical commission, life skills, a special class, regular class, disability, development.

**Сведения об авторах**: ***Алави Силоне Саидабдолгосем*** – Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, аспирант общеуниверситетской кафедры психологии. Телефон: **919-50-36-34**
***Маматова А.Б.***, - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии. Телефон: **501-86-01-57**

# РОҲҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ МАҲОРАТ, МАЛАКА ВА САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Собиров С.Ф.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Дар ҷаҳони муосир, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дастовардҳои илму техника ба таҳаввулоти чашмрас ноил гардида, техника ва технологияҳои муосир тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифтаанд, пайвастан ба фазои илмию техникии ҷаҳони мутамаддин ногузир аст. Зеро сарчашмаҳои иттилоот дар тамоми соҳаҳо хеле зиёд гардида, дар арсаи сайёра раванди ҷаҳонишавӣ бо суръати баланд идома дорад. Ба шарофати он ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон намуд, дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф корҳои зиёде ба сомон расонида шуд. Ба монанди: таҳия ва таҷдиди назар намудани стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, роҳнамои омӯзгор, замима ба китобҳои дарсӣ, ҳарчи бештар ҷорӣ намудани технология ва усулҳои инноватсионии таълим, такмил ёфтани низоми маблағгузорӣ ва идоракунии соҳа, ташкил ва фаъолияти Маркази миллии

тестӣ, пайваста фаъол гаштани инфраструктураи соҳа, афзудани шумораи муассисаҳои типи нав ва сохтану барқарор намудани биноҳои таълимӣ ва монанди инҳо.

Вобаста ба ин зарур аст, ки сатҳи омодагию маҳорати касбии субъектҳои таҳсилот, алалхусус мураббӣ ва омӯзгор низ бояд такмил ёбад ва ба талаботи замони муосир мувофиқ ва мутобиқ карда шавад. Барои ноил шудан ба ин мақсад баланд намудани малака ва маҳорати касбии омӯзгор омили муҳим ва аввалиндарача маҳсуб меёбад. Ба назари мо, малака ва маҳорати касбии омӯзгоронро метавон бо роҳҳо ё давраҳои гуногун ва ба тарзҳои мухталиф баланд бардошт. Аз ҷумла:

- таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ;
- менторӣ (ҳамкории омӯзгори ҷавон бо омӯзгори варзида ва дорои таҷриба);
- худомӯзӣ;
- иштирок дар кори иттиҳодияҳои методии фаннӣ (мактабӣ, ноҳиявӣ);
- иштирок дар конфронсу семинарҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва мизҳои мудаввар;
- такмили ихтисос ё баландбардории маҳорати касбӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос ва ғайра.

Яке аз воситаҳои баланд намудани сифати таҳсилот, ин самаранок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад. Дар ин росто, омӯзгорони муассисаҳои таълимиро мебояд, ки дар радифи доштани донишҳои хуби илмӣ-соҳавӣ, донистани методикаи умумӣ ва тахассусии фанни таълимдиҳанда, усулҳои фаъол ва интерактивии фанни таълимӣ, робитаи фан бо дигар фанҳо, алоқамандии он бо ҳаёт ва таҷриба, инчунин дорои маҳорат, малака ва салоҳияти баланди расонида тавонистани дониш ва маҳорату малака ба шогирдон бошанд. Зеро, дар сурати надоштани малака ва маҳорати баланди касбӣ ҳангоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ наметавон самаранокии машғулиятҳоро таъмин намуд.

Дар ин замина бояд донист, ки ҳар як фанни таълимӣ, чи дар муассисаҳои миёнаи умумӣ ва чи дар макотиби олии касбӣ, махсусият, душворӣ ва методҳои тахассусии худро дорад. Аз ин ҷост, ки ҳар як омӯзгорро мебояд илова ба методикаи тахассусии фан методикаи умумии таълими фанҳои гуногунро низ дар дараҷаи аъло аз худ карда, устоди касби худ бошад. Донистани методҳои фанни таълимӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки таълимгирандагон дар аз худ намудани донишҳо ва татбиқи онҳо дар ҳаёт ва таҷриба бештар саҳмгузор бошанд. Зеро омӯзиш он гоҳ натиҷа медиҳад, ки агар фаъолият ва муносибати хонандагон бо одамон ва омӯзгорон дуруст ба роҳ шуда бошад. Агар чунин набошад, фаъолияти педагогии омӯзгор мумкин аст, танҳо ба расонидани ахбор ба шогирдон маҳдуд гашта, дар инкишофи фаҳми хонандагон таъсире надошта бошад. Хонандагон донишҳои доштаи худро амалан бе роҳбалад татбиқ карда натавонанд. Бояд ҳатман зеҳн ва қобилияти хонандагон аз ҷониби омӯзгор ба назар гирифта шуда, дар асоси он роҳбаладӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин сурат омӯзгор метавонад дар ҳаматарафа рушд намудани хонандагон нақши муассир дошта бошад.

Омӯзгор бояд қобилият, дониш, малакаи азхудкунӣ, умуман шахсияти ҳар як хонандаро барои ба роҳ мондани фаъолияти фаъоли таълимӣ дониста бошад. Маҳорати педагогии омӯзгор, пеш аз ҳама, тавонистани ташкилии раванди омӯзишро ифода мекунад, ки дар ҳар гуна шароит, ҳатто дар вазъияти ноқулай ҳам ба сатҳи тарбия, инкишоф ва дониши хонандагон комёб шуда метавонад.

Вобаста ба маҳорат ва давраҳои рушди он дар китоби “Педагогика” чунин оварда шудааст: “Дар педагогика таърихан ду намуди муносибаткунӣ нисбати фаҳмиши маҳорати педагогии муаллим арзи вуҷуд дорад.

Аввалинаш, бо фаҳмиши методҳои меҳнати педагогӣ, дуюмаш, ба раводиди коргирии шахсияти педагог, ки комёбиҳои зиёд ба каф овардан мехоҳад, вобаста аст. Вале азбаски метод аз шахсияти педагог ҷудоӣ надорад, дар ин ҷо ҳеҷ гуна мухолифат нест, фақат фарқият ба кадом самт тобиш хӯрдани маҳорат ҳамчун метод ба воситаи шахсият амалӣ мегардад, дида мешавад” [6,104]. Дар илова ҳамчунин қайд карда мешавад, ки “Маҳорати педагогӣ – ин хусусияти шахсиятест, ки маҷмӯи худташкилдиҳии фаъолияти касбиро ба дараҷаи баланд таъмин мекунад” [6, 104].

Аз ин бармеояд, ки малакаву маҳорат ва масъулияти омӯзгор дар баланд намудани сифати таҳсилот ва масъулиятнокии таълимгирандагон нақши муҳим дорад. Пас, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна метавонанд, малакаву маҳорати худро баланд бардоранд? Ба назари мо, бояд ба ҷанбаҳои зерин мутаваҷҷеҳ шуд:

1. Ҳамон гунае ки дар боло қайд намудем, омилиаввал, ки метавонад дар рушду ташаккули маҳорату малакаи касбии омӯзгорон нақши муҳим дошта бошад, ин таҳсил ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мебошад. Яъне, омӯзгори оянда ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғул мегардад, ки ин зинаи нахустин барои дар амалия ҷорӣ намудани дониш ва маҳорату малакаи омӯзгори оянда мегардад. Айни ҳол, барои мисол тибқи нақшаи таълимии ихтисоси географияи (дараҷаи таҳсилот бакалавр, касб муаллими география, шакли таҳсилот рӯзона, мӯҳлати таҳсил чор сол) Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар курсҳои 2 ва 3 ба донишҷӯён тақрибан бо теъдоди 6 кредит ё 96 соат оид ба методикаи таълими фанни география ва дар курсҳои 2, 3 ва 4 ба миқдори 29 кредит ё 464 соат оид ба фанҳои

интихобӣ соат ҷудо гардидааст. Ҳамзамон, ҳангоми таҳсил донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ҳудудӣ 240 соат ба таҷрибаомӯзии педагогӣ сафарбар карда мешаванд. Дар ин зина омӯзгорони оянда бевосита дар муассисаи таълимӣ ҳангоми таълими мактаббачаҳо маҳорату малакаи худро таҳлил намуда, ба қавле вориди майдони таълиму тарбия мегарданд. Донишҷӯ дар ин вақт шояд барои бори нахуст вобаста ба методу истифодаи расонидани дониш ба хонандагон фикр намуда, дар пайи ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар намудани сифати дарс ва ба вуҷуд овардани муҳити созанда гардад. Вобаста ба ин, донишҷӯёни моро лозим аст, ки соатҳои ба ин бахш ҷудо гардидаро самаранок истифода намуда, нахуст омӯзиши таҷрибаи пешқадамро ба роҳ монанд. Зеро ин таҷриба метавонад, дар маҳорати касбии онҳо нақши ҳалкунанда дошта бошад. 2. Омили дигаре, ки метавонад боиси рушди маҳорату малакаи омӯзгорон гардад, ин омӯзиши таҷриба, маҳорату малака ва масъулияти роҳбалад ва ё ментори аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таълимӣ ба омӯзгори ҷавон вобаста карда мебошад. Яъне, ҷараёне, ки ҳангоми ба муассисаи таълимӣ ба кор омадани омӯзгори ҷавон аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таълимӣ яке аз омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассиса ба ӯ вобаста карда мешавад. **Р**оҳбаладӣ яке аз шаклҳои инноватсионии таҷрибаи педагогӣ мебошад, ки дар ҷараёни он омӯзгори ҷавони навкор таҳти роҳбарии бевоситаи устод маҳорати омӯзгориро аз худ намуда, онро сайқал медиҳад. Бояд роҳбаладон ҳангоми роҳбаладӣ маводи назариявиро ба ҳадди камтарин истифода намуда, асосан ба ташаккул додани маҳорату малакаҳои амалӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҳангоми пешниҳоди роҳбалад аз камҳавсалагӣ ё шояд набудани мутахассис бо омӯзгорони навкор роҳбаладоне вобаста карда мешаванд, ки бо омӯзгорони ҷавон ба таври бояду шояд кор намекунанд. Бояд роҳбалад шахсе бошад, ки дорои маҳорати баланди касбӣ буда, навкорро дар муассиса оид ба ихтисос, усулҳои инноватсионии таълим ва дигар корҳои вобаста ба таълиму тарбия маслиҳат дода, роҳнамоӣ намояд. Ҳатто, роҳбалад бояд пешравии касбии навкорро пешбинӣ намуда, маҳорат ва малакаҳои ӯро ба воситаи таълимдиҳӣ, маслиҳатдиҳӣ, ёрии маънавӣ ва тавсиядиҳӣ назорат кунад. Роҳбалад бояд ҳамчун шахси лаёқатманд омӯзгори навкорро, ки ба ёрӣ эҳтиёҷ дорад, ҳамчун омӯзгор, маслиҳатгар ва тавсиядиҳанда кумак расонад. Вобаста ба ин, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мебояд, роҳбаладро аз ҳисоби шахсони ботаҷриба ва маслиҳатгар интихоб намоянд, то ки омӯзгори навкорро аз душвориҳои касб бархурдор намояд. Омӯзгори ҷавон бояд маҳорату малакаи худро тавассути пешниҳоду тавсияҳои роҳбалад такмил бахшида, вобаста ба он фаъолият намояд. Дар иртибот ба ин, роҳбалад бояд мушкилот- душвории навкорро муайян карда, барои бартараф кардани душворӣ роҳҳои гуногунро пешниҳод карда тавонад ва навкорро чун мутахассиси кордон тарбия кунад. Яке аз вазифаҳои асосии роҳбалад, ин бо роҳу усулҳои нави таълим шинос намудани омӯзгорон мебошад. Ин ҷо якчанд вазифаи роҳбалад ва фаъолияти омӯзгори ҷавонро, ки мутаассифона, имрӯзҳо дар муассисаҳои таълимӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст, пешниҳод менамоем:

- роҳбалад бояд дониши худро вобаста ба банақшадарории фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тарзи таҳияи нақшаи тақвимӣ –мавзӯӣ, таҳияи нақшаи корҳои беруназсинфӣ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагон, истифодаи тарзу усулҳои гуногуни тадрис ва асбобҳои аёнӣ, ташкил намудан ва гузаронидани чорабиниҳои умумимактабӣ ва методикаи таълими фан ба шогирд таҳмил диҳад;
- омӯзгори ҷавонро лозим аст, ки малакаи педагогии роҳбаладро аз худ намуда, маҳорати дар амал татбиқ намудани он донишҳоеро, ки дар мактаби олӣ аз худ намудааст, пайдо намояд;
- маҳоратҳои педагогии аз худ кардаашро инкишоф дода, таҷрибаи омӯзгорони пешқадамро омӯзад;
- шогирд маҳорати якҷоя кор кардан ва иҷро намудани вазифаҳоеро, ки ба ӯ дар ҷодаи омӯзгорӣ вобаста шудаанд, аз худ кунад.

Пас, роҳбалад бояд мутахассисе бошад соҳибтаҷриба ва рӯзгордида, то ки дар айёми ташаккулёбии маҳоратҳои касбии шогирдаш ба ӯ кумак расонида, ӯро то ба дараҷаи мутахассиси варзидаи соҳаи хеш тарбия намояд.

**3**. Худомӯзӣ низ, дар фаъолияти омӯзгорон ва баланд гардидани маҳорат ва малакаи касбиашон нақши боризе дорад. Зеро ин василае мебошад, ки омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз болои худ кор мекунанд. Дар ин зина бисёр хуб мебуд, агар омӯзгорон дафтари худомӯзӣ таҳия карда, дар асоси нақшаи муайян бозомӯзиро ба роҳ монанд. Омӯзгорон аз рӯзномаю маҷаллаҳо ва дастуру дигар воситаҳои таълимӣ маълумотеро, ки дар баландбардории маҳорати касбиашон метавонад боис гардад, барои худ пайдо ва ёддошт намуда, дар раванди фаъолият истифода мебаранд.

**4**. Омили дигар, ин иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ ба шумор мераванд. Ин сохтор низ метавонад, ба воситаи кумакҳои методӣ ва семинару омӯзишҳо дар баланд гардидани маҳорату малакаи касбии омӯзгорон нақш дошта бошад. Айни ҳол дар ҷаҳони зудтағйирёбанда ва гузариш ба низоми таълими ба муносибати босалоҳият нигаронида шуда нақш ва вазифаҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ афзун гардидааст. Ба воситаи иттиҳодияҳои методии фаннӣ маҳорат ва қобилиятҳои эҷодии омӯзгоронро бояд такмил дод, вале, мутаассифона, имрӯзҳо ин раванд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ чандон қобили қабул нест. Айни ҳол муассисаҳои такмили ихтисос барои роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба сикли фанҳо курсҳои махсусро дар доираи 36 соати таълимӣ ва семинарҳои мақсаднокро дар доираи 12 соати таълимӣ ташкилу баргузор менамоянд. Ин ҷо масъала дар он аст, ки оё раванди фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда шудааст ё не. Яъне, мешавад, ки имрӯз омӯзгорони муассисаҳои таълимии мо пас аз омӯзиш ё иштирок дар семинару, вебинарҳо, мизҳои мудаввару конференсияҳо ва курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ ба муассисаи худ омада, донишу таҷрибаи омӯхтаашонро ба тариқи семинар ё ягон намуди омӯзиш ба ҳамкорони худ расонанд.

**5**. Иштироки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар конфронсу семинарҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва мизҳои мудаввар низ бояд доимӣ ва самаранок ба роҳ монда шавад. Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар семинарҳои омӯзишии кабинетҳои методии раёсату шуъбаҳои маориф, ки тибқи нақша гузаронида мешаванд, ё конфронсу мизҳои мудавваре, ки бахшида ба ягон санаи таърихӣ дар сатҳи мактабу ноҳия ё ҷумҳурӣ вобаста ба ягон масъалаи муайян гузаронида мешаванд, иштирок намуда, маҳорати худро такмил медиҳанд. Дар ин зина бахши муҳим, ин омӯзишу истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони дорои таҷрибаи пешқадам ба шумор меравад. Омӯзгорон таҷрибаи пешқадамеро, ки аз ҷониби мушовири шуъбаи маориф ё муассисаҳои такмили ихтисос омӯхта шудааст, ба воситаи мақолаҳои нашргардида, дастурҳо, сабти баргузории машғулиятҳо ва дигар воситаҳо омӯхта, ҳангоми фаъолият ба таври васеъ истифода мебаранд.

**6.** Воситаи асосӣ ва бисёр муҳим, ки дар фаъолияти омӯзгор нақши муҳим дорад, ин такмили тахассуси омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос ба шумор меравад. Айни ҳол дар муассисаҳои такмили ихтисос кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (директорон, ҷонишинони директор оид ба таълим ва тарбияи МТМУ) дар доираи 108 соати таълимӣ, омӯзгорони фаннӣ, мураббиёну сармураббиёни муассисаҳои томактабӣ, сарварони созмонҳои талабагӣ, китобдорон ва дигар ихтисосҳо дар доираи 72 соати таълимӣ ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ на камтар аз 36 соати таълимӣ такмили тахассус менамоянд. Дар тамоми курсҳои такмили ихтисос, ба истиснои курсҳои махсуси роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, илова ба тахассус оид ба педагогика ва психологияи касбӣ ба миқдори 8 соати таълимӣ, экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ба миқдори 2 соат, коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ 2 соат, менеҷменти сиёсӣ 2 соат ва омӯзиши асосҳои технологияи иттилоотӣ 4 соат машғулият гузаронида мешавад. Омӯзгор/шунаванда ҳангоми таҳсил дар курси такмили ихтисос аз усулҳои фаъоли таълим хабардор гардида, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогиро меомӯзад. Дар ин росто, оид ба мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ мубодилаи афкор сурат мегирад. Яке аз омилҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин такмил додани мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, низоми таълим, маҳорати касбии омӯзгорон ва тарғиби татбиқи усулҳои босифату инноватсионии таълим ва технологияи муосири педагогӣ мебошад. Зеро омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дуру наздик нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳсилот аст. Аз ин ҷост ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, таҳти №334 (Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020) нақши маорифро ҳамчун манбаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст. Ҳамзамон шунавандагони курсҳо метавонанд, ҳангоми омӯзиш дар муассисаҳои базавии муассисаҳои такмили ихтисос ба корҳои амалӣ фаро гирифта шаванд. Шунавандагон дар корҳои амалӣ дарсҳои намунавии омӯзгорони дорои таҷрибаи пешқадами педагогии мактабҳои такягоҳиро мушоҳида намуда, ба вазъи ҳуҷҷатнигории он ошно мегарданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар таъкид намуданд, ки мутасаддиёни соҳа "ҷиҳати ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон мунтазам чораҷӯӣ намоянд" [4, 24]. Таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар баланд намудани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёд буда, доимо дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мегардад: «Ҳукумат барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад" [4, 23].

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти гуфтаҳои боло баланд бардоштани сифати курсҳои такмили ихтисос ё курсҳои такмили маҳорати касбии омӯзгорон вазифаи муҳимми муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф мебошад. Омӯзгорону кормандон маҳз дар курсҳои такмили ихтисос аз методикаю методологияи муосири таълиму тарбия, дигаргунсозиҳои мактабу маориф бархурдор мешаванд.

**АДАБИЁТ**

1. Байденко А. Компетенции в профессиональном образовании / А. Байденко // Высшее образование в России. – 2004. – № 11. – С. 3-13.
2. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия / И.А. Зимняя. -М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.
3. Омӯз ва омӯзон. –Душанбе: Ирфон, 2014. -213 с.
4. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, 20 январи соли 2016.
5. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 518 с.
6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. - Душанбе, 2012.
7. Қурбонзода Х. Такмили ихтисос (нишондиҳандаҳои оморӣ) / Х. Қурбонзода, Ҳ. Бобоев, С. Ҳасанов. -Душанбе, 2016.
8. Қурбонзода Х., Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф / Х. Қурбонзода, Ҳ. Бобоев. - Душанбе, 2016.
9. Қурбонзода Х. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х. Қурбонзода, Ҳ. Бобоев. -Душанбе, 2016.

**РОҲҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ МАҲОРАТ, МАЛАКА ВА САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ**

Баландбардории малака ва маҳорати касбии кадрҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фаъолияти омӯзгорон яке аз равандҳои муҳим ва аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Зеро беҳдошти сифати таҳсилот аз сатҳи омодагию маҳорати касбии субъектҳои таҳсилот, алалхусус, мураббӣ ва омӯзгор сахт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки бояд маҳорати касбии омӯзгорон такмил дода шуда, ба талаботи замон мувофиқ ва мутобиқ карда шавад. Ба назари мо, инкишофи малака ва маҳорати касбии омӯзгоронро метавон дар давраҳои гуногун ва ба тарзҳои мухталиф ташкил намуд, ба монанди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, менторӣ, худомӯзӣ, иштирок дар кори иттиҳодияҳои методии фаннӣ, иштирок дар конфронсу семинарҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва мизҳои мудаввар, такмили ихтисос ё баландбардории маҳорати касбӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос ва ғайра.

**Калидвожаҳо:** такмили маҳорати касбии омӯзгорон, менторӣ, худомӯзӣ, иттиҳодияҳои методӣ, таҷрибаи пешқадам, такмили ихтисос, сифати таҳсилот.

**ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ УМЕНИЙ, НАВЫКОВ И ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧИТЕЛЕЙ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ**

Повышение навыков и профессионального мастерства учителей средних общеобразовательных учреждений в деятельности педагогов занимает один из первостепенных значений, так как качество обучении зависит от всесторонней профессиональной подготовки субъектов образования, то есть от учителей и воспитателей. Поэтому современный мир диктует о необходимости повышения профессионального мастерства учителей. Профессиональное мастерство учителей необходимо постоянно повышать путём различных методов и приёмов преподавания: на школьном методическом объединении, на семинарах, в педагогическом коллективе, на конференциях и круглых столах, путём изучения передовых опытов учителей и самое главное, посредством самообразования и прохождения курсов повышения квалификации в учреждениях повышения квалификации.

**Ключевые слова:** - повышение профессионального мастерства учителей, самообразование, методическое объединение, передовой педагогический опыт, повышение квалификации, качество образования.

**WAYS OF IMPROVING MASTERSHIP AND PROFESSIONALISM AND, COMPETENCY-BASED TEACHING PROFESSIENCY OF TEACHERS OF THE SECONDARY SCHOOLS**

Increasing the skills and professional skills of teachers in secondary schools in the work of teachers is one of the primary values, since the quality of education depends on comprehensive professional training of subjects of education, that is, from teachers and educators. Therefore, the modern world dictates the need to enhance the professional skills of teachers. The professional mastery of teachers must be constantly improved through various methods and methods of teaching: at the school methodological association, at seminars, in the pedagogical collective, at conferences and round tables, by studying the best experiences of teachers, and most importantly, through self-education and refresher courses in higher education institutions qualifications.

**Key words:** improving teachers' mastership and professionalism, mentoring, selfeducation, method units, teaching excellency, professional teacher development courses, the quality of teaching.

**Сведения об авторе:** ***Собиров С.Ф.*** **–** Институт развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. Телефон: **900-00-46-14. E-mail:** s.sobirov.dti@mail.ru

# ПЕДАГОГИКАИ МАХСУС АЗ НИГОҲИ МАОРИФПАРВАРОНИ АСРИ XIX-И ТОҶИК

***Ҳайдаров А.А.***
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон**

Дар илми педагогикаи имрӯза зери мафҳуми педагогикаи махсус-яке аз бахшҳо, соҳаҳои он фаҳмида мешавад, ки онро дефектология низ ном мебаранд ва он зербахшҳои олигофренопедагогика, сурдопедагогика, логопедия, тифлопедагогика ва ғайраро муҳтавои хеш қарор медиҳад.

Роҷеъ ба аркони педагогикаи махсус дар эҷодиёт ва фаъолияти маорифпарварони халқи тоҷик дар асри XIX андешаҳои басе ҷолиб мавҷуданд. Ин масъала дар илми таърихи педагогикаи халқи тоҷик қариб, ки омӯхта нашудааст. Дар таҳқиқоти муҳаққиқи ин сатрҳо дар бораи баъзе унсурҳои педагогикаи махсус дар таълимоти Аҳмади Дониш маълумоти раҳнамое ҷой дорад. Мо зимни омода намудани маърузаи хеш аз онҳо ва аз

осори Аҳмади Дониш истифода намудаем. Барои ҳалли ин масъала аз маорифпарварон танҳо бо андешаҳои Аҳмади Дониш иктифо намудем, зеро ин мавзӯъ хеле васеъ ва доманадор мебошад.

Аҳмади Дониш дар чандин ҷойҳои асари хеш «Наводир-ул-вақоеъ» дар бораи ин мавзӯъ андешаҳои худро иброз доштааст.

Аҳмади Дониш чун инсони дилсӯз аз умаро талаб мекард, ки волӣ ҳангоми ҳисоби дахли вилоят ҳаққи фуқаро ва масокину айтом ва дигаронро бояд ҷудо кунад ва ба касоне, ки аз аҷзу пирӣ ва маъюбӣ барҷомондаанд, нафақае таъйин кунад, ки ин хайрест зоеънашаванда [11, 133].

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо ҳам дар саросари олам ҳазорон маъюбону барҷомондагон ва ятимон аз нафақа ва имтиёзу мувозибат маҳруманд. Вале ин адиби инсонпарвар ҳанӯз зиёда аз 140 сол пеш дар он замони беҳуқуқӣ аз ҳукумат талаб мекард, ки барои маъюбон марказе сохта шавад ва ба онҳо нигоҳубин ва нафақа таъйин шавад. Дар он замоне, ки одамони солим ба қадри чаве дар назди аморат қурб надоштанд, адиб талаб мекунад: «Барҷомондагонро дар маҳаллате ҷамъ дорад ва вазоифи эшон аз байтуламол бирасонад, то ба гидя ва тамаъ халқро мушавваш надоранд. Дар дували низомӣ алявм мадрасаҳо баровoрда, ҳама кӯрону гунгон ва шалонро дар он ҷо гирд оварда, ҳар кадомро таълими коре, ки дархӯри ӯст, медиҳанд: -аз мусаввирӣ аз саҳҳофӣ ва қаволӣ ва оҳангарӣ ва хаттотӣ. Масалан, духтаре гунги уммиро дар тахта навиштам, ки чӣ ном дорӣ, ишорат кардам. Ба таҳти он навишт, ки номи ман фалона аст» [11, 167].

Яъне, агар барои ин одамон (маъюбон) мактабҳои махсус таъсис дода шавад ва ба онҳо мувофиқи қобилияташон ҳунаре омӯзонида шавад, онҳо барои дигарон нолозиму дарди сар ҳисоб намешаванд, зеро онҳо худашонро аз ҷиҳати моддӣ таъмин карда метавонанд. Инчунин, аз ҷиҳати равонӣ ҳам ба онҳо таъсири мусбате мерасонад ва онҳо дар қатори инсонҳои солим аз нуқсонҳои ҷисмонии хеш дилшикаста ва маъюс намешаванд.

Таърих гувоҳ аст, ки аз миёни одамони нуқсони ҷисмонидошта зимни таълиму тарбия ва мувозибат дар ҷабҳаҳои мухталифи тамаддуни башарӣ шахсиятҳои барҷастае ва нобиғаҳое зуҳур кардаанд, ки ағлаби мардуми имрӯза аз иллати ҷисмонӣ доштани онҳо воқиф нестанд. Ҳомер, адиби юнонӣ, муаллифи асарҳои «Илиада» ва «Одиссея», ки дар аввалҳои ҳазорсолаи I қабл аз милод зистааст, аз модар нобино ба дунё омада буд. Бастакор ва мусиқанавози машҳур Бетховен тамоман кар буд. Ванга, фолбини машҳур ва пешгӯикунандаи ҳаёти одамон ва ҳаводиси ҷомеа дар 12-солагӣ нобино шуда буд.

Яке аз падидаҳои номатлуби ҷомеаи сармоядории имрӯза ва ҷомеаи аморати Бухорои асри XIX зиёдшавии сафи бекорон аст. Мутафаккири нозукбин яке аз сабабҳои асосии дуздӣ, қиморбозӣ ва ҷиноятпешагиро дар ҷомеа, пеш аз ҳама, дар мавҷудияти ин падида медонад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки корхонаҳо сохта шаванд ва мардуми бекор ба онҳо ҷалб карда шаванд, инчунин барои таъмири роҳҳо, пулҳо ва иморатҳо чун қувваи корӣ истифода бурда шаванд ва ба онҳо музди меҳнат пардохта шавад. Ин метавонад садди роҳи аъмоли номашрӯъ гардад.

Чунончи: «Мардумоне, ки аъзои солим доранд, нагузорад, ки бешуғл бошанд, ба муздурии корҳои мулкӣ ва дурустии роҳҳою пулҳо ва иморат ба заҷр баркашад ва музд диҳад, то дуздию муқмирӣ накунанд» [11, 167].

Тавре аз гуфтаҳои фавқ бармеояд, дар ин ҷо тарбияи меҳнатдӯстӣ ва гуманизми мутафаккир ба ҳам тавъаманд. Муаллиф ҳамчун мураббии варзида кӯшидааст, ки он неруе, ки дар роҳи аъмоли бади фосидкунандаи ҷомеа истифода бурда мешавад, дар роҳи пешрафти давлат ва ҷомеа истифода бурда шавад.

Инчунин андешаи адиби ҳуқуқшинос аз он иборат аст, ки шарт нест, ки барои андаке ҷурм касро ба зиндон партоянд. Бояд бегуноҳонро халос кунанд ва касонеро, ки гуноҳони кӯчак доранд, пас аз чанд рӯзе бубахшанд. [11, 166].

Ҳадафи Аҳмад Махдуми Дониш аз он иборат аст, ки агар бекорон бо ҷойи кор таъмин шаванд, ҷинояткорӣ камтар мешавад.

Ҳар ки дорои тафаккури солим аст, бо ин андешаҳои тарбиявӣ ва башардӯстонаи мутафаккир мухолиф буда наметавонад. Вале дар дарбори аморат ба ин роҳнамоиҳои ӯ эътиборе надоданд.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ / А. Дониш. - Душанбе: Дониш,1988. –Кит. 1. -285 с.
2. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ / А. Дониш. - Душанбе: Дониш, 1989. –Кит. 2. -339 с.
3. Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ / А. Дониш. -Душанбе: Ирфон,1976. -350 с.
4. Базы АН СССР. - М.- Л., 1936. -Т. 3. -С.10, 28.


**ПЕДАГОГИКАИ МАХСУС АЗ НИГОҲИ МАОРИФПАРВАРОНИ АСРИ XIX- И ТОҶИК**


Дар мақола таҳлили ақидаҳои мутафаккрирони тоҷик, махсусан Аҳмади Дониш оиди баъзе ҷузъиёти педагогикаи махсус оварда шудааст. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки дар асри XIX намояндагони низоми маорифи Аморати Бухоро оиди педагогикаи махсус ҳамчун қисмати педагогика ҳатто тасаввурот надоштанд



**Калидвожаҳо**: дефектология, методи схоластики таълим, тифлопедагогика, норасоиҳои ҷитсмонӣ.

**СПЕЦИАЛЬНАЯ ПЕДАГОГИКА В УЧЕНИЯХ ТАДЖИКСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ XIX-ГО ВЕКА**

В статье даётся анализ взглядов таджикских просветителей, особенно Ахмада Дониша о некоторых элементах специальной педагогики. Автор делает акцент на то, что в XIX веке представители системы образования Бухарского Эмирата даже не имели представления о специальной педагогике как частипедагогики.

**Ключевые слова**: дефектология, схоластический метод преподавания, тифлопедагогика, физические недостатки

**SPECIAL PEDAGOGICS IN STUDY OF TAJIK THINKERS OF THE XIX –TH CENTURY**

The analysis of view of Tajik educators' point of views especially in the works of Ahmad Donish about some elements of special pedagogics is given in this article.

The author makes an accent on it that in the XIX-th century the representatives of education system of Amirate of Buhara didn't have any ideas about special pedagogics as a part of it.

**Keywords**: defect logy, scholastic method of teaching, methods of teaching the blind, physical disadvantages

**Сведения об авторе:** ***Хайдаров А.А.***- Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой культуры предпринимательства и языка. Телефон: **919-99-75-27**

# ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РӮҲИЯИ ЭҲТИРОМИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ

***Табаров Н.М., Муллоев В.С.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мардуми шарафманди тоҷик ҷашни 19-умин солгарди Ваҳдати миллӣ ва 25-солагии Истиқлолияти давлатиро бо рӯҳияи баланди сиёсӣ пешвоз гирифтанд. Ҳоло бошад, ба ҷашни рӯзи Парчами миллӣ, ки Рӯзи 24 -уми ноябр баргузор мегардад, омодагӣ дида истодаанд. Давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва миллати шуҳратманд Рӯзи Парчамро дар шароити сулҳу субот ва ваҳдату якпорчагӣ, бо дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва маданию фарҳангӣ истиқбол менамояд. Имрӯз дар назди мо омӯзгорон вазифаи ниҳоят масъулиятнок - яъне дар рӯҳияи эҳтироми баланд доштан ба муқаддасоти миллӣ тарбия кардани насли наврас истодааст ва меистад.

Парчами миллӣ барои миллати мо нишоне аз таърихи чандинҳазорсолаи халқи куҳанбунёди тоҷик мебошад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо қавмҳои ориёӣ аз давраҳои қадим одати парчамсозию парчамбардорӣ доштанд. Дар парчам нишонаи муҳиму арзишманди фарҳангӣ ва аҷдодии ҳар як халқу миллат, роҳи таърихии тайкардаи он ва дигар аломатҳои ифодакунандаи истиқлолияти давлату давлатдорӣ инъикос ёфтааст.

Дар парчами Куруши Кабир уқоб акс ёфта буд, ки қудрату тавоноиро ифода менамуд. Ҳамчунин, метавон аз парчами Коваи Оҳангар ёдовар шуд, ки нишонаи ҷоннисориҳои аҷдодони гузаштаи мо мебошад.

Парчами давлатӣ баёнгари ҳаққи мавҷудияти миллати соҳибдавлати тоҷик бо тамоми ғановату асолати таърихию фарҳангӣ ва ҳуқуқии он мебошад. Имрӯз дар тамоми олам Тоҷикистони соҳибистиқлоли демократию дунявиро бо парчам, нишон ва суруди миллиаш мешиносанд.

Дар парчами кишвари мо даъват ба иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳимояи марзу бум таҷассум гардидаст.

Рангҳои парчами миллӣ ифодагари роҳи таърихии тайнамуда ва арзишҳои маданӣ, маърифатӣ ва фарҳангии миллии тоҷикон мебошад.

**Ранги сурх** – рамзи муборизаву ҷоннисории халқи тоҷик барои озодӣ ва истиқлолияти миллӣ дар давоми ҳазорсолаҳо мебошад.

**Ранги сафед** – нишонаи бахту саодат, покиву покизагӣ, умеду орзуро ба ояндаи дурахшон ифода менамояд.

**Ранги сабз** – нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландию хуррамӣ мебошад. Парчам барои ҳар халқу миллат, аз ҷумла барои мо тоҷикон ниҳоят қимат, азиз ва муқаддас мебошад.

Парчами миллии Тоҷикистон пешгоҳи бинои Созмони Милали Муттаҳидро оро дода, Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва ягонаю ҳуқуқбунёд муаррифӣ менамояд.

Дар назди парчами миллӣ аз Президенти кишвар то сарбози одӣ савганди садоқату вафодориро нисбат ба халқу ватан ёд мекунанд.

Парчам ба ифтихори дастоварду пирӯзиҳои фарзандони миллат дар майдонҳои, варзишӣ ва ғайраҳо бардошта мешавад ва Суруди миллӣ баланд садо медиҳад.

Парчами давлатии Тоҷикистон пешгоҳи биноҳои мақомотҳои далатиро бо тарзи хосса зебу зинат мебахшад. Аз муносибати бошуурона ба парчами миллӣ ба хубӣ пай бурдан мумкин аст, ки ҷавонони тоҷик миллат ва давлати худро то кадом андоза дӯст медоранд ва бахри дифои он то кадом андоза тайёранд.

Эҳсоси муҳаббат ба муқаддасоти миллӣ ҳамон вақт мардумӣ мегардад, ки ҳар як шаҳрванди мамлакат эҳтироми онро ба ҷо орад. Бо дарназардошти мақому манзалати парчам дар тарбияи ҳисси худогоҳию худшиносӣ ва ватандӯстию ватанпарастии насли наврас, яке аз майдонҳои пойтахти мамлакат ба номи боғи Парчами миллӣ номгузорӣ карда шудааст.

**Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** – 24-уми ноябри соли 1992 қабул карда шудааст ва ҳар сол ҷашн гирифта мешавад. Худи мафҳуми нишон - маънои аз тамоми мавҷудоти олам хосияти фарққунонда доштанро дорад.

Аломатҳои асосии нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

1. **Пахта** – бойигарӣ, сарчашмаи некуаҳволӣ, ганҷинаи осудаҳолии мардуми тоҷик.
2. **Гандум** – нишонаи ҳаёт, серию пурӣ ва хайру баракати мардуми сарзамин.
3. **Офтоб** – нишонаи ҳаёти абадӣ, осоиштагӣ ва мамлакати офтобӣ будани кишварамон мебошад.
4. **Тоҷ** – нишонаи соҳибдавлатӣ ва мустақилияту соҳибистиқлол будани кишварро ифода менамояд.
5. **Ҳафт ситора -** рамзи 7 иқлим, 7 ситораи бародарон, 7 қабати осмонӣ, 7 рӯзи ҳафта мебошад.
6. **Кӯҳ** – нишонаи кишвари кӯҳсор ва дорои захираи обу канданиҳои фоиданоки беандоза доштани Тоҷикистон мебошад.

Нишони миллӣ дар болои тамоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, шаҳодатномаи таваллуд, номаи камол, диплом, шиноснома, ҳуҷҷати ақни никоҳ ва дигар ҳуҷҷатҳо ифода меёбад. Нишони миллӣ дар даромадгоҳи мақомоти маъмурӣ, вазорату кумитаҳо, донишгоҳу донишкадаҳо мавҷуд аст ва арзишу қимати онро ифода менамояд.

**Суруди миллӣ-** яке аз муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки 7 сентябри соли 1994 қабул карда шудааст ва матни онро Гулназар Келдӣ ва оҳангашро Сулаймон Юдаков омода намудаанд. Мардуми тоҷик зери садои ин суруд пагоҳӣ аз хоб мехезанд ва шаб зери садои ин суруд бе тарсу ҳарос мехобанд. Суруди миллӣ оғозу анҷоми ҳаёт ва бурду бохти миллатро ифода менамояд.

**Сарқонун (Конститутсия)-** муқаддасоти бузурги миллӣ мебошад, ки 6 ноябри соли 1994 ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст ва солҳои минбаъда (1999, 2003, 2016) ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: *«Мо бояд танҳо дар чорчӯбаи Конститутсия ва тартиботи ҳуқуқӣ зиндагӣ карда, барои амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат пайваста кӯшиш намоем ва мардум, хусусан наврасону ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва эҳтирому риояи қонун тарбия кунем»*.

Дар шароити имрӯза яке аз мушкилоти асосӣ дар тарбияи насли наврас, ба таври бояду шояд шинос набудани онҳо бо мазмун ва муҳтавои Конститутсия мебошад.

Бояд тамоми диққатро ба он равона намуд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот хонандагон ва донишҷӯён ба даҳ боби Конститутсия дуруст сарфаҳм раванд ва тағйироту иловаҳои ба он вориднамударо моҳиятан фаҳманд.

Дар синфи поёнӣ ё ибтидоӣ муаллимон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки ҳеҷ набошад, хонандагон мафҳуми Конститутсия, зарурияти қабули он, мавқеи он дар ҳаёт, инчунин оид ба забон, пойтахт, давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд маълумоти боэътимод пайдо намоянд.

Дар синфҳои 5-6-ум аллакай хонандагонро бо асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон, сохти давлатдорӣ, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, пойтахт, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, мафҳуми шаҳрванд, ғасби ҳокимият, тақсимнопазирии ҳудуди Тоҷикистон, ҳизбҳою иттиҳодияҳо, самтҳои ҳокимияти давлатӣ, муҳтавои сиёсати дохилӣ ва берунӣ, асоси иқтисодии он, олами набототу ҳайвонот ва ғайраҳо ошно созанд. Муаллимони дорои таҷрибаи бойи омӯзгорӣ ҳангоми шарҳ додани ин ё он моддаи Конститутсия набояд танҳо бо он маҳдуд шаванд, балки масъаларо дар асоси дигар қонунҳои амалкунанда аз паҳлуи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва маърифатию ахлоқӣ амиқтар кушоянд. Рӯякӣ ва бе далел шарҳу эзоҳ додани ин ҳуҷҷат ба он оварда мерасонад, ки аксарияти шаҳрвандон озодии суханро мутлақ, озодии виҷдонро кори шахсӣ ва уҳдадории шаҳрвандиро баръакс фаҳмида, аз хизмати Ватан модар мегурезанд, ё ба ғайбату туҳмат ва фиребгарию қаллобӣ шуғл меварзанд.

Дар моддаи 18 ҳаққи зиндагӣ доштани шаҳрвандон ифода ёфтааст, ки муаллим ба тамоми паҳлуҳои ин масъала ворид кардани хонандагонро бояд вазифаи асосии худ донад ва кӯшиш ба харҷ диҳад, то ки зӯроварӣ, таъқиб ва фишор дар байни насли наврас аз байн равад. Оид ба суд ва адолати судӣ дар дарсҳои назариявӣ ва тарбиявӣ муаллим бояд асоснок фаҳмонад, ки ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс кардан мумкин нест. Шахс агар дастгир гардад, аз кадом воситаҳо метавонад истифода барад. Соҳиби маърифати ҳуқуқӣ будан шаҳрвандони тоҷикро чи дар дохили мамлакат ва чи берун аз он аз беҳуқуқӣ, оҷизию бечорагӣ ҳимоя менамояд ва қувваю дармон мебахшад.

Бисёр қонуншиканиҳо дар атрофи манзили истиқоматии шаҳрвандон рӯй медиҳанд ва аз сабаби дуруст наомӯхтани моддаи 22-и Конститутсия шаҳрвандон ба куҷо ва дар кадом шакл муроҷиат карданашро намедонанд. Онҳоро, пеш аз ҳама, мактаб мебоист бо роҳи дуруст ташкил кардани омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба чунин лаҳзаҳои ҳаётӣ омода менамуд. Дар моддаи 33-и Конститутсия омадааст, ки бисёрникоҳӣ манъ аст, лекин дар амал ин омил доман паҳн намудаасту сабаби бе сарпараст мондани зумрае мегардад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2014 дар Тоҷикистон 95478 адад ақди никоҳ баста шуда буд, ки аз он 9132 ақди никоҳ бекор карда шудааст. Дар натиҷаи чунин никоҳҳои ноустувор 6249 нафар кӯдак ятим мондаанд, ки ин мушкилоти ҷомеа мебошад. Дар мактаб

ба бачаҳо оиди барпо намудани оила ҳамчун ячейкаи ибтидоии ҷамъият бояд маълумот пешниҳод намоем, ки дар оянда онҳо ба никоҳи хешутаборӣ роҳ надиҳанд. Имрӯз дар қаламрави мамлакат бештар аз 13000 кӯдакони маъюби аз 1 сола то 18-сола мавҷуданд, ки аксари онҳо аз никоҳи хешутаборӣ мебошанд. Муаллимон бояд хатари никоҳи хешутабориро ба генофонди миллат ба хонандагон фаҳмонанд, то дар оянда онҳо аз ин омили носазо дурӣ ҷӯянд.

Моддаи 34-уми Конститутсияро муаллимон шарҳ дода, тамоми дастовардҳоро дар бораи ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб, бепарастор дар ин даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бояд боварибахш қайд намоянд, то хонандагон ба сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Тоҷикистон дуруст шинос гарданд. Тавассути он ифтихори миллӣ, худшиносӣ, ғурури миллиро дар ҷавонон бедор кардан мумкин аст. Дар мактаб аз рӯйи моддаи 35-уми Конститутсия ба хонандагон дар бораи меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, музди меҳнат, интизоми меҳнат, оид ба меҳнати маҷбурӣ, меҳнати занон ва ноболиғон, ҳавасмандгардонӣ ва ҷазо барои вайрон кардани интизоми меҳнат, бояд маълумоти саҳеҳу фарогир дода шавад. Ҳамин ноогаҳӣ ва ғофилӣ бештар дар рафтори шаҳрвандони тоҷик дар фаъолияти истеҳсолӣ ва давраи муҳоҷирати меҳнатӣ мушоҳида карда мешавад. Онҳо меҳнати сангинро ба анҷом мерасонанду ба сармояе соҳиб нагардида, сарсону ноком мегарданд. Намедонанд, ки ба куҷо муроҷиат кунанд ва дар ин мушкилот кӣ ба онҳо ёрию мадад расонида метавонад.

Бештар дар вақти гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ ва суҳбату вохӯриҳо дарк карда мешавад, ки на ҳама хонандагону донишҷӯён оид ба боби сеюми Конститутсия дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти қонеъкунанда доранд. Ҳатто, баъзан сарфаҳм намераванд, ки Маҷлиси Олӣ- мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз ду маҷлис- Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Оиди муҳлати ваколат, тарзи интихоботи Маҷлис, ваколати узви Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, оид ба иҷлосияҳои алоҳида ва якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, оид ба салоҳияти ҳарду Маҷлис бояд маълумоти зарурӣ пешниҳод намоянд, зеро ин тоқазои ислоҳоти маориф ва талаботи инноватсионии таълим ва тарбия мебошад.

Дар тамоми зинаҳои таҳсилот омӯхтани боби чаҳоруми Конститутсия аз манфиат холӣ намебошад. Тавассути он насли наврас кӣ будани Пешвои миллат, Сарвари давлат, ҳомии Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва томияти арзӣ, пойдорӣ ва бардавомии давлат, мураттиби фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон будани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан дарк менамоянд. Пеш аз ҳама, хонандагону донишҷӯён бояд дар бораи муҳлати ваколат, шартҳои ба номзадии Президент ба қайд гирифтани шаҳрвандон, қасамёдкунӣ, салоҳияти Президент, дахолатнопазирии Президент маълумоти фарогир дошта бошанд.

Насли наврас бояд дар бораи тамоми бобу моддаҳои Конститутсия маълумоти саҳеҳ дошта бошанд ва тамоми зинаҳои таҳсилот вазифадоранд, ки насли наврасро дар рӯҳияи созандагию ватандӯстӣ, хештаншиносию ифтихори миллӣ тарбия намуда, ба воя расонанд, ки ин рисолати асосии тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Тоҷикистон- ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва бахтномаи миллат //Омӯзгор. - № 45 аз 07.12. 2014.
2. Маҳкамов Д. Тафсири ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат, «Конститутсия роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил», маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20- солагии Сарқонун / Д. Маҳкамов. - Душанбе, 2014. -236 с.
3. Раҳимов Б. Моҳияти минталитети миллӣ дар таълиму тарбия / Б. Раҳимов, А. Нуров //Маърифати омӯзгор. -2008. - № 10. –С.41-46.
4. Афзалов Х.С. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х.С. Афзалов, Б. Раҳимов. - Душанбе: Маърифат, 1994. -192 с.
5. Муллоев А. Қомуси тарбия / А. Муллоев, Н. Алиев. -Душанбе: Ирфон, 2011. –Ҷ.1. -336 с.
6. Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Ирфон, 1994.-80 с.
7. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М. Лутфуллоев. -Душанбе: Маориф,1997.
8. Хабибова Н.Ш. Педагогические основы формирования толерантности школьников младших классов (на материалах школ Республики Таджикистан) / Н.Ш. Хабибова. АКД.-Душанбе, 2012, 24 с.


## ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РӮҲИЯИ ЭҲТИРОМИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ


Халқи шарафманди тоҷик ҳар сол санаҳои 27 июн, 9- сентябр, 6-ноябр ва 24-уми ноябрро ҳамчун идҳои миллӣ ҷашн мегиранд. Давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва миллати шуҳратманди тоҷик Рӯзи парчами миллиро дар шароити сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ, муттаҳидӣ, бо дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешвоз мегиранд. Имрӯзҳо дар назди ҳар як омӯзгор вазифаи масъулиятнок, яъне тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтироми рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.



**Калидвожаҳо:** парчами миллӣ, суруди миллӣ, рамзи миллӣ, парчами Куруши Кабир, парчами Коваи Оҳангар, конститутсия, парламент.


## ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ДУХЕ УВАЖЕНИЯ К ГОСУДАРСТВЕННОЙ СИМВОЛИКЕ


Славный таджикский народ каждый год 27 июня, 9- сентября, 6-ноября и 24-го ноября празднует как национальный праздник. Независимое государство таджиков и прославленная нация встречают День Флага страны в условиях мира, согласия, сплочённости, с политическими, экономическими, социальными и культурными

достижениями. Сегодня перед педагогами стоит ответственная задача, то есть воспитание подрастающего поколения в духе уважения национальной символики Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Национальной Флаг, гимн, герб, Флаг Великий Куруш, Флаг Ковы кузнеца, конституция, парламент.

**EDUCATION UCHASCHIHSYA INITIAL CLASSES IN SPIRIT Of The RESPECT TO STATE SYMBOLOGY**

Glorious tajik folk each year on November 24 celebrates as national holiday. The Independent state tadzhik and glorified nation meet the Day of the Flag of the country in condition of the world, consents, unity, with political, economic, social and cultural achievements.
Today the responsible problem consists before teacher that is to say education growing generations in spirit of the respect to national symbology.

**Key word:** National Flag, on the source, Flag Great Kurush, Flag Kovy smith, constitution, parliament, chamber.

**Сведения об авторах:** ***Табаров Нозим Мамадалиевич***- Таджикский национальный университет, ассистент кафедры основ военной подготовки гражданской оброны. Телефон: **+(992) 938-80-85-49.**
***Муллоев Вайсидин Сайфидинович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры основ военной подготовки гражданской оброны. Телефон:**+(992)918-80-98-91**

## МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ КОРИ МУСТАҚИЛОНА

***Худойназаров Р., Шарифова З., Шарифов Ч.***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Ҳанӯз дар замонҳои қадим корҳои мустақилона ҳамчун усулҳои тадрис истифода карда мешуданд. Одамони зиёде дар натиҷаи мутолиаи мустақилонаи китобҳо ва дигар сарчашмаҳои илмӣ соҳибмаълумот гардидаанд. Зиёда аз ин, ҳаёт собит намудааст, ки ин гуна дониш пояндатару мустаҳкамтар аст. Пеши назар биёред таълими тафриқавиро дар мактабҳои ҳозира ва ё таълимро дар синфҳои камкомплекта. Дар ин гуна синфҳо, ки муаллим дар як вақт ба якчанд талаба ва ё якчанд синф сару кор дорад, шогирдон донишҳоро асосан бо роҳи ташкили корҳои мустақилонаи гуногуншакл аз бар менамоянд.

Дар ҳақиқат ҳам, кори мустақилона барои аз худ намудани асосҳои дониш ба шогирдон ёрӣ расонда, қобилияти фикрии онҳоро метезонад; дараҷаи фаъолияти мустақилонаи бачаҳоро баланд бардошта, дар онҳо малакаи меҳнати фикриро тарбия менамояд.

Н. К. Крупская зимни ин масъала фармудааст: «Одаме, ки худаш хонда наметавонад ва танҳо чизҳои муаллим гуфтаро аз худ мекунад, ноуҳдабарост. Ба мо лозим аст, ки ҷавононро тарзе таълим диҳем, ки худашон мустақилона ба донишҳо мусаллаҳ гарданд».

Бидуни шубҳа, бачаҳо худ табиатан фаъол ва кунҷкобанд. Аксар вақт онҳо мехоҳанд, ки корҳоро худашон иҷро намоянд. Ана ҳамин хусусияти табиии бачаҳоро дар раванди таълим ба ҳисоб гирифтан зарур аст ва агар онҳо ин гуна фаъолият зоҳир накунанд, пас онро тарбия бояд кард. Ва агар донишҷӯ дар дарс ғайрифаъол бошад, ҳамон қадар фаъолияти эҷодии таълим, заҳмати зеҳнии омӯзиш барояш дилгиркунанда, нолозим ва бори гарон менамояд. Ҷойи таъкид аст, ки раванди таълим худ заҳматталаб аст. Он ҳар гуна муносибати рӯякӣ ва сарсариро намеписандад.

Муносибати ҷиддӣ ба таълим ин, пеш аз ҳама, таъмини мустақилиятнокии шогирдон дар дарс мебошад. Мустақилият чӣ маъно дорад?

Мустақилият ё мустақилӣ дар раванди таълим он аст, ки донишҷӯён ба назарияи андӯхта такя карда, машқу супоришҳо, ҳалли мисолу масъалаҳо, машғулиятҳои амалӣ ва лабораториро мустақилона анҷом медиҳанд. Дахолати омӯзгор танҳо лаҳзае зарур мешавад, ки саволе пеш ояд. Барои он, ки дар шогирдон мустақилиятро тарбия намоем, худи раванди таълим бояд хушбинона, маърифатҷӯ, зинда, рӯҳбахш, фаъол ва заҳматталаб бошад. Машқу супоришҳо фикрро ба ҷунбиш оранд, чашми хирадро бедор намоянд. Ба ин маънӣ суханваре гуфта:

*Машқу таълим ҳарду мебояд,*
*Гар яке нест, хат наку н-ояд.*

Барои тақвияти гуфтор як мисол меорем. Лаъл гавҳарест қиматбаҳо, нуҳуфта қаъри кӯҳҳои осмонбӯси Тоҷикистон. Ба даст овардани он кори саҳл нест. Даҳҳо ҷони ширин барбод меравад, ки як мисқол аз ин лаъл ба даст ояд. Илму дониш магар аз лаъл камӣ дорад? Илм ба қавли Носири Хусрав, гавҳари ҷон аст. Пас барои ба даст овардани ҳамин гавҳари ҷон, яъне дониш заҳмат бояд кашид. Чуноне ки Абдураҳмони Ҷомӣ фармуда:

Ҳар амал дорад ба илме эҳтиёҷ,
Кӯшиш аз дониш ҳамегирад ривоҷ.
Он чи худ донӣ, равиш мекун дар он,
В-он чи не, мепурс аз донишварон.

Дигар хел карда гӯем, дониш амалест зинда ва дар доираи вақт мунтазам пешраванда. Ворид намудани корҳои мустақилона ба ҷараёни дарси мактаби олӣ боиси фаъол гаштани тафаккури донишҷӯён мегардад, муносибати бошууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълим инкишоф медиҳад. Ба таври дигар гӯем, самаранокии таълим ба он вобаста аст, ки омӯзгор дар ин ё он лаҳзаи дарс аз кадом хели корҳои мустақилона истифода мебарад ва чӣ тарз диққати донишҷӯёнро ба иҷрои он сафарбар менамояд.

Алҳол методҳои зерини корҳои мустақилона маълуманд:

1) методи таълими кор бо китоб;
2) методи таълими проблемавӣ;
3) методи таълими ҷустуҷӯҳои амалӣ;
4) методи таълими таҳқиқотӣ;
5) методи таълими барномавӣ;
6) методи таълими алгоритмӣ.

Акнун доир ба баъзе аз ин методҳо мухтасар маълумот хоҳем дод.

**Методи таълими кор бо китоб.** Китоб қувваи беҳамтои донишҳосилкунӣ дорад. Беҳуда нест, ки Ҷомӣ китобро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» номидааст.

А. М. Горкий гуфтааст: «Ман тамоми хубиҳоро аз китоб омӯхтаам ва худро назди он як умр қарздор мешуморам». Дар ҳақиқат, китоб муҳимтарин сарчашмаи дониш аст.

Бахусус нақши китобҳои дарсӣ басо муассир аст. Дар ихтиёри донишҷӯён ғайр аз китобҳои дарсӣ маводи зиёди иловагӣ мавҷуд аст. Маълумотномаҳо, луғатҳо, маҷмӯаҳо, хрестоматияҳо, асарҳои гуногуни илмӣ ва бадеӣ, маҷаллаю рӯзномаҳо ва ғайра. Дар назди мо омӯзгорон вазифа меистад, ки ба шогирдон маҳорати бо китоб кор карданро бедор намоем. Даст ба сина мезанем, ки адабиёти оламшумул дорем. Дар ҳақиқат, вақте ки мо китоб доштем, бисёр халқҳои рӯйи Замин, ҳатто алифбои худро надоштанд. Мардуми мо гурӯҳ-гурӯҳ дар ҳуҷраҳо, масҷидҳо, чойхонаҳою корвонсаройҳо ҷамъ шуда, китоб мехонданд, хондани дигаронро гӯш мекарданд.

Кори мустақилона бо китоб барои аз бар намудани донишҳои нав мавқеи беандоза калон дорад. Китоб маълумотҳои системаноки илмӣ, тавсияҳои амику фаҳмои мафҳуму қонуниятҳоро дар бар гирифта, шахсро бо тарзу методҳои муҳокимаронӣ, барқарор намудани алоқаи байни донишҳои назариявӣ ва амалӣ ошно месозад.

Бо китоб **кор** карда истода, ба он кӯшидан лозим аст, ки маънои аслии материали омӯхташударо дуруст дарк намоӣ, ба бешуурона ва ё чи тавре, ки мегӯянд — қориёна аз худ кардани ғояи асосӣ роҳ надиҳӣ.

Оид ба ин масъала К. Д. Ушинский гуфтааст: «Мутолиа намудан — ин ҳоло ҳеҷ чиз аст». Чиро мутолиа намудан ва чӣ тавр фаҳмидани чизи мутолиакардашуда асоси кор аст, яъне таҳкурсӣ ва сутунҳои устувори он. Ҳангоми мутолиакунӣ, агар донишҷӯ оиди мавод шавқу завқи самимӣ надошта бошад, ҳеҷ гуна дастур ба ӯ мадад расонда наметавонад. Фақат шавқу ҳаваси китобхонӣ ба ӯ ёрӣ мерасонад, ки чизи хондаашро дуруст фаҳмида гирад.

Доир ба ин масъала Н. К Крупская навишта буд: «Масъалаи якум ҳангоми хондан - дуруст сарфаҳм рафтан ба материали мутолиа кардашуда, масъалаи дувум - **дар** атрофи чизи хондашуда фикр кардан, масъалаи сеюм - аз материали мутолиа кардашуда қайдҳои з**арурии** хотиравӣ кардан ва масъалаи чорум - ба **худ ҳисобот** додани **он, ки** аз материали хондашуда чӣ **чизи** навро ёд гирифтаед».

Хондан кори фаъоли фикр буда, аз донишҷӯ дақиқкорона ҷудо карда тавонистани равияву ақидаҳои зарурӣ, муқоиса кардани онҳо бо маълумотҳои пешин, таснифи далелу ҳодисаҳо ва барқарор кардани алоқамандии байни онҳо, хулосабарориҳои дуруст, умумикунонӣ ва ғайраро талаб мекунад.

**Ҳангоми** бори аввал хондани китоб донишҷӯ доир ба моҳияти илмии чизи мутолиакардашуда маълумоти умумӣ пайдо мекунад. Такроран хондан имкон медиҳад, ки материал амиқу ҳаматарафа аз бар карда шавад ва барои дар хотира дер боз нигоҳ доштани чизи хондашуда мусоидат менамояд. Дар рафти мутолиа ягон фикру андеша ва ё истилоҳе бояд норавшан намонад.

Барои равшану фаҳмо аз худ кардани материали мутолиашаванда В. И. Ленин чунин маслиҳат додаст: «Дар рафти хондан ҷойҳои норавшану номаълумро қайд карда гиред ва ба он дуюмбора, сеюмбора ва чорумбора баргардед, то ки элементҳои норавшан чи дар рафти такроран хондан ва чи аз суҳбату лексияҳои алоҳида пурра карда шаванд» [3].

Барои муайян кардани калимаю ибораҳои норавшан ба луғату энсиклопедия ва маълумотномаҳо муроҷиат кардан лозим меояд.

Агар калимаю ибораҳои муҳимми материали мутолиа кардашаванда тавсиф дода шаванд, он гоҳ он амиқ ва ҳамаҷониба асоснок мегардад. Баъд аз хондан ва таҳлил кардани мазмуни материал нуктаҳои асосӣ, далелу хулосаҳо ва қоидаву қонуниятҳои заруриро навишта гирифтан лозим аст.

Навишта гирифтани нуктаҳои асосии материал диққати шахсро ба тартиб медароварад, ёрӣ мерасонад, ки органҳои ҳис назорат карда шаванд. Ин бошад, ба инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯ таъсири мусбат нарасонда наметавонад.

Навишта гирифтан (ва ё мухтасари навиштаҷот) маънои қайд карда гирифтани нуктаҳои муҳимми материали мутолиакардашударо дорад. Ба он истилоҳу ибораҳои нав, таърифҳо, иқтибосҳо, хулосаю далелҳои алоҳида, формулаҳо, фикрҳои мухим. нишондодҳои ададӣ, ифодаҳои аҷоибу ғароиб, гуфторҳо, ҷадвалҳои хронологӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Навиштаҷотро дар ҳама ҳолатҳо, аз ҷумла ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарси амалӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст. Онро ҳангоми тайёрӣ дидану навиштани маъруза, корҳои курсию дипломӣ, реферату кори контролӣ, иҷро кардани таҳқиқотҳои илмӣ ва ғ. низ истифода мебаранд.

Дар аз худ кардани материали мутолиашаванда тартиб додани нақша ба аҳамияти калон молик мебошад.

**Нақша** — ин номгуи мухтасар баёнгардидаи фикри асосӣ буда, мазмуни кӯтоҳи мақола, фасли алоҳида ва ё китобро дар бар мегирад. Нақша дар худ пайдарҳамии баёнотро дар бар гирифта, коркарди дастури методӣ ва ё адабиёти илмиро таъмин месозад ва ба худназораткунию дар хотира нигоҳ доштани материали хондашуда ёрии амалӣ мерасонад. Бандҳои нақша фикрҳои асосиро дар бар гирифта, ҳар кадоме дар шакли сарлавҳа навишта мешаванд.

Донишҷӯ бояд нақшаи ҷавоби худро доир ба материали хондааш тартиб дода тавонад. Хулосаи аз мақола ва ё китоб баровардаашро донишҷӯ бояд дар шакли тезис пешниҳод намояд.

**Тезис** — натиҷаи умумикунонидашудаи материали мутолиакардашуда, ғояҳои асосӣ ва ё далелҳои илмие мебошад, ки онҳо дар матни мазкур исбот ва ё шарҳ дода мешаванд.

Тарзи тартиб додани тезис чунин аст: баъди бодиққат мутолиа кардан матн ба якчанд қисм ҷудо карда шуда, дар ҳар кадоми он ғояи асосӣ муайян карда мешавад.

Тезис имконият медиҳад, ки масъалаҳои муҳимми материали мутолиакардашуда дар шакли мухтасар тасвир карда шавад. Одатан, тезис дар ҳамон вақт тартиб дода мешавад, ки агар донишҷӯ материали хондаашро ба таври бояду шояд аз худ карда бошаду барои конспект кардани он зарурияте намонда бошад. Баъзе мавридҳо тезисро чун нақша ифода менамоянд. Ин шакли тезисро бо мақсади фикрро пай дар ҳам баён кардан - кадом масъаларо баъди кадомаш гуфта гузаштан истифода мебаранд.

Шакли аз ҳама паҳнгаштаи навиштаҷот **конспект** мебошад. Конспект шакли мухтасар баёнкардашудаи адабиёти мутолиакардашуда (ва ё фасли он) буда, дар он қоидаву қонуниятҳои асосӣ, формулаҳо, омилу далелҳои муҳим, номҳо, ададҳо, ҷадвалҳои хронологӣ ва ғ. оварда мешаванд.

Конспект ҳамон вақт истифода бурда мешавад, ки донишҷӯ мехоҳад мазмуни материали хондаашро хубтар дар хотир нигоҳ дорад ва дар ҳолати фаромӯш кардан мазмуни онро тез дар хотир барқарор намояд.

Дар ҷараёни тартиб додани конспект матнро аз болои китоб рӯйбардор накарда, онро бо суханони худ навиштан лозим аст. Вале акидаи муаллифро аз болои китоб беғалат рӯйбардор карда, онро дар нохунак бояд гирифт.

Ҳама адабиётҳои заруриро конспект кардани донишҷӯ ҳатмӣ мебошад, зеро дар мавриди зарурӣ материали хондашударо ба тезӣ барқарор карда метавонад.

Ҳангоми навиштани конспект донишҷӯ бояд маълумотномаи адабиётро қайд карда гирад: муаллиф, **номи** пурраи китоб, нашриёт, ҷой ва соли нашри он. Сипас, нақшаи конспект бо нишондоди фасл ва бандҳои алоҳидаи он дода мешавад.

Методистон дар таҳқиқотҳои илмиашон муқаррар кардаанд, ки назар ба 10000 калимаи бе навиштаҷот хондан, 1000 калима хондаю 50 калима навиштан беҳтар аст.

Дар бисёр таҳқиқотҳо оиди кор бо китоб нишон дода шудааст, ки ҳаҷми умумии конспект бояд нисбат ба материали мутолиакардашуда 7—15 маротиба хурд бошад. Мухтасар баён кардани конспект танҳо ба воситаи дуруст ҷудо карда тавонистани ҷузъҳои асосии материал ва аз ибораю ишораҳои мувофиқ истифода бурдан ба даст меояд. Ғайр аз ин, дар конспект калимаҳои маъмул мухтасар ифода ёфта, шарҳу эзоҳ дар ҳошия навишта мешаванд. Донишҷӯ метавонад дигар аломатҳои шартӣ ва тарзи мухтасар навиштани калимаҳои маъмулро истифода намояд.

**Конспекти одӣ** ин навиштаҷоти мухтасари материали хондашуда ва ё лексия мебошад. Ба таври дигар, он аз навиштаҷоти бешарҳу исбот **иборат** мебошад. Метавонад, ки аз як масъала иборат бошад.

**Конспекти мураккаб** дар натиҷаи амиқ ва ҳаматафа омӯхтани материал навишта мешавад ва барои пурра аз худ кардани ғояи асосӣ ба донишҷӯ лозим меояд, ки як қатор адабиётҳоро хонда барояд. Дар конспекти мураккаб якчанд намуди навиштаҷот муттаҳид карда мешавад: нақша, тезисҳо доир ба ҳар як банди нақша, асосноккунӣ ва исботкунӣ, мисолҳои шарҳдиҳанда, қайдҳои танқидӣ, хулосаҳо доир ба ҳар як фасл, хулосаи умумӣ ва ғ. Ба донишҷӯ лозим аст, ки далелу омилҳоеро, ки аз сарчашмаҳои гуногун ба даст медарорад, бо тартиби муайян ҷо ба ҷо гузорад. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, ба донишҷӯ зарур аст, ки **ба** моҳияти асосии материал ҳамаҷиҳата сарфаҳм равад.

Ҳамин тариқ, материали таълимӣ он вақт дуруст аз худ карда мешавад, ки агар донишҷӯ ба навиштаҷоти худ пайваста назар карда, ба адабиётҳои нав ба нав шинос гардад ва умуман дар кӯшишу ҷустуҷӯи ҳамешагии маълумотгирӣ бошад.

Шакли дигари навиштаҷот ин **реферат** мебошад. Иҷро кардани реферат нисбат ба конспекткунӣ аз донишҷӯ вақт ва заҳмати зиёдро талаб мекунад.

Навиштани реферат ба ду талаботҳои зайл алоқаманд мебошад: якум ин ки матни навиштаҷот бояд хеле муфассал бошад; дуюм — мазмуни асосии мавод амиқ ва ҳаматарафа таҳлил карда шавад.

Интихоби мавзӯи реферат ба ҷиҳати амалии мавзӯъ ва хусусияти фанни таълимӣ вобаста мебошад. Навиштани рефератро аз ҳар як фанни таълимӣ тавсия додан мумкин аст.

Рефератҳои аз ҷониби донишҷӯён навишташударо одатан дар дарсҳои амалӣ-семинарӣ, дар семинарҳои кафедра, дар конференсияҳои назариявӣ муҳокима карда, ба онҳо баҳо медиҳанд.

Ҳамин тариқ, барои бо китоб кор карданро ёд гирифтан чӣ дар назди омӯзгорон ва чи дар назди худи донишҷуён вазифаҳои басо душвору мураккаб меистанд. Донишҷӯён вазифадоранд, ки аз ӯҳдаи иҷрои он баромаданро ёд гиранд. Ин бошад, ба ташаккули кори мустақилонаи онҳо асоси боэътимод мегузорад.

**АДАБИЁТ**


1. Бондаревский В.Б. Организация самостоятельной работы студентов / В.Б. Бондаревский //Советская педагогика. – 1999. -№8. – С. 25-30.
2. Крупская Н.К. Чему и как учиться (Доклад на пленуме ЦК РЛКСМ) / Н.К. Крупская //Педагогические сочинения: в 6 – ти т. - Т.2 / под ред. А.М. Арсеньева. -М.: Педагогика, 1978. – С. 265-272.
3. Ленин В.И. О науке и высшем образовании (Составители: М.П, Ковалев., А.Ф. Краснов., М.Г. Галкин) / В.И. Ленин. - Изд. 2-е . – М.: Политиздат, 1971. – 422 с.
4. Шарифов Ҷ. Усулҳои ташкили кори мустақилона бо китоб / Ҷ. Шарифов. –Душанбе: Ирфон, 2001. -№7. - С. 84-88.
5. Шарифов Ҷ. Усулҳои таълими кори мустақилона / Ҷ. Шарифов. –Душанбе: Ирфон, 2002. - №10. – С.43 - 50.
6. Шарифов Дж. Организация СРС – важнейшая предпосылка приобретения прочных знаний / Дж. Шарифов. - Курган – Тюбе, 2009. – 148 с.



**МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ КОРИ МУСТАҚИЛОНА**

Мақолаи мазкур асосан ба таҳқиқи кори мустақилона бо китоб бахшида шудааст. Дар шароити кунунӣ ба проблемаи истифодабарии корҳои мустақилона дар ҷараёни таълим диққати бештар дода мешавад. Дар мақола китоби дарсӣ воситаи боэътимодтарин дар ташаккули малакаҳои эҷодии муҳассилин қаламдод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** мустақилият, кори мустақилона бо китоб, масъулияти донишҷӯён, тарзи навишти реферат, тарзи навишти конспект, тезис.

**МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ**

Данная статья посвящена изучению сущности самостоятельной работы с учебниками. В настоящее время все больше и больше внимания уделяется проблеме использования в процессе обучения самостоятельной работы, как действенного средства повышения эффективности обучения. В статье особое внимание уделяется проявлению творчества в процессе самостоятельной работы с учебником.

**Ключевые слова:** самостоятельность, самостоятельная работа с учебником, ответственность студентов, методы написания реферата, конспекта и тезиса.

**METHODS OF TEACHING INDEPENDENT WORK**

This article is devoted to the study of the essence of independent work with textbooks. Now more and more attention is paid to the problem of using self-study as an effective means of increasing the effectiveness of teaching in the learning process. The article focuses on the manifestation of creativity in the process of independent work with the textbook.

**Key words**: independence, independent work with a textbook, students' responsibility, methods of writing an abstract, abstract and thesis.



**Сведения об авторов:** ***Худойназаров Рустам*** - Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры методики преподавания математики

***Шарифова Зарина*** – Таджикский энергетический институт, проректор по учебной работе, доцент

***Шарифов Джума*** - Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава, профессор кафедры методики преподавания математики


# ДИДАКТИКА ВА УСУЛИ ТАДРИСИ ФАНҲОИ ИҚТИСОДӢ


***Шаъбоналии Латиф***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**


Пеш аз оне ки дар мавриди тарзу усулҳои нави омӯзиши фанҳои иқтисодӣ сухан биронем, мехостем аввалан атрофи худи фан, яъне иқтисодиёт хусусиятҳо, фоида ва дастовардҳои ин фанни ҳаётан муҳим маълумот диҳем.

Иқтисод - ин санъати пеш бурдани оиладорӣ, хоҷагию хоҷагидорӣ ва давлатдорӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки иқтисод ҳанӯз аз давраи ибтидоӣ ба кор бурда мешуд, яъне агар мард аз шикор сайдро меовард, соҳибхоназан онро сарфакорона истифода бурда, боқимондаашро барои рӯзи оянда боқӣ мегузошт.

Чи тавре медонем, имрӯз, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ қарор дорем, пеш бурдани оила, хоҷагию корхона ва давлатро бе истифодаи илми иқтисод тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро ин илмест, ки сарфаю сарфакорӣ ва тамоми нозукиҳои оқилона ва самаранок истифода намудани неъматҳои моддиро ба инсоният меомӯзад. Ҳатто илмест, ки роҳҳои дар ҳолатҳои маҳдуд будани захираҳою номаҳдуд будани талабот ба неъматҳо ва чӣ кор кардан дар ин мавридҳоро ба одамон меомӯзонад.

Иқтисод илмест, ки донандаи он ҳеч гоҳ даст ба исрофкорию зиёдахарҷӣ намезанад ва медонад, ки ин кор боиси пастравии сатҳи зиндагӣ ва қафомонии иқтисоди оила мегардад. Чун ҷавононояндасози миллат ба ҳисоб мераванд ва пешбурди иқтисодиёти оилаю хоҷагӣ, корхонаю ташкилот ва ҳатто иқтисодиёти давлат низ, аз илмдонию маҳорати хуби касбии онҳо вобастагӣ дорад. Пас моро зарур аст, то ин илми ҳаётан муҳимро ба ҷавонон ҳанӯз аз давраи мактабхонӣ омӯзонем. Чунончи сардафтари адабиёти муосири халқи тоҷик устод Садриддин Айнӣ дар ин маврид таъкиде доранд, ки мефармоянд:

*Як нуқтаи мухтасар зи мактаб гӯям,*
*Одам нашавад касе магар аз мактаб.*

Агар мо омӯзиши ин илми ҳаётан муҳимро ҳанӯз аз давраи мактабӣ ва бо усулҳои нави омӯзиш ба роҳ монем, шояд сабаби аз байн рафтани ин гуна буҳронҳои оилавие, ки имрӯз дар бисёр мавридҳо ба чашм мерасанду ташвишоваранд, гардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва тадбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷумла қайд намуданд: «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…».

Чун сухан аз боби усули нави таҳсил дар макотиби миёна меравад, мехоҳем диққати шуморо ба якчанд мафҳумҳо ва шарҳи онҳо ҷалб намоем, масалан:

Дидактика- қисми педагогика буда, аз калимаи юнонии didaktikos гирифта шудааст ва маънояш пандомез, ёд додан, ёдгиранда мебошад, дорад, ки асосҳои назариявии таҳсилот ва таълим, асоснокии нақшаву барномаҳои таълимӣ, принсипҳо, методҳо ва шаклҳои ташкилии таълимро баррасӣ мекунад.

Усули тадрис: роҳ, раванди бунёд кардани муносибат байни омӯзгор ва хонандагон мебошад, ки дар натиҷаи он ҳосил кардани дониш, маҳорат ва малака дар заминаи мундариҷаи омӯзиши пешбинишуда ба амал меояд.

Дарс- ин шакли бисёрвариантии ташкилии амалиёти бомақсадноки мутақобилаи (фаъолият ва муошират) омӯзгорон ва хонандагони муайян мебошад.

Ҳар як дарс сохтори (унсурҳои ба ҳам алоқаманд) худро дорад, ки ба мазмуни маводи таълимӣ, мақсаду вазифаҳои дидактикӣ, хусусиятҳои синусолии хонандагон ва аҳли синф вобаста аст.

Ҳар як дарс аз се марҳила иборат аст:

а) марҳилаи омодагӣ;

б) марҳилаи омӯзиши фаъол;

в) марҳилаи баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои дарс.

Чунин гурӯҳбандиро ба марҳилаҳои раванди таълимӣ метавон ҳангоми таълими мавзӯъҳои ҷудогона ё бахше аз барномаҳои таълимӣ истифода намуд.

Талаботи дидактикӣ ба дарс аз инҳо иборат мебошанд:

-дақиқ муайян кардани вазифаи дарс ва унсури тартиби он ҳамчун мавқеи дарси мушаххас дар системаи умумии таълим;

-муайян кардани мазмуну мундариҷаи дарс;

-интихоби методҳо, усулҳо ва васоити бештар самарабахши таълим, ҳавасмандкунӣ ва назорати амалиёти мутақобила дар ҳар як лаҳзаи дарс;

-фаъолияти омӯзгор ва иштироки хонандагон дар дарсҳо мутобиқи принсипҳои дидактикӣ.

Системаҳои дидактикӣ ягонагии мақсади таҳсилот, принсипи ташкилкунӣ, мазмун, шакл ва методҳои таълимро ифода мекунад. Сохти гуногун доштани системаҳо имконият медиҳад, ки фарқият байни худи системаҳои дидактикиро ба се қисмати асосӣ тақсим намоянд:

1) системаи дидактикии И.Ф.Гербарт;

2) системаи дидактикии Д.Дюи;

3) системаи мукаммал.

Назарияи дидактикӣ қонунҳои илмиеро муайян менамояд, ки алоқаи асосӣ ва зарурии байни ҳодиса ва омилҳои омӯзишро инъикос ва шарҳ медиҳад. Ин қонунҳо ба омӯзгорон фаҳмиши умумии ҳодисаҳои воқеии инкишофи раванди дидактикиро медиҳанд. Вале онҳо бевосита барои фаъолияти амалӣ нестанд, фақат асоси назариявии коркард ва такмили технологии он мебошанд. Принсипҳои дидактикӣ, ин қоидаҳои асосиеанд, ки мазмун, шаклҳои ташкилкунӣ ва методҳои раванди омӯзишро дар асоси мақсади муайяни умумӣ ва қонунияти он муайян менамоянд. Дар принсипҳои таълим асоси меъёри омӯзиш ифода меёбад, ки он аз намуди мушаххаси таърихӣ гирифта шудааст. Принсипҳои омӯзиш

ҳамчун категорияи дидактикӣ баромад карда, хусусияти ба мақсади муайянкардашуда истифодабарии қонунҳо ва қонуниятро доранд.

Ташаккули асосҳои назариявии дидактика, зоҳир намудани моҳияти категорияҳои дидактикӣ, қонуният, принсипҳо, қоидаҳои он дар натиҷаи мубориэаи устувори ақидаҳо ба миён омадаанд.

Дар дидактикаи муосир қоидаҳое, ки принсипҳои аниқи таърихии омӯзиш ва ифодагари зарурии талаботи ҷамъиятӣ мебошанд, тағйир наёфтаанд. Бо таъсири тараққиёти иҷтимоӣ ва комёбиҳои илмӣ, нисбати зоҳиршавии қонуниятҳои нави таълим, ҷамъ шудани таҷрибаи кории омӯзгорон шаклан тағйир ёфта, такмил дода мешаванд. Принсипҳои муосир ба ҳамаи қисмҳои раванди таълим ҷузъиёти зеринро шарт мегузоранд: мантиқ, мақсад ва вазифаҳо, ташаккули мазмун, интихоби шакл ва методҳо, ҳавасмандгардонӣ, банақшагирӣ ва таҳлили натиҷаҳои ноилшударо таҳлил намуда, усули мувофиқ, осон ва ҷамъбасткунандаро интихоб менамоянд.

Принсипҳои таълим дар ягонагии мустаҳкам баромад намуда, баъзе консепсияи раванди дидактикиро ба вуҷуд меоранд, ки онҳоро ҳамчун қисматҳои система тасаввур кардан мумкин аст. Вале на ҳамаи принсипҳо система шуда метавонанд.

Педагоги маъруфи тоҷик М.Лутфуллоев дар «Дидактикаи муосир» принсипҳои омӯзишро ба таълими ҳамгиро пайравӣ намуда, ба таври зайл муайян кардааст:

1. Асоси инкишоф ва тарбиядиҳандагии омӯзиш (таълим).
2. Асоси илмии мазмуни маълумот ва методҳои ҷараёни омӯзиш.
3. Асоси омӯзиши муназзам ва пай дар пай.
4. Асоси омӯзиши ҳамгироии мазмуни маълумот ва тафриқа, ҳамгироии фаъолиятҳои инфиродӣ ва дастаҷамъии талабаҳо ва алоқаи байни онҳо.
5. Асоси омӯзиши фаъолиятнокӣ ва мустақилияти талабаҳо.
6. Асоси дастрасии омӯзиш.
7. Асоси шуурона ва устувории (мустаҳкамии) натиҷаҳои омӯзиш ва инкишофи фаъолияти маърифатҷӯии талабаҳо.
8. Асоси аёният дар омӯзиш.
9. Асоси омӯзиши робитаи таълим бо ҳаёт, ҷомеаи муосир, бо амалияи сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ.

Аммо педагоги муосир И.П.Подласий дар китоби дарсии «Педагогика» принсипҳои омӯзишро ба 7 қисм ҷудо мекунад:

1. Принсипи шуурона ва фаъолӣ дар таълим.
2. Принсипи аёният дар омӯзиш (таълим).
3. Принсипи системанокӣ ва пайдарҳамӣ.
4. Принсипи пойдорӣ дар омӯзиш.
5. Принсипи илмият дар таълим.
6. Принсипи дастрас будани таҳсилот (маълумот).
7. Принсипи робитаи назария бо амалия.

Илова бар принсипҳои дидактикӣ инчунин се системаи асосии ташкилу танзими раванди педагогӣ мавҷуд аст:

1) таълим ва тарбияи фардӣ;
2) системаи дарси синфӣ;
3) системаи лексиониию семинарӣ.

Дар охир бояд қайд кард, ки татбиқи ин усулҳо замоне ба мо натиҷаи дилхоҳ дода метавонанд, агар назорату равобит ва ҳамкориҳои дуҷониба миёни оила ва мактаб ба роҳ монда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». -Душанбе, 2013.
2. Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол». -Душанбе, 2007.
3. Лутфуллоев М. Дарс / М. Лутфуллоев. –Душанбе, 1995.
4. Мирзоева Ф. Тарз ва васоити омӯзиши фаъол: дастури амалӣ / Ф. Мирзоева. -Душанбе: Устоз, 2006.


**ДИДАКТИКА ВА УСУЛИ ТАДРИСИ ФАНҲОИ ИҚТИСОДӢ**


Дар ин мақола мавзӯи зарурати омӯзиши фанҳои иқтисодӣ ва бо усулҳои муосир ба роҳ мондани ин дарсҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.



**Калидвожаҳо:** дидактика, раванд, метод, сохтор, дарс, иқтисод, таҳлил, талабот, фанҳои иқтисодӣ.


**ДИДАКТИКА И МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН**


В данной статье автором рассмотрена важность изучения и преподавания экономических дисциплин и применение новых методов обучения в общеобразовательных учебных заведениях.



**Ключевые слова:** дидактика, процесс, методика, структура, урок, экономика, анализ, спрос, экономические дисциплины.

## DIDACTICS AND METHODS OF TEACHING ECONOMIC DISCIPLINES

In this article the author examines the importance of studying and teaching economic disciplines and the application of new methods of instruction in general educational institutions.

**Key words:** didactics, process, methodology, structure, lesson, economics, analysis, demand, economic disciplines.

**Сведения об авторе:** ***Шаъбонали Латиф*** – Институт развития об разования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, аспирант. Телефон: **908-77-96-06**

# НАҚШИ ОИЛА ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ ҶАВОНОН БА ЗИНДАГИИ ОИЛАВӢ

***Дилафрӯзи Раҷабзода***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Аксари олимони ҷомеашинос ва психологҳо, ки ба омӯзишу таҳқиқи проблемаҳои оила ва демография машғуланд, чунин мешуморанд, ки маҳз оила ҳамчун воҳиди сохтории ҷомеа ба ташаккулёбии шахсият ҳанӯз аз синни хурдсолӣ замина мегузорад ва ба он таъсир мерасонад. Зеро оила бо робитаву муносибатҳои ҳаётӣ ва хешутаборӣ ва занушавҳарӣ алоқаманд буда, волидон ва фарзандонро дар доираи худ муттаҳид месозад.

Оила гурӯҳи хурди иҷтимоӣ мебошад ва нақши он дар тарбия ва омодасозии наврасону ҷавонон ба зиндагии оилавӣ, яъне издивоҷи калон буда ба зиммаи он иҷрои вазифаҳои муҳиму азими ҷамъиятӣ вогузор аст. Аз ин рӯ, дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ омодасозии онҳо ба издивоҷ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Воқеан, оила ҳанӯз аз замони пайдоишаш ба худ нақши институти асосии тарбияро гирифт ва новобаста аз тағйир ёфтани талаботи давру замон ва шароити ҷомеа мавқеи оила дар кори тарбияи насли наврас аҳамияти худро аз даст надодааст. Бешак, нақш ва мақоми оила, бахусус падару модар, дар кори ба зиндагии оилавӣ омода намудани наврасону ҷавонон хеле муҳим буда, дар ин росто масъалаи тайёрии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ хеле доманадор мебошад. Ба ин хотир, мо бинобар маҳдуд будани имкон дар ин нигошта фақат ба баъзе паҳлуҳои ин масъалаи ҳаётан муҳимми ҷомеа дахл менамоем.

Тавре зикр гардид, асосҳои шахсият маҳз дар оила гузошта мешаванд ва батадриҷ ташаккулу инкишоф меёбанд. Тарбияи ҷисмонӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, зебоипарастӣ (эстетикӣ), маънавию ахлоқӣ, динию мазҳабӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, эҳтиромгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, урфу одат, анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои муҳимми умумибашарӣ, илмдӯстӣ ва амсоли инҳо самтҳои тарбияи оилавӣ мебошанд ва мазмуну мундариҷаи онро ташкил менамоянд. Пас, таъсири оила ба кӯдак нисбат ба дигар таъсиррасониҳои тарбиявӣ пурзӯртар буда, дар вуҷуди ин аъзои ояндаи ҷомеа хислатҳое замина мегиранд ва ташаккул ёфтаву инкишоф меёбанд, ки берун аз оила, дар кӯдакистону мактаб ва дигар ҷойҳо ҷамъиятӣ ташаккулёбиашон имконнопазир аст.

Аз ин бармеояд, ки модоме тарбияи аввалини аъзоёни ҷомеа сараввал дар муҳити оила, тахти таъсири волидон ва дигар аъзоёни оила сурат мегирад, иҷтимоъшавии шахсият низ маҳз дар ҳамин муҳит ва зери таъсироти он амалӣ мегардад. Яъне, тарбияи шахси ватандӯсту меҳнатдӯст ва оиладори оянда, ки бо даррасидани навбату фурсати хеш бо дарки тамоми масъулияти инсонию шаҳрвандӣ ва узви ҷомеа будан, бояд дар тарбияи ҳаматарафаи насли оянда кӯшиш ба харҷ диҳад, аз муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоии оила маҳсуб меёбад. Ба гуфти файласуфи рус Н.В.Шелгунов «Оила ин гурӯҳи хурди он ҷомеае мебошад, ки вайро ба вуҷуд овардааст, бинобар ин байни ҷомеа ва оила ҳамфикрии зичтарин арзи вуҷуд дорад. Ҳар оила ҳамон дараҷа бад ва ё ҳамон дараҷа хуб аст, ки ҷомеаи вайро эҷоднамуда ҳамон қадар бад ё хуб аст. Оилаи ба вуҷудовардаи худи ҷомеа, дар навбати худ, барои вай аъзоён тарбият менамояд ва дар ин вазъияти беилоҷ ба тарбия машғул аст» [2, 68].

Албатта, падару модар ба ҳеҷ ваҷҳ ғайримустақим баҳри аз овони кӯдакӣ ва ҳатто баъзан аз даврони наврасӣ барои ба ҳаёти оилавии оянда омода намудани фарзандон кӯшиш наменамоянд ва ин масъаларо шояд ба гӯшаи хаёл ҳам наоваранд. аммо мусаллам аст, ки онҳо бо муносибату рафтор ва муоширату дигар кирдорҳои ба ҳаёти оилавӣ дахлдори хеш дар зеҳни кӯдак дар робита ба ин масъалаи муҳим ғайриихтиёр нақшу таъсири аниқ мегузоранд.

Маълум аст, ки хислати аз ҳама бештар инкишофёфта дар айёми кӯдакӣ дар инсон ин тақлидкорист. Кӯдак чи дар оила, чи дар кӯча ва чи дар кӯдакистон аз атрофиён, асосан аз калонсолон ибрат мегирад ва ба гуфтору рафтору кирдори онҳо пайравӣ менамояд. Албатта, кӯдакон дар баробари тақлид намудан ба гуфтору рафтору кирдори хубу шоиста ва неку дурусту манфиатноки калонсолон, ҳамзамон ба одатҳо, тарзи муоширату рафтори баду зишт ва зарарноку номақбули онон низ тақлид менамоянд. Ва ин гуна тақлидкориҳо ва ибратгириҳо тадриҷан бо мурури ба воя расидан дар шахс ба одати доимӣ табдил ёфта, баъдан дар замони ба балоғат расидану оила барпо намудан ғайриихтиёри кас ба зоҳиршавӣ оғоз мекунанд.

Азбаски кӯдаку наврас бештари вақти хешро дар муҳити оила, дар ҳалқаи падару модар ва дигар аъзои оила мегузаронад, ӯ бештар аз тарзи муоширату муносибати онҳо ибрат мегирад. Ба ин хотир падару модар ва дигар аъзоёни оиларо лозим ва зарур аст, ки

дар муошırату муносибат ба ҳамдигарӣ ва низ бо кӯдак муҳаббату самимият, эътимоду боварӣ, иззату эҳтиром, дилсӯзию ғамхорӣ, ҳамдардӣ, кумаки беғаразона, ҳамдигарфаҳмӣ, хушгуфторӣ, сабру таҳаммул, эътирофи шахсият ва амсоли инҳо барин хислатҳои ҳамидаи инсониро зоҳир намоянд ва барои фарзандон намунаи ибрат гарданд.

Падару модар ба сифати аввалин тарбиятгарон дар тарбияи фарзандон нақш ва таъсири муҳимтар доранд нисбат ба дигар аъзои оила ва ҳам ҷомеа. Адиби рус Н.И.Новиков, муаллифи китоби «Дар бораи тарбия ва насиҳати фарзандон», хуб овардааст: «Ҳеҷ чиз ба қалбҳои ҷавони кӯдакон аз қудрати умумии ибрат зӯртар таъсир намекунад. Дар байни тамоми дигар ибратҳо бошад, аз ибрати падару модар дида чизи дигаре амиқтару сахттар нақш намебандад».

Дар муносибатҳои байнишахсӣ, ки барои дар оянда барпо намудани оилаи солим ва пойдории он нақши муҳиму бориз мебозад, маҳз падар ва модар дар ҳаёти ҳар як кӯдак (писарбача ва духтарча) намунаҳои аввалини рафтори мардона ва занона мебошанд.

Дар оила вобаста ба хусусиятҳои фардӣ дар ташаккулёбии фарзандон ҳамчун шахсият ба яке падар, ба дигаре бошад, бештар модар таъсир мерасонад. Бо вуҷуди ин, меҳру муҳаббат ва таъсиррасонии падару модарро ба фарзандони ҷинси мардона ва занона муқобил гузоштан лозим нест, «зеро, ки онҳо баробарвазнии зарурии муассир (эмотсионалӣ) ва бамулоҳиза, меҳрубононаю навозишкорона ва сахтгирона, озод ва маҳдудро ба вуҷуд оварда, якдигарро пурра месозанд» [3, 22].

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки дар оила тавассути ибрати шахсии волидайн дар муносибатҳо ва муоширати байниҳамии муҳити мувофиқу мусоиди психологӣ-маънавӣ барои тарбияи фарзандон ва ба ҳаёти оилавии оянда тайёр кардани онҳо фароҳам бошад. Зеро тибқи ақидаҳои педагоги рус А.Н.Острогорский, ки дар садаи XIX ҳаёт ба сар бурдааст, дар тарбияи фарзандон падару модар таври алоҳида таъсир намерасонанд, балки дар ин маврид омили асосӣ ва ҳалкунанда дар ташаккули шахсияти кӯдаку наврас ва тарбияи ӯ ва омодасозии ӯ ба ҳаёти оилавӣ худи муносибатҳои оилавӣ ва заношӯйӣ мебошанд. Ба ақидаи А.Н.Острогорский «… Барои он ки оила тавонад солим эътироф гардад, кам аст, ки дар вай падар ва модар ҳозир бошанд; лозим аст, ки муносибатҳои байниҳамдигарии онон ба идеяи ин яке аз иттиҳодҳои инсонии маҳрамонатарин мувофиқат намоянд ва дар худ ягон чизи ҳиссиёти фарзандонро таҳқирсозанда надошта бошанд. Барои онҳо ҳам падар ва ҳам модар баробару якхела бошанд ва онҳо муҳаббат ва иззату эҳтироми тарафайни волидайнро бубинанд ва эҳсос намоянд» [2,14].

Аъзоёни оила ва, пеш аз ҳама, падару модар бояд ба масъалаи дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва нисбат ба дигарон ғамхору мададгор будан тарбия намудани фарзандон ва ба ин васила ба ҳаёти оилавии мустақилона омода намудани наврасону ҷавонон диққати бештар диҳанд. Зеро бисёрҳо воқеъ гардида, ки як қисмати оилаҳои ҷавони нав барпо гашта бинобар надоштани малакаю маҳорат ва таҷрибаи пешбурди мустақилонаи хоҷагии оила ва рӯзгор аз як тараф ба гардани волидайн бор мешаванду аз сӯйи дигар, худ дар ташкилу таъмини зиндагии оилавиашон ба мушкилию бесуботӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Дар чунин ҳолат бадии кор дар он аст, ки ҳамин ноухдабароию бемасъулиятӣ дар ташкили рӯзгору хоҷагии оилавӣ аксар вақт боиси сар задани мунокишаю ҷанҷолҳои хонаводагӣ, дилхарошию озурдакунии якдигарии ҳамсарони ҷавон ва баъзан дар ниҳояти кор сабаби вайроншавии оила мегардад. Ба чунин ҳол бештар оилаҳои ҷавону навташкиле гирифтор мегарданд, ки баъд аз издивоҷ майлу хоҳиши аз волидайн ҷудо зиндагӣ карданро доранд. Дар солҳои охир бошад, миқдори чунин оилаҳо хеле афзудааст ва мо яке аз сабабҳои афзоиши шумори вайроншавии оилаҳои ҷавонро маҳз дар ҳамин мебинем. Гузашта аз ин, бисёр навхонадорон моҳияти оилаю оиладориро дарк намекунанд.

Дар масъалаи аз ҷиҳати хоҷагидорӣ-маишӣ тайёр намудани ҷавонон ба зиндагии оилавӣ оилаи волидайн нақшу мақоми пешбарро молик аст. «Чунин омодагии ҷавонон ба издивоҷ, - ба хулоса меояд В.А.Сисенко, - ташаккулёбии малакаю маҳорати пешбурди хоҷагии хонагӣ, тайёр намудани хӯрок, сарфи оқилонаю босамари маблағҳои пулиро дар бар мегирад. Камбаҳодиҳию камаҳамиятӣ ба нақши иқтисодии пешбурди хоҷагии хонагӣ, мутаассифона, ба як қисмати навхонадоршудагон хос аст. Сабаби ин ҳолат озод намудани фарзандон дар бисёр оилаҳо аз ташвишҳои рӯзгори хона мебошад. Дар натиҷа онҳо ҳатто хӯрокро тайёр карда наметавонанд, аксар вақт дар ҳалли мушкилоти одитарини хоҷагии рӯзгор оҷизу нотавон мемонанд [3, 179].

Оила ва бахусус волидон бояд дар тарбияи оилавии фарзандон сар карда, аз овони хурдсолӣ ба масъалаи тақсими меҳнат дар рӯзгору хонавода аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Бахусус, дар ҳолате ки ба писарон фармудани корҳои духтарона ва ба духтарон супориш додани иҷрои корҳои писарона зарур меафтад, бояд ба онҳо фаҳмонид, ки дар ин кор ҳеҷ ҷойи айбу шарм нест, зеро аз уҳдаи иҷрои ин корҳо баромада тавонистан, дар зиндагии оянда ба кор меояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми дигаре, ки оила бояд ба таври бояду шояд ба иҷро расонад, ин дар замири наврасону ҷавонон тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ, шахсони дигарро фаҳмидан ва бахшида тавонистан мебошад. Пеш аз ҳама, падару модар ва баъдан дигар аъзоёни оила бо ибрати шахсӣ бояд нишон диҳанд, ки дар ҳолатҳои мушкили зиндагию рӯзгор наҳаросида, баръакс бо сабру таҳаммул ва кумаки ҳамдигарӣ, бо дастгирию ёрмандии ҳамдигарӣ, бо якдигарро фаҳмидан ва бо гузашткуниву

бахшоишҳо чӣ тавр метавон муҳити оиларо аз ҷиҳати психологӣ ва маънавӣ солим гардонид ва зиндагиро хушбахтона ва орому осоиштаву босамар гузаронид. Зиндагӣ худ собит намудааст, ки қабули қарорҳои саросемаю беандеша ва ҳамдигарро нафаҳмидани навхонадоршудагон дар вақтҳои ба миён омадани низоъҳои оилавӣ, нобобаста аз он ки бо айби кадоме аз ҳамсарон ба вуқӯъ пайвастааст, оқибати нохушу ногуворро ба бор меоварад, муҳити рӯҳию маънавии оиларо носолим месозад, нобоварии ҳамсаронро нисбат ба якдигар ба вуҷуд меорад ва тадриҷан ба як навъ «бемории»-е мепечад, ки табобаташ, ислоҳаш мушкил ва баъзан номумкин мебошад.

Мутаассифона, дар замони ҳозира зиёд ба назар мерасад, ки ҷавонон ва бонувони нав оила барпокарда, бо сар задани андак нофаҳмии байниҳамдигарӣ ва ё камбудиву норасоӣ мушкилӣ дар зиндагию рӯзгор якдигарро айбдор медонанд ва бо гапнодарой ва сухани якдигаро инкор кардан боиси ба вуҷуд омадани низоъ ва хархашаи оилавӣ шаванду бе ҳеҷ гуна андеша саросема масъалаи талоқу ҷудошавиро пеш мегузоранд. Пайдост, ки агар дар муҳити оилаи волидайн ба ин гуна ашхос муқаддас будани издивоҷу никоҳ ва оила аз хурдӣ талқин мегардид ва он бо ибрати шахсии падару модар, бобову бибӣ ва дигар аъзоёни оила амалан нишон дода мешуд, онҳо ин арзишҳоро дарк ва қадр карда метавонистанд.

Мусаллам аст, ки донистани қадри дигарон аз қадру қимат ва мақоми хешро дар оила ва дар ҷомеа донистану шинохтан манша мегирад. Дар муҳити оила ба фарзандон омӯзонидан ва талқини ин гуна хислатҳо аз ҷониби волидон ва дигар аъзоёни калонсоли оила дар кори муҳимми ба зиндагии оилавӣ омода намудани наврасону ҷавонон муфид ва самаровар хоҳад буд. Зеро шахсе, ки худшинос нест ва иззати хешро, қадри меҳнати хешро ва мақому манзалати хешро намедонад, ба ҳеҷ ваҷҳ ба қадри иззату эҳтироми дигарон, ба меҳнати дигарон, ба шахсияти дигарон арҷгузорӣ карда наметавонад.

Табиатан волидайн ба фарзандон дар муҳити оила асосан ва, пеш аз ҳама, хислатҳои меҳнатдӯстӣ, дар корҳои хоҷагидорӣ уҳдабаро будан, масъулиятнокӣ, ғамхору мададгор будан нисбат ба дигарон, маҳорати гузашткунӣ ва бахшидани саҳву айби дигарон, ҳурмату иззати калонсолонро ба ҷо овардан ва амсоли инҳоро меомӯзонанд. Албатта, чунин хислатҳо барои мустаҳкамию пойдории оилаи нав ташкилёфта муҳиманд. Вале волидайн аксаран дар пойдорию устувории оила ва ташкили зиндагии оилавии хушбахтона мақом ва муҳиммияти хосса доштани меҳру муҳаббат ба ҳамсар ва ба фарзандонро ба эътибор намегиранд ва агар ба назар гиранд ҳам, ба мақоми дувумдараҷа мегузоранд.

Ба ақидаи Карл Маркс, дӯст доштан, ин яъне зиндагӣ кардан ба тарзи зиндагии касест, ки дӯсташ медорӣ [1].

Дар ҳақиқат он ҳамсароне, ки қабл аз издивоҷ ҳамдигарро дӯст дошта, муддате, ба қавле, бо ҳам ошиқӣ кардаанд, яъне чанд моҳе ё соле бо ҳам вохӯрию мулоқот кардаанд, ба хислату хулқу атвор ва гуфтору рафтори якдигар хуб ошноянд ва дар зиндагии оилавӣ ба ҳамдигар зудтару беҳтар мутобиқ мегарданд, дар ҳолати зарурӣ аз айбу хатову гуноҳи кардаи якдигар осонтару сабуктар мегузаранд. Бар илова, фарзандонро низ бо меҳру муҳаббати самимитари падару модарӣ парвариш карда, ба воя мерасонанд.

Ба андешаи мо, дар замони ҳозира, ки бинобар як қатор сабабҳои объективию субъективӣ дар ҷомеа миёни одамон, бахусус ҷавонон, як навъ сардшавии меҳру муҳаббат ва сангдилӣ нисбат ба якдигар эҳсос мешавад, ҳангоми ба зиндагии оилавӣ, омода намудани насли наврасу ҷавон масъалаи аз рӯйи ишқу муҳаббат ва дӯстдорию писандидагӣ ташкил кардани оиларо дар мадди аввал бояд гузошт. Албатта, агар ин ишқу муҳаббату дӯстдорӣ на сохтаю ғаразнок ва бо мақсади ҳосил намудани манфиати шахсие бошад, балки самимию ҳаққонӣ.

Ҳамин тариқ, дар шахс аввалин падидаҳои таҷрибаи зиндагӣ ҳанӯз аз кӯдакӣ дар оила пайдо мегарданд ва ташаккул меёбанду тадриҷан то ба синни балоғат расидан устувор мегарданд. Яъне, шахсият камол меёбад ва ба зиндагии оилавӣ омода мегардад.

Омӯзиши забони хориҷӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон оид ба муҳити атроф, мақоми инсон дар табиат ва ҷомеа, характери муносибатҳо нисбат ба муҳит ва нисбати худ ёрӣ мерасонад. Маълумотҳои характери тарбиявидошта дар мавзӯъҳои баҳри инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хониш бахшидашуда дар ҳамаи китобҳои дарсӣ инъикос ёфтаанд. Бахусус, хондани асарҳо ва матнҳои бадеии нависандагони хориҷа ба тарбияи ҳиссиёт, ахлоқ, маънавиёт, характер ва хислатҳою *сифатҳои шахсияти хонандагон* мусоидат мекунанд.

Ибораи «***Инкишофи нутқ – Speech development***», дар адабиётҳои методии солҳои мухталиф ба таври гуногун ифода ёфтааст. Модоме ки дар назди таълими забони англисӣ чунин вазифа гузошта мешаваду вазифаи асосии онро аз «*инкишофи нутқи шифоҳӣ (orally)* ва *хаттии (written)* хонандагон» иборат медонанд, пас мазмуни худи инкишофи нутқро чӣ тавр бояд фаҳмид? Доира ва мазмуни инкишофи нутқ дар синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ ҳақиқатан ҳам васеъ ва ҳарҷониба аст. Ҳатто инкишофи нутқро ба кори хонандагон нисбат медиҳем, онро бо тариқи зерин мефаҳмонем: аз тарафи хонандагон амал ва фаъолона аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон (тарзи талаффуз, луғат, сохти грамматика, нутқи алоқанок).

Калимаи «***технология***» аз юнонӣ гирифта шуда, *techne – санъат, ҳунар ва logos – таълим* мебошад. ***Дарс*** – шакли асосии технология ба шумор меравад. Дар ин раванд *технология* ҳаммаънои методика ва ҳисоб меравад. Дар методика калима ва ибораҳои ***«teaching», «learn», «teach», «learn by heart»*** ва ғайра хеле зиёд истифода мешаванд. Калимаи «***Teaching - омӯзондан***» ба муаллиму хонандагон, калимаи «***Learn – омӯхтан***» ба хонандагону қисман муаллим, ибораи «***Learn by heart – аз худ кардан***» ба хонандагон бештар марбут мебошад.

Инкишофи нутқи хонандагон асоси таълими технологии забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва инчунин болоиро ташкил менамояд, ки дар назди он вазифаҳои «*ба таври амалӣ аз худ кардани нормаи забони адабӣ, малакаи хондану навиштан ва такмили маданияти нутқ меистад*».

Вале омӯзонанда ва назораткунандаи протсесси инкишофи нутқи хонандагон муаллим мебошад.

Тайёр намудани ҷавонони ҳозира мувофиқ бо талаботҳои нави таълими забони англисӣ, яке аз мушкил мубрами ҷомеа гардидааст ва ин на танҳо мутахассисони оияндаро, балки педагогонро ҳам ба ташвиши овардааст. Вазифаи таълими забони англисӣ дар раванди дарс ҳал мешавад, аз ҳамин лиҳоз муаллим бояд, ҳар як вазифаи гузоштаашро ба шакли муайян даровარда онҳоро дар синф ҳал намояд[1].

Сифатҳои зикршудаи малака дар натиҷаи иҷрои машқҳои омодагӣ ва омӯзишӣ ташаккул мeёбанд. Танҳо омӯзишу иҷрои машқҳои мунтазам ба ташаккул ёфтани малакаҳои устувор оварда мерасонад, ки бидуни он омӯхтани босифати нутқи забони хориҷӣ имконнопазир аст.

Вақте ки мо инкишофи нутқ мегӯем, нутқи шифоҳӣ ва нутқи хаттиро дар назар дорем. Дуруст ба роҳ мондани кори инкишофи нутқ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки муаллим монандӣ, фарқият ва алоқамандии ин хелҳои нуткро то чӣ андоза мефаҳмад. Функсияи нутқи шифоҳӣ аз гуфтану шунидан ва муошират кардан бо ҳамдигар иборат аст (***Example:*** *What is your name? – My name is Lola. What is your last name? – My last name is Safarov. Etc.*). Таъсирнокии нутқи шифоҳӣ ба тарзи баёни он вобаста мебошад. Барои он ки фикр дуруст баён карда шавад ва шунаванда онро фаҳмида тавонад, бояд соҳиби он, яъне гӯянда, нормаи забони адабиро донад (***Example:*** *Please, help me to do my homework. With pleasure.*) .

*Объекти таълим (азхудкунӣ): фаъолияти нутқӣ - маҳоратҳо. Мусаллам аст, ки фаъолияти нутқӣ раванди қабулу интиқоли иттилоот бо ёрии забон дар раванди муошироте мебошад, ки аз маҷмӯи амалҳои нутқӣ таркиб меёбад. Фаъолияти нутқӣ ҷараёни муошироти фаъолона ва ҳадафмандонаест, ки тавассути забон ва бо назардошти вазъияти муошират байни одамон мегузарад.* Дар машғулиятҳо оид ба таълими забони хориҷӣ бо тамоили амалӣ фаъолияти нутқӣ (муошират) ба сифати ҷузъи умда ва пешбари мундариҷаи таълим баррасӣ мешавад. Фаъолияти нутқиро, одатан, ба *намудҳои асосӣ ва ёрирасон* ҷудо мекунанд. Фаъолияти нутқи асосӣ, дар навбати худ ба *сермаҳсул* (гуфтор, хат) ва *ресептивӣ* (истимоъ, хониш) тақсим мешавад. Намудҳои ёрирасони фаъолияти нутқӣ: азнавҳосилкунии шифоҳӣ иттилооти қаблан дарк гардида, конспект кардани матн, тарҷума ва ғайра мебошанд[9].

Намудҳои зикршудаи фаъолияти нутқӣ на барои он чун ёрирасон баррасӣ мешавад, ки онҳо дар раванди гуфтугӯ камаҳамиятанд, балки ба он сабаб аст, ки ҳар кадоме аз онҳо ба ин ё он намудҳои асосии фаъолият асос ёфтаанд. Чунончи, тарҷума метавонад ҳам шифоҳӣ бошад ва ҳам хаттӣ.

Фаъолияти нутқи дар шаклҳои *шифоҳӣ ё хаттӣ* ба амал меояд. Ҳамзамон, шакли омӯхтаи нутқ – *шифоҳӣ - хаттӣ*(масалан, навиштани нутқи садодиҳанда, бо овози баланд хондан ва ғайра) имконпазир аст. Дар шароитҳои муошироти воқеӣ намудҳои ҷудогонаи фаъолияти нутқи дар ҳамбастагии якдигарӣ баромад мекунанд (масалан, гуфтор мавҷудияти шунавандаро дар назар дорад)[10]. Ин ҳолат дар машғулиятҳо дар доираи таълими ба ҳамдигар вобастаи намудҳои фаъолияти нутқӣ ба назар гирифта ва татбиқ карда мешавад.

Воҳиди муошират дар раванди фаъолияти нутқи *амалӣ нутқе* маҳсуб меёбад, ки дар шакли матн ва ҷумлаҳои ба он асосёбанда амалӣ гардонида мешавад. Воситаи азхудкунии фаъолияти нутқӣ дар намудҳои гуногуни он иҷрои машкҳоро дар назар дорад, ки ба *машқои нутқӣ* ва *эҷодӣ* ҷудо мешаванд. Ба туфайли иҷрои чунин машқҳо хонандагон ба маҳоратҳои мухталиф соҳиб мегарданд. *Маҳорати нутқӣ* ба туфайли ширкати хонандагон дар намудҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ дар заминаи донишҳои андӯхта ва малакаҳои ташаккулёфта ҳосил мешавад. Маҳоратҳо бо сифатҳои бошуурона, мустақилӣ, сермаҳсулӣ ва мутаҳаррикӣ тавсиф меёбанд.

Барои муаллим ва хонанда муколамасозӣ воситаи асосии инкишофи нутқи хонандагон ба шумор меравад. ***Таълими муколамавӣ*** – ин ҳамкории байни одамон дар шароити таълимӣ, ки бо доду гирифти информатсионӣ кор бурда мешавад.

Бошуурона будани маҳорат аз он иборат аст, ки хонанда ҳангоми иҷрои ин ё он амал ба донишу малакаҳои мувофиқ такя карда истода, ҳадафи амал ва тарзу усулҳои ба он ноил шуданро дарк мекунад. Мустақилияти маҳорат дар имконияти кӯчонидани як намуди фаъолият ба намуди дигар зоҳир мегардад. Маҳсулнокии маҳорат натанҳо маънии азнавҳосилкунии амалҳои дар рафти таълим азхудшуда, балки инчунин дарёфти роҳҳои нисбатан самараноки амалигардонии донишу малакаҳои ташаккулёфтаро дорад. Ниҳоят, дар серҳаракатии маҳорат имконияти дарёфтани *стратегияи* гуногуни истифодаи воситаҳои забонро вобаста ба шароитҳо ва вазифаҳои мушаххаси муошират дар назар дорад[11].

Инчунин, гуфтан лозим аст, ки тамоми донишҳои илмӣ, алалхусус педагогӣ ҳам, муносибати ҷиддиро талаб мекунанд[6].

Тибқи намудҳои мавҷудаи фаъолияти нутқӣ маҳоратҳои зерин ҷудо карда мешаванд: *истимоъ кардан* (шунидан ва фаҳмидани нутқ бо ифодаи овозии он); *сухан кардан* (ба шакли шифоҳӣ баён кардани фикр); *навиштан* (баён кардани фикр дар шакли хаттӣ); *хондан* (фаҳмидани фикр дар ифодаи хаттии он); *тарҷума кардан* (баёни мундариҷаи нутқ ба воситаи забони дигар). Боиси таъкид аст, ки малакаҳо ба таркиби маҳорат ба сифати ҷузъҳои он дохил мешаванд. Чунончи, маҳорати гуфтугӯӣ ташаккули малакаҳои лексикӣ, грамматикӣ ва фонетикиро дар назар дорад. Бояд гуфт, ки ташаккули маҳоратҳои нутқӣ вазифаи асосии таълими забон аст, зеро самаранокии иштироки муҳассилин дар раванди муошироти нутқи аз дараҷаи ташаккулёбии маҳоратҳо вобастагии қавӣ дорад.

Дар раванди аз худ кардани мундариҷаи таълим аз ҷониби хонандагон дар баробари маҳоратҳои нутқӣ маҳоратҳои *таълимӣ-технологӣ* низ ташаккул меёбанд. *Маҳоратҳои таълимӣ-технологӣ* имконияти самаранок таҳсил кардан ва азхудкунии фанни забони хориҷиро дар раванди фаъолияти нутқӣ таъмин менамоянд. Чунин маҳоратҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: *зеҳнӣ ва ташкилӣ. Маҳоратҳои зеҳнӣ* инҳоро фаро мегиранд: мушоҳида кардани ҳодисаҳои забони хориҷӣ дар муқоиса бо забони модарӣ, тасниф кардан ва ба низом овардани иттилооти воридшаванда тибқи вазифаи таълимии муайяншуда; пешакӣ

фаҳмидан ва арзёбӣ кардани иттилоот; тартиб додани нақша, тасвият бахшидани ғояи матн, баҳо додан ба рафтори қаҳрамонон, муҳокима рондан ва амсоли инҳо. Тавре дида шуд, маҳоратҳои зеҳнӣ стратегияҳои аз ҷониби хонандагон интихоб гардидани омӯзиши забон, яъне тарзу усулҳои дарк кардан, ба хотир гирифтан ва истифодаи иттилооти дар рафти таълим азхудшударо муайян мекунанд, ки сарчашмаи муҳимми аз бар кардани забон ба шумор меравад.

Ба маҳоратҳои *ташкилӣ* маҳорати кор кардан бо адабиёти иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир, мураттаб сохтани ҷадвалҳо, нақшаҳо, қайд кардани иттилоот дар шакли нақша ё конспект ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Ҳосил кардани маҳоратҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо истифода аз фарзияҳои забони ва қаринавӣ дар раванди муошират аз муродифҳои ҷумлаҳо ва калимаҳои ҳаммаънову муқобилмаъно истифода намоянд. Ҳамчунин, дар рафти муошират аз мусоҳиб хоҳиш карда мешавад, ки сухани худро такрор карда, аз имову ишорат ва дигар воситаҳои ғайринутқӣ истифода намояд, мавзӯи гуфтугӯро тағйир диҳад ва амсоли онҳо.


### АДАБИЁТ

1. Алиев С.Н. Методикаи усулии таълими забонҳои хориҷӣ: Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни факултаҳои забонҳои хориҷӣ донишгоҳҳои омӯзгорӣ / С.Н. Алиев. -Душанбе, 2013. – 226 с.
2. Ариян М.А. УМК по английскому языку для 2 класса (2 год обучения) / М.А. Ариян // Иностранные языки в школе. – 1993. –С. 54.
3. Борзова Г.В. Тексты для чтения на втором этапе обучения / Г.В.Борзова // Иностранные языки в школе. – 1990. –С. 25; Борзова Г.В. Тексты для чтения на втором этапе обучения / Г.В. Борзова // Иностранные языки в школе. – 1990. –С. 25.
4. Боритко Н.М. Теория обучения: учебник для ст-ов пед, вузов / Н.М. Боритко. -Волгоград: Изд-во ВГИКП РО, 2006. – 72 с.
5. Варежкина Н.В. Методика английского языка / Н.В. Варежкина. –М.: Просвещение, 1999. 350с.
6. Козлова С.А. Дошкольная педагогика: учеб. пособие для студентов сред. пед. учеб. Заведений / С.А.Козлова, Т.А. Куликова. – 3-е изд., исправ. и доп. – М.: Издательский центр «Академия», 2001.– 416 с.
7. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М.Лутфулоев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 247 с.
8. Рогова Г.В. О речи учителя на уроке»: Ж. «Иностранные языки в школе» / Г.В. Рогова. – 1984 - №5. – 6 с.
9. Гальперин П.Я. Современная методика английского языка / П.Я.Гальперин. –М.: Просвещение, 1995. –С. 45-60.
10. Пассов Е.И. Основы методики обучения иностранным языкам / Е.И. Пассов. – М.: «Русский язык», 1977.
11. Введение в коммуникативную методику обучения английскому языку: пособие для учителей России – OxfordUniversityPress, 1997.


### ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ИНКИШОФИ МАҲОРАТУ МАЛАКАҲОИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН ДАР МАКТАБҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур сухан оиди инкишофи маҳорату малакаҳои нутқии забони англисӣ дар байни мактаббачагони макотиби таҳсилоти миёна меравад. Инчунин роҳҳои омӯзиши технологии забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.



**Калидвожаҳо:** технология, таълим, нутқ, муаллим, хонанда, забони англисӣ, маҳорат, малака, инкишоф, шифоҳӣ, муколама, протсесс, роҳ, метод.


### ТЕХНОЛОГИЧЕСКОЕ ОБУЧЕНИЕ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ И РАЗВИТИЕ УМЕНИЙ И НАВЫКОВ РЕЧИ УЧАЩИХСЯ ШКОЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье говорится о развитии речевых умений и навыков английского языка среди учащихся средних школ. Также рассматриваются пути технологического обучения английскому языку.



**Калид вожаҳо:** технология, обучение, речь, педагог, школьник, английский язык, умения, навыки, развитие, устный , диалог, процесс, пути, методы.


### TEACHING TECHNOLOGY OF ENGLISH LANGUAGE AND DEVELOPMENT SKILLS AND ABILITIES OF PUPILS SPEECH IN SCHOOLS REPUBLIC OF TAJIKISTAN


In given article tell about speech development of skills and abilities among pupils of schools. Also examine the ways of teaching technology to given problem.



**Key words:** Technology, teaching, speech, teacher, pupil, English language, skill, ability, development, orally, dialogue, process, way, method etc.



**Сведения об авторе:** ***Сангимадов Ф.Х.*** – Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков факультета иностранных языков.
Телефон: **985275949**. E-mail: **sangimadov1979@mail.ru**

# ТАЪСИРРАСОНИИ ДАСТАҶАМЪОНА ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН

***Ёрматов А. Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

*Касе, к – ӯ тани хештанро шинохт,*
*Ба майдони ком асли иқбол тохт.*
*Гар ӯ хештанро шиносанда нест,*
*Шиносандаро чашм барканда нест.*
*(аз пандномаи Анӯшервони Одил)*

Хештаншиносӣ мақому манзалати худро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқияти худ ва бо аҳли башар дарк кардан аст. Бо таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи Тоҷикистон, бо таърихи куҳанбунёди хеш ба қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносию худогоҳии комил расидан мушкил аст. Ҳамчунин бе дарки решаҳои таърихи тамаддун, таҳкими истиқлолият, пойдории давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи мутамаддин мушкилтар хоҳад буд»[1].

Худшиносиву хештаншиносии миллӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ бояд ба он равона карда шавад, ки симои миллат, суннатҳои давлатдорӣ ва расму оинҳои аҷдодӣ ҳарчи бештар ташаккул ёбанд. Ҳар як шаҳрванд бояд дар замири худ ҳисси худшиносию хештаншиносиро тавассути илму дониш ва фарҳанги волою ҷаҳони васеи маънавӣ ташаккул диҳаду ба манфиати миллату ватани хеш сидқан хизмат намояд.

Унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ, ки дар Консепсияи миллии тарбия оварда шудаанд, барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле заруранд. Консепсияи миллии тарбия имрӯз омӯзгоронро водор менамояд, ки дар дарсҳо ҳарчи бештар ба унсурҳои тарбия, аз ҷумла тарбияи худшиносии миллӣ ва хештаншиносӣ диққати ҷиддӣ диҳанд ва дар баробари дониш додан шахсияти мактаббачагонро низ тарбия намоянд. Инро низ асосгузори илми педагогика Ян Амос Каменский дар асари машҳури худ «Дидактикаи бузург» баён карда буд.

Таъсиррасонии дастаҷамъона дар тарбияи хештаншиносии насли наврасу ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳимми рӯзмарра ба шумор меравад. Мақсади ниҳоии тарбияи хештаншиносӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар як фарди солимақли ҷомеа манфиатҳои шахсии хешро бо манфиатҳои давлат, ҷомеа ва оила пайваст намоянд.

Тибқи талаботи педагогӣ дар таълиму тарбияи насли ҷавон иштироки се воҳиди асосӣ: оила, мактаб ва ҷомеа шарти зарурист. Инро Консепсияи миллии тарбия (2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) низ тақозо менамоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»[2] ҳар як падару модарро водор месозад, ки ҳарчи хубтару бештар дар таълиму тарбияи фарзандон, алалхусус, насли наврас ва ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд, зеро тарбияи дурусти фарзандон маҳз аз оила сарчашма мегирад.

Маориф пояи миллату таҳкими давлат аст, маҳз барои ҳамин ҳуҷҷатҳои муҳим аз тарафи ҳукумати мамлакат дар соҳаи маориф қабул шудаанд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо самараи истиқлолият буда, баҳри рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосӣ мегузоранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо соҳаи маориф барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани тарбияи насли наврас ва ҷавонон соли 2006 Консепсияи миллии тарбияро қабул кард. «Консепсияи миллии тарбия ифодагари сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлат дар тарбияи миллии аҳолӣ, махсусан, хонандагону ҷавонон мебошад»[3]. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва дигар намудҳои тарбияро дар марҳилаҳои нави таърихӣ муайян намуда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсият тақозо дорад. Тарбияи хонандагон дар мактаб ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи ҷомеаи шаҳрвандӣ нест. Хонандагон дар муносибат нисбати ҳамдигар ва нисбати калонсолон беэътиноӣ зоҳир намуда, ҳангоми муносибат ба эҳсосот дода мешаванд. Агар ғояҳои гуманистӣ, яъне тарбияи дурустро аз оила сар кунем, тараққиёти илм ва техника ба инсон фоидаи зиёдтар мерасонад. Барои ба ин ноил шудан, бояд дар хонандагон хислатҳои шахсиятро тарбия кунем.

Тарбияи худшиносӣ ва хештаншиносӣ дар хонандагон хислатҳои башардӯстӣ, доштани муносибати хуб бо падару модарони худ, хешу табор, омӯзгорон, ҳамсинфон ва нисбати халқу миллат ва дигар ашхос пайдо мекунад. Ҳар як хатмкардаи мактаб бояд ба ғайр аз дониши хуб аз фанҳои таълимӣ доштан, дорои сифатҳои хуби инсонӣ, бошад.

*Яке тоҷи тобонтар аз Муштарӣ*
*Ҳама кас мар ӯро ба ҷон муштарӣ!*
*Аз он тоҷу он пандҳои сутург*

*Ҳаме дониш омӯхт хурду бузург.*
(Аз пандномаи Анӯшервони Одил)

Вазифа ва масъулияти муаллим имрӯз бештар шудааст, зеро имрӯз дар мактаб дониши хонандагон мавқеи асосиро ишғол намудааст. Агар мо дар хонандагон тарбияи зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, тафаккури интиқодӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ, худшиносию хештаншиносиро дар онҳо напарварем, ҷомеаи мо ҳамқадами ҷомеаи башарӣ шуда наметавонад. Дар ин ҷода аз муаллим талаб карда мешавад, ки ҳамқадами замон бошад, зеро ҷомеаи имрӯза ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Маҳз муаллим инро ҳазм намуда, хонандагонро масъулиятшинос ба воя мерасонад. Пеш аз оне, ки муаллим дар хонандагон тафаккури интиқодиро ташаккул диҳад, дар худ низ бояд онро парварад, таҳаммул ва тоқатпазирӣ аз эҳтироми ақидаҳои дигарон ба миён меояд.

Яке аз нишонаҳои худшиносӣ ва хештаншиносӣ, ин покиза ва поку беолоиш нигоҳ доштани забон аст.

Меҳру муҳаббат ба ватан, устуворӣ ба аҳд, некрафторию ширингуфторӣ, худшиносии миллӣ ва хештаншиносӣ дар ниҳоди фарзандон аз рӯзҳои аввал дар оила ташаккул меёбанд, яъне маҳз оила дар инкишофи ҷисмонию маънавӣ ва худшиносию хештаншиносии онҳо нақши тақдирсоз дорад. Аз ин рӯ, яке аз сарчашмаҳои асосии худшиносӣ ва хештаншиносии насли наврас ва ҷавонон, албатта, оила мебошад.

Таҳкурсии худшиносӣ ва хештаншиносиро дар оила мегузоранд ва он минбаъд дар мактаб рушд намуда, ташаккул меёбад. Зеро дар мафҳуми худшиносӣ ва хештаншиносӣ ватандӯстию ватанпарастӣ, саховатмандию меҳнатқаринӣ, ҳурмату эҳтироми падару модарон, калонсолон ва дӯстону наздикон, сабру таҳаммул, бошармӣ, накукорӣ, интихоби дӯсти арзанда, ҳимояи марзу бум барин хислатҳои наҷиби инсонӣ ниҳон аст.

Ҳар як аъзои ҷомеа бояд, ки қадри худро дониста, дар баробари ин ба қадри дигарон низ расаду эҳтиромашро ба ҷо оварад. Ваҳдату якдилӣ бо худшиносиву хештаншиносии миллӣ сахт марбут буда, тавассути таълиму тарбияи хуб ва донишу маърифати баланд ба даст меояд. Албатта, вақте ки шахс аз ваҳдату ягонагӣ, худшиносию хештаншиносии миллӣ огоҳӣ дорад, ӯ ба қадри хору хаси ин Ватани зебо расида метавонад.

Бо таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат – Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «То даме ки худшиносию хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мо падид наояд, то даме ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунему эҳтиром нагузорему хизмат ба ватан ва миллат ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ва дар рӯҳияи худшиносию хештаншиносӣ ба камол намерасем.

Тарбияи инсон дар асоси татқиқотҳои илмӣ ҳанӯз аз батни модар шурӯъ мешавад ва аз рӯзи ба дунё омадан ва то дами вопасин идома меёбад. Дар лаҳзаҳои аввал, чун дуруст назар намоем, худогоҳӣ, худшиносию хештаншиносӣ аз оила ибтидо мегирад. Ҳарчанд ки он дар шаклҳои сода тарҳрезӣ мегардад ва баъдтар дар мактабу ҷомеа ташаккул меёбад. Солҳои охир дар рушди илми педагогика на фақат кӯдакон ҳамчунин калонсолон низ муҳтоҷ дониста шудаанд, зеро дар шароити кунунӣ мавзӯе нест, ки нисбат ба тарбияи худшиносию хештаншиносии насли наврас ва ҷавонон, алалхусус мактаббачагон, инчунин ба тарбияи солими ҷомеа бетараф бошанд. Бетарафӣ зоҳир намудани падару модарон ва аҳли ҷомеа нисбати таълиму тарбияи насли наврасу ҷавонон, дурӣ аз илму дониш, дину оин, урфу одат ва анъана боиси ба гурӯҳҳои номатлубу тундрав шомил шудани онҳо мешавад.

Хештаншиносӣ аз оила сарчашма мегирад. Оила яке аз омилҳои асосии рушду нумӯъ ёфтани инсоният мебошад. Инсон нахустин феълу кирдор, муносибат ба худ ва ба инсонҳои дигар, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила меомӯзад. Оила дар ҳаёти инсонӣ нисбат ба дигар институтҳои иҷтимоӣ волотарин ва арзишмандтарин мақомро дорост. Зеро насли наврасу ҷавон маҳз дар оила ташаккул ва рушд ёфта, то аз худ намудани нозукиҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ тадриҷан бе мушкилот вориди ҷомеа мегарданд. Вобаста ба обрӯю эътибори падару модар ва таъсири онҳо ба насли наврас ва ҷавонон дар оила сифатҳои шахсият ташаккул меёбад, яъне маҳз оила дар инкишофи ҷисмонию маънавӣ ва худшиносию хештаншиносии онҳо нақши тақдирсозро мебозад. Аз ин рӯ, яке аз сарчашмаҳои асосии худшиносӣ ва хештаншиносии насли наврас ва ҷавонон, албатта, оила мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 то соли 2011 се қонуни хеле муҳим, аз ҷумла Қонун дар бораи «Танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими оила, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул намуд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» вазифа ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон дарҷ гардидаанд. Мақсади қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, талқини ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ, хештаншиносӣ ва инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Аз ин рӯ, падарону модарон фарзандонро бояд дар рӯҳияи худогоҳӣ, худшиносӣ ва хештаншиносӣ тарбия намоянд. Дар оила сар задани муноқишаву ҷанҷолҳо, ба вуқӯъ пайвастани шӯру ғавғо, гоҳ ба амал омадани ҳодисаҳои номатлуб аз кам будани фитрати худшиносию хештаншиносӣ далолат мекунад. Сар задани чунин ҳодисаҳои ногувор, махсусан шомил шудан ба гурӯҳҳои тундгарову ифротӣ, шаҳодати бепарвоӣ ва ё беэътиноии бузургони оила, бахусус, падару модарон аст.

Мувофиқи ақидаи мутафаккирони гузашта аз ҷумла, Ҳофизи Шерозӣ агар кӯдак аз падару модар тарбияи дуруст нагирифта бошад, вай дар оянда ҳам шахси дуруст тарбиянаёфта шуда мемонад.

*Гуле, ки зи дасти боғбон тарбия нагирифт,*
*Агар ба чашми хуршед сар кашад, худруст.*

Тафаккур ва шуури миллӣ бидуни инкишофи тафаккури таърихӣ, худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ, равнақу ривоҷи шуури миллӣ тасаввурнопазир аст. Тарбияи худшиносӣ ва хештаншиносӣ доманадор ва корест басо заҳматталаб. Аз падару модарон ва омӯзгорон корбарии дурудароз, заҳмати зиёд ва таҷрибаву дониши баландро талаб мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Консепсияи миллии тарбия / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе, 2011.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». -Душанбе, 2011. –С. 3-16.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Моддаи 35, банди 2.-Душанбе: Ирфон, 2013.
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2006.
5. Расулов Д. Дидактика / Д. Расулов, Д.Ғафурова. –Душанбе: Ирфон, 2007. -235 с.
6. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. –Душанбе: Ирфон, -2006. 360 с.



**ТАЪСИРРАСОНИИ ДАСТАҶАМЪОНА ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН**

Дар мақолаи мазкур мавзӯи худшиносию хештаншиносӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин, нақши оила ҳамчун сарчашмаи асосии тарбияи худшиносию хештаншиносӣ таъкид шудааст.



**Калидвожаҳо:** хештаншиносӣ, тарбия, ахлоқ, волидайн, консепсияи миллии тарбия, оила, мактаб, ҷомеа, наврасон, ҷавонон.



**СОВМЕСТНОЕ ВОЗДЕЙСТВИЕ И ВОСПИТАНИЕ ЧУВСТВА САМОСОЗНАНИЯ У ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЁЖИ**

В статье изучается и исследуется тема самознания.Внимание автора акцентировано на роле семьи как основного источника воспитания чувства самосознания и самопознания и какую огромную роль играет в этом деле коллективное влияние и семейное воспитание.



**Ключевые слова**: самосознание, воспитание, характер, родители, национальная концепция воспитания, семья, школа, общество, подростки, молодёжь.



**JOINT INFLUENCE IN EDUCATION OF CONSCIOUSNESS OF TEENAGERS AND YOUTH**

In the article, the subject of self-knowledge is studied and studied. The author's attention is focused on the role of the family as the main source of education of a sense of self-awareness and self-knowledge and what a huge role is played in this matter by collective influence and family upbringing.



**Key words:** self-awareness, upbringing, character, parents, national concept of upbringing, family, school, society, teenagers, youth.



**Сведения об авторе:** ***Ёрматов А. Дж.*** **–** Кулябскийгосударственный университет им.А.Рудаки, соискатель


# ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ


***Исматуллоева Малика***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**


Ҳаёти имрӯза дар донишҷӯён ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои меҳнатии барои насли муосир зарур, аз қабили саводнокии компютерӣ, донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, сатҳи баланди рушди зеҳнӣ, маҳорати ба роҳ мондани ҳаёти худ ва ғайраро талаб менамояд. Дар масоили корҳои тарбиявӣ бадахлоқии иддае аз ҷавонон, зӯроварӣ нисбати дигарон, бепарвоӣ нисбати калонсолон, афзоиши ҷиноят аз тарафи ҷавонон педагогҳоро ба ташвиш овардааст. Муассисаи таҳсилоти олии муосирро лозим аст, ки барои бартараф кардани буҳрони маънавии насли ҷавон ва дар донишҷӯён тарбия намудани ҳисси шаҳрвандӣ, муҳаббат ба Ватан, ахлоқу одоб дар асоси арзишҳои умумибашарӣ чораҳои зарурӣ андешад. Барои ҳосил кардани чунин сифатҳо дар насли ҷавон чӣ кор бояд кард?

Дар ин маврид омӯзиши мероси педагогҳои намоёни гузашта дар дарки аниқи моҳияти масъала, инчунин такмили системаи маълумот дар асоси афзалиятҳои гуманистӣ ҳамчун асос хизмат мекунад.

Инсониятпарварии таълиму тарбия имкон медиҳад, ки донишҷӯён зиндагӣ ва рушди сифатҳои ахлоқиро дар байни одамон ёд гиранд.

Бинобар ин, дар назди муассисаи таҳсилоти олӣ вазифаи ташкили шаклҳои гуногуни кори тарбиявӣ гузошта шудааст. Омӯзгорон, мураббиёни пешқадам мунтазам меҷӯянд ва ба таҷрибаи тарбия ҳама гуна шаклҳои нави ташкили ҷараёни тарбиявиро ворид месозанд. Дар адабиёти педагогӣ ва таҷрибаи корҳои тарбиявӣ таснифи чунин шаклҳои ташкили тарбия маъмултарин мебошад: а) корҳои оммавӣ; б) корҳои инфиродӣ; в) корҳои гурӯҳӣ ё кори маҳфилҳо (бо ҳайати мунтазам ва тағйирёбандаи донишҷӯён). Вобаста аз методикаи таъсири тарбиявӣ таснифи шаклҳои ташкилӣ, фаъолияти тарбиявӣ ҷой доранд. Аз рӯйи ин тасниф шаклҳои тарбия ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешавад:

1. Шифоҳӣ (ахбороти сиёсӣ, чаласаҳо, ҷамъомадҳо, маърӯзаҳо, конфронсҳои донишҷӯён, мубоҳисаҳо, вохӯриҳо, рӯзномаҳои шифоҳӣ, барномаҳои радио ва ғайра).

2. Амалӣ (роҳпаймоӣ, саёҳат, спартакиадаҳо, олимпиадаҳо ва озмунҳо, маҳфилҳои техникӣ, инчунин шанбегиҳо ва ғайра).

3. Аёнӣ (осорхонаҳои муассисаи таҳсилоти олӣ, утоқу толорҳои шуҳрати ҷангӣ, силсилаи қаҳрамонони ҷанг ва меҳнат, намоишгоҳҳои эҷодиёти бадеӣ, намоишгоҳҳои китобҳои нав, гӯшаҳои мавзӯӣ ва ғайра).

Чунин таснифот, пеш аз ҳама, гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, якдафъагӣ, (ахбороти сиёсӣ, суҳбатҳо, саёҳату роҳпаймоиҳо ва ғайра)-ро дар назар дорад. Вале баъзе аз шаклҳои амалӣ ва аёнии тарбия гузаронидани корҳои дарозмуддати тарбиявиро дар назар дорад (масалан осорхонаҳои муассисаи таҳсилоти олӣ). Бояд дар назар дошт, ки ин таснифот вобаста ба хусусиятҳои таъсири, тарбиявӣ, шартӣ мебошад, чунки дар таҷриба шаклҳои шифоҳӣ, амалӣ ва аёнӣ бо ҳам махлут мегарданд. Масъалаи гузаронидани ахбороти сиёсӣ, конфронсҳои донишҷӯён ба корҳои амалӣ алоқаманданд. Баъзан дар рафти ахбороти сиёсӣ ва конфронсҳо воситаҳои гуногуни аёнӣ, (расмҳо, нақшаҳо, харитаҳо, намоиши диапозитивҳо, кинофилмҳо ва ғайра) низ истифода бурда мешаванд. Яке аз шаклҳои аз ҳама маъмули корҳои тарбиявӣ гузаронидани соатҳои кураторӣ ба ҳисоб меравад. Аксаран соатҳои кураторӣ қаблан ба ҷадвали дарсҳои муассисаи таҳсилоти олӣ дароварда мешаванд. Онҳо, одатан, ҳафтае як маротиба дар рӯзҳои муайян гузаронида мешаванд. Барои гузаронидани соатҳои кураторӣ вақти алоҳида ҷудо карда намешавад. Соатҳои кураторӣ 20-30 дақиқа ва баъзан аз як соат бештар идома меёбад. Ин ҷо шаклҳои муошироти озоди донишҷӯён бо куратори гурӯҳ афзалият дорад. Мавзӯъҳои соатҳои кураторӣ дар нақшаи тарбиявии кураторони гурӯҳҳо қайд мегарданд. Ба таври анъанавӣ, онҳо ба масоили тарбияи ғоявию ахлоқӣ, маданиятӣ, рафтор, муҳокимаи мақолаҳои муҳим аз рӯзномаю маҷаллаҳо, муҳокимаи китобҳои нав, намоишномаву кинофилмҳо, ташкил намудани вохӯриҳо бо одамони наҷиб ва ғайра бахшида мешаванд. Ин шакли кори тарбиявӣ донишҷӯёнро дар рӯҳияи худогоҳии миллӣ тарбия менамояд ва вобаста ба ин гузаронидани соатҳои кураторӣ аз рӯи мавзӯъҳои муайян имкон дорад. Масалан, суҳбат аз рӯйи мавзӯъ, муҳокимаи китобҳои ба наздикӣ хондашуда ва кинофилмҳои тамошошуда, маърӯзаҳо доир ба масъалаи муайян, ки онҳоро муассисаи таҳсилоти олӣ бо тавсияи куратори гурӯҳ тайёр мекунад, ба шаклҳои дигари корҳои тарбиявӣ – оммавӣ, аз қабили иштирок дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, баровардани рӯзномаи деворӣ, ҷамъоварии маводҳо ва ороиши осорхонаи муассисаи таҳсилоти олӣ, конфронсу мубоҳисаҳо, вохӯрӣ бо ашхоси намоён, ташрифи коллективӣ ба театр, синамо, осорхонаҳо, роҳпаймоии сайёҳии кишваршиносӣ мансубанд. Дар ин ҷо низ имконоти бемаҳдуде мавҷуданд, то ки куратори гурӯҳ ин шаклҳои корҳои тарбиявиро бо мазмуни аҳамияти миллидошта фарогир созад. Чунончи, чорабиниҳои оммавӣ бо идҳои маросимию тақвимии халқи тоҷик метавонанд алоқаманд бошанд. Меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро ба ободгардонии шаҳр ё маҳаллаи худ, хусусан ҷойҳои хотиравӣ равона кардан мумкин аст. Дар ин ҷода саёҳату роҳпаймоиро ба ҷойҳои муҳимми таърихӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, табиат, дар кабудизоркунии маҳалла, муассисаи таҳсилоти олӣ, иштирок кардан, эълон кардани озмунҳои суратҳои беҳтарин дар мавзӯи «Табиати кишвар», азназаргузаронии тайёрӣ ба идома додани анъанаҳои меҳнатӣ ва ҳарбӣ «Мо насли арзанда мегардем», «Модар Ватанро ҳимоя намо», «Амалиёти хотираи фавтидагон», гузаронидани викторинаи «Дар бораи ватани худ чӣ медонӣ?»-ро ба нақша гирифтан мумкин аст.

Рӯзномаи деворӣ дорои таъсири махсуси тарбиявӣ мебошад. Дар осорхонаи муассисаи таҳсилоти олӣ доир ба таърихи кишвар маводҳо пешниҳод карда мешаванд. Конфронсу мубоҳисаҳоро ба забони тоҷикӣ ва англисӣ гузаронидан мумкин аст, бо донишҷӯён мубоҳиса ё конфронсро оид ба дирӯзу имрӯзи халқи тоҷик дар мавзӯъҳои «Мо корномаҳои падарони худро идома медиҳем», «Ватандӯст будан имрӯз чӣ маъно дорад?»,

«ба мардӣ дар ҷанг ва замони осоишта» пешниҳод кардан мумкин аст. Инчунин, якҷоя бо муаллимони фаннӣ ва коркунони китобхонаҳо гузаронидани конфронсро доир ба осори бадеӣ ба назар гирифтан мумкин аст. Куратори гурӯҳе, ки ташрифи коллективиро ба театру синамо, осорхонаву намоишгоҳҳо ба нақша мегирад, барои ба нақша гирифтани чунин чорабиниҳо бо назардошти вазифаҳои ташаккули худогоҳии миллӣ имкон пайдо мекунад.

Дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ фаъолияти маҳфилҳои муассисаи таҳсилоти олиро қайд кардан бамаврид аст. Фаъолияти маҳфил метавонад аз ташкили саёҳат ба шаҳру маҳаллаҳои дигар, бо мақсади шиносоӣ бо ҷойҳои таърихии кишвар ва ташриф ба осорхонаҳо иборат бошад. Таассурот аз ин ташрифу саёҳатҳо дар муҳокимаву суратҳо метавонад дарҷ ёбад. Ғайр аз ин, дар маҳфил, суҳбат-ахбороти хусусияти маърифатидоштаро ташкил ва гузаронидан мумкин аст. Ба сифати мавзӯъҳои чунин суҳбатҳо бо донишҷӯён ҷамъоварӣ кардани маълумот оид ба ҷойҳои таърихии кишвар, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти арбобони машҳури маданияти тоҷик пешниҳод кардан лозим аст.

Ҳамин тариқ, шаклҳои корҳои тарбияи оммавӣ гуногун буда, дар онҳо донишҷӯён ширкат варзида, бо масъулияти баланд вазифаҳои худро иҷро карда метавонанд. Ин вазифаҳо метавонанд тағйир ёбанд, вале тарбия ва омухтани муоширату рафтор дар муҳити табиӣ сурат мегиранд.

## АДАБИЁТ


1. Гулямов Г. Взаимосвязь общественно-полезного труда и нравственного воспитания студентов / Г.Гулямов. II Сов. Педагогика. - М, 1191, №4, -С. 21-22.
2. Измайлов А.Э. Народная педагогика / А.Э. Измайлов. –М., -1991. -252 с.
3. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Матбуот, 2003.
4. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования таджикской школы: автореферат дисс. докт. пед. наук. -Душанбе, 2000. 46с.
5. Шарифзода Ф. Педагогика / Ф.Шарифзода, И. Каримова –Душанбе: Ирфон, 2008, -204с.
6. Раҳимов Б. Этнопедагогикаи халқи тоҷик / Б.Раҳимов, А.Нуров. -Душанбе, 2008. -296с.


## ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ


Оила яке аз фишангҳои асосие мебошад, ки амаликунии мутақобилаи шахсият ва ҷомеа, ҳамгироӣ ва муайянсозии афзалияти манфиатҳо ва талаботҳои онҳоро таъмин менамояд. Оила ба инсон тасаввуротҳоро оиди мақсадҳо ва арзишҳои ҳаётӣ, он чи ки бояд донист ва чи гуна бояд рафтор кард, медиҳад. Баён ва насиҳат кардани волидон, намунаи онҳо, тамоми ойини оиладорӣ, муҳити оилавӣ одатҳои рафтор ва маҳакҳои баҳогузории хубӣ ва бадӣ, рафтори шоиста ва ношоиста, одилона ва ноодилонаро ба бор меоранд. Муҳиммияти оила ҳамчун институти тарбия бо он шартнок карда шудааст, ки кӯдак дар оила дар марҳилаи муҳимми ҳаёти худ ҷойдорад ва аз рӯи қувва ва дарозмуддатии таъсири худ ба шахсият ягон институти тарбия бо оила баробар шуда наметавонад. Асосҳои шахсияти кӯдак ҳам барои дохил шудан ба макотиби олӣ ташаккул ёфта, ӯ қисман ба ҳамчун шахсият ташаккул меёбад.



**Калидвожаҳо:** оила, амаликунии мутақобилаи шахсият ва ҷомеа,, муҳити оилавӣ, муҳиммияти оила, асоси шахсияти кӯдак,


## ФОРМЫ ОРГАНИЗАЦИИ ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ В ВУЗЕ


Семья – один из основных инструментов, обеспечивающих взаимодействие личности и общества, интеграцию и определение приоритетности их интересов и потребностей. Семья дает человеку представления о жизненных целях и ценностях, о том, что нужно знать и как следует себя вести. Объяснения и наставления родителей, их пример, весь уклад в доме, семейная атмосфера вырабатывают у подростка привычки поведения и критерии оценки добра и зла, достойного и недостойного, справедливого и несправедливого. Важность семьи как института воспитания обусловлена тем, что в ней ребенок находится в наиболее значимый период своей жизни, и по силе и длительности своего воздействия на личность ни один из институтов воспитания не может сравниться с семьей. Закладываются основы личности подростка, и к поступлению в вуз он уже более чем наполовину сформировался как личность.



**Ключевые слова:** семья, взаимодействие личности и общества, семейная атмосфера, важность семьи, основы личности подростка,


## OPPHANIZATION OF EDUCATIONAL WORK IN THE UNIVERSITY


The family is one of the main tools for interaction of the individual and society, integration and prioritization of their interests and needs. The family gives a person the idea about life goals and values, about what you need to know and how to behave. Explanations and guidance of parents, their example, all the way in the house, the family atmosphere provide the children the habits of behavior and evaluation criteria of good and evil, worthy and unworthy, just and unjust. The importance of the family as an institution educating is due to the fact that a child is the most important period of his life, and the force and the duration of its effect on personality, none of the institutions of education can not be compared with the family. The foundations of youth personality, and for enrolling in high school, he was already more than halfway emerged as a person.



**Key words:** family, the employment of personalities and communities, the family atmosphere, the importance of the family, the personal incarnation of the girl,



**Сведения об авторе*: Исматуллоева Малика*** - Академия образования Таджикистана, соискатель

# САМАРАБАХШИИ ХОНИШИ БОШУУРОНА ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОК

***Гулмадова У.П.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Хониши бошуурона дар низоми таълими салоҳиятнок мавқеи хоссаро дорад, зеро дар ин низом диққати асосӣ на ба хотира, балки ба инкишофи тафаккури хонандагон дода мешавад. Хонандагон бояд дорои қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолиятнокӣ бошанд.

«Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: «Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ мебошад». Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани «қобилият, малака, дониш ва таҷриба»-и шахс ва он матнест, ки мехонад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад» [6, 29].

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Аз ин рӯ, стандартҳои фанни мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои хаттиро мехонад:
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
- матнро аз рӯйи сохтори он фарқ карда метавонад;
- ба матн суол мегузорад, ба суолҳои матн ҷавоб мегардонад.

«Хониши бошуурона гуфта, хонишеро меноманд, ки талабагон маънои чизи хондаашонро мефаҳманд» [2, 99]. Ин сифати хониш, яъне фаҳмида хондан, вақте муяссар мегардад, ки агар талабагон:

- маънои ҳар як луғати калимаҳои матнро фаҳманд;
- алоқа ва муносибати калимаҳоро дар ҷумла донанд;
- муносибати фикр дар матнро дарк карда тавонанд.

Вобаста ба ин омилҳои хониши бо шуурона инҳоянд:

**1)** **Фаҳмида хондани маънои ҳар як калимаи матн** на танҳо вазифаи омӯзгору талаба аст, ҳамчунин вазифаи муаллифони китобҳои дарсӣ низ мебошад. Яке аз шартҳои асосии тартиб додани китоби дарсӣ ҳам ҳамин аст, ки он бо забони равони оммафаҳм навишта шавад. Агар дар матн калимаҳои душворфаҳм дучор оянд, маънои онҳо дар зери матн шарҳ дода мешаванд.

**2)** Омили дигари фаҳмидани маънои матн ба он вобаста аст, ки **талабагон то кадом андоза маънои пурраи ҷумларо мефаҳманд**. Омӯзгор вазифадор аст, ки ҳангоми хониш ба алоқаи калимаҳо дар ҷумла диққат дода, оҳанги талаффуз (интонатсия)-ро ба назар гирад ва амалӣ нишон диҳад.

**3)** Масъалаи асосии хониши бошуурона **фаҳмидани маънои тамоми матн ва бо забони худ баён кардани он мебошад.** Барои осон шудани дарки мазмуни матн омӯзгор метавонад расмҳои китоб ва дигар воситаҳои аёниро пешниҳод намояд, ду-се савол ё нақша тартиб диҳад. Талабагон матнро хомӯшона ё бо овози баланд хонда, ба саволҳои муаллим ҷавоб меёбанд, ҷавобҳоро бо лафзи худ баён мекунанд, ҳамчунин аз иҷрои саҳначаҳо истифода мебаранд.

Хониши бошуурона дар синфи 3 такмил меёбад.

Барои инкишофи малакаҳои хониш ва дарки маъно танҳо хониши матн кифоя нест. Бояд хониши бошууронаро машқ кард. Барои инкишофи малакаи хониши бошуурона омӯзгор метавонад аз масъалаҳое, ки боиси ташаккули тафаккур дар дарки маъно мегарданд, истифода кунад [2, 213]. Мисол, баъди хониши матн чунин саволҳои водоркунанда, ки аз хонандагон фикр карданро талаб мекунад, додан мумкин аст:

1) Дар ин қисми ҳикоя (афсона) кадом фикр (лаҳза) фаҳмо нест?
2) Баъди хондани матн чӣ гуна фикру ақидаҳои нав пайдо шуданд?
3) Ба муаллифи ҳикоя чӣ гуна савол медодед? Ва монанди инҳо.

Хониши бошуурона имкон медиҳад, ки хонанда пас аз хониши ифоданоки матн баҳс кунад, санъати суханвариашро сайқал диҳад. Танҳо баъди иҷрои ҳамин гуна фаъолиятҳо талабагон ба дарки маъно сарфаҳм мераванд.

Барои муаллим, пеш аз ҳама, амиқ донистани мазмуни илмии маводҳои таълимӣ, маҳорати барои дарс интихоб кардани маводи таълимӣ ва муайян шарҳу эзоҳдиҳии онҳо лозим аст. Вақте ки сухан дар бораи шарҳдиҳӣ меравад, пеш аз ҳама, мазмуни илмии маводҳои таълимӣ дар назар дошта мешавад.

Методи шарҳдиҳиро баъзан ҳамчун методи алоҳида истифода бурдан лозим аст. Вале дар бисёр ҳолатҳо он ба таркиби суҳбат, ҳикоя, лексия дохил аст. Вазифаи ин метод бо ёрии усулҳои мантиқӣ, далелҳои боварибахш, моҳияти қонуну қонуниятҳо, қоидаҳо

ҳақиқатро баён кардан мебошад. Дар раванди шарҳу эзоҳдиҳӣ ба хонандагон тафаккури расмӣ, мантиқӣ ва тафаккури диалектикӣ, маҳорати асосноккунӣ, исботкунӣ омӯзонида мешавад[5,135].

Шарҳу эзоҳдиҳӣ диққати хонандагонро ба гӯш кардану фаҳмидан ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, муаллим бояд сабабу мақсади хондан доштани мактаббачагонро, хусусияти махсуси фардию психологии онҳоро хуб донад, то ки пеш аз шарҳу эзоҳдиҳӣ диққати онҳоро ба дарккунӣ ҷалб намояд, онҳоро ба фаҳмидану донистан одат кунонад.

**Тавсияи 1. Тарзи истифодаи стратегияҳои (усул) хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзанд.** «Стратегияҳои хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифтаест, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегияи истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикрркунӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон имконият медиҳанд, ки сатҳи фаҳмишашонро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намоянд ва дониши сусту номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунанд» [6,30].

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонанд (ба ҷойи аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стратегияҳоро ба хонандагон омӯзанд.

**Стратегияҳои самараноки хониши бошуурона:**

**1. Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯӣ.** Хонандагон бо истифода аз маълумот ва донише, ки ба даст овардаанд, аз рӯйи нишонаҳо маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд, ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯйии худро муайян месозанд.

**2. Суолгузорӣ.** Хонандагон ҳангоми хондан ба матн савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи онҳо аз суолҳои «дар куҷо?» ва «барои чӣ?» истифода мебаранд.

**3. Тасаввур кардан.** Хонандагон ашёи дар матн тавсиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд.

**4. Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан.** Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не, онҳо матнро бори дигар мехонанд ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд.

**5. Хулосабарорӣ.** Хонандагон ахбореро, ки барои дарки маънои матн ошкоро наомадааст, муайян мекунанд.

**6. Ҷамъбаст, нақл кардан.** Хонандагон ба таври мухтассар нуқтаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён мекунанд.

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонида шавад.

Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст. Яъне, хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 2. Тарзи муайян кардан ва истифодаи сохтори матнро ба мақсади дарк, омӯхтан ва дар хотир нигоҳ доштани муҳтаво ба хонандагон омӯзонидан.** Агар хонандагон бо сохтори матн шинос шуда бошанд, маънои матнро хубтар дарк мекунанд ва ахбори онро ба хотир мегиранд, зеро сохтор ба хонандагон барои бардоштани маънӣ ҳангоми хондан ёрӣ мерасонад. Масалан, дарки сохтори матн ба хонандагон имконият медиҳад, ки фарқи байни ҳодисаҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро донанд ва ҳодисаҳои ҳикояро пешгӯйӣ карда тавонанд [6, 31].

**Тавсияи 3. Хонандагонро ба муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ намудан.** Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас роҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ расонанд. Чунин муҳокимаронӣ байни хонандагон ё байни хонандагону омӯзгор тавассути суолу ҷавоби мантиқиву таҳқиқӣ ташкил мешавад. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмиҳои матнро равшан мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Омӯзгор бояд суолҳои дараҷаи баланди фикрронирo таҳия намояд, ки оид ба маънии матн хонандагонро ба амиқ фикр кардан водор намояд, на ба гуфтани маълумоти одӣ [6, 30].

**Тавсияи 4. Матнро мақсаднок интихоб намоед, то ки хониши бошууронаро тақвият диҳад.** «Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи «як ченак барои ҳама» бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводи зиёди хониш, ки дар синфҳои минбаъда пеш меояд, ташаккул медиҳад. Омӯзгор на танҳо хонандагонро бо матнҳои гуногун шинос намояд, балки матнеро интихоб намояд, ки (1) ақида ва ахбори бой дорад, (2) дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равон ва хониши бошууронаи онҳо мувофиқ аст, (3) ба мақсади таълимии дарс мувофиқ аст» [6, 32].

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолияти таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд (хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда), мувофиқанд. Шавқи хонандагон ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн метавонад ҳавасмандии

онҳоро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад, аз ин рӯ, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯи онҳо ба хонандагон маъқул аст ё шинос аст, интихоб намоянд.

**Тавсияи 5. Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намояд.** Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд ва агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани он, ки чӣ тавр стратегияҳои хониши бошуурона ба хонандагон барои омӯхтан ёрӣ мерасонад, ташкил мекунад ва доимо ҳис мекунад, ки кадом хонанда мувофиқ аст. Илова бар ин, омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, инчунин, барои ба ҳадафҳои таълимӣ диққат додани онҳо ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд ҳамон маводи хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад [6, 33].

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки чӣ тавр қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамаррӯза таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад.

Хониши бошуурона замина барои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, дарки маънӣ ва ташаккули нутқи шифоҳии хонандагон мебошад.

Хониш ба мақсади дарки маънӣ, қобилияти фаҳмиш, шарҳ додан ва истифодаи маълумотест, ки аз матн бармеояд. Ин равандест, ки хонанда ба воситаи он фикр карда, бо матн ҳамгироӣ мекунад ва ба ин восита маънои он чизеро, ки порчаи матн дорад, дарк мекунад [3, 173].

**Таълими самараноки стратегияи хониши бошуурона мушаххас ё мустақим аст.** Тадқиқот нишон медиҳад, ки техникаҳои таълими мушаххас дар таълими стратегияи хониши бошуурона самараи бештар медиҳанд. Дар таълими мушаххас омӯзгор ба хонанда мефаҳмонад, ки онҳо дар кадом маврид кадом стратегияҳои таълимро истифода кунанд ва чӣ тавр онҳоро ба роҳ монанд. Қадамҳои таълими мушаххас аз шарҳи мустақим, моделкунонии омӯзгор (бо овози баланд андешаронӣ кардан), таҷрибаи роҳнамо ва роҳандозишуда иборат мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М.Лутфуллоев. –Душанбе: Маориф, 1985. –С. 131-128-195. 247с.
2. Муҳаммад Лутфуллозода. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ / Муҳаммад Лутфуллозода, Ибодулло Абдуллозода, Мавлуда Ҷалилова. Душанбе: Нашри 2. 2017. -С. 202-203. 265 с.
3. Маҷмӯаи дастурҳои методӣ. Барои такмили маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. –Душанбе., 2015. 280 с.
4. Нусхаи озмоишӣ. Модули 3. Методикаи таълими «забони модарӣ» ва «математика» дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (дастур барои омӯзгор). -Душанбе., 2015. -С. 22. 208 с.
5. Расулов Д, Ғафурова Д. Дидактика / Д. Расулов, Д.Ғафурова. –Душанбе., 2003. -С. 129-130-172. 233 с.
6. Зиёев М. Роҳнамои омӯзгор аз фанни «Забони модарӣ» барои синфи 4. –М.Зиёев, Файзиддин Н, Ҳадиса Ҷумъаева, М.Одилова. -Душанбе: Маориф, 2016. -С. 23. 256 с.



## САМАРАБАХШИИ ХОНИШИ БОШУУРОНА ДАР НИЗОМИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОК

Мақолаи мазкур ба омӯзиши самарабахшии хониши бошуурона дар низоми таълими салоҳиятнок бахшида шудааст. Хониши бошуурона дар низоми таълими салоҳиятнок мавқеи хоссаро дорад, зеро дар ин низом диққати асосӣ на ба хотира, балки ба инкишофи тафаккури хонандагон дода мешавад. Хонандагон бояд дорои қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолиятнокӣ бошанд.



**Калидвожаҳо:** хониши бошуурона, моҳият, низоми таълими салоҳиятнок, инкишофи тафаккури хонандагон, ташаккули малака, қобилиятҳои эҷодӣ.



